# АХТАРОНИ АДАБ

# 42

## ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ
## 50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН
## АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»

### ҲАЙАТИ МУШОВАРА

*Абдуҷаббор Раҳмонзода*
*Зулфия Давлатзода*
*Фарҳод Раҳимӣ*
*Низом Қосим*
*Гулназар*
*Носирҷон Салимӣ*
*Давлат Сафар*

### ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

*Абдулҳамид Самад*
*Кароматулло Олимзода*
*Абдураҳмон Абдуманнон*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Аламхон Кӯчарзода*
*Мирзо Муллоаҳмад*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Муҳтарам Ҳотам*

Муҳаммад ИҚБОЛ

# ЧАРОҒИ ЛОЛА

Халилуллоҳ ХАЛИЛӢ

# ОШЁНИ ХОР

Нодири НОДИРПУР

# ШЕЪРИ АНГУР

Душанбе
«Адиб»
2020

ББК 84 Тоҷик 7-5
А-14

Таҳияву танзим ва тасҳеҳу тавзеҳи
*Низом Қосим*

Муҳаррир *Муҳтарам Ҳотам*

А-14 **Муҳаммад Иқбол. Чароғи лола.
Халилуллоҳ Халилӣ. Ошёни хор.
Нодири Нодирпур. Шеъри ангур.**
– Душанбе, «Адиб», 2020, 480 саҳ.

Тавассути ҷилди навбатии силсилакитоби «Ахтарони адаб» намунаҳои шеъри шоири маъруфи Ҳинду Покистон Муҳаммад Иқбол (1877-1938), шоири овозадори Афғонистон Халилуллоҳ Халилӣ (1907-1987) ва шоири номвари Эрон Нодири Нодирпур (1929-2000) манзур мешаванд.

ISBN 978-99947-2-617-2

© Нашриёти «Адиб», 2020

**Муҳаммад ИҚБОЛ**

# ЧАРОҒИ ЛОЛА

# ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ МУҲАММАД ИҚБОЛ

Тирамоҳи соли 1954 дар арафаи съезди умумииттифоқии нависандагони советӣ дар Москва бо яке из шоирони маъруфи Ҳиндустон Алӣ Сардор Ҷафрӣ вохӯрда, доир ба масъалаҳои эҷодӣ дуру дароз суҳбат кардем. Ҳангоми хайрухуш ҳамсуҳбатам байти зеринро хонд:

*Қадам бебоктар неҳ дар ҳарими ҷони муштоқон,*
*Ту соҳибхонаӣ, охир, чаро дуздона меоӣ?*

ва шарҳ дод, ки муаллифи ин шоҳбайт шоири Ҳинду Покистон Муҳаммад Иқбол аст.

Пеш аз ин ҳам ба ман маълум буд, ки Муҳаммад Иқбол донишманд ва шоири бузурги Ҳинду Покистон аст, аммо, афсӯс, ки бо осори ӯ ба дараҷаи кофӣ ошноӣ надоштам. Дер боз ба даст даровардан ва мутолиа намудани асарҳои ин шоиру олими забардаст орзуи ман буд.

Дар вақти сафари Ҳиндустон ба ман муяссар шуд, ки асарҳои Иқболро ба даст дарорам. Инчунин, дар суҳбатҳои аҳли фазли он мамлакат иштирок намуда, дар бораи эҷодиёти ӯ фикру мулоҳизаҳои мароқноке шунидам. Махсусан, аз забони нависандагон Мулк Раҷ Ананд, Саҷҷод Заҳир, Ғулом Раббонӣ Тобон, Ҷунайд Кумар, Парвез Шоҳидӣ, Табиб Абдуасъад Убайдулғанӣ, профессор Абдураҳим ва дигарон суханони ҳаяҷонбахше мешунидам, ки бузургии Муҳаммад Иқболро дар назарам муҷассамтар менамуданд. Илова бар ҳамаи ин, якчанд мақоларо, ки бо қалами адабиётшиносони форсзабон доир ба эҷодиёти ин шоири сермаҳсул навишта шудаанд, ба даст даровардa, хондам.

Бояд гуфт, ки дар бораи Муҳаммад Иқбол ва эҷодиёти ӯ дар сарзамини Ҳиндустон фикру мулоҳизаҳои бисёре

вучуд доранд, ки қисми зиёди онҳо бо якдигар мухолиф мебошанд. Ҳатто баҳои худи дӯстони наздики шоир ба эҷодиёташ якранг нест. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки ақидаҳои худи Иқбол дар мавридҳои гуногуни ҳаёташ тағйир меёфтанд, бо ҳам зид мебаромаданд, якдигарро инкор мекарданд. Пеш аз он ки дар хусуси ақоид ва эҷодиёти Иқбол сухан ронам, мехоҳам, ки хонандагонро бо тарҷумаи ҳоли ӯ мухтасар шиносо кунам.

Муҳаммад Иқбол 22 феврали соли 1873 дар шаҳри Сиёлкут, ки дар қисми шимолии Панҷоб воқеъ аст, таваллуд меёбад. Аҷдоди ӯ аз бараҳманҳои Кашмир будаанд, хонаводаи ӯ ду аср пеш дини исломро қабул кардааст. Мегӯянд, ки падараш Шайх Нурмуҳаммад ба тариқати дарвешон эътиқод доштааст.

Пас аз соҳиби маълумоти ибтидоӣ шудан Иқбол дар солҳои 1895-1899 дар мадрасаи олии давлатии шаҳри Лоҳур таҳсил менамояд. Дар ин ҷо ба ғайр аз ихтисосомӯзӣ, ки фалсафа буд, боз ба омӯхтани забонҳои форсӣ, англисӣ ва таърихи адабиёт низ рағбати калоне пайдо мекунад. Муҳаммад Иқбол баъд аз ба анҷом расондани таҳсил дар давоми шаш сол (1899-1905) дар худи ҳамин мадраса мударриси фанҳои фалсафаю адабиёт шуда кор мекунад ва дар айни ҳол ба мақсади давом додани таҳсил ба сафари Европа тайёрӣ мебинад.

Сафари чорсолаи Европа (1905-1908) барои тараққии ҳартарафаи дониш ва ҷаҳонбинии ин ҷӯяндаи ҷавон роли муҳимме мебозад. Ба вай муяссар мегардад, ки ба Университети Кембриҷ дохил гашта, фалсафа ва ҳикмати Шарқу Ғарбро чуқур омӯзад ва ба унвони доктори фанҳои фалсафа ноил гардад. Инчунин, бо осори философҳо, нависандагон ва олимони машҳури Ғарб Ҷон Локк, Август Кант, Артур Шопенгауэр, Гегел, Гёте, Лев Толстой, Байрон, Гейне ва ғайра шинос шавад...

Пас аз сафари чорсола Муҳаммад Иқбол аз нав ба Панҷоб бармегардад, ҳамватанонаш ӯро бо шодӣ пешвоз гирифта, пушту паноҳи ояндаи худ мешуморанд. Вай акнун на донишҷӯи одӣ, балки шоири истеъдоднок ва олими соҳибунвон буд ва қудрат дошт, ки ба халқаш, дар муборизаи миллии ӯ мадади маънавӣ расонад. Бо ҳамин мақсад Иқбол ба саҳнаи адабиёт дохил мешавад.

Асарҳои бадеии Муҳаммад Иқбол асосан ба забони форсии дарӣ навишта шудаанд. Асарҳои ба забони урду навишташудаи ӯ ба давраҳои аввалу охири эҷодиёташ дахл доранд.

Маҷмӯаҳои ашъори форсии шоир, ки иборат аз қитъа, дубайта, рубоӣ, ғазал, маснавӣ ва ғайра мебошанд, асосан инҳоянд: «Асрори худӣ», «Рамузи бехудӣ», «Паёми Шарқ», «Забури Аҷам», «Ҷовиднома» ва «Армуғони Ҳиҷоз». Маҷмӯаи аввалини ӯ «Асрори худӣ» дар соли 1915 ва маҷмӯаи охиринаш «Армуғони Ҳиҷоз» баъд аз вафоти шоир нашр ёфтааст.

Муҳаммад Иқбол 65 сол умр дидааст. Таърихи вафоташ 21 апрели соли 1938 мебошад.

* * *

Дар боло зикр шуда буд, ки фикру ақидаҳои хонандагони сарзамини Ҳиндустону Покистон дар бораи Иқбол ва ақидаю таълимоти ӯ якранг нест, сабаби ин дар он аст, ки худи фикру ақидаи шоир дар давоми бештар аз 35 соли фаъолияти эҷодиаш ҳамеша дар зуҳуроти гуногун буда, дар мавридҳои ҷудогона ба зиддияту ихтилофҳо дучор мегаштанд. Аз ин рӯ, роҳи эҷодии Иқболро аз ҷиҳати мавзӯъ, ақида ва таълимоташ ба чор давра тақсим кардан мумкин аст.

Давраи аввал ибтидои кори эҷодии шоир мебошад. Дар ин давра ӯ асосан ба забони урду шеър менависад,

кӯшиш мекунад, ки ҳар як асари нави эҷодкардааш сабабгори бедории миллаташ гардад, машъали роҳи мубоdoes ризони озодии миллӣ бошад.

Дар он солҳо бо осори бадеии худ халқро ба мубориза бар зидди мустамликачиён ва асорати сиёсӣ ба по хезондан, ифтихори миллии онро баланд бардоштан беҳтарин анъанаи шоирони равшанфикри Ҳиндустон буд. Шоҳиди ин даъво яке аз шеърҳои нахустини ӯ – «Ҳиндустони мо», ки ҳанӯз ҳам таронаи умумихалқии он сарзамин мебошад, шуда метавонад. Манфиати миллат ва халқро аз ҳама манфиатҳо болотар донистан яке аз хусусиятҳои эҷодиёти давраи аввали ин шоир буд.

Маҷмӯаи «Асрори худӣ» ва «Рамузи бехудӣ» маҳсули солҳои давраи дуюми эҷодиёти Муҳаммад Иқбол мебошанд. Хусусиятн ин давра на танҳо дар он аст, ки шоир барои ифодаи фикри худ забони форсиро интихоб менамояд, балки, пеш аз ҳама, дар он аст, ки вай мехоҳад ба Носири Хусрав, Бедил ва Ҷалолиддини Румӣ такя ва пайравӣ намуда, баҳри инсон пардаи асрори зиндагиро кушояд.

*Баҳри инсон чашми ман шабҳо гирист,*
*То даридам пардаи асрори зист.*

*Аз даруни коргоҳи мумкинот*
*Баркашидам сири тақвими ҳаёт.*

Муҳаммад Иқбол «пардаи асрори зист»-ро дарронда, аз даруни коргоҳи мумкинот «сирри тақвими ҳаётро» кашида мегирад ва номашро «асрори худӣ» мемонад. Худӣ, ё ки хештан назарияи идеалистиест, ки аз Юнон ба Шарқ расидааст. Яке аз паҳнкунандагони ин назария Носири Хусрав дар китоби «Зод-ул-мусофирин» моҳияти онро ба таври муфассал баён кардааст. Мувофиқи ин назария нафси оқила олитарин чизест, ки дар офариниш

мавҷуд аст ва бояд ҳамеша дар нашъунамо бошад, бо тадриҷ ба ҳадди аълои камол (ба худӣ, ба хештан) бирасад ва ин нашъунамо сар мешавад аз ҷамодот, наботот ва ҳайвонот, ки охири он мардум аст. Аз рӯи ин ҷадвал одам, пеш аз оне, ки худро шинохт:

*Омада аввал ба иқлими ҷамод,*
*Аз ҷамодӣ дар наботӣ уфтод,*

*Солҳо андар наботӣ умр кард*
*В-аз ҷамодӣ ёд н-овард аз набард*

*В-аз наботӣ чун ба хайвонӣ фитод,*
*Н-омадаш ҳоли наботӣ ҳеҷ ёд.*

*Боз аз ҳайвон суи инсонияш*
*Мекашид он холиқе, ки донияш.*

*Ҳамчунин иқлим то иқлим рафт,*
*То шуд акнун оқилу доною зафт[1]!*
*(Ҷалолиддини Румӣ)*

Суол меафтад: модоме ки моҳияти ин назарияи тараққиёти сегона аз қадим боз машҳур бошад, чаро шоири асри XX онро мавзӯи эҷодиёти худ гардонд? Оё ин тақлиди кӯр-кӯрона нест?

Иқболшиносон, чи дар Ҳинду Покистон ва чи дар Эрону Афғонистон, аз ҷавоби ин суол саркашӣ менамоянд ва одатан сабаби ба вуҷуд омадани маҷмӯаи «Асрори худӣ»-ро дар он мебинанд, ки «Иқбол осори ҳукамои ислом ва шоирони донишманд – Носири Хусрав, Ҷалолиддини Румӣ, Бедилро хондааст, ба онҳо пайравӣ намуда,

---

[1] Зафт – пурра, камол, балоғат.

ҳамон андеша ва мафҳуми эшонро дар «Асрори худӣ» ба забон ва таъбири тозае баён кардааст»...

Иқбол шогирд ва пайрави Ҷалолиддини Румӣ аст, ӯ инро инкор намекунад, баръакс, дар ибтидои «Асрори худӣ» мегӯяд, ки ба сӯям «рӯи худ бинмуд пири ҳақсиришт, к-ӯ ба ҳарфи паҳлавӣ Қуръон навишт» ва гуфт: «то ба кай чун ғунча мебошӣ хамӯш?» Лекин ин маънои онро надорад, ки Иқбол танҳо «бо таъбири тозае» баёнкунандаи афкори Ҷалолиддини Румисту халос. Иқбол борҳо таъкид мекунад, ки «баҳри инсон чашми ман шабҳо гирист, то даридам пардаи асрори зист!» ва дар «Асрори худӣ» мегӯяд:

*Ҳеҷ кас розе, ки ман гӯям, нагуфт,*
*Ҳамчу фикри ман дури маънӣ насуфт,*

*Сирри айши ҷовидон хоҳӣ, биё,*
*Ҳам замин, ҳам осмон хоҳӣ, биё...*

Шоир дар «Асрори худӣ» ба халқ муроҷиат мекунад, ки пеш аз ҳама худро шинохтан даркор аст, барои ин мотаму фарёд ва синакӯбиҳои пайиҳам суд надоранд, халлоқи ҷаҳони тоза шудан лозим аст.

*Санг шав, эй ҳамчу гул нозукбадан,*
*То шавӣ бунёди девори чаман.*

*Аз гили худ одаме таъмир кун,*
*Одамиро оламе таъмир кун,*

*Нолаю фарёди мотам то куҷо?*
*Синакӯбиҳои пайҳам то куҷо?*

*Хезу халлоқи ҷаҳони тоза шав,*
*Шуъла дарбар кун, халиловоза*[1] *шав.*

[1] Дар ин ҷо ишора ба ривояте меравад, ки гӯё Иброҳими Халилуллоҳро бар оташи Намрӯд мезананд, вале намесӯзад.

*Марди худдоре, ки бошад пухтакор,*
*Бо мизоҷи ӯ бисозад рӯзгор.*

*Гар насозад бо мизоҷи ӯ ҷаҳон,*
*Мешавад ҷангозмо бо осмон.*

*Гардиши айёмро барҳам занад,*
*Чархи нилуфомро барҳам занад.*

*Мекунад аз қуввати худ ошкор*
*Рӯзгори нав, ки бошад созгор…*

*Хешро чун аз худӣ маҳкам кунӣ,*
*Ту, агар хоҳӣ, ҷаҳон барҳам кунӣ.*

Китобҳои «Асрори худӣ» ва «Рамузи бехудӣ» аввалин манзумаҳои фалсафавии Муҳаммад Иқбол мебошанд. Дар китоби аввал мефаҳмонад, ки худро бишинос ва дарёб. Дар китоби дуюм таълим медиҳад, ки чун худро дарёфтӣ, дар роҳи саодати миллати худ маҳв шав. Чунин аст, мавзӯи мухтасари давраи дуюми эҷодиёти Муҳаммад Иқбол.

Бояд қайд кард, ки давраи дуюми эҷодиёти шоир нисбат ба давраи аввал маҳдудтар аст ва сабаби ин дар он аст, ки худи мавзӯъ ва услуби интихобнамудаи шоир бениҳоят маҳдуд аст. Шоир дар ибтидо баён мекунад, ки дар ин ду китоб он чизеро гуфтанист, ки то ҳанӯз гуфта нашудаанд. Дар ҳақиқат ҳам, шоир кӯшидааст, ки дар таълимоти динии худ он масъалаҳоеро бардорад, ки то ҳанӯз бардошта нашудаанд ва он масъалаҳоеро рад кунад, ки боиси маъюсӣ, коҳилӣ, гӯшагирӣ ва таслим шудан ба қазою қадар мегарданд. Шоир даъват менамояд, ки «хезу халлоқи ҷаҳони тоза шав!»

Азбаски ин масъалаҳои муҳим дар навбати аввал на аз нуқтаи назари миллату ватан, балки танҳо аз нуқтаи назари дин бардошта шудаанд, ба худ характери абстрактӣ қабул намудаанд.

Муҳаммад Иқбол умедвор буд, ки ин «Услуби тоза» барои ба мубориза даъват намудани халқ мададгор мегардад. Аммо ҳама баръакс баромад ва сабаби ин дар он буд, ки Иқбол ба назар нагирифт, ки бо ин услубу ақидаи пешгирифтааш халқи гуногунмазҳаби Ҳиндро муттаҳид карда, ба мубориза барои мақсади ягона пешсаф даъват кардан аз имкон берун аст.

Ин буд, ки манзумаҳои фалсафавии Муҳаммад Иқбол «Асрори худӣ» ва «Рамузи бехудӣ», ки манфиати дини исломро аз манфиати миллат болотар мешумурданд, бар хилофи хоҳиши ӯ дар роҳи муттаҳид намудани халқи Ҳиндустон на танҳо хизмат карда натавонистанд, балки дар мавридҳои ҷудогона халал ҳам доданд.

Давраи сеюми эҷодиёти Иқбол ба таърихе вобаста аст, ки он тамоми дунёро ба ларза меорад. Револютсияи Кабири Октябр барои халқҳои дунё дар роҳи мубориза оинаи ибрат шуд. «Револютсияи Октябр, – гуфта буд сарвазири Ҳиндустон ҷаноби Нерӯ, – инчунин халқи кабири Ҳиндустонро ҳам бедор намуд ва роҳи муборизаи озодихоҳонаи миллии онро равшан кард».

Муҳаммад Иқбол чун дигар шоирон ва равшанфикрони Ҳиндустон ба халқ наздиктар мешавад, ҷидду ҷаҳд менамояд, ки моҳияти Револютсияи Октябрро ба ҳамватанони худ фаҳмонад ва Ҳиндустонро ба муқобили истилогарон ба по хезонад.

Аз забони Ленини кабир Муҳаммад Иқбол дар бораи Револютсияи Октябр чунин менависад:

*Басе гузашт, ки одам дар ин сарои куҳан*
*Мисоли дона таҳи санги осиё будаст…*

*Ғуломи гурсна диди̅, ки бардарид охир*
*Қамиси[1] хоҷа, ки рангин зи хуни мо будаст…*

Дар ин давра шоир аз даъватҳои абстракти̅ ба конкрети̅ мегузарад, барои вай акнун равшан аст, ки гунаҳгори асосии ҳамаи ин бадбахтию бенавоии халқ мустамликачиёни Мағриб мебошанд.

Лекин шоир, ҳарчи бошад ҳам, дар аввал гумон мекунад, ки хушбахт ва озод намудани халқ он қадар кори душвор нест. Барои ин ба Шӯрои Миллатҳо муроҷиат намудан даркор асту бас. Шӯрои Миллатҳо бошад, дарҳол мустамликачиёнро фармон медиҳад, ки аз Ҳиндустон раванд. Мана, чи̅ менависад Иқбол:

*Боди сабо, агар ба Женева гузар куни̅,*
*Ҳарфе зи мо ба Маҷлиси Ақвом бозгӯй:*

*Деҳқону кишту ҷӯю биёбон фурӯхтанд,*
*Қавме фурӯхтанду чи арзон фурӯхтанд.*

Дертар Иқбол бовари̅ ҳосил мекунад, ки ба гург аз гург шикоят намудан масхарабозист. Вай акнун барои ёри̅ ба Шӯрои Миллатҳо муроҷиат кардан намехоҳад, балки онро масхара намуда, кафандузд меномад:

*Барфитад то равиши разм дар ин базми куҳан,*
*Дардмандони ҷаҳон тарҳи нав андохтаанд.*

*Ман аз ин беш надонам, ки кафандузде чанд*
*Баҳри тақсими қубур анҷумане сохтаанд!*

---

[1] Қамис – пироҳан.

Шеъру ғазалу байту қитъаҳое, ки маҳсули давраи сеюми эҷодии Иқбол мебошанд, асосан дар маҷмӯаҳои «Паёми Шарқ» (1923) ва «Ҷовиднома» (1932) дохил шудаанд.

Эҷодиёти ин давраи шоир пурмазмун ва рангоранг мебошад. Шоир ба мақсади равшантар баён намудани фикраш гоҳе аз забони фариштагон, деву ҷин, гоҳе аз забони олимон ва донишмандони дунё, аз ҷумла Байрон, Гёте, Толстой, гоҳе аз забони пешвоёни пролетариат – Маркс ва Ленин, философҳои идеалист Гегел ва Кант сухан меронад, мекӯшад, то дар мунозираи онҳо ҳақиқатро ба даст дарорад, макру ҳила ва бераҳмию ноинсофии Фаранг (Мағриб)-ро фош намояд. Ғоратгарони Мағриб (Фаранг) чингизҳои наве ҳастанд, ки оламро вайрон карда истодаанд. Роҳи онҳоро тезтар гирифтан даркор аст.

*Фарёд зи афрангу диловезии афранг,*
*Фарёд зи ширинию парвезии афранг,*
*Олам ҳама вайрона зи чингизии афранг,*
*Меъмори ҳарам, боз ба таъмири ҷаҳон хез,*
*Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез,*
*аз хоби гарон хез!*

Шоир бо овози баланд «аз хоби гарон хез!» гуфта фарёд мезанад ва бо фахр баён мекунад, ки одамӣ соҳиби Замину замон аст, пас набояд аз хештан маъюс гардад, худро заиф шумурад, ба қувваи худ бо дидаи таҳқир нигарад.

*Замири кунфакон[1] ғайр аз ту кас нест,*
*Нишону бенишон ғайр аз ту кас нест,*
*Қадам бебоктар неҳ дар раҳи зист,*
*Ба паҳнои ҷаҳон ғайр аз ту кас нест!*

---

[1] Ҳасту нест.

Дар эҷодиёти ин давраи шоир ба шеърҳо ва таъбиру ибораҳое вохӯрдан мумкин аст, ки дорои характери синфӣ мебошанд. Дар «Паёми Шарқ», дар қисми суҳбати рафтагон, аз забони Карл Маркс гуфта мешавад:

*Роздони ҷузву кул аз хеш номаҳрам шудаст,*
*Одам аз сармоядорӣ қотили одам шудаст!*

Дар худи ҳамин китоб шарҳи мубоҳиса байни ҳакими французӣ ва марди муздуре чоп шудааст, ки мазмунаш чунин аст: ҳаким ба муздур мефаҳмонад, ки одамон як нахлро шоху баранд, аммо дар ҳаёт бояд яке корфармо ва дигар корсоз бошад, чунки «наояд зи Маҳмуд кори Аёз!» Муздур ҷавоб мегардонад, ки «эй ҳаким, ту бо ин гуфтанӣ ҳастӣ, ки ин тилисми қадимро шикастан мумкин нест? Мехоҳӣ, ки ба сармоядор сар фарорам?»

*Хаторо ба ҳикмат магардон савоб,*

*...Ба дӯши замин бор сармоядор.*
*Надорад гузашт аз хӯру хобу кор.*

*Ҷаҳонрост беҳрӯзӣ аз дасти музд,*
*Надонӣ, ки ин ҳеҷ кор аст дузд...*

Дар шеъри «Қисматномаи сармоядору муздур» сармоядор молу ашёи дунёро дар байни муздур ин тавр тақсим мекунад:

*...Талхобае, ки дарди сар орад, аз они ман,*
*Саҳбои поки Одаму Ҳавво аз они ту.*

*Мурғобию тазарву кабӯтар аз они ман,*
*Зилли*[1] *ҳумову шаҳпари анқо аз они ту.*

---

[1] Соя.

*Ин хоку он чи дар шикями ӯ – аз они ман*
*В-аз хок то ба арши муалло аз они ту...*

Шеъри «Навои муздур» ин тавр сар мешавад:

*Зи музди бандаи карбоспӯшу меҳнаткаш*
*Насиби хоҷаи нокардакор – рахти ҳарир.*

Дар «Паёми Шарқ» васфу ситоиши одам мавқеи намоёне ишғол мекунад. Шоир одамро ҳамкори Худо мешуморад:

*Навои ишқро соз аст одам,*
*Кушояд розу худ роз аст одам.*
*Ҷаҳон ӯ офарид, ин хубтар сохт,*
*Магар бо эзид анбоз аст одам?*

Шоир тасвир мекунад, ки пайдо шудани одам замину осмонро ба ларза даровард, оламро нав кард. Вақте ки одам ба дунё меояд:

*...Фитрат ошуфт, ки аз хоки ҷаҳони маҷбур*
*Худгаре, худшикане, худнигаре пайдо шуд.*

*Хабаре рафт зи гардун ба шабистони азал:*
*Ҳазар, эй пардагиён, пардадаре пайдо шуд!*

Одам, дунёро дида, бо ифтихор месарояд:

*Чи хуш аст, зиндагиро ҳама сӯзу соз кардан,*
*Дили кӯҳу дашту саҳро ба даме гудоз кардан.*

*Зи қафас даре кушодан ба фазои гулистоне,*
*Раҳи осмон навардан, ба ситора роз кардан.*

*...Ҳама сӯзи нотамомам, ҳама дарду орзӯям,*
*Ба гумон диҳам яқинро, ки шаҳиди ҷустуҷӯям.*

Орзу ва ҷустуҷӯ дилу ҷони одаманд, вай барои ба амал татбиқ намудани орзуҳояш роҳҳо ва чораҳои нав ба наве ҷустуҷӯ менамояд, шабҳои бе хоб ва рӯзҳои бе истироҳат бенатиҷа намемонанд, ба одам мадад мерасонанд, ки эҷод намояд он чизеро, ки зӯри Худо ба он нарасида буд. Дар мунозираи худ бо Худо одам фахр карда мегӯяд:

*Ту шаб офаридӣ, чароғ офаридам,*
*Сафол офаридӣ, аёғ офаридам,*

*Биёбону кӯҳсору роғ офаридӣ,*
*Хиёбону гулзору боғ офаридам.*

*Ман онам, ки аз санг оина созам,*
*Ман онам, ки аз заҳр нӯшина созам.*

Ба қудрату тавоноии одам натанҳо ишқ, ҳусн, фитрат, орзу ва зиндагӣ мутеъ мегарданд, балки инчунин малоик ҳам ба ҳамин ақида меоянд, ки:

*Фурӯғи хокиён аз нуриён афзун шавад рӯзе,*
*Замин аз кавкаби тақдири мо гардун шавад рӯзе.*

*Яке дар маънии одам нигар, аз ман чи мепурсӣ.*
*Ҳанӯз андар табиат мехалад, мавзун шавад рӯзе.*

*Чунон мавзун шавад ин пешипоафтода мазмуне,*
*Ки Яздонро дил аз таъсири ӯ пурхун шавад рӯзе.*

Муҳаммад Иқбол ки одамро «худгару худшикану худнигар» номидааст, қудрату тавоноии ӯро бо ифтихор тасвир намуда, афсӯс мехӯрад, ки:

*Ҳанӯз андар ҷаҳон одам ғулом аст,*
*Низомаш хому кораш нотамом аст.*

Шахсе, ки «ҷаҳонро хубтар сохт», «чароғу аёғ офарид, хиёбону гулзору боғ офарид...», «аз хӯи ғуломӣ зи сагон хортар аст», – мегӯяд шоир.

*Одам аз бебасарӣ бандагии одам кард,*
*Гавҳаре дошт, вале назри Қубоду Ҷам кард.*

*Яъне, аз хӯи ғуломӣ зи сагон хортар аст,*
*Ман надидам, ки саге пеши саге сар хам кард.*

Шоири гуманист Муҳаммад Икбол инсонро даъват мекунад, ки ҷомаи ифтихорашро аз ин доғи ғуломию таҳқир абадӣ тоза намояд:

*Хоҷа аз хуни раги муздур созад лаъли ноб,*
*Аз ҷафои деҳхудоён кишти деҳқонон хароб.*
*Инқилоб!*
*Эй инқилоб!*
*Эй инқилоб!*

Муборизаи халқи бедоргаштаи Ҳиндустон бар зидди мустамликачиёни ғоратгар торафт шиддатноктар мегашт. Барои хомӯш намудани оташи муборизa, рӯпӯш кардани сиёсати раҳзанонаи мустамликавии худ соҳибони сафедпӯст аз ҳеҷ чиз рӯ намегардонданд. Ба ҳабс мегирифтанд, ба дор меовехтанд, виҷдони содалавҳонро мехариданд, макру ҳиларо аслиҳа намуда, қабиларо бо қабила, кастаро ба каста ҷанг меандохтанд. Гуногунмазҳабии Ҳиндустон ба маккорони англисӣ имконият дод,

ки оташи низои диниро даргиронанд ва бо ҳамин дар байни халқи муттаҳидгашта нифоқ ба вуҷуд оранд. Дар Ҳиндустон дар баробари муборизаи ҳақиқии халқӣ барои озодии миллӣ инчунин низоъҳои қабилавию динӣ, ки ташаббускори онҳо мустамликачиён буданд, авҷ мегирифтанд.

Аз як тараф, беморӣ ва хастагии дар солҳои охири умр, аз тарафи дигар, маҳдудияти ҷаҳонбинии ӯ нисбат ба замонаш шоирро имконият надоданд, ки муборизаи ҳақиқиро аз низоу ҷаҳолат фарқ кунад, моҳияти онҳоро бо хубӣ фаҳмад ва баъд ҳомии яке аз онҳо гардад. Иқбол қувваи асосии халқро намедид, ҳатто намоиши халқро, ки бо суруди худи ӯ «Ҳиндустони мо» сар мешуд, дуруст дарк карда наметавонист. Дар пеши назари ӯ шабу рӯз танҳо онҳое намоён буданд, ки фиреб хӯрда, манфиати халқу ватанро фаромӯш намуда, машғули даргирондани оташи низои динӣ буданд. Ҳамаи ин ҳодисаҳо Иқболи бемору хастаро ба изтироб меоварданд, орзуҳои ширинашро талх менамуданд, дар дилаш тухми ноумедию маъюсӣ мекоштанд...

Он шоире, ки ҳар бор «дар ин дарё чу мавҷи беқарорам, агар бар худ напечам, нестам ман!» мегуфт ва дигаронро ҳам даъват мекард, ки аз хоби гарон хезанд, инқилоб кунанд, якбора маъюсона ба Худо мурочиат мекунад:

*Шаби ҳиндӣ-ғуломонро саҳар нест,*
*Ба ин хок офтоберо гузар нест.*
*Ба мо кун гӯшаи чашме, ки дар Шарқ*
*Мусулмоне зи мо бечоратар нест!*

Давраи чорум давраи охирини эҷодиёти Муҳаммад Иқбол буд. Осори ин давра ба ду забон – урду ва форсӣ навишта шудааст. Маҷмӯаи «Армуғони Ҳиҷоз» баъд аз вафоти шоир ба табъ расидааст, ки дар он асарҳои

солҳои охири умри ӯ, ки бештари онҳо характери панду насиҳати динӣ доранд, дохил шудаанд.

Баъд аз вафоти Муҳаммад Иқбол як қатор адабиётшиносон ва мунаққидони мамлакатҳои Шарқ ба ҳамин хулоса омаданд, ки гӯё Иқбол танҳо маддоҳи дини ислом буду бас. Ғами ӯ ғами дин буд, аммо на ғами миллат ва шеърҳои бахшида ба ватану миллат навиштаи ӯ каманд ва асосан ба давраи аввали эҷодии ӯ тааллуқ доранд. Ин тавр яктарафа ва рӯякӣ ба эҷодиёти шоири бузург нигоҳ кардан нодуруст аст. Оре, Иқбол ба дин эътиқод дошт, аз ин сабаб ҳам, ба зуҳуроти замон аз нуқтаи назари фалсафаи ислом нигоҳ мекард, ҳатто дини исломро аз дигар динҳо баландтар դониста, онро мадҳ мекард. Лекин, бо вуҷуди ҳамаи ин, Икбол ватандӯст буд ва дар таронаҳояш халқро ба инқилоб барои озодии миллӣ даъват мекард.

Дуруст аст, ки Иқбол дар солҳои охири умраш гӯшанишиниро ба худ қарор дод ва дар ҳолати маъюсӣ ва ноумедӣ буд. Дар шеърҳояш фикри пӯсидаи панисломистҳо – «Миллати ислом дини ӯст»-ро такрор мекард. Ҳангоми мутолиаи маҷмӯаи охиринаш, ки баъд аз вафоти шоир нашр ёфтааст, худ аз худ пурсидам: наход, ки Иқболи бузург дар охири умраш ватану халқашро фаромӯш карда бошад? Охир, вай дар таронаи абадзиндаи худ «Ҳиндустони мо» бо ифтихор эълон кард, ки: «Дар дили ватан халқи бовафою содиқаш зинда аст, ватан дар дили мо ҷойгир аст ва ҳамеша бо мост!» Ҳар қадар ки бештар маҷмӯаи мазкурро варақ мезадам, ҳамон қадар изтироби ман меафзуд. Ман мехостам, ки овози буррои Иқболи муборизро шунавам, лекин ба ҷои он овози хастаю маҳзуне ба гӯшам меомад. Вале нохост ба ин байтҳо, ки бояд дар рӯзҳои охирини умри шоир навишта шуда бошанд, назарам афтод:

*Саропо дарди дармоннопазирам,*
*Напиндорӣ, забуну зору пирам,*
*Ҳанӯзам дар камоне метавон ронд,*
*Зи кеши миллате афтода тирам!*

Оре, ин овози Иқболи ватандӯст аст, ки барои ватан ҳанӯз ҷавон аст ва метавонад мубориза барад.

Ин ду байт, ки низ дар рӯзҳои охири умраш гуфта шудаанд, ба он шаҳодат медиҳанд, ки Муҳаммад Иқбол то дақиқаҳои охирини умраш мустамликачиёнро бад медид ва ба халқаш маслиҳат медод, ки соҳиби тақдири худ бошанд, ин ду байт инчунин далели онанд, ки дар муборизаҳои дуру дарози ақидаҳои мухталифи шоир ғояи ватандӯстӣ ғолиб баромадааст:

*Мабар пеши фарангӣ ҳоҷати хеш,*
*Зи тоқи дил фурӯ рез ин санамро...*

Ва ё:

*Паёме деҳ зи ман Ҳиндустонро*
*Ғулом озод аз бедории ӯст!*

Ин байтҳо, пеш аз ҳама, васияти шоири бузург ба халқу ватанаш мебошанд.

* * *

Доир ба назарияҳои Иқбол ба шеъру шоир чанд сухане рондан лозим меояд.

Муҳаммад Иқбол даъвои шоирӣ надошт:

*Нағма куҷою ман куҷо, созу сухан баҳонаест,*
*Сӯи қатор мекашам ноқаи безимомро –*

мегуфт вай дар бораи худ. Лекин Иқбол шоири ҳақиқӣ буд ва шеърро дӯст медошт. Масъулияти шоирро дар

назди хонанда бо хубӣ ҳис мекард. Иқбол худ медонист, ки шеъру шоир дасти рости халқ ва мамлакат мебошанд. Пас шоир бояд чунон шеъре саронд, ки орзуи халқ дилу ҷонаш бошад. Дар яке аз шеърҳояш аз забони Румӣ чунин мегӯяд:

*Фитрати шоир саропо ҷустуҷӯст,*
*Холиқу парвардигори орзӯст.*

*Шоир андар синаи миллат чу дил,*
*Миллати бе шоире – анбори гил...*

Пас шоири миллат бояд шарики ғаму шодии халқаш буда, бо таронаи худ роҳи ӯро дурахшон намояд.

*Зи ман бо шоири рангинбаён гӯй,*
*Чи суд аз сӯз, агар чун лола сӯзӣ?*
*На худро мегудозӣ з-оташи хеш,*
*На шоми дардмандеро фурӯзӣ.*

Шеър инъикоси ҳаёт аст, вай танҳо дар он сурат зинда аст, ки чун ҳаёт дар ҳаракат бошад, ба оянда нигоҳ карда қадам гузорад.

*Дамодам нақшҳои тоза резад,*
*Ба як сурат қарори зиндагӣ нест.*
*Агар имрӯзи ту тасвири дӯш аст,*
*Ба хоки ту шарори зиндагӣ нест.*

Иқбол суол медиҳад, ки шеърро сӯз аз куҷо меояд? Аз худӣ ё аз Худо? Ва ҷавоб мегардонад, ки он дили гарме, ки шоир дар канор дорад, пеши Яздон ҳам қарор намегирад. Пас шеърро сӯз аз Худо не, балки аз ҳарорати дили гарми шоир, аз ҷустуҷӯ ва орзуи ӯст.

*Ҷони моро лаззат андар ҷустуҷӯст,*
*Шеърро сӯз аз мақоми орзӯст...*

Ягонагии шаклу мазмун дар шеър барои Иқбол яке аз шартҳои асосии назм буд. Дар осораш равшан дидан мумкин аст, ки шоир кӯшиш мекардааст, ки шаклу мазмун қурбони якдигар нагарданд, ҳарду барои ифодаи фикри шоир баробар хизмат намоянд. Худи шоир мегӯяд, ки:

*Барги гул рангин зи мазмуни ман аст,*

Чунки:

*Мисраи ман қатраи хуни ман аст!*

Муҳаммад Иқбол дар рӯзҳое зиндагонӣ ва эҷод мекард, ки ватани вай мустамлика буд, мустамликачиёни ғоратгар душмани маданияти халқ буданд, онҳо бо ҳар роҳ мекӯшиданд, ки ба нашъунамои маданияти халқ халал расонанд. Одамони бофазл дар диёри худ бадтар аз ғариб буданд, ҳатто барои озодона нафас кашидан ҳуқуқ надоштанд. Муҳаммад Иқбол дар бораи Гёте сухан ронда, менависад:

*Ӯ – зи афрангӣ ҷавонон мисли барқ,*
*Шуълаи ман аз дами пирони Шарқ.*

*Ӯ – чаманзода, чаманпарвардае,*
*Ман дамидам аз замини мурдае.*

*Ӯ – чу булбул дар чаман, фирдавс гӯш,*
*Ман ба саҳро чун ҷарас гарми хурӯш.*

*Ҳар ду гавҳарарҷманду тобдор,*
*Зодаи дарёи нопайдоканор.*

*Ӯ – зи шӯхӣ дар таҳи қулзум тапид,*
*То гиребони садафро бардарид.*

*Ман ба оғӯши садаф тобам ҳанӯз,*
*Дар замири баҳр ноёбам ҳанӯз.*

*...Аз ҳунар сармоядорам кардаанд,*
*Дар диёри Ҳинд хорам кардаанд.*

*Лолаю гул аз навоям бенасиб,*
*Тоирам дар гулситони худ ғариб...*

Иқбол шикоят мекунад, ки он розеро, ки ӯ гуфт, одамон пай набурданд ва аз шохи нахли ӯ хурмо нахӯрданд ва бадтар аз ҳама:

*Ту гуфтӣ, аз ҳаёти ҷовидон гӯй,*
*Ба гӯши мурдае пайғоми ҷон гӯй.*
*Вале гӯянд ин ноҳақшиносон,*
*Ки таърихи вафоти ину он гӯй...*

Муҳаммад Иқболро дар шарқи форсзабон яке пайрави Носири Хусрав ё Ҷалолиддини Румӣ, дигаре Бедили замон ном медиҳанд. Шоири бузурги Эрон Баҳор менависад:

*Бедиле гар рафт, Иқболе расид,*
*Бедилонро навбати ҳоле расид,*
*Қарни ҳозир хосаи Иқбол гашт...*

Шоири маъруфи Афғонистон Зиё Қоризода дар суҳбати худ бо соҳибқаламони Сталинобод изҳор намуд, ки

шоирони Афғонистон дар шахси Иқбол инқилобчии назми форсии шарқро мебинанд...

Вақте меояд, ки адабиётшиносон ҳартарафа ва чуқуртар эҷодиёти ин шоирро меомӯзанд, мавқеи ӯро дар назм ва ҳаёт объективона муайян менамоянд. Лекин ҳоло ки ин кор нашудааст, бишнавем, ки худи шоир дар бораи худ чи мегӯяд:

*На шеър аст ин, ки бар вай дил ниҳодам,*
*Гиреҳ аз риштаи маънӣ кушодам,*
*Ба уммеде, ки иксире занад ишқ,*
*Миси ин муфлисонро тоб додам.*

***Мирсаид МИРШАКАР***

# I. МАСНАВӢ

## 1. АСРОРИ ЗИСТ

*Нест дар хушку тари бешаи ман кӯтоҳӣ,*
*Чӯби ҳар нахл, ки минбар нашавад, дор кунам.*
*(Назирии Нишопурӣ)*

Роҳи шаб чун меҳри оламтоб зад,
Гиряи ман бар рухи гул об зад.

Ашки ман аз чашми наргис хоб шуст,
Сабза аз ҳангомаам бедор руст.

Боғбон зӯри каломам озмуд,
Мисраъе кориду шамшере дуруд.

Дар чаман ҷуз донаи ашкам накишт,
Тори афғонам ба пуди боғ ришт.

Зарраам, меҳри мунир они ман аст,
Сад саҳар андар гиребони ман аст.

Хоки ман равшантар аз ҷоми Ҷам аст,
Маҳрам аз нозодҳои олам аст.

Фикрам он оҳу сари фитрок баст,
К-ӯ ҳанӯз аз нестӣ берун наҷаст.

Сабза норӯида зеби гулшанам,
Гул ба шох-андар ниҳон дар доманам.

Маҳфили ромишгарӣ барҳам задам,
Захма бар тори раги олам задам.

Баски уди фитратам нодарнавост,
Ҳамнишин аз нағмаам ноошност.

Дар ҷаҳон хуршеди нав зоидаам,
Расму оини фалак нодидаам.

Рам надида анҷум аз тобам ҳанӯз,
Ҳаст ноошуфта симобам ҳанӯз.

Баҳр аз рақси зиёям бенасиб,
Кӯҳ аз ранги ҳиноям бенасиб.

Хӯгари ман нест чашми ҳасту буд,
Ларза бар тан хезам аз бими намуд.

Бомам аз Ховар расиду шаб шикаст,
Шабнами нав бар гули олам нишаст.

Интизори субҳхезон мекашам,
Эй хушо, зартуштиёни оташам.

Нағмаам, аз захма бепарвостам,
Ман навои шоири фардостам.

Асри ман донандаи асрор нест,
Юсуфи ман баҳри ин бозор нест.

Ноумедастам зи ёрони қадим,
Тӯри ман сӯзад, ки меояд Калим.

Қулзуми ёрон чу шабнам бехурӯш,
Шабнами ман мисли ям тӯфонбадӯш.

Нағмаи ман аз ҷаҳони дигар аст,
Ин ҷарасро корвони дигар аст.

Эй басо шоир, ки баъд аз марг зод,
Чашми худ барбасту чашми мо кушод.

Рахт боз аз нестӣ берун кашид,
Чун гул аз хоки мазори худ дамид.

Корвонҳо гарчи з-ин саҳро гузашт,
Мисли гоми ноқа камғавғо гузашт.

Ошиқам, фарёд имони ман аст,
Шӯри ҳашр аз пешхезони ман аст.

Нағмаам з-андозаи тор аст беш,
Ман натарсам аз шикасти уди хеш.

Қатра аз селоби ман бегона беҳ,
Қулзум аз ошӯби ӯ девона беҳ.

Дарнамегунҷад ба ҷӯ Уммони ман,
Баҳрҳо бояд пайи тӯфони ман.

Ғунча, к-аз болидагӣ гулшан нашуд,
Дархури абри баҳори ман нашуд.

Барқҳо хобида дар ҷони ман аст,
Кӯҳу саҳро боби ҷавлони ман аст.

Панҷа кун бо бахрам, ар саҳростӣ,
Барқи ман даргир, агар Синостӣ.

Чашмаи Ҳайвон баротам кардаанд,
Маҳрами рози ҳаётам кардаанд.

Зарра аз сӯзи навоям зинда гашт,
Пар кушуду кирмаки тобанда гашт.

Ҳеҷ кас розе, ки ман гӯям нагуфт,
Ҳамчу фикри ман дури маънӣ насуфт.

Сирри айши ҷовидон хоҳӣ, биё,
Ҳам замин, ҳам осмон хоҳӣ, биё.

Пири гардун бо ман ин асрор гуфт,
Аз надимон розҳо натвон нуҳуфт.

Соқиё, бархезу май дар ҷом кун,
Маҳв аз дил ковиши айём кун.

Шуълаи обе, ки аслаш Замзам аст,
Гар гадо бошад, парастораш Ҷам аст.

Мекунад андешаро ҳушёртар,
Дидаи бедорро бедортар.

Эътибори кӯҳ бахшад коҳро,
Қуввати шерон диҳад рӯбоҳро.

Хокро авҷи Сурайё медиҳад,
Қатраро паҳнои дарё медиҳад.

Хомуширо шӯриши маҳшар кунад,
Пои кабк аз хуни боз аҳмар кунад.

Хезу дар ҷомам шароби ноб рез,
Бар шаби андешаам маҳтоб рез.

То суи манзил кашам оворaро,
Завқи бетобӣ диҳам наззораро.

Гармрав аз ҷустуҷӯи нав шавам,
Рӯшиноси орзӯи нав шавам.

Чашми аҳли завқро мардум шавам,
Чун садо дар гӯши олам гум шавам.

Қимати ҷинси сухан боло кунам,
Оби чашми хеш дар коло кунам.

Боз бархонам зи файзи пири Рум
Дафтари сарбаста асрори улум.

Ҷони ӯ аз шуълаҳо сармоядор,
Ман фурӯғи як нафас мисли шарор.

Шамъи сӯзон тохт бар парвонаам,
Бода шабхун рехт бар паймонаам.

Пири Румӣ хокро иксир кард,
Аз ғуборам ҷилваҳо таъмир кард.

Зарра аз хоки биёбон рахт баст,
То шуоъи офтоб орад ба даст.

Мавҷаму дар баҳри ӯ манзил кунам,
То дури тобандае ҳосил кунам.

Ман, ки мастиҳо зи саҳбояш кунам,
Зиндагонӣ аз нафасҳояш кунам.

Шаб дили ман моили фарёд буд,
Хомушӣ аз «ё раб»-ам обод буд.

Шикваошӯби ғами даврон будам,
Аз тиҳипаймонагӣ нолон будам.

Ин қадар наззораам бетоб шуд,
Болу пар бишкасту охир хоб шуд.

Рӯи худ бинмуд пири ҳақсиришт,
К-ӯ ба ҳарфи паҳлавӣ «Қуръон» навишт.

Гуфт: «Эй девонаи арбоби ишқ,
Ҷуръае гир аз шароби ноби ишқ.

Бар ҷигар ҳангомаи маҳшар бизан,
Шиша бар сар, дида бар наштар бизан.

Хандаро сармояи сад нола соз,
Ашки хунинро ҷигарпаргола[1] соз.

То ба кай чун ғунча мебошӣ хамӯш,
Накҳати худро чу гул арзон фурӯш.

Дар гиреҳ ҳангома дорӣ чун сипанд,
Маҳмили худ бар сари оташ бубанд.

Чун ҷарас охир зи ҳар ҷузви бадан
Нолаи хомӯшро берун фикан.

Оташ астӣ, базми олам барфурӯз,
Дигаронро ҳам зи сӯзи худ бисӯз.

Фош гӯ асрори пири майфурӯш,
Мавҷи май шав, кисвати мино бипӯш.

Санг шав оинаи андешаро,
Бар сари бозор бишкан шишаро.

[1] Паргола – васла; лахте.

Аз найистон ҳамчу най пайғом деҳ,
Қайсро аз қавми ҳай пайғом деҳ.

Ноларо андози нав эҷод кун,
Базмро аз ҳою ҳӯ обод кун.

Хезу ҷони нав бидеҳ ҳар зиндаро,
Аз «қум»[1]-и худ зиндатар кун зиндаро.

Хезу по бар ҷодаи дигар бинеҳ,
Ҷӯши савдои куҳан аз сар бинеҳ.

Ошнои лаззати гуфтор шав,
Эй дарои корвон, бедор шав!»

З-ин сухан оташ ба пероҳан шудам,
Мисли най ҳангомаобистан шудам.

Чун наво аз тори худ бархостам,
Ҷаннате аз баҳри гӯш оростам.

Баргирифтам парда аз рози худӣ,
Вонамудам сирри эъҷози худӣ.

Буд нақши ҳастиям ангорае,
Ноқабуле, нокасе, нокорае,

Ишқ сӯҳон зад маро, одам шудам,
Олами кайфу ками[2] олам шудам.

---

[1] Нидо: «бархез!», «махоб!».
[2] Кайфу кам (таъбири фалсафа) – сифату миқдор; чанду чун.

Ҳаркати аъсоби гардун дидаам,
Дар раги маҳ гардиши хун дидаам.

Баҳри инсон чашми ман шабҳо гирист,
То даридам пардаи асрори зист.

Аз даруни коргоҳи мумкинот
Баркашидам сирри тақвими ҳаёт.

Ман, ки ин шабро чу маҳ оростам,
Гарди пои миллати байзостам.

Миллате дар боғу роғ овозааш,
Оташи дилҳо суруди тозааш.

Зарра кишту офтоб анбор кард,
Хирман аз сад Румиву Аттор кард.

Оҳи гармам, рахт бар гардун кашам,
Гарчи дудам, аз табори оташам.

Хонаам аз ҳиммати фикри баланд,
Рози ин нуҳ парда дар саҳро фиканд.

Қатра то ҳампояи дарё шавад,
Зарра аз болидагӣ саҳро шавад.

Шоирӣ з-ин маснавӣ мақсуд нест,
Бутпарастӣ, бутгарӣ мақсуд нест.

Ҳиндиям, аз порсӣ бегонаам,
Моҳи нав бошам, тиҳипаймонаам.

Ҳусни андози баён аз ман маҷӯ,
Хонсору Исфаҳон аз ман маҷӯ.

Гарчи ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.

Фикри ман аз ҷилвааш масҳур гашт,
Хомаи ман шохи нахли Тӯр гашт.

Порсӣ аз рифъати[1] андешаам
Дархурад бо фитрати андешаам.

Хурда бар мино магир, эй ҳушманд,
Дил ба завқи хурдаи мино бубанд!

## 2. ҲИКОЯТИ АЛМОСУ ЗУҒОЛ

Аз ҳақиқат боз бикшоям даре,
Бо ту мегӯям ҳадиси дигаре.

Гуфт бо алмос дар маъдан зуғол:
«Эй амини ҷилваҳои лозавол.

Ҳамдамему ҳасту буди мо якест,
Дар ҷаҳон асли вуҷуди мо якест.

Ман ба кон мирам зи дарди нокасӣ,
Ту сари тоҷи шаҳаншоҳон расӣ.

[1] Рафъат (рифъат) – баландӣ; бузургӣ.

Қадри ман аз бадгилӣ камтар зи хок,
Аз ҷамоли ту дили оина чок.

Равшан аз торикии ман миҷмар аст,
Пас камоли ҷавҳарам хокистар аст.

Пушти по ҳар кас маро бар сар занад,
Бар матоъи ҳастиям ахгар занад.

Бар сару сомони ман бояд гирист,
Баргу сози ҳастиям донӣ, ки чист –

Мавҷаи дуди ба ҳам пайвастае,
Моядори як қарори ҷастае.

Мисли анҷум рӯи ту, ҳам хӯи ту,
Ҷилваҳо хезад зи ҳар паҳлӯи ту.

Гоҳ нури дидаи Қайсар шавӣ,
Гоҳ зеби дастаи ханҷар шавӣ».

Гуфт алмос: «Эй рафиқи нуктабин,
Тирахок аз пухтагӣ гардад нигин.

То ба перомуни худ дар ҷанг шуд,
Пухта аз пайкор мисли санг шуд.

Пайкарам аз пухтагӣ зуннур[1] шуд,
Синаам аз ҷилваҳо маъмур шуд.

---

[1] Нуронӣ.

Хор гаштӣ аз вуҷуди хоми хеш,
Сӯхтӣ аз нармии андоми хеш.

Фориғ аз хавфу ғаму васвос бош,
Пухта мисли санг шав, алмос бош.

Мешавад аз вай ду олам мустанир,
Ҳар ки бошад сахткӯшу сахтгир.

Мушти хоке асли санги асвад аст,
К-ӯ сар аз ҷайби ҳарам берун задаст.

Рутбааш аз Тӯр болотар шудаст,
Бӯсагоҳи асваду аҳмар шудаст.

Дар салобат обрӯи зиндагист,
Нотавонӣ нокасӣ, нопухтагист».

## 3. ДАР МАЪНИИ РАБТИ ФАРДУ МИЛЛАТ

Фардро рабти ҷамоат раҳмат аст,
Ҷавҳари ӯро камол аз миллат аст.

То тавонӣ, бо ҷамоат ёр бош,
Равнақи ҳангомаи аҳрор бош.

Ҳирзи ҷон кун гуфтаи хайр-ул-башар,
Ҳаст шайтон аз ҷамоат дуртар.

Фарду қавм оинаи якдигаранд,
Силку гавҳар, Каҳкашону ахтаранд.

Фард мегирад зи миллат эҳтиром,
Миллат аз афрод меёбад низом.

Фард то андар ҷамоат гум шавад,
Қатраи вусъатталаб Қулзум шавад.

Моядори сирати дерина ӯ,
Рафтаву ояндаро оина ӯ.

Васли истиқболу мозӣ зоти ӯ,
Чун абад лоинтиҳо авқоти ӯ.

Дар дилаш завқи нумӯ аз миллат аст,
Эҳтисоби кори ӯ аз миллат аст.

Пайкараш аз қавму ҳам ҷонаш зи қавм,
Зоҳираш аз қавму пинҳонаш зи қавм.

Дар забони қавм гӯё мешавад,
Бар раҳи аслоф пӯё мешавад.

Пухтатар аз гармии суҳбат шавад,
То ба маънӣ фард ҳам миллат шавад.

Ваҳдати ӯ мустақим аз касрат аст,
Касрат андар ваҳдати ӯ ваҳдат аст.

Лафз чун аз байти худ берун нишаст,
Гавҳари мазмун ба ҷайби худ шикаст.

Барги сабзе, к-аз ниҳоли хеш рехт,
Аз баҳорон тори уммедаш гусехт.

Ҳар ки об аз Замзами миллат нахӯрд,
Шуълаҳои нағма дар удаш фусурд.

Фарди танҳо аз мақосид ғофил аст,
Қувваташ ошуфтагиро моил аст.

Қавм бо забт ошно гардонадаш,
Нармрав мисли сабо гардонадаш.

По ба гул монанди шамшодаш кунад,
Дасту по бандад, ки озодаш кунад.

Чун асири ҳалқаи оин шавад,
Оҳуи рамхӯи ӯ мушкин шавад.

Ту худӣ аз бехудӣ нашнохтӣ,
Хешро андар гумон андохтӣ.

Ҷавҳари нурест андар хоки ту,
Як шуъояш ҷилваи идроки ту.

Айшат аз айшаш, ғами ту аз ғамаш,
Зиндаӣ аз инқилоби ҳар дамаш.

Воҳид асту барнаметобад дуӣ,
Ман зи тоби ӯ ман астам, ту туӣ.

Хешдору хешбозу хешсоз,
Нозҳо мепарварад андар ниёз.

Оташе аз сӯзи ӯ гардад баланд,
Ин шарар бар шуъла андозад каманд.

Фитраташ озоду ҳам занҷирӣ аст,
Ҷузви ӯро қуввати кулгирӣ аст.

Хӯгари пайкори пайҳам дидамаш,
Ҳам худӣ, ҳам зиндагӣ номидамаш.

Чун зи хилват хешро берун диҳад,
Пой дар ҳангомаи ҷилват ниҳад.

Нақшгир андар дилаш «ӯ» мешавад,
«Ман» зи ҳам мерезаду «ту» мешавад.

Ҷабр қатъи ихтиёраш мекунад,
Аз муҳаббат моядораш мекунад.

Ноз то ноз аст, кам хезад ниёз,
Нозҳо созад ба ҳам, хезад ниёз.

Дар ҷамоат худшикан гардад худӣ,
То зи гул барги чаман гардад худӣ.

«Нуктаҳо чун теғи пӯлод аст тез,
Гар намефаҳмӣ, зи пеши мо гурез».[1]

[1] Аз Мавлои Рум аст.

## 4. ПЕШКАШ БА ҲУЗУРИ АМИР АМОНУЛЛОҲХОН – ФАРМОНРАВОИ ДАВЛАТИ МУСТАҚИЛАИ АФҒОНИСТОН

Эй амири комгор, эй шаҳрёр,
Навҷавону мисли пирон пухтакор.

Чашми ту аз пардагиҳо маҳрам аст,
Дил миёни синаат ҷоми Ҷам аст.

Азми ту поянда чун куҳсори ту,
Азми ту осон кунад душвори ту.

Ҳиммати ту чун хаёли ман баланд,
Миллати садпораро шерозбанд.

Ҳадя аз шоҳаншаҳон дорӣ басе,
Лаълу ёқути гарон дорӣ басе.

Эй амир, ибни амир, ибни амир,
Ҳадяе аз бенавое ҳам пазир!

То маро рамзи ҳаёт омӯхтанд,
Оташе дар пайкарам афрӯхтанд.

Як навои синатоб овардаам,
Ишқро аҳди шабоб овардаам.

Пири Мағриб, шоири олмонавӣ,
Он қатили шеваҳои паҳлавӣ,

Баст нақши шоҳидони шӯху шанг,
Дод Машрикро саломе аз Фаранг.

Дар ҷавобаш гуфтаам пайғоми Шарқ,
Моҳтобе рехтам бар шоми Шарқ.

То шиносои худам, худбин наям,
Бо ту гӯям ӯ кӣ буду ман киям.

Ӯ зи афрангӣ ҷавонон мисли барқ,
Шуълаи ман аз дами пирони Шарқ.

Ӯ чаманзоде, чаманпарвардае,
Ман дамидам аз замини мурдае.

Ӯ чу булбул дар чаман «фирдавси гӯш»,
Ман ба саҳро чун ҷарас гарми хурӯш.

Ҳар ду донои замири коинот,
Ҳар ду пайғоми ҳаёт андар мамот.

Ҳар ду ханҷар, субҳханд, оинафом,
Ӯ бараҳна, ман ҳанӯз андар ниём[1].

Ҳар ду гавҳар, арҷманду тобдор,
Зодаи дарёи нопайдоканор.

---

[1] Ғилоф.

Ӯ зи шӯхӣ дар таҳи қулзум тапид,
То гиребони садафро бардарид.

Ман ба оғӯши садаф тобам ҳанӯз,
Дар замири баҳр ноёбам ҳанӯз.

Ошнои ман зи ман бегона рафт,
Аз хумистонам тиҳипаймона рафт.

Ман шукӯҳи хусравӣ ӯро диҳам,
Тахти Кисро зери пои ӯ ниҳам.

Ӯ ҳадиси дилбарӣ хоҳад зи ман,
Рангу оби шоирӣ хоҳад зи ман.

Камназар бетобии ҷонам надид,
Ошкорам диду пинҳонам надид.

Фитрати ман ишқро дар бар гирифт,
Суҳбати хошоку оташ даргирифт.

Ҳақ рамузи мулку дин бар ман кушуд,
Нақши ғайр аз пардаи чашмам рабуд.

Барги гул рангин зи мазмуни ман аст,
Мисраи ман қатраи хуни ман аст.

То напиндорӣ сухан девонагист,
Дар камоли ин ҷунун фарзонагист.

Аз ҳунар сармоядорам кардаанд,
Дар диёри Ҳинд хорам кардаанд.

Лолаву гул аз навоям бенасиб,
Тоирам, дар гулситони худ ғариб!

Баски гардун сифлаву дунпарвар аст,
Вой бар марде, ки соҳибҷавҳар аст!

Дидаӣ, эй хусрави Кайвонҷаноб,
Офтоби мо таворат билҳиҷоб?

Абтаҳӣ дар дашти хеш аз роҳ рафт,
Аз дами ӯ сӯзи иллаллоҳ рафт.

Мисриён афтода дар гирдоби Нил,
Сустраг тӯрониёни жандапил.

Оли Усмон дар шиканҷи рӯзгор,
Машриқу Мағриб зи хунаш лолазор.

Ишқро оини салмонӣ намонд,
Хоки Эрон монду эронӣ намонд.

Сӯзу сози зиндагӣ рафт аз гилаш,
Он куҳаноташ фусурд андар дилаш.

Муслими ҳиндӣ шикамро бандае,
Худфурӯше, дил зи дин баркандае.

Дар мусалмон шони маҳбубӣ намонд,
Холиду Форуқу Айюбе намонд.

Эй туро фитрат замири пок дод,
Аз ғами дин синаи садчок дод.

Тоза кун оини Сиддиқу Умар,
Чун сабо бар лолаи саҳро гузар.

Миллати овораи кӯҳу даман,
Дар раги ӯ хуни шерон мавҷзан.

Зираку рӯинтану равшанҷабин,
Чашми ӯ чун ҷуррабозон тезбин.

Қисмати худ аз ҷаҳон ноёфта,
Кавкаби тақдири ӯ нотофта.

Дар куҳистон хилвате варзидаӣ,
Растахези зиндагӣ нодидаӣ.

Ҷони ту бар меҳнати пайҳам сабур,
Кӯш дар таҳзиби афғони ғаюр!

То зи сиддиқони ин уммат шавӣ,
Баҳри дин сармояи қувват шавӣ.

Зиндагӣ ҷаҳд асту истеҳқоқ нест,
Ҷуз ба илми анфусу офоқ нест.

Гуфт ҳикматро Худо хайри касир,
Ҳар куҷо ин хайрро бинӣ, бигир.

Сайиди кул, соҳиби уммулкитоб,
Пардагиҳо бар замираш беҳиҷоб.

Гарчи айни зотро бепарда дид,
«Рабби зидни» аз забони ӯ чакид.

Илми ашё алламу-л-асмостӣ,
Ҳам асову ҳам яди байзостӣ.

Илми ашё дод Мағрибро фурӯғ,
Ҳикмати ӯ мост мебандад зи дӯғ.

Ҷони моро лаззати эҳсос нест,
Хоки раҳ ҷуз резаи алмос нест.

Илму давлат назми кори миллат аст,
Илму давлат эътибори миллат аст.

Он яке аз синаи аҳрор гир
В-он дигар аз синаи куҳсор гир.

Дашна зан дар пайкари ин коинот,
Дар шикам дорад гуҳар чун Суманот.

Лаъли ноб андар Бадахшони ту ҳаст,
Барқи Сино дар куҳистони ту ҳаст.

Кишвари муҳкамасосе боядат,
Дидаи мардумшиносе боядат.

Эй басо одам, ки иблисӣ кунад,
Эй басо шайтон, ки идрисӣ кунад.

Ранги ӯ найрангу буди ӯ намуд,
Андаруни ӯ чу доғи лола дуд.

Покбозу каъбатайни ӯ дағал,
Риману ғадру нифоқ андар бағал.

Дарнигар, эй хусрави соҳибназар,
Нест ҳар санге, ки метобад, гуҳар.

Муршиди Румӣ – ҳакими покзод,
Сирри маргу зиндагӣ бар мо кушод.

«Ҳар ҳалоки уммати пешин, ки буд,
З-он ки бар ҷандал гумон бурданд уд».[1]

Сарварӣ дар дини мо хидматгарист,
Адли форуқию фақри ҳайдарист.

Дар ҳуҷуми корҳои мулку дин,
Бо дили худ як нафас хилват гузин.

Ҳар ки як дам дар камини худ нишаст,
Ҳеҷ нахчир аз каманди ӯ наҷаст.

---

[1] Ин байт аз Ҷалолиддини Румист.

Дар қабои хусравӣ дарвеш зӣ,
Дида бедору худоандеш зӣ.

Қоиди миллат шаҳаншоҳи Мурод,
Теғ ӯро барқу тундар хоназод.

Ҳам фақире, ҳам шаҳи гардунфаре,
Ардашере бо равони Бӯзаре.

Ғарқ будаш дар зиреҳ болову дӯш
Дар миёни сина дил мӯинапӯш.

Он мусалмонон, ки мирӣ кардаанд,
Дар шаҳаншоҳӣ фақирӣ кардаанд.

Дар аморат фақрро афзудаанд,
Мисли Салмон дар Мадоин будаанд.

Ҳукмроне буду сомоне надошт,
Дасти ӯ ҷуз теғу «Қуръон»-е надошт.

Ҳар ки ишқи Мустафо сомони ӯст,
Баҳру бар дар гӯшаи домони ӯст.

Сӯзи Сиддиқу Алӣ аз Ҳақ талаб,
Заррае ишқи набӣ аз Ҳақ талаб.

З-он ки миллатро ҳаёт аз ишқи ӯст,
Баргу този коинот аз ишқи ӯст.

Ҷилваи бепардаи ӯ вонамуд
Ҷавҳари пинҳон, ки буд андар вуҷуд.

Рӯҳро ҷуз ишқи ӯ ором нест,
Ишқи ӯ рӯзест, к-ӯро шом нест.

Хезу андар гардиш овар ҷоми ишқ,
Дар куҳистон тоза кун пайғоми ишқ.

## 5. ДАР МИЁНИ РАНГ ПОК АЗ РАНГ…

Пири Румӣ, муршиди равшанзамир,
Корвони ишқу мастиро амир.

Манзилаш бартар зи моҳу офтоб,
Хаймаро аз Каҳкашон созад таноб.

Нури «Қуръон» дар миёни синааш,
Ҷоми Ҷам шарманда аз оинааш.

Аз найи он найнавози покзод
Боз шӯре дар ниҳоди ман фитод,

Гуфт: «Ҷонҳо маҳрами асрор шуд,
Ховар аз хоби гарон бедор шуд.

Ҷазбаҳои тоза ӯро додаанд,
Бандҳои куҳнаро бикшодаанд.

Ҷуз ту, эй донои асрори Фаранг,
Кас накӯ наншаст дар нори Фаранг.

Бош монанди Халилуллоҳ маст,
Ҳар куҳанбутхонаро бояд шикаст.

Умматонро зиндагӣ ҷазби дарун,
Камназар ин ҷазбро гӯяд ҷунун.

Ҳеҷ қавме зери чархи лоҷвард
Бе ҷунуни зуфунун коре накард.

Муъмин аз азму таваккул қоҳир аст,
Гар надорад ин ду ҷавҳар, кофир аст!

Хайрро ӯ бозмедонад зи шар,
Аз нигоҳаш оламе зеру забар.

Кӯҳсор аз зарбати ӯ рез-рез,
Дар гиребонаш ҳазорон растахез.

То май аз майхонаи ман хурдаӣ,
Куҳнагиро аз тамошо бурдаӣ.

Дар чаман зӣ мисли бӯ мастуру фош,
Дар миёни ранг пок аз ранг бош.

Асри ту аз рамзи ҷон огоҳ нест,
Дини ӯ ҷуз ҳубби ғайруллоҳ нест.

Фалсафӣ ин рамз кам фаҳмидааст,
Фикри ӯ бар обу гил печидааст.

Дида аз қандили дил равшан накард,
Пас надид илло кабуду сурху зард.

Эй хуш он марде, ки дил бо кас надод,
Банди ғайруллоҳро аз по кушод.

Сирри шереро нафаҳмад говмеш,
Ҷуз ба шерон кам бигӯ асрори хеш.

Бо ҳарифи сифла натвон хӯрд май,
Гарчи бошад подшоҳи Руму Рай.

Юсуфи моро агар гурге барад,
Беҳ, ки марди нокасе ӯро харад.

Аҳли дунё бе тахайюл, бе қиёс
Бӯрёбофони атласношинос.

Аъҷамимарде, чи хуш, шеъре суруд,
Сӯзад аз таъсири ӯ ҷон дар вуҷуд:

«Нолаи ошиқ ба гӯши мардуми дунё
Бонги мусалмониву диёри Фаранг аст.»

Маънии дину сиёсат бозгӯй,
Аҳли Ҳақро з-ин ду ҳикмат бозгӯй.

«Ғам хӯру нони ғамафзоён махӯр,
З-он ки оқил ғам хӯрад, кӯдак шакар![1]

---

[1] Байт аз Мавлои Рум аст.

Хирқа худ бор аст бар дӯши фақир,
Чун сабо ҷуз бӯи гул сомон магир.

Қулзумӣ, бо дашту дар пайҳам ситез,
Шабнамӣ, худро ба гулбарге бирез!

Сирри Ҳақ бар марди Ҳақ пӯшида нест,
Рӯҳи муъмин, ҳеҷ медонӣ, ки чист?

Қатраи шабнам, ки аз завқи намуд
Уқдаи худро ба дасти худ кушуд,

Аз худӣ андар замири худ нишаст,
Рахти хеш аз хилвати афлок баст.

Рух суи дарёи бепоён накард,
Хештанро дар садаф пинҳон накард.

Андар оғӯши саҳар як дам тапид,
То ба коми ғунчаи наврас чакид.

## 6. ПАС, ЧИ БОЯД КАРД,
## ЭЙ АҚВОМИ ШАРҚ...

Одамият зор нолид аз Фаранг,
Зиндагӣ ҳангома барчид аз Фаранг,

Пас, чи бояд кард, эй ақвоми Шарқ?!
Боз равшан мешавад айёми Шарқ!

Дар замираш инқилоб омад падид,
Шаб гузашту офтоб омад падид.

Юруп[1] аз шамшери худ бисмил фитод,
Зери гардун расми лодинӣ ниҳод.

Гурге андар пӯстини баррае,
Ҳар замон андар камини баррае.

Мушкилоти Ҳазрати Инсон аз ӯст,
Одамиятро ғами пинҳон аз ӯст.

Дар нигоҳаш одамӣ обу гил аст,
Корвони зиндагӣ беманзил аст!

Ҳар чи мебинӣ, зи анвори Ҳақ аст,
Ҳикмати ашё зи асрори Ҳақ аст.

Ҳар ки оёти Худо бинад, Хур аст,
Асли ин ҳикмат зи ҳукми «унзур!»[2] аст.

Бандаи муъмин аз ӯ беҳрӯзтар,
Ҳам ба ҳоли дигарон дилсӯзтар.

Илм чун равшан кунад обу гилаш,
Аз Худо тарсандатар гардад дилаш.

Илми ашё хоки моро кимиёст,
Оҳ, дар Афранг таъсираш ҷудост.

---

[1] Юруп – Урупо, Аврупо.
[2] «Бингар!» (Аз «Қуръон»).

Ақлу фикраш бе иёри[1] хубу зишт,
Чашми ӯ бе нам, дили ӯ сангу хишт.

Илм аз ӯ расвост андар шаҳру дашт,
Ҷабраил аз суҳбаташ Иблис гашт.

Дониши афрангиён теғе ба дӯш,
Дар ҳалоки навъи инсон сахткӯш.

Бо хасон андар ҷаҳони хайру шар
Дарнасозад мастии илму ҳунар.

Оҳ, аз Афрангу аз оини ӯ,
Оҳ, аз андешаи лодини ӯ!

Илми Ҳақро соҳирӣ омӯхтанд,
Соҳирӣ не, кофирӣ омӯхтанд.

Ҳар тараф сад фитна меорад нафир,
Теғро аз панҷаи раҳзан бигир.

Эй ки ҷонро бозмедонӣ зи тан,
Сеҳри ин таҳзиби лодинӣ шикан.

Рӯҳи Шарқ андар танаш бояд дамид,
То бигардад қуфли маъниро калид.

Ақл андар ҳукми дил яздонӣ аст,
Чун зи дил озод шуд, шайтонӣ аст!

[1] Иёр (аёр) – маҳак.

Зиндагонӣ ҳар замон дар кашмакаш,
Ибратомӯз аст аҳволи ҳабаш.

Шаръи Юруп бе низои қилу қол
Барраро кардаст бар гургон ҳалол.

Нақши нав андар ҷаҳон бояд ниҳод,
Аз кафандуздон чи уммеди кушод?

Дар Ҷанево[1] чист ғайр аз макру фан:
Сайди ту ин мешу он нахчири ман?!

Нуктаҳо, к-ӯ менагунҷад дар сухан,
Як ҷаҳон ошӯбу як гетӣ фитан[2]!

Эй асири ранг, пок аз ранг шав,
Муъмини худ, кофири Афранг шав.

Риштаи суду зиён дар дасти туст,
Обрӯи Ховарон дар дасти туст.

Ин куҳанақвомро шероза банд,
Рояти сидқу сафоро кун баланд.

Ақли Ҳақро зиндагӣ аз қувват аст,
Қуввати ҳар миллат аз ҷамъият аст.

---

[1] Женева.

[2] Фитан – фитнаҳо.

Ройи беқувват ҳама макру фусун,
Қуввати бе рой ҷаҳл асту ҷунун!

Сӯзу сози дарду доғ аз Осиёст,
Ҳам шаробу ҳам аёғ аз Осиёст.

Ишқро мо дилбарӣ омӯхтем.
Шеваи одамгарӣ омӯхтаем.

Ҳам ҳунар, ҳам дин зи хоки Ховар аст,
Рашки гардун хоки поки Ховар аст.

Во намудем он чи буд андар ҳиҷоб,
Офтоб аз мову мо аз офтоб.

Ҳар садафро гавҳар аз найсони мост,
Шавкати ҳар баҳр аз тӯфони мост,

Рӯҳи худ дар сӯзи булбул дидаем,
Хуни одам дар раги гул дидаем.

Фикри мо ҷӯёи асрори вуҷуд,
Зад нахустин захма бар тори вуҷуд.

Доштем андар миёни сина доғ,
Бар сари роҳе ниҳодем ин чароғ.

Эй амини давлати таҳзибу дин,
Он яди байзо барор аз остин.

Хезу аз кори умам бикшо гиреҳ,
Нашъаи Афрангро аз сар бинеҳ,

Нақше аз ҷамъияти Ховар фикан,
Во ситон худро зи дасти Аҳриман!

Донӣ аз Афрангу аз кори Фаранг,
То куҷо дар қайди зуннори Фаранг?

Захм аз ӯ, наштар аз ӯ, сӯзан аз ӯ,
Мову ҷӯи хуну уммеди руфӯ.

Худ бидонӣ: подшоҳӣ қоҳирист,
Қоҳирӣ дар асри мо савдогарист.

Тахтаи дӯкон шарики тахту тоҷ,
Аз тиҷорат нафъу аз шоҳӣ хироҷ.

Он ҷаҳонбоне, ки ҳам савдогар аст,
Бар забонаш хайру андар дил шар аст.

Гар ту медонӣ ҳисобашро дуруст
Аз ҳарираш нармтар карбоси туст.

Бениёз аз коргоҳи ӯ гузар,
Дар зимистон пӯстини ӯ махар.

Куштани бе ҳарбу зарб оини ӯст,
Маргҳо дар гардиши мошини ӯст.

Бӯрёи худ ба қолинаш мадеҳ,
Байдақи худро ба фарзинаш мадеҳ.

Гавҳараш тафдору дар лаълаш раг аст,
Мушки ин савдогар аз нофи саг аст.

Раҳзани чашми ту хоби махмалаш,
Раҳзани ту рангу оби махмалаш.

Сад гиреҳ афкандаӣ дар кори хеш,
Аз қумоши ӯ макун дастори хеш.

Ҳушманде аз хуми ӯ май нахӯрд,
Ҳар ки хӯрд андар ҳамин майхона мурд.

Вақти савдо ханд-ханду камхурӯш,
Мо чу тифлонему ӯ шаккарфурӯш.

Маҳрам аз қалбу нигоҳи муштарист,
Ё раб, ин сеҳр аст, ё савдогарист?

Тоҷирони рангу бӯ бурданд суд,
Мо харидорон ҳама кӯру кабуд.

Он чи аз хоки ту руст, эй марди Хур,
Он фурӯшу он бипӯшу он бихур.

Он накӯбинон, ки худро дидаанд,
Худ гилеми хешро бофидаанд.

Эй зи кори асри ҳозир бехабар,
Чарбдастиҳои Юрупро нигар.

Қолӣ аз абрешими ту сохтанд,
Боз онро пеши ту андохтанд.

Чашми ту аз зоҳираш афсун хӯрад,
Рангу оби ӯ туро аз ҷо барад.

Вои он дарё, ки мавҷаш кам тапид,
Гавҳари худро зи ғаввосон харид!

## 7. ПАНДИ БОЗ БА БАЧАИ ХЕШ

Ту донӣ, ки бозон зи як ҷавҳаранд,
Дили шер доранду мушти паранд.

Накӯшеваю пухтатадбир бош,
Ҷасуру ғаюру калонгир бош.

Маёмез бо кабку турангу сор,
Магар ин ки дорӣ ҳавои шикор.

Чи қавме, фурӯмояи тарснок,
Кунад пок минқори худро ба хок!

Шуд он боша нахчири нахчири хеш,
Ки гирад зи сайди худ оину кеш.

Басо шакра[1] афтода бар рӯи хок
Шуд аз суҳбати доначинон ҳалок.

Нигаҳ дор худрову хурсанд зӣ,
Далеру дурушту тануманд зӣ.

Тани нарму нозук ба тиҳу[2] гузор,
Раги сахт чун шохи оҳу биёр.

Насиби ҷаҳон он чи аз хуррамист,
Зи сангинию меҳнату пурдамист.

Чи хуш гуфт фарзанди худро уқоб,
Ки як қатра хун беҳтар аз лаъли ноб.

Маҷӯ анҷуман мисли оҳуву меш,
Ба хилват гаро чун ниёгони хеш.

Чунин ёд дорам зи бозони пир,
Нишеман ба шохи дарахте магир.

Куноме нагирем дар боғу кишт,
Ки дорем дар кӯҳу саҳро биҳишт.

Зи рӯи замин дона чидан хатост,
Ки паҳнои гардун Худододи мост.

[1] Шакра – боз.
[2] Тиҳу – бедона.

Наҷибе, ки по бар замин судааст,
Зи мурғи саро сифлатар будааст.

Пайи шоҳбозон бисот аст санг,
Ки бар санг рафтан кунад тезчанг.

Ту аз зардчашмони саҳростӣ,
Ба гавҳар чу Симурғ волостӣ.

Ҷавоне асилӣ, ки дар рӯзи ҷанг
Барад мардумакро зи чашми паланг.

Ба парвози ту сатвати[1] нуриён,
Ба рагҳои ту хуни кофуриён.

Таҳи чархи гардандаи кӯжпушт,
Бихӯр, он чи гирӣ зи нарму дурушт.

Зи дасти касе туъмаи худ магир,
Накӯ бошу панди накӯён пазир!

## 8. ҚАТРАОБ

Маро маънии тозае муддаост,
Агар гуфтаро бозгӯям, равост:

«Яке қатраборон зи абре чакид,
Хиҷил шуд, чу паҳнои дарё бидид,

[1] Сатват – шукӯҳу шавкат.

Ки ҷое, ки дарёст, ман кистам?
Гар ӯ ҳаст, ҳаққо, ки ман нестам!»[1]

Валекин зи дарё баромад хурӯш:
«Зи шарми тунукмоягӣ рӯ мапӯш,

Тамошои шому саҳар дидаӣ,
Чаман дидаӣ, дашту дар дидаӣ,

Ба барги гиёҳе, ба дӯши саҳоб,
Дурахшидӣ аз партави офтоб.

Гаҳе ҳамдами ташнакомони роғ,
Гаҳе маҳрами синачокони боғ,

Гаҳе хуфта дар ток тоқатгудоз,
Гаҳе хуфта дар хок бе сӯзу соз,

Зи мавҷи сабуксайри ман зодаӣ,
Зи ман зодаӣ, дар ман афтодаӣ.

Биёсой дар хилвати синаам,
Чу ҷавҳар дурахш андар оинаам,

Гуҳар шав, дар оғӯши қулзум бизӣ,
Фурӯзонтар аз моҳу анҷум бизӣ!»

---

[1] Ин ду байт аз Саъдии Шерозист (соли вафот 1292).

## 9. ТАЙЁРА

Сари шохи гул тоире як саҳар
Ҳамегуфт бо тоирони дигар:

«Надоданд бол одамизодаро,
Замингир карданд ин содаро».

Бад-ӯ гуфтам: «Эй мурғаки бодсанҷ,
Агар ҳарфи ҳақ бо ту гӯям, маранҷ.

Зи тайёра мо болу пар сохтем,
Суи осмон раҳгузар сохтем.

Чи тайёра – он мурғи гардунсипар,
Пари ӯ зи боли малак тезтар.

Ба парвоз шоҳин, ба нирӯ уқоб,
Ба чашмаш зи Лоҳур то Форёб.

Ба гардун хурӯшандаву тундҷӯш,
Миёни нишеман чу моҳӣ хамӯш.

Хирад з-обу гил Ҷабраил офарид,
Заминро ба гардун далел офарид.

Чу он мурғи зирак каломам шунид,
Маро як назар ошноёна дид.

Парашро ба минқор хориду гуфт,
Ки «Ман, он чи гӯӣ, надорам шигифт.

Магар, эй нигоҳи ту бар чуну чанд,
Асири тилисми ту пасту баланд.

«Ту кори заминро накӯ сохтӣ,
Ки бо осмон низ пардохтӣ?»[1]

## 10. ҒАНИИ КАШМИРӢ

Ғанӣ – он сухангӯи булбулсафир,
Навосанҷи Кашмири минӯназир,

Чу андар саро буд, дар баста дошт,
Чу рафт аз саро, тахтаро во гузошт.

Яке гуфташ: «Эй шоири дилрасе,
Аҷаб дорад аз кори ту ҳар касе».

Ба посух чи хуш гуфт марди фақир,
Фақиру ба иқлими маънӣ амир:

«Зи ман он чи диданд, ёрон, равост,
Дар ин хона ҷуз ман матое куҷост?

Ғанӣ то нишинад ба кошонааш,
Матоъи гаронест дар хонааш.

Чу он маҳфилафрӯз дар хона нест,
Тиҳитар аз он ҳеҷ кошона нест!

[1] Байти Саъдии Шерозӣ.

## 11. ШАРҚУ ҒАРБ

Ғарбиёнро зиракӣ – сози ҳаёт,
Шарқиёнро ишқ – рози коинот.

Зиракӣ аз ишқ гардад ҳақшинос,
Кори ишқ аз зиракӣ маҳкамасос.

Ишқ чун бо зиракӣ андар шавад,
Нақшбанди олами дигар шавад.

Хезу нақши олами дигар бинеҳ,
Ишқро бо зиракӣ омез деҳ!

## 12. СОҚИНОМА
***(Дар Нишотбоғи Кашмир навишта шуд)***

Хушо рӯзгоре, хушо навбаҳоре,
Нуҷуми Паран[1] руст аз марғзоре.

Замин аз баҳорон чу боли тазарве,
Зи фаввора алмосбор обшоре.

Напечад нигаҳ ҷуз, ки дар лолаву гул,
Нағалтад ҳаво ҷуз, ки бар сабззоре.

Лаби ҷӯ худороии ғунча дидӣ,
Чи зебо нигоре, чи оинадоре!

---

[1] Паран – Парвин.

Чи ширин навое, чи дилкаш садое,
Ки меояд аз хилвати шохсоре.

Ба тан ҷон, ба ҷон орзу зинда гардад
Зи овои соре, зи бонги ҳазоре.

Навоҳои мурғи баландошёне
Даромехт бо нағмаи ҷӯйборе.

Ту гӯӣ, ки Яздон биҳишти баринро
Ниҳодаст дар домани кӯҳсоре,

Ки то раҳматаш одамизодагонро
Раҳо созад аз меҳнати интизорӣ.

Чи хоҳам дар ин гулситон, гар нахоҳам
Шаробе, китобе, рубобе, нигоре?

Сарат гардам, эй соқии моҳсимо,
Биёр аз ниёгони мо ёдгоре.

Бо соғар фурӯ рез обе, ки ҷонро
Фурӯзад чу нуре, бисӯзад чу норе.

Шақоиқ бирӯён зи хоки нажандам,
Биҳиште фурӯ чин ба мушти ғуборе.

Набинӣ, ки аз Кошғар то ба Кошон
Ҳамон як наво болад аз ҳар диёре?

Зи чашми умам рехт он ашки нобе,
Ки таъсири ӯ гул дамонад зи хоре.

Каширӣ[1], ки бо бандагӣ хӯ гирифта,
Буте метарошад зи санги мазоре.

Замираш тиҳӣ аз хаёли баланде,
Худиношиносе, зи худ шармсоре.

Бирешимқабо хоҷа аз меҳнати ӯ,
Насиби танаш ҷомаи тор-торе.

На дар дидаи ӯ фурӯғи нигоҳе,
На дар синаи ӯ дили беқароре.

Аз он май фишон қатрае бар каширӣ,
Ки хокистараш офаринад шароре!

---

[1] Каширӣ –кашмирӣ.

# II. ҒАЗАЛ

* * *

Ҳанӯз ҳамнафасе дар чаман намебинам,
Баҳор мерасаду ман гули нахустинам.

Ба оби ҷӯ нигарам, хешро назора кунам,
Ба ин баҳона магар рӯи дигаре бинам.

Ба хомае, ки хати зиндагӣ рақам задааст,
Навиштаанд паёме ба барги рангинам.

Дилам ба дӯшу нигоҳам ба ибрати имрӯз,
Шаҳиди ҷилваи фардову тозаоинам.

Зи тирахок дамидам, қабои гул бастам
В-агарна ахтари вомондае зи Парвинам.

## МИЛОДИ ОДАМ

Наъра зад ишқ, ки хунинҷигаре пайдо шуд,
Ҳусн ларзид, ки соҳибназаре пайдо шуд.

Фитрат ошуфт, ки аз хоки ҷаҳони маҷбур
Худгаре, худшикане, худнигаре пайдо шуд.

Хабаре рафт зи гардун ба шабистони азал:
«Ҳазар, эй пардагиён, пардадаре пайдо шуд!»

Орзу бехабар аз хеш ба оғӯши ҳаёт,
Чашм во карду ҷаҳони дигаре пайдо шуд.

Зиндагӣ гуфт, ки дар хок тапидам ҳама умр,
То аз ин гунбади дерина даре пайдо шуд.

* * *

Зиндагии сӯзу соз беҳ зи сукуни давом,
Фохта шоҳин шавад аз тапиши зери дом.

Ҳеҷ наояд зи ту ғайри суҷуди ниёз,
Хез чу сарви баланд, эй ба амал нармгом.

Кавсару тасним[1] бурд аз ту нишоти амал,
Гир зи минои ток бодаи оинафом.

Зишту накӯ зодаи ваҳми Худованди туст,
Лаззати кирдор гир, гом бинеҳ, ҷӯй ком.

Хез, ки бинмоямат мамлакати тозае,
Чашми ҷаҳонбин кушо, баҳри тамошо хиром.

Қатраи бемояӣ, гавҳари тобанда шав,
Аз сари гардун биафт, гир ба дарё мақом.

Теғи дурахшандаӣ, ҷони ҷаҳоне гусил,
Ҷавҳари худро намо, ой бурун аз ниём.

Бозуи шоҳин кушо, хуни тазарвон бирез,
Марг бувад бозро зистан андар куном.

Ту нашиносӣ ҳанӯз: шавқ бимирад зи васл,
Чист ҳаёти давом – сӯхтани нотамом!

---

[1] Бутпараст.

* * *

Ҳалқа бастанд сари турбати ман навҳагарон,
Дилбарон, зуҳравашон, гулбаданон, симбарон.

Дар чаман қофилаи лолаву гул рахт кушуд,
Аз кучо омадаанд ин ҳама хунинҷигарон?

Эй ки дар мадраса ҷӯӣ адабу донишу завқ,
Нахарад бода кас аз коргаҳи шишагарон!

Хирад афзуд маро дарси ҳакимони Фаранг,
Сина афрӯхт маро суҳбати соҳибназарон!

Баркаш он нағма, ки сармояи обу гили туст,
Эй зи худ рафта, тиҳӣ шав зи навои дигарон.

Кас надонист, ки ман низ баҳое дорам,
Он матоъам, ки шавад дастзади бебасарон.

* * *

Метарошад фикри мо ҳар дам худованде дигар,
Раст аз як банд, то афтод дар банде дигар.

Бар сари бом о, ниқоб аз чеҳра бебокона каш,
Нест дар кӯи ту чун ман орзӯманде дигар!

Баски ғайрат мебарам аз дидаи бинои хеш,
Аз нигаҳ бофам ба рухсори ту рӯбанде дигар.

Як нигаҳ, як хандаи дуздида, як тобанда ашк –
Баҳри паймони муҳаббат нест савганде дигар!

Ишқро нозам, ки аз бетобии рӯзи фироқ,
Ҷони моро дод бо дарди ту пайванде дигар.

То шавӣ бебоктар дар нолаи мурғи баҳор,
Оташе гир аз ҳарими синаам чанде дигар.

Чанги темурӣ шикаст, оҳанги темурӣ баҷост,
Сар бурун меорад аз «Сози Самарқанд»-е дигар.

Раҳ мадеҳ дар Каъба, эй пири ҳарам, Иқболро,
Ҳар замон дар остин дорад худованде дигар!

* * *

Чи кофирона қимори ҳаёт мебозӣ,
Ки бо замона бисозӣ, ба худ намесозӣ.

Дигар ба мадрасаҳои ҳарам намебинам,
Дили Ҷунайду нигоҳи Ғазоливу Розӣ.

Ба ҳукми муфтии аъзам, ки фитрати азалист,
Ба дини саъва ҳаром аст кори шаҳбозӣ.

Ҳамон фақеҳи азал гуфт ҷурра шоҳинро:
Ба осмон гаравӣ, бо замин напардозӣ.

Манам, ки тавба накардам зи фошгӯиҳо,
Зи бими он ки ба султон кунанд ғаммозӣ.

Ба дасти мо на Самарқанду не Бухороест,
Дуо бигӯ зи фақирон ба турки шерозӣ!

* * *

Маро зи дидаи бино шикояти дигар аст,
Ки чун ба ҷилва дарой, ҳиҷоби ман назар аст.

Ба нуриён зи мани побагил паёме гӯй,
Ҳазар зи мушти ғуборе, ки хештаннигар аст.

Навозанему ба базми баҳор месӯзем,
Шарар ба мушти пари мо зи нолаи саҳар аст.

Зи худ рамида чи донад, навои ман зи куҷост,
Ҷаҳони ӯ дигар асту ҷаҳони ман дигар аст.

Мисоли лола фитодам ба гӯшаи чамане,
Маро зи тири нигоҳе нишона бар ҷигар аст.

Ба кеши зиндадилон зиндагӣ ҷафоталабист,
Сафар ба Каъба накардам, ки роҳ бехатар аст.

Ҳазор анҷуман оростанду барчиданд
Дар ин сароча, ки равшан зи машъали қамар аст.

Зи хоки хеш ба таъмири одамӣ бархез,
Ки фурсати ту ба қадри табассуми шарар аст.

Агар на булҳавасӣ, бо ту нуктае гӯям,
Ки ишқ пухтатар аз нолаҳои беасар аст.

Навои ман ба Аҷам оташи куҳан афрӯхт,
Араб зи нағмаи шавқам ҳанӯз бехабар аст.

* * *

Ба ин баҳона, дар ин базм маҳраме ҷӯям,
Ғазал сарояму пайғоми ошно гӯям.

Ба хилвате, ки сухан мешавад ҳиҷоб он ҷо,
Ҳадиси дил ба забони нигоҳ мегӯям.

Пайи назораи рӯи ту мекунам покаш,
Нигоҳи шавқ ба ҷӯи сиришк мешӯям.

Чу ғунча гарчи ба корам гиреҳ зананд, вале
Зи шавқи ҷилвагаҳи офтоб мерӯям.

Чу мавҷ сози вуҷудам зи сели бепарвост,
Гумон мабар, ки дар ин баҳр соҳиле ҷӯям.

Миёнаи ману ӯ рабти дидаву назар аст,
Ки дар ниҳояти дурӣ ҳамеша бо ӯям.

Кашид нақши ҷаҳоне ба пардаи чашмам,
Зи дасти шуъбадабозе асири ҷодуям.

Даруни гунбади дарбастааш нагунҷидам,
Ман осмони куҳанро чу хори паҳлӯям.

Ба ошён нанишинам, зи лаззати парвоз
Гаҳе ба шохи гулам, гоҳ бар лаби ҷӯям.

* * *

Хезу ниқоб баркушо пардагиёни созро,
Нағмаи тоза ёд деҳ мурғи навотирозро.

Ҷода зи хуни раҳравон тахтаи лола дар баҳор,
Нози кӣ роҳ мезанад қофилаи ниёзро?

Дидаи хобноки ӯ гар ба чаман кушудаӣ,
Рухсати як назар бидеҳ наргиси нимбозро.

«Ҳарфи нагуфтаи шумо бар лаби кӯдакон расид» –
Аз мани безабон бигӯ хилватиёни розро.

Саҷдаи ту бароварад аз дили кофирон хурӯш,
Эй, ки дароз тар кунӣ пеши касон намозро.

Гарчи матоъи ишқро ақл баҳои кам ниҳад,
Ман надиҳам ба тахти Ҷам оҳи ҷигаргудозро.

Барҳамане ба Ғазнавӣ гуфт: «Кароматам нигар,
Ту, ки санам шикастаӣ, банда шудӣ Аёзро!»

* * *

Биё, ки соқии гулчеҳра даст бар чанг аст,
Чаман зи боди баҳорон ҷавоби Аржанг аст.

Ҳино зи хуни дили навбаҳор мебандад,
Арӯси лола чи андоза ташнаи ранг аст!

Нигоҳ мерасад аз нағмаи дилафрӯзе,
Ба маъние, ки бари ҷомаи сухан танг аст.

Ба чашми ишқ нигар то суроғи ӯ гирӣ,
Ҷаҳон ба чашми хирад симиёву найранг аст.

Зи ишқ дарси амал гиру ҳар чи хоҳӣ, кун,
Ки ишқ ҷавҳари ҳуш асту ҷони фарҳанг аст.

Баландтар зи сипеҳр аст манзили ману ту,
Ба роҳи қофила хуршед майли фарсанг аст.

Зи худ гузаштаӣ, эй қатраи муҳоландеш,
Шудан ба баҳру гуҳар барнахостан нанг аст.

Ту қадри хеш надонӣ, баҳо зи ту гирад
В-агарна лаъли дурахшанда пораи санг аст.

* * *

Сурат напарастам ман, бутхона шикастам ман,
Он сели сабуксайрам, ҳар банд гусастам ман.

Дар буду набуди ман андеша гумонҳо дошт,
Аз ишқ ҳувайдо шуд ин нукта, ки ҳастам ман.

Дар дайр ниёзи ман, дар Каъба намози ман,
Зуннорбадӯшам ман, тасбеҳбадастам ман.

Сармояи дарди ту ғорат натавон кардан,
Ашке, ки зи дил хезад, дар дида шикастам ман.

Фарзона ба гуфторам, девона ба кирдорам,
Аз бодаи шавқи ту ҳушёраму мастам ман.

* * *

Ҳавои фарвадин дар гулситон майхона месозад,
Сабӯ аз ғунча мерезад, зи гул паймона месозад.

Муҳаббат чун тамом афтад, рақобат аз миён хезад,
Ба тавфи шуълае парвона бо парвона месозад.

Ба този зиндагӣ сӯзе, ба сӯзи зиндагӣ созе,
Чи бедардона месӯзад, чи бетобона месозад!

Танаш аз сояи боли тазарве ларза мегирад,
Чу шоҳинзодае андар қафас бо дона месозад.

Бигӯ Иқболро, эй боғбон, рахт аз чаман бандад,
Ки ин ҷодунаво моро зи гул бегона месозад!

* * *

Аз мо бигӯ саломе он турки тундхӯро,
К-оташ зад аз нигоҳе як шаҳри орзӯро.

Ин нуктаро шиносад он дил, ки дардманд аст,
Ман гарчи тавба гуфтам, нашкастаам сабӯро.

Эй булбул, аз вафояш сад бор бо ту гуфтам,
Ту дар канор гирӣ боз ин рамидабӯро.

Рамзи ҳаёт ҷӯӣ, ҷуз дар тапиш наёбӣ,
Дар қулзум орамидан нанг аст оби ҷӯро.

Шодам, ки ошиқонро сӯзи давом додӣ,
Дармон наофаридӣ озори ҷустуҷӯро.

Гуфтӣ: маҷӯ висолам, болотар аз хаёлам,
Узри нав офаридӣ ашки баҳонаҷӯро.

Аз нола бар гулистон ошӯби маҳшар овар,
То дам ба сина печад, магзор ҳою ҳӯро.

* * *

Биёр бода, ки гардун ба коми мо гардид,
Мисоли ғунча навоҳо зи шохсор дамид.

Хурам ба ёди тунукнӯшии имоми ҳарам,
Ки ҷуз ба суҳбати ёрони роздон начашид.

Фузун қабилаи он пухтакор бод, ки гуфт:
«Чароғи роҳи ҳаёт аст ҷилваи уммед».

Наво зи ҳавсалаи дӯстон баландтар аст,
Ғазалсаро шудам он ҷо, ки ҳеҷ кас нашунид.

Аёри маърифати муштарист ҷинси сухан,
Хушам аз он, ки матоъи маро касе нахарид.

Зи шеъри дилкаши Иқбол метавон дарёфт,
Ки дарси фалсафа медоду ошиқӣ варзид.

* * *

Донаи субҳа ба зуннор кашидан омӯз,
Гар нигоҳи ту дубин аст, надидан омӯз.

По зи хилваткадаи ғунча бурун зан чу шамим,
Бо насими саҳар омезу вазидан омӯз.

Офариданд агар шабнами бемоя туро,
Хезу бар доғи дили лола чакидан омӯз.

Агарат хори гули тозарасе сохтаанд,
Поси номуси чаман дору халидан омӯз.

Боғбон гар зи хиёбони ту барканд туро,
Сифати сабза дигарбора дамидан омӯз.

То ту сӯзандатару талхтар ой берун,
Узлати хумкадае гиру расидан омӯз.

То куҷо дар таҳи боли дигарон мебошӣ?
Дар ҳавои чаман озода паридан омӯз!

Дари бутхона задам, муғбачагонам гуфтанд:
«Оташе дар ҳарам афрӯзу тапидан омӯз!»

* * *

Зи хоки хеш талаб оташе, ки пайдо нест,
Таҷаллии дигаре дархури тақозо нест.

Ба мулки Ҷам надиҳам мисраъи Назириро:
«Касе, ки кушта нашуд, аз қабилаи мо нест».

Агарчи ақли фузунпеша лашкаре ангехт,
Ту дилгирифта набошӣ, ки ишқ танҳо нест.

Ту раҳшинос наӣ в-аз мақом бехабарӣ,
Чи нағмаест, ки дар барбати Салимо[1] нест.

Назар ба хеш чунон бастаам, ки ҷилваи дӯст
Ҷаҳон гирифту маро фурсати тамошо нест.

Биё, ки ғулғула дар шаҳри дилбарон фиканем,
Ҷунуни зиндадилон ҳарзагарди саҳро нест.

Зи қайду сайди наҳангон ҳикояте овар,
Магӯ, ки завраќи мо рӯшиноси дарё нест.

Муриди ҳиммати он раҳравам, ки по нагузошт
Ба ҷодае, ки дар ӯ кӯҳу дашту дарё нест.

Шарики ҳалқаи риндони бодапаймо бош,
Ҳазар зи байъати пире, ки марди ғавғо нест.

Бараҳна ҳарф нагуфтан камоли гӯёист,
Ҳадиси хилватиён ҷуз ба рамзу имо нест.

[1] Салимо – Салмо, номи шаҳре низ.

* * *

Мавҷро аз синаи дарё гусастан метавон,
Баҳри бепоён ба ҷӯи хеш бастан метавон.

Аз навое метавон як шаҳри дил дар хун нишонд,
Як чаман гул аз насиме сина хастан метавон.

Метавон Ҷибрилро гунҷишки дастомӯз кард,
Шаҳпараш бо мӯи оташдида бастан метавон.

Эй Сикандар, салтанат нозуктар аз ҷоми Ҷам аст,
Як ҷаҳон оина аз санге шикастан метавон.

Гар ба худ маҳкам шавӣ, сели балоангез чист,
Мисли гавҳар дар дили дарё нишастан метавон.

Ман фақири бениёзам, машрабам ин асту бас:
Мӯмиёӣ хостан натвон, шикастан метавон.

* * *

Сад нолаи шабгире, сад субҳи балохезе,
Сад оҳи шарарресе, як шеъри диловезе.

Дар ишқу ҳаваснокӣ, донӣ, ки тафовут чист:
Он – тешаи Фарҳоде, ин – ҳиллаи Парвезе.

Бо пардагиён баргӯ, к-ин мушти ғубори ман
Гардест назарбозе, хокест балохезе.

Ҳушам барад, эй мутриб, мастам кунад, эй соқӣ,
Гулбонги диловезе аз мурғи саҳархезе.

Аз хоки Самарқанде тарсам, ки дигар хезад
Ошӯби Ҳалокуе, ҳангомаи Чингизе.

Мутриб, ғазале, байте аз муршиди Рум овар,
То ғӯта занад ҷонам дар оташи Табрезӣ.

* * *

Фиреби кашмакаши ақл диданӣ дорад,
Ки мири қофилаву завқи раҳзанӣ дорад.

Нишони роҳ зи ақли ҳазорҳила мапурс,
Биё, ки ишқ камоле зи якфанӣ дорад.

Фаранг гарчи сухан бо ситора мегӯяд,
Ҳазар, ки шеваи ӯ ранги ҷавзанӣ[1] дорад.

Зи маргу зист чи пурсӣ дар ин работи куҳан,
Ки зист коҳиши ҷон, марг ҷонканӣ дорад.

Сари мазори шаҳидон яке инон даркаш,
Ки безабонии мо ҳарфи гуфтанӣ дорад.

Дигар ба дашти Араб хайма зан, ки базми Аҷам
Майи гузаштаву ҷоми шикастанӣ дорад.

На шайхи шаҳр, на шоир, на хирқапӯш Иқбол,
Фақири роҳнишин асту дил ғанӣ дорад!

[1] Ҷавзанӣ – соҳирӣ.

* * *

Бе ту аз хоби адам дида кушудан натавон,
Бе ту будан натавон, бо ту набудан натавон.

Дар ҷаҳон аст дили мо, ки ҷаҳон дар дили мост,
Лаб фурӯ банд, ки ин уқда кушудан натавон.

Дили ёрон зи навоҳои парешонам сӯхт,
Ман аз он нағма тапидам, ки сурудан натавон.

Эй сабо, аз тунукафшонии шабнам чи шавад,
Табу тоб аз ҷигари лола рабудан натавон.

Дил ба Ҳақ банду кушоде зи салотин маталаб,
Ки ҷабин бар дари ин буткада судан натавон.

* * *

Ин гунбади миноӣ, ин пастиву болоӣ,
Дар шуд ба дили ошиқ бо ин ҳама пахноӣ.

Асрори азал ҷӯӣ, бар худ назаре вокун,
Яктоиву бисёрӣ, пинҳониву пайдоӣ.

Эй ҷони гирифторам, дидӣ, ки муҳаббат чист –
Дар сина наосоӣ, аз дида бурун оӣ.

Бархез, ки фарвардин афрӯхт чароғи гул,
Бархезу даме биншин бо лолаи саҳроӣ.

Ишқ асту ҳазор афсун, ҳусн асту ҳазор оин,
Не ман ба шумор оям, не ту ба шумор оӣ.

Сад раҳ ба фалак-бар шуд, сад раҳ ба замин-дар шуд,
Хоқонию фағфурӣ, ҷамшедию дороӣ.

Ҳам бо худу ҳам бо ӯ, ҳиҷрон, ки висол аст ин,
Эй ақл, чи мегӯӣ, эй ишқ, чи фармоӣ?

* * *

Сӯзи сухан зи нолаи мастонаи дил аст,
Ин шамъро фурӯғ зи парвонаи дил аст.

Мушти гилему завқи фиғоне надоштем,
Ғавғои мо зи гардиши паймонаи дил аст.

Ин тирахокдон, ки ҷаҳон ном кардаӣ,
Фарсуда пайкаре зи санамхонаи дил аст.

Андар расад нишаста ҳакими ситорабин
Дар ҷустуҷӯи сарҳади вайронаи дил аст.

Лоҳутиён асири каманди нигоҳи ӯ,
Сӯфӣ ҳалоки шеваи турконаи дил аст.

Маҳмуди Ғазнавӣ, ки санамхонаҳо шикаст,
Зуннории бутони санамхонаи дил аст.

Ғофилтаре зи марди мусалмон надидаам,
Дил дар миёни синаву бегонаи дил аст!

* * *

Сатват аз кӯҳ ситонанду ба коҳе бахшанд,
Кулаҳи Ҷам ба гадои сари роҳе бахшанд.

Дар раҳи ишқ фалон ибни фалон чизе нест,
Яди байзои калимӣ ба сиёҳе бахшанд.

Гоҳ шоҳӣ ба ҷигаргӯшаи султон надиҳанд,
Гоҳ бошад, ки ба зиндонии чоҳе бахшанд.

Фақрро низ ҷаҳонбону ҷаҳонгир кунанд,
Ки ба ин роҳнишин теғи нигоҳе бахшанд.

Ишқ помоли хирад гашту ҷаҳон дигар шуд,
Бувад оё, ки маро рухсати оҳе бахшанд?

* * *

На ту андар ҳарам гунҷӣ, на дар бутхона меоӣ,
Валекин сӯи муштоқон чи муштоқона меоӣ.

Қадам бебоктар неҳ дар ҳарими ҷони муштоқон,
Ту соҳибхонаӣ, охир, чаро дуздона меоӣ?!

Ба ғорат мебарӣ сармояи тасбеҳхононро,
Ба шабхуни дили зуннориён турконa меоӣ.

Гаҳе сад лашкар ангезӣ, ки хуни дӯстон резӣ,
Гаҳе дар анҷуман бо шишаву паймона меоӣ.

Ту бар нахли Калиме бе муҳобо шуъла мерезӣ
Ту бар шамъи ятиме сурати парвона меоӣ.

Биё, Иқбол, ҷоме аз хумистони худӣ даркаш,
Ту аз майхонаи Мағриб зи худ бегона меоӣ!

* * *

Мисли оина машав маҳви ҷамоли дигарон,
Аз дилу дида фурӯ шӯй хаёли дигарон.

Оташ аз нолаи мурғони ҳарам гиру бисӯз
Ошёне, ки ниҳодӣ ба ниҳоли дигарон.

Дар ҷаҳон болу пари хеш кушудан омӯз,
Ки паридан натавон бо пару боли дигарон.

Марди озодаму он гуна ғаюрам, ки маро
Метавон кушт ба як ҷоми зулоли дигарон.

Эй ки наздиктар аз ҷонию пинҳон зи нигаҳ,
Ҳаҷри ту хуштарам ояд зи висоли дигарон.

* * *

Далели манзили шавқам, ба доманам овез,
Шарар зи оташи нобам, ба хоки хеш омез.

Арӯси лола бурун омад аз сарочаи ноз,
Биё, ки ҷони ту сӯзам зи ҳарфи шавқангез.

Ба ҳар замона ба услуби тоза мегӯянд
Ҳикояти ғами Фарҳоду ишрати Парвез.

Агарчи зодаи Ҳиндам, фурӯғи чашми ман аст
Зи хоки поки Бухорову Кобулу Табрез!

* * *

Ҷаҳони ишқ на мирӣ, на сарварӣ донад,
Ҳамин бас аст, ки оини чокарӣ донад.

На ҳар ки тавфи буте карду баст зунноре,
Санампарастиву одоби кофарӣ донад.

Ҳазор Хайбару[1] сад гуна аждар аст ин ҷо,
На ҳар ки нони ҷавин хӯрд, ҳайдарӣ[2] донад.

Ба чашми аҳли назар аз Сикандар афзун аст
Гадогаре, ки маоли сикандарӣ донад.

Ба ишваҳои ҷавонони моҳсимо чист,
Даро ба ҳалқаи пире, ки дилбарӣ донад.

Фаранг шишагарӣ карду ҷому мино рехт,
Ба ҳайратам, ки ҳамин шишаро парӣ донад!

Чи гӯямат зи мусалмони номусалмоне
Ҷуз ин, ки пури Халил асту озарӣ донад.

Яке ба ғамкадаи ман гузар куну бингар:
Ситорасӯхтае кимиёгарӣ донад!

Биё ба маҷлиси Иқболу як-ду соғар каш,
Агарчи сар натарошад, қаландарӣ донад!

---

[1] Хайбар – минтақае дар Араб.
[2] Ҳайдарӣ – далерӣ.

* * *

Биё, ки булбули шӯрида нағмапардоз аст,
Арӯси лола саропо карашмаву ноз аст.

Наво зи пардаи ғайб аст, эй мақомшинос,
На аз гулӯи ғазалхон, на аз раги соз аст.

Касе, ки захма расонад ба тори сози ҳаёт,
Зи ман бигир, ки он банда маҳрами роз аст.

Маро зи пардагиёни ҷаҳон хабар доданд,
Вале забон накушоям, ки чарх каҷбоз аст.

Сухан дурушт магӯ, дар тариқи ёрӣ кӯш,
Ки суҳбати ману ту дар ҷаҳон худосоз аст.

Куҷост манзили ин хокдони тираниҳод,
Ки ҳар чи ҳаст, чу реги равон ба парвоз аст?

Танам гуле зи хиёбони ҷаннати Кашмир,
Дил аз ҳарими Ҳиҷозу наво зи Шероз аст.

* * *

Хокему тундсайр мисоли ситораем,
Дар нилгун яме ба талоши канораем.

Буду набуди мост зи як шуълаи ҳаёт,
Аз лаззати худӣ чу шарар пора-пораем.

Бо нуриён бигӯ, ки зи ақли баланддаст
Мо хокиён ба дӯши Сурайё савораем.

Дар ишқ ғунчаем, ки ларзад зи боди субҳ,
Дар кори зиндагӣ сифати санги хораем.

Чашм офаридаем чу наргис дар ин чаман,
Рӯбанд баркушо, ки саропо назораем!

* * *

Мешавад пардаи чашмам пари коҳе гоҳе,
Дидаам ҳар ду ҷаҳонро ба нигоҳе гоҳе,

Водии ишқ басе дуру дароз аст, вале
Тай шавад ҷодаи садсола ба оҳе гоҳе.

Дар талаб кӯшу мадеҳ домани уммед зи даст,
Давлате ҳаст, ки ёбӣ сари роҳе гоҳе.

* * *

Назари ту ҳама тақсиру хирад – кӯтоҳӣ,
Нарасӣ ҷуз ба тақозои калимуллоҳӣ.

Роҳ кӯр аст, ба худ ғӯта зан, эй солики роҳ,
Ҷодаро гум накунад дар таҳи дарё моҳӣ.

Ҳоҷате пеши салотин набарад марди ғаюр,
Чи тавон кард, ки аз кӯҳ наояд коҳӣ.

Магзар аз нағмаи шавқам, ки биёбӣ дар вай
Рамзи дарвешию сармояи шоҳаншоҳӣ.

Нафасам бо ту кунад, он чи ба гул кард насим,
Агар аз лаззати оҳи саҳарӣ огоҳӣ.

Эй фалак, чашми ту бебоку балоҷӯст ҳанӯз,
Мешиносам, ки тамошои дигар мехоҳӣ!

* * *

Даруни синаи мо сӯзи орзӯ зи куҷост,
Сабӯ зи мост, вале бода дар сабӯ зи куҷост?

Гирифтам ин ки ҷаҳон хоку мо кафи хокем,
Ба зарра-зарраи мо дарди ҷустуҷӯ зи куҷост?

Нигоҳи мо ба гиребони Каҳкашон афтад,
Ҷунуни мо зи куҷо, шӯри ҳою ҳӯ зи куҷост?

* * *

Фасли баҳор инчунин, бонги ҳазор инчунин,
Чеҳра кушо, ғазал саро, бода биёр инчунин.

Ашки чакидаам бубин, ҳам ба нигоҳи худ нигар,
Рез ба найситони ман барқу шарор инчунин.

Боди баҳорро бигӯ пай ба хаёли ман барад,
Водию даштро диҳад нақшу нигор инчунин.

Зодаи боғу роғро аз нафасам таровате,
Дар чамани ту зистам бо гулу хор инчунин.

Олами обу хокро бар маҳаки дилам бисой,
Равшану тори хешро гир иёр инчунин.

Дил ба касе набохта, бо ту ҷаҳон насохта,
Ман ба ҳузури ту расам рӯзи шумор инчунин.

Фохтаи куҳансафир нолаи ман шуниду гуфт:
«Кас насуруд дар чаман нағмаи пор инчунин!»

* * *

Назар ба роҳнишинон, савора мегузарад,
Маро бигир, ки корам зи чора мегузарад.

Ба дигарон чи сухан густарам зи ҷилваи дӯст
Ба як нигоҳ мисоли шарора мегузарад.

Раҳе ба манзили он моҳ сахт душвор аст,
Чунон ки ишқ ба дӯши ситора мегузарад.

Зи пардабандии гардун чи ҷои навмедист,
Ки новаки назари мо зи хора мегузарад.

Ямест шабнами мо, Каҳкашон канораи ӯст,
Ба як шикастани мавҷ аз канора мегузарад.

Ба хилваташ чу расидӣ, назар ба ӯ макушо,
Ки он дамест, ки кор аз назора мегузарад.

Ман аз фироқ чи нолам, ки аз ҳуҷуми сиришк
Зи роҳи дида дилам пора-пора мегузарад.

* * *

Бар ақли фалакпаймо туркона шабохун беҳ!
Як зарраи дарди дил аз илми Фалотун беҳ!

Дӣ муғбачае бо ман асрори муҳаббат гуфт:
«Ашке, ки фурӯ хӯрдӣ, аз бодаи гулгун беҳ!»

Он фақр, ки бе теғе сад кишвари дил гирад,
Аз шавкати Доро беҳ, аз фарри Фаридун беҳ!

Дар дайри муғон ой, мазмуни баланд овар,
Дар хонақаҳи сӯфӣ афсонаву афсун беҳ!

Дар ҷӯи равони мо бе миннати тӯфоне
Як мавҷ агар хезад, он мавҷ зи Ҷайҳун беҳ!

Селе, ки ту овардӣ, дар шаҳр намегунҷад,
Ин хона барандозӣ дар хилвати ҳомун, беҳ!

Иқболи ғазалхонро кофир натавон гуфтан,
Савдо ба димоғаш зад, аз мадраса берун беҳ!

* * *

Зи шоир наъраи мастона дар маҳшар чи мехоҳӣ?
Ту худ ҳангомаӣ, ҳангомаи дигар чи мехоҳӣ?

Ба баҳри нағма кардӣ ошно табъи равонамро,
Зи чоки синаам дарё талаб, гавҳар чи мехоҳӣ?

Намози беҳузур аз ман намеояд, намеояд,
Диле овардаам, дигар аз ин кофар чи мехоҳӣ?

* * *

Мурғи хушлаҳҷаву шоҳини шикорӣ аз туст,
Зиндагиро равиши нуриву норӣ аз туст.

Дили бедору кафи хоку тамошои ҷаҳон,
Сайри ин боғ ба шабгуна аморӣ[1] аз туст.

Ҳама афкори ман аз туст – чи дар дил, чи ба лаб,
Гуҳар аз баҳр барорӣ, набарорӣ, аз туст.

Ман ҳамон мушти ғуборам, ки ба ҷое нарасад,
Лола аз тусту нами абри баҳорӣ аз туст.

Нақшпардоз туӣ, мо қалами афшонем,
Ҳозиророию оянданигорӣ аз туст.

Гилаҳо доштам аз дил, ба забонам нарасид,
Меҳру бемеҳрию айёриву ёрӣ аз туст.

---

[1] Аморӣ – маҳмил, ҳавдаҷ, каҷова.

* * *

Зимистонро сар омад рӯзгорон,
Навоҳо зинда шуд дар шохсорон.

Гулонро рангу нам бахшад ҳавоҳо,
Ки меояд зи тарфи ҷӯйборон.

Чароғи лола андар дашту саҳро
Шавад равшантар аз боди баҳорон.

Дилам афсурдатар дар суҳбати гул,
Гурезад ин ғизол аз марғзорон.

Даме осуда бо дарду ғами хеш,
Даме нолон чу ҷӯи кӯҳсорон.

Зи бими ин ки завқаш кам нагардад,
Нагӯям ҳоли дил бо роздорон.

* * *

Аз чашми соқӣ масти шаробам,
Бе май харобам, бе май харобам!

Шавқам фузунтар аз беҳиҷобӣ,
Бинам, набинам, дар печу тобам.

Чун риштаи шамъ оташ бигирад,
Аз захмаи ман тори рубобам.

Аз ман бурун нест манзилгаҳи ман,
Ман бенасибам, роҳе наёбам.

То офтобе хезад зи Ховар,
Монанди анҷум карданд хобам.

* * *

Ховар, ки осмон ба каманди хаёли ӯст,
Аз хештан гусаставу бе сӯзи орзӯст.

Дар тирахоки ӯ табу тоби ҳаёт нест,
Ҷавлони мавҷро нигарон аз канори ҷӯст.

Бутхонаву ҳарам ҳама афсурда оташе,
Пири муғон шароби ҳаво хӯрда дар сабӯст.

Фикри Фаранг пеши маҷоз оварад суҷуд,
Бинои кӯру масти тамошои рангу бӯст.

Гардандатар зи чарху рубояндатар зи марг
Аз дасти ӯ ба домани мо чоки бе руфӯст.

Хоке ниҳоду хӯ зи сипеҳри куҳан гирифт,
Айёру бемадору калонкору тӯбатӯст.

Машриқ харобу Мағриб аз он бештар хароб,
Олам тамом мурдаву бе завқи ҷустуҷӯст.

* * *

Ҷонам даровехт бо рӯзгорон,
Ҷӯй аст нолон дар кӯҳсорон.

Пайдо ситезад, пинҳон ситезад,
Нопойдоре бо пойдорон.

Ин кӯҳу саҳро, ин дашту дарё,
Не роздорон, не ғамгусорон.

Бегонаи шавқ, бегонаи завқ
Ин ҷӯйборон, ин обшорон.

Фарёди бе сӯз, фарёди бе сӯз,
Бонги ҳазорон дар шохсорон.

Доғе, ки сӯзад дар синаи ман,
Он доғ кам сӯхт дар лолазорон.

Маҳфил надорад, соқӣ надорад
Талхе, ки созад бо беқаророн!

* * *

Дигар зи содадилиҳои ёр натвон гуфт,
Нишаста бар сари болини ман, зи дармон гуфт.

Забон агарчи далер асту муддао ширин,
Сухан зи ишқ чи гӯям ҷуз ин, ки натвон гуфт.

Хушо касе, ки фурӯ рафт дар замири вуҷуд,
Сухан мисоли гуҳар баркашиду осон гуфт.

Хароби лаззати онам, ки чун шинохт маро,
Итоби зерилабӣ карду хонавайрон гуфт.

Ғамин машав, ки ҷаҳон рози худ бурун надиҳад,
Ки он чи гул натавонист, мурғи нолон гуфт.

Паёми шавқ, ки ман бе ҳиҷоб мегӯям,
Ба лола қатраи шабнам расиду пинҳон гуфт.

Агар сухан ҳама шӯрида гуфтаам, чи аҷаб,
Ки ҳар ки гуфт зи гесӯи ӯ, парешон гуфт!

* * *

Лолаи ин чаман олудаи ранг аст ҳанӯз,
Сипар аз даст маяндоз, ки ҷанг аст ҳанӯз.

Фитнаеро, ки дусад фитна дар оғӯшаш буд,
Духтаре ҳаст, ки дар маҳди Фаранг аст ҳанӯз.

Эй ки осуда нишинӣ лаби соҳил, бархез,
Ки туро кор ба гирдобу наҳанг аст ҳанӯз!

Аз сари теша гузаштан зи хирадмандӣ нест,
Эй басо лаъл, ки андар дили санг аст ҳанӯз.

Бош, то парда кушоям зи мақоми дигаре,
Чи диҳам шаҳри навоҳо, ки ба чанг аст ҳанӯз.

Нақшпардози ҷаҳон чун ба ҷунунам нигарист,
Гуфт: «Вайрона ба савдои ту танг аст ҳанӯз».

* * *

Такя бар ҳуҷҷату эъҷозу баён низ кунанд,
Кори ҳақ гоҳ ба шамшеру синон низ кунанд.

Гоҳ бошад, ки таҳи хирқа зиреҳ мепӯшанд,
Ошиқон бандаи ҳоланду чунон низ кунанд.

Чун ҷаҳон кухна шавад, пок бисӯзанд ӯро
В-аз ҳамон обу гил эҷоди ҷаҳон низ кунанд.

Ҳама сармояи худро ба нигоҳе бидиҳанд,
Ин чи қавмест, ки савдо ба зиён низ кунанд.

Он чи аз мавҷи ҳаво бо пари коҳе карданд,
Аҷабе нест, ки бо кӯҳи гарон низ кунанд.

Ишқ монанди матоъест ба бозори ҳаёт,
Гоҳ арзон бифурӯшанду гарон низ кунанд.

То ту бедор шавӣ, нола кашидам, в-арна
Ишқ корест, ки бе оҳу фиғон низ кунанд.

* * *

Хизри вақт аз хилвати дашти Ҳиҷоз ояд бурун,
Корвон з-ин водии дуру дароз ояд бурун.

Ман ба симои ғуломон фарри султон дидаам,
Шуълаи Маҳмуд аз хоки Аёз ояд бурун.

Умрҳо дар Каъбаву бутхона менолад ҳаёт,
То зи базми ишқ як донои роз ояд бурун.

Тарҳи нав меафганад андар замири коинот,
Нолаҳо, к-аз синаи аҳли ниёз ояд бурун.

Чангро гиред аз дастам, ки кор аз даст рафт,
Нағмаам хун гашту аз рагҳои соз ояд бурун.

* * *

Бо нашъаи дарвешӣ дарсозу дамодам зан!
Чун пухта шавӣ, худро бар салтанати Ҷам зан!

Гуфтанд: ҷаҳони мо оё ба ту месозад?
Гуфтам, ки намесозад, гуфтанд, ки барҳам зан!

Дар майкадаҳо дидам шоиста ҳарифе нест,
Бо Рустами Дастон зан, бо муғбачаҳо кам зан!

Эй лолаи саҳрой, танҳо натавонӣ сӯхт,
Ин доғи ҷигартобат бар синаи Одам зан!

Ту сӯзи даруни ӯ, ту гармии хуни ӯ,
Бовар накунӣ, чоке дар пайкари олам зан!

Ақл аст чароғи ту, дар роҳгузоре нeҳ,
Ишқ аст аёғи ту, бо бандаи маҳрам зан!

Лахти дили пурхуне аз дида фурӯ резем,
Лаъле зи Бадахшонам бардору ба хотам зан!

* * *

Рахт ба Кошмар[1] кушо, кӯҳу талу даман нигар,
Сабза ҷаҳон-ҷаҳон бубин, лола чаман-чаман нигар.

Боди баҳор мавҷ-мавҷ, мурғи баҳор фавҷ-фавҷ,
Сулсулу сор завҷ-завҷ бар сари норван нигар.

То нафитад ба зинаташ чашми сипеҳри фитнабоз,
Баста ба чеҳраи замин бурқаъи настаран нигар.

Лола зи хок бардамид, мавҷ ба оби ҷӯ тапид,
Хок шарар-шарар бубин, об шикан-шикан нигар.

Захма ба тори соз зан, бода ба сотгин бирез,
Қофилаи баҳорро анҷуман-анҷуман нигар.

Духтараке, бараҳмане, лоларухе, саманбаре,
Чашм ба рӯи ӯ кушо, боз ба хештан нигар!

[1] Кашмир

* * *

Дӯш дар майкада тарсобачаи бодафурӯш
Гуфт: «Аз ман сухане дор чу овеза ба гӯш:

Машраби бодагусорони куҳан ин будаст,
Ки ту аз майкада хезӣ ҳама мастӣ, ҳама ҳуш.

Ман нагӯям, ки фурӯ банд лаб аз нуктаи шавқ,
Адаб аз даст мадеҳ, бода ба андоза бинӯш.

Гарди роҳем, вале завқи талаб ҷавҳари мост,
Бандагӣ бо ҳама ҷабрути[1] худоӣ мафурӯш!»

[1] Ҷабрут – озодагӣ, тавоноӣ.

* * *

Рамзи ишқи ту ба арбоби ҳавас натвон гуфт,
Сухан аз тобу таби шуъла ба хас натвон гуфт.

Ту маро завқи баён додиву гуфтӣ, ки бигӯй,
Ҳаст дар синаи ман он чи, ба кас натвон гуфт.

Аз ниҳонхонаи дил хуш ғазале мехезад,
Сари шохе ҳама гӯям, ба қафас натвон гуфт.

Шавқ агар зиндаи ҷовид набошад, аҷаб аст,
Ки ҳадиси ту дар ин як-ду нафас натвон гуфт.

* * *

Хаёли ман ба тамошои осмон будаст,
Ба дӯши Моҳу ба оғӯши Каҳкашон будаст.

Гумон мабар, ки ҳамин хокдон нишемани мост,
Ки ҳар ситора ҷаҳон аст ё ҷаҳон будаст.

Ба чашми мӯри фурӯмоя ошкор ояд
Ҳазор нукта, ки аз чашми мо ниҳон будаст.

Замин ба пушти худ Алванду Бесутун[1] дорад,
Ғубори мост, ки бар дӯши ӯ гарон будаст.

Зи доғи лолаи хунин пиёла мебинам,
Ки ин гусастанафас соҳиби фиғон будаст.

[1] Номи кӯҳҳо.

* * *

Шароби майкадаи ман на ёдгори Ҷам аст,
Фушурдаи ҷигари ман ба шишаи Аҷам аст.

Чу мавҷ метапад одам ба ҷустуҷӯи вуҷуд,
Ҳанӯз то ба камар дар миёнаи адам аст.

Биё, ки мисли Халил ин тилисм даршиканем,
Ки ҷуз ту ҳар чи дар ин дайр дидаам, санам аст.

Агар ба синаи ин коинот дарнаравӣ,
Нигоҳро ба тамошо гузоштан ситам аст.

Ғалатхиромии мо низ лаззате дорад,
Хушам, ки манзили мо дуру роҳ хамбахам аст.

Тағофуле, ки маро рухсати тамошо дод,
Тағофул асту беҳ аз илтифоти дамбадам аст.

Маро агарчи ба бутхона парвариш доданд,
Чакид аз дили ман, он чи дар дили ҳарам аст.

* * *

Сухани тоза задам, кас ба сухан вонарасид,
Ҷилва хун гашту нигоҳе ба тамошо нарасид.

Санг мебошу дар ин коргаҳи шиша гузар,
Вои санге, ки санам гашту ба мино нарасид.

Куҳнаро даршикану боз ба таъмир хиром,
Ҳар ки дар вартаи «ло» монд, ба «илло» нарасид.

Эй хуш он ҷӯи тунукмоя, ки аз завқи худӣ
Дар дили хок фурӯ рафту ба дарё нарасид.

Аз Калиме сабақ омӯз, ки донои Фаранг
Ҷигари баҳр шикофиду ба Сино нарасид.

Ишқ андози тапидан зи дили мо омӯхт,
Шарари мост, ки барҷасту ба парвона расид.

* * *

Дар ин чаман дили мурғон замон-замон дигар аст,
Ба шохи гул дигар асту ба ошён дигар аст.

Ба худ нигар, гилаҳои ҷаҳон чи мегӯӣ,
Агар нигоҳи ту дигар шавад, ҷаҳон дигар аст.

Ба ҳар замона агар чашми ту накӯ нигарад,
Тариқи майкадаву шеваи муғон дигар аст.

Ба мири қофила аз ман дуо расону бигӯй:
«Агарчи роҳ ҳамон аст, корвон дигар аст».

* * *

Фурӯғи хокиён аз нуриён афзун шавад рӯзе,
Замин аз кавкаби тақдири мо гардун шавад рӯзе.

Хаёли мо ки ӯро парвариш доданд тӯфонҳо,
Зи гирдоби сипеҳри нилгун берун шавад рӯзе.

Яке дар маънии одам нигар, аз ман чи мепурсӣ,
Ҳанӯз андар табиат мехалад, мавзун шавад рӯзе.

Чунон мавзун шавад ин пешипоафтодамазмуне,
Ки Яздонро дил аз таъсири ӯ пурхун шавад рӯзе!

* * *

Мо аз Худой гум шудаем, ӯ ба ҷустуҷӯст,
Чун мо ниёзманду гирифтори орзуст.

Гоҳе ба барги лола нависад паёми хеш,
Гоҳе даруни синаи мурғон ба ҳою ҳуст.

Дар наргис орамид, ки бинад ҷамоли мо,
Чандон карашма дон, ки нигоҳаш ба гуфтугӯст.

Оҳи саҳаргаҳӣ кӣ занад дар фироқи мо?
Беруну андарун забару зеру чорсӯст.

Ҳангома баст аз пайи дидори хокие,
Наззораро баҳона тамошои рангу бӯст.

Пинҳон ба зарра-зарраву ноошно ҳанӯз,
Пайдо чу моҳтобу ба оғӯши коху кӯст.

Дар хокдони мо гуҳари зиндагӣ гум аст,
Ин гавҳаре, ки гум шуда, моем ё ки ӯст?!

* * *

Гарчи медонам, ки рӯзе бе ниқоб ояд бурун,
То напиндорӣ, ки ҷон аз печу тоб ояд бурун.

Зарбате бояд, ки ҷони хуфта бархезад зи хок,
Нола кай бе захма аз тори рубоб ояд бурун.

Токи хеш аз гиряҳои нимшаб сероб дор,
К-аз даруни ӯ шуоъи офтоб ояд бурун.

Зарраӣ, бе мояе тарсам, ки нопайдо шавӣ,
Пухтатар кун хешро, то офтоб ояд бурун.

Даргузар аз хоку худро пайкари хокӣ магир,
Чок агар дар сина резӣ, моҳтоб ояд бурун.

Гар ба рӯи ту ҳарими хешро дар бастаанд,
Сар ба санги остон зан, лаъли ноб ояд бурун.

* * *

Зиндагӣ дар садафи хеш гуҳар сохтан аст,
Дар дили шуъла фурӯ рафтану нагдохтан аст.

Ишқ аз ин гунбади дарбаста бурун тохтан аст,
Шишаи моҳ зи тоқи фалак андохтан аст.

Салтанат нақди дилу дин зи каф андохтан аст,
Ба яке дов ҷаҳон бурдану ҷон бохтан аст.

Ҳикмату фалсафаро ҳиммати мардӣ бояд,
Теғи андеша ба рӯи ду ҷаҳон охтан аст.

Мазҳаби зиндадилон хоби парешонӣ нест,
Аз ҳамин хок ҷаҳони дигаре сохтан аст.

* * *

Бинӣ ҷаҳонро, худро набинӣ,
То чанд, нодон, ғофил нишинӣ?

Нури қадимӣ, шабро барафрӯз,
Дасти калимӣ, дар остинӣ.

Берун қадам неҳ аз даври офоқ,
Ту пеш аз инӣ, ту беш аз инӣ!

Аз марг тарсӣ, эй зинда ҷовид,
Марг аст сайде, ту дар каминӣ.

Ҷоне, ки бахшанд, дигар нагиранд,
Одам бимирад аз беяқинӣ.

Суратгариро аз ман биёмӯз,
Шояд, ки худро бозофаринӣ!

* * *

Ту кистӣ, зи куҷои, ки осмони кабуд
Ҳазор чашм ба роҳи ту аз ситора кушуд.

Чи гӯямат, ки чи будӣ, чи кардаӣ, чи шудӣ,
Ки хун кунад ҷигарамро Аёзии Маҳмуд.

Ту он наӣ, ки мусалло зи Каҳкашон мекард,
Шароби сӯфию шоир туро зи хеш рабуд.

Фаранг агарчи зи афкори ту гиреҳ бикшод,
Ба ҷуръаи дигаре нашъаи туро афзуд.

Сухан зи номаву мизон дарозтар гуфтӣ,
Ба ҳайратам, ки набинӣ қиёмати мавҷуд.

Хушо касе, ки ҳарамро даруни сина шинохт,
Даме тапиду гузашт аз мақоми гуфтушунуд.

Аз он ба мактабу майхона эътиборам нест,
Ки саҷдае набарам бар дари ҷабинфарсуд!

* * *

Мисли шарар зарраро тан ба тапидан диҳам,
Тан ба тапидан диҳам, боли паридан диҳам.

Сӯзи навоям нигар, резаи алмосро
Қатраи шабнам кунам, хӯи чакидан диҳам.

Чун зи мақоми намуд нағмаи ширин занам,
Нимшабон субҳро майли дамидан диҳам.

Юсуфи гумгаштаро бозкушудам ниқоб,
То ба тунукмоягон завқи харидан диҳам.

Ишқи шикебозмо хоки зи худ рафтаро
Чашми таре доду ман лаззати дидан диҳам.

* * *

Чун чароғи лола сӯзам дар хиёбони шумо,
Эй ҷавонони Аҷам, ҷони ману ҷони шумо!

Ғӯтаҳо зад дар замири зиндагӣ андешаам,
То ба даст овардаам афкори пинҳони шумо.

Меҳру маҳ дидам, нигоҳам бартар аз Парвин гузашт,
Рехтам тарҳи ҳарам дар кофаристони шумо.

То синонаш тезтар гардад, фурӯ печидамаш,
Шуълае ошуфта буд андар биёбони шумо.

Фикри рангинам кунад назри тиҳидастони Шарқ
Пораи лаъле, ки дорам аз Бадахшони шумо.

Мерасад марде, ки занҷири ғуломон бишканад,
Дидаам аз равзани девори зиндони шумо.

Ҳалқа гирди ман занед, эй пайкарони обу гил,
Оташе дар сина дорам аз ниёгони шумо!

* * *

Туро, нодон, умеди ғамгусориҳо зи Афранг аст,
Дили шоҳин насӯзад баҳри он мурғе,
ки дар чанг аст.

Пушаймон шав, агар лаъле зи мероси падар хоҳӣ,
Куҷо айши бурун овардани лаъле, ки дар санг аст.

Сухан аз буду нобуди ҷаҳон бо ман чи мегӯӣ,
Ман ин донам, ки ман ҳастам, надонам,
ин чи найранг аст?

Дар ин майхона ҳар мино зи бими муҳтасиб ларзад,
Магар як шишаи ошиқ, ки аз вай ларза бар санг аст.

Худиро парда мегӯйӣ, бигӯ, ман бо ту ин гӯям:
«Мазан ин пардаро чоке, ки домони нигаҳ танг аст!»

Куҳаншохе, ки зери сояи ӯ пар баровардӣ,
Чу баргаш рехт, аз вай ошён бардоштан нанг аст.

Ғазал он гӯ, ки фитрат този худро парда гардонад,
Чи ояд з-он ғазалхоне, ки бо фитрат ҳамоҳанг аст?!

* * *

Лолаи ин гулситон доғи таманное надошт,
Наргиси таннози ӯ чашми тамошое надошт,

Хокро мавҷи нафас буду диле пайдо набуд,
Зиндагонӣ корвоне буду колое надошт.

Рӯзгор аз ҳою ҳуи майкашон бегонае
Бода дар минош буду бодапаймое надошт.

Барқи Сино шиквасанҷ аз безабониҳои шавқ,
Хеҷ кас дар водии эман тақозое надошт.

Ишқ аз фарёди мо ҳангомаҳо таъмир кард,
В-арна ин базми хамӯшон ҳеҷ ғавғое надошт.

* * *

Тарсам, ки ту меронӣ заврақ ба сароб-андар!
Зодӣ ба ҳиҷоб андар, мирӣ ба ҳиҷоб-андар!

Чун сурмаи розеро аз дида фурӯ шустам,
Тақдири умам дидам пинҳон ба китоб-андар!

Бар кишту хиёбон печ, бар кӯҳу биёбон печ,
Барқе, ки ба худ печад, мирад ба саҳоб-андар!

Бо мағрибиён будам, пур ҷустаму кам дидам,
Марде, ки мақомоташ н-ояд ба ҳисоб-андар!

Бе дарди ҷаҳонгирӣ он қурб муяссар нест,
Гулшан ба гиребон каш, эй бӯ ба гулоб-андар!

Эй зоҳиди зоҳирбин, гирам, ки худӣ фонист,
Лекин ту намебинӣ тӯфон ба ҳубоб-андар!

Ин савти диловезе аз захмаи мутриб нест,
Маҳҷури ҷинон ҳуре нолад ба рубоб-андар!

## НИШОНИ ТУ КУҶОСТ?

Ин ҷаҳон чист? Санамхонаи пиндори ман аст,
Ҷилваи ӯ гарави дидаи бедори ман аст.

Ҳама офоқ, ки тирам ба нигоҳе ӯро,
Ҳалқае ҳаст, ки аз гардиши паргори ман аст.

Ҳастию нестӣ аз дидану нодидани ман,
Чи замону чи макон шӯхии афкори ман аст.

Аз фусункории дил сайру сукун, ғайбу ҳузур
Ин ки ғаммозу кушояндаи асрори ман аст.

Он ҷаҳоне, ки дар ӯ коштаро медараванд,
Нуру нораш ҳама аз сабҳаву зуннори ман аст.

Сози тақдираму сад нағмаи пинҳон дорам,
Ҳар куҷо захмаи андеша расад, тори ман аст.

Эй ман аз файзи ту поянда, нишони ту куҷост?
Ин ду гетӣ асари мост, ҷаҳони ту куҷост?!

* * *

Аз ситоишгустарӣ болотарам,
Пеши ҳар девон фурӯ н-ояд сарам!

Аз сухан оинасозам кардаанд
В-аз Сикандар бениёзам кардаанд.

Бори эҳсон барнатобад гарданам,
Дар гулистон ғунча гардад доманам.

Сахткӯшам мисли ханҷар дар ҷаҳон,
Оби худ мегирам аз санги гарон!

Гарчи баҳрам, мавҷи ман бетоб нест,
Бар кафи ман косаи гирдоб нест.

Пардаи рангам, шамиме нестам,
Сайди ҳар мавҷи насиме нестам.

Дар шарорободи ҳастӣ ахгарам,
Хилъате бошад маро хокистарам!

## МАН ПОЁН НАДОРАМ!

Ҳавои хонаю манзил надорам,
Сари роҳам, ғарибии ҳар диёрам.

Саҳар мегуфт хокистар саборо,
«Фусурд аз боди ин саҳро шарорам,

Гузар нармак, парешонам магардон,
Зи сӯзи корвоне ёдгорам!»

Зи чашмам ашк чун шабнам фурӯ рехт,
Ки ман ҳам хокаму дар раҳгузорам.

Ба гӯши ман расид аз дил суруде,
Ки «Ҷӯи рӯзгор аз чашмасорам,

Азал тобу таби пешинаи ман,
Абад аз завқу шавқе интизорам.

Маяндеш, аз кафи хоке маяндеш,
Ба ҷони ту, ки ман поён надорам!»

## СУРУДИ РАҚҚОСА

Фурсати кашмакаш мадеҳ ин дили беқарорро,
Як-ду шикан зиёда кун гесуи тобдорро.

Аз ту даруни синаам барқи таҷаллие, ки ман
Бо Маҳу Меҳр додаам талхии интизорро.

Завқу ҳузур дар ҷаҳон расми санамгарӣ ниҳод,
Ишқ фиреб медиҳад ҷони умедворро.

То ба фароғи хотире нағмаи тозае занам,
Боз ба марғзор деҳ тоири марғзорро.

Табъи баланд додаӣ, банд зи пои ман кушой,
То ба палоси ту диҳам хилъати шаҳриёрро.

Теша агар ба санг зад, ин чи мақоми гуфтугӯст,
Ишқ ба дӯш мекашад ин ҳама кӯҳсорро!

## ҚОСИД

Замона қосиди тайёри он дилором аст,
Чи қосиде, ки вуҷудаш тамом пайғом аст.

Гумон мабар, ки насиби ту нест ҷилваи дӯст,
Даруни сина ҳанӯз орзӯи ту хом аст.

Гирифтам ин ки чу шоҳин баландпарвозӣ,
Баҳуш бош, ки сайёди мо куҳандом аст!

Ба авҷи мушти ғуборе куҷо расад Ҷабрил,
Баландномии ӯ аз баландии бом аст!

Ту аз шумори нафас зиндаӣ, намедонӣ,
Ки зиндагӣ ба шикасти тилисми айём аст.

Зи илму дониши Мағриб ҳамин қадар гӯям:
Хуш аст оҳу фиғон, то нигоҳ ноком аст.

Ман аз ҳилолу чалипо дигар наандешам,
Ки фитнаи дигаре дар замири айём аст!

## ИН НАВО ЗИ КУҶОСТ?

Фаришта гарчи бурун аз тилисми афлок аст,
Нигоҳи ӯ ба тамошои ин кафи хок аст.

Гумон мабар, ки ба як шева ишқ мебозанд,
Қабо ба дӯши гулу лола бе ҷунун чок аст.

Ҳадиси шавқи адо метавон ба хилвати дӯст
Ба нолае, ки зи олоиши нафас пок аст.

Тавон гирифт зи чашми ситора мардумро,
Хирад ба дасти ту шоҳини тунду чолок аст.

Дар ин чаман кӣ сурудасту ин наво зи куҷост,
Ки ғунча сар ба гиребону гул арақнок аст?!

## ПАС АЗ МАН

Бурун з-ин гунбади дарбаста пайдо кардаам роҳе,
Ки аз андеша бартар мепарад оҳи саҳаргоҳе.

Ту, эй шоҳин, нишеман дар чаман кардӣ, аз он тарсам
Ҳавои ӯ ба боли ту диҳад парвози кӯтоҳе.

Ғуборе гаштаӣ, осуда натвон зистан ин ҷо,
Ба боди субҳидам дарпечу маншин бар сари роҳе.

Зи ҷӯи Каҳкашон бигзар, зи нилӣ осмон бигзар,
Зи манзил дил бимирад, гарчи бошад манзили моҳе.

Агар з-он барқи бепарво даруни ӯ тиҳӣ гардад,
Ба чашмам кӯҳи Сино менаарзад бо пари коҳе.

Чи сон одоби маҳфилро нигаҳ доранду месӯзанд,
Мапурс аз мо, шаҳидони нигоҳи бар сари роҳе.

Пас аз ман шеъри ман хонанду дарёбанду мегӯянд:
Ҷаҳонеро дигаргун кард як марди худогоҳе!

## ИШҚУ ОДАМ

Ишқ андар ҷустуҷӯ афтоду одам ҳосил аст,
Ҷилваи ӯ ошкор аз пардаи обу гил аст.

Офтобу моҳу анҷум метавон додан зи даст,
Дар баҳои он кафи хоке, ки дорои дил аст.

## ЧУНОН МЕБОИСТ

Боз ин олами дерина ҷавон мебоист,
Барги коҳаш сифати кӯҳи гарон мебоист.

Кафи хоке, ки нигоҳи ҳамабин пайдо кард,
Дар замираш ҷигаролуда фиғон мебоист.

Ин Маҳу Меҳри куҳан роҳ ба ҷое набаранд,
Анҷуми тоза ба таъмири ҷаҳон мебоист.

Ҳар нигоре, ки маро пеши назар меояд,
Хуш нигорест, вале хуштар аз он мебоист.

Гуфт Яздон ки чунин аст, дигар ҳеҷ магӯ,
Гуфт Одам, ки чунин асту чунон мебоист!

# III. ДУБАЙТӢ

## 1. ЛОЛАИ ТУР

Дили ман равшан аз сӯзи дарун аст,
Ҷаҳонбин чашми ман аз ашки хун аст.
Зи рамзи зиндагӣ бегонатар бод,
Касе, к-ӯ ишқро гӯяд ҷунун аст.

Ба боғон боди фарвардин диҳад ишқ,
Ба роғон ғунча чун Парвин диҳад ишқ.
Шуоъи меҳри ӯ қулзумшикоф аст,
Ба моҳӣ дидаи раҳбин диҳад ишқ.

Ба барги лола рангомезии ишқ,
Ба ҷони мо балоангезии ишқ.
Агар ин хокдонро вошикофӣ,
Дарунаш бингарӣ хунрезии ишқ.

Дар ин гулшан парешон мисли бӯям,
Намедонам чи меҳоҳам, чи ҷӯям.
Барояд орзу ё барнаояд,
Шаҳиди сӯзу сози орзуям.

Ҷаҳон мушти гилу дил ҳосили ӯст,
Ҳамин як қатраи хун мушкили ӯст.
Нигоҳи мо дубин афтод, в-арна
Ҷаҳони ҳар касе андар дили ӯст.

Дило, нороии парвона то кай?
Нагирӣ шеваи мардона то кай?
Яке худро ба сӯзи хештан сӯз,
Тавофи оташи бегона то кай?

Тане пайдо кун аз мушти ғуборе,
Тане муҳкамтар аз сангин ҳисоре.
Даруни ӯ дили дардошное,
Чу ҷӯйе дар канори кӯҳсоре.

Чи лаззат, ё Раб, андар ҳасту буд аст,
Дили ҳар зарра дар ҷӯши намуд аст.
Шикофад шохро чун ғунчаи гул,
Табассумрез аз завқи вуҷуд аст.

Ба кӯяш раҳсипорӣ, эй дил, эй дил,
Маро танҳо гузорӣ, эй дил, эй дил.
Дамодам орзуҳо офаринӣ,
Магар коре надорӣ, эй дил, эй дил?

Раҳе дар синаи анҷум кушоӣ,
Вале бо хештан ноошноӣ.
Яке бар худ кушо чун дона чашме,
Ки аз зери замин нахле бароӣ.

Саҳар дар шохсори бӯстоне,
Чи хуш мегуфт мурғи нағмахоне:
«Баровар ҳар чи андар сина дорӣ –
Суруде, нолае, оҳе, фиғоне!»

Зи мурғони чаман ноошноям,
Ба шохи ошён танҳо сароям.
Агар нозукдилӣ, аз ман карон гир,
Ки хунам метаровад аз навоям.

Маёро базм бар соҳил, ки он ҷо
Навои зиндагонӣ нармхез аст.
Ба дарё ғалту бо мавҷаш даровез,
Ҳаёти ҷовидон андар ситез аст.

Агар кардӣ нигаҳ бар пораи санг,
Зи файзи орзуи ту гуҳар шуд.
Ба зар худро масанҷ, эй бандаи зар,
Ки зар аз гӯшаи чашми ту зар шуд.

Ба мурғони чаман ҳамдостонам,
Забони ғунчаҳои безабонам.
Чу мирам, бо сабо хокам биёмез,
Ки ҷуз тавфи гулон коре надонам.

Хаёли ӯ даруни дида хуштар,
Ғамаш афзуда, ҷон коҳида хуштар.
Маро соҳибдиле ин нукта омӯхт:
«Зи манзил ҷодае печида хуштар».

Димоғам кофири зуннордор аст,
Бутонро бандаву парвардгор аст.
Диламро бин, ки нолад аз ғами ишқ,
Туро бо дину оинам чи кор аст?

Зи анҷум то ба анҷум сад ҷаҳон буд,
Хирад ҳар ҷо ки пар зад, осмон буд.
Валекин чун ба худ нигристам ман,
Карони бекарон дар ман ниҳон буд.

Киро ҷӯйӣ, чаро дар печутобӣ?
Ки ӯ пайдост, ту зери ниқобӣ.
Талоши ӯ кунӣ, ҷуз худ набинӣ,
Талоши худ кунӣ, ҷуз ӯ наёбӣ.

Ту, эй кӯдакманиш, худро адаб кун,
Мусалмонзодаӣ, тарки насаб кун.
Ба ранги аҳмару хуну рагу пӯст
Араб нозад агар, тарки араб кун!

Ниҳон дар синаи мо оламе ҳаст,
Ба хоки мо диле, дар дил ғаме ҳаст.
Аз он саҳбо, ки ҷони мо барафрӯхт,
Ҳанӯз андар сабӯи мо наме ҳаст.

Дили ман, эй дили ман, эй дили ман,
Ями ман, киштии ман, соҳили ман,
Чу шабнам бар сари хокам чакидӣ
Ва ё чун ғунча рустӣ аз гили ман.

Касе, к-ӯ дарди пинҳоне надорад,
Тане дорад, вале ҷоне надорад.
Агар ҷоне ҳавас дорӣ, талаб кун
Табу тобе, ки поёне надорад.

Чи пурсӣ: аз куҷоям, чистам ман?
Ба худ печидаам то зистам ман.
Дар ин дарё чу мавҷи беқарорам,
Агар бар худ напечам, нестам ман.

Дил аз манзил тиҳӣ кун, по ба раҳ дор,
Нигаҳро пок мисли меҳру маҳ дор.
Матоъи ақлу дин бо дигарон бахш,
Ғами ишқ, ар ба даст афтад, нигаҳ дор.

Биё, эй ишқ, эй рамзи дили мо,
Биё, эй кишти мо, эй ҳосили мо.
Куҳан гаштанд ин хокиниҳодон,
Дигар Одам бино кун аз гили мо.

На ман бар маркаби хатлӣ саворам,
На аз вобастагони шаҳрёрам.
Маро, эй ҳамнишин, давлат ҳамин бас,
Чу ковам синаро, лаъле барорам.

Дили бебокро зарғом[1] ранг[2] аст,
Дили тарсандаро оҳу паланг аст.
Агар биме надорӣ, баҳр саҳрост,
Агар тарсӣ, ба ҳар мавҷаш наҳанг аст.

Надонам бодаам ё соғарам ман,
Гуҳар дар доманам ё гавҳарам ман.
Чунон бинам, чу бар дил дида бандам,
Ки ҷонам дигар асту дигарам ман.

Чи сон зояд таманно дар дили мо?
Чи сон сӯзад чароғи манзили мо?
Ба чашми мо, ки мебинад, чи бинад?
Чи сон гунҷид дил андар гили мо?

---

[1] Шер.
[2] Гӯсфанд.

Ба манзил раҳрави дил дарнасозад,
Ба обу оташу гил дарнасозад.
Напиндорӣ, ки дар тан орамидаст,
Ки ин дарё ба соҳил дарнасозад.

Миёни обу гил хилват гузидам,
Зи Афлотуну Форобӣ буридам.
Накардам аз касе дарюзаи чашм,
Ҷаҳонро ҷуз ба чашми худ надидам.

Зи оғози худӣ касро хабар нест,
Худӣ дар ҳалқаи шому саҳар нест.
Зи Хизр ин нуктаи нодир шунидам,
Ки баҳр аз мавҷи худ деринатар нест.

Фурӯғи ӯ ба базми боғу роғ аст,
Гул аз саҳбои ӯ равшанаёғ аст.
Шаби кас дар ҷаҳон торик нагзошт,
Ки дар ҳар дил зи доғи ӯ чароғ аст.

Дили ман роздони ҷисму ҷон аст,
Напиндорӣ аҷал бар ман гарон аст.
Чи ғам, гар як ҷаҳон гум шуд зи чашмам,
Ҳанӯз андар замирам сад ҷаҳон аст.

Мизоҷи лолаи худрӯ шиносам,
Ба шох андар гулонро бӯ шиносам.
Аз он дорад маро мурғи чаман дӯст,
Мақоми нағмаҳои ӯ шиносам.

Дили ман беқарори орзуе,
Даруни синаи ман ҳою ҳуе.
Сухан, эй ҳамнишин, аз ман чи хоҳӣ?
Ки ман бо хеш дорам гуфтугӯе.

Ҷаҳонҳо рӯяд аз мушти гили ман,
Биё, сармоя гир аз ҳосили ман.
Ғалат кардӣ раҳи сарманзили дӯст,
Даме гум шав ба саҳрои дили ман.

Ҳазорон сол бо фитрат нишастам,
Ба ӯ пайвастаму аз худ гусастам.
Валекин саргузаштам ин ду ҳарф аст:
Тарошидам, парастидам, шикастам.

Ба паҳнои азал пар мекушудам,
Зи банди обу гил бегона будам.
Ба чашми ту баҳои ман баланд аст,
Ки овардӣ ба бозори вуҷудам.

Дарунам ҷилваи афкор – ин чист?
Buруни ман ҳама асрор – ин чист?
Бифармо, эй ҳакими нуктапардоз,
Бадан осуда, ҷон сайёр – ин чист?

Зи ман, гӯ, сӯфиёни босафоро,
Худоҷӯёни маъниошноро,
Ғуломи ҳиммати он худпарастам,
Ки бо нури худӣ бинад Худоро.

Чу наргис ин чаман нодида магзар,
Чу бӯ дар ғунчаи печида магзар.
Туро Ҳақ дидаи равшантаре дод,
Хирадбедору дилхобида магзар.

Заминро роздони осмон гир,
Маконро шарҳи рамзи ломакон гир.
Парад ҳар зарра сӯи манзили дӯст,
Нишони роҳ аз реги равон гир.

Замири кунфакон ғайр аз ту кас нест,
Нишони бенишон ғайр аз ту кас нест.
Қадам бебоктар неҳ дар раҳи зист,
Ба паҳнои ҷаҳон ғайр аз ту кас нест.

Замин хоки дари майхонаи мо,
Фалак як гардиши паймонаи мо.
Ҳадиси сӯзу сози мо дароз аст,
Ҷаҳон дебочаи афсонаи мо.

Сикандар рафту шамшеру алам рафт,
Хироҷи шаҳру ганҷи кону ям рафт.
Умамро аз шаҳон пояндатар дон,
Намебинӣ, ки Эрон монду Ҷам рафт?

Рабудӣ дил зи чоки синаи ман,
Ба ғорат бурдаӣ ганҷинаи ман.
Матоъи орзуям бо кӣ додӣ?
Чи кардӣ бо ғами деринаи ман?

Наво мастона дар маҳфил задам ман,
Шарори зиндагӣ бар гил задам ман.
Дил аз нури хирад кардам зиёгир,
Хирадро бар аёри дил задам ман.

Зи ҷони беқарор оташ кушодам,
Диле дар синаи Машриқ ниҳодам.
Гили ӯ шуълазор аз нолаи ман,
Чу барқ андар ниҳоди ӯ фитодам.

Маро мисли насим овора карданд,
Диламро мисли гул садпора карданд.
Нигоҳамро, ки пайдо ҳам набинад,
Шаҳиди лаззати наззора карданд.

Хирад карбосро заррина созад,
Камолаш сангро оина созад.
Навои шоири ҷодунигоре
Зи неши зиндагӣ нӯшина созад.

Зи шохи орзу бар хӯрдаам ман,
Ба рози зиндагӣ пай бурдаам ман.
Битарс аз боғбон, эй новакандоз,
Ки пайғоми баҳор овардаам ман.

Магӯ кори ҷаҳон ноустувор аст,
Ҳар они[1] мо абадро пардадор аст.
Бигир имрӯзро муҳкам, ки фардо
Ҳанӯз андар замири рӯзгор аст.

Қабои зиндагонӣ чок то кай?
Чу мӯрон ошён дар хок то кай?
Ба парвоз ову шоҳинӣ биёмӯз,
Талоши дона дар хошок то кай?

---

[1] Дам, лаҳза.

Миёни лолаву гул ошён гир,
Зи мурғи нағмахон дарси фиғон гир.
Агар аз нотавонӣ гаштаӣ пир,
Насибе аз шабоби ин ҷаҳон гир.

Ҷаҳони рангу бӯ фаҳмиданӣ ҳаст,
Дар ин водӣ басе гул чиданӣ ҳаст.
Вале чашм аз даруни худ набандӣ,
Ки дар ҷони ту чизе диданӣ ҳаст.

Ба ҳар дил ишқ ранги тоза бар кард,
Гаҳе бо санг, гаҳ бо шиша сар кард.
Туро аз худ рабуду чашми тар дод,
Маро бо хештан наздиктар кард.

На ҳар кас аз муҳаббат моядор аст,
На бо ҳар кас муҳаббат созгор аст.
Бирӯяд лола бо доғи ҷигартоб,
Дили лаъли Бадахшон бешарор аст.

Саҳар мегуфт булбул боғбонро:
«Дар ин гил ҷуз ниҳоли ғам нагирад,
Ба пирӣ мерасад хори биёбон,
Вале гул, чун ҷавон гардад, бимирад!»

Навои ишқро соз аст одам,
Кушояд розу худ роз аст одам.
Ҷаҳон ӯ офарид, ин хубтар сохт,
Магар бо Эзид анбоз аст одам?

Шунидам, дар адам парвона мегуфт:
«Даме аз зиндагӣ тобу табам бахш,
Парешон кун саҳар хокистарамро,
Валекин сӯзу сози як шабам бахш!»

Зи ман бо шоири рангинбаён гӯй,
Чи суд аз сӯз, агар чун лола сӯзӣ?
На худро мегудозӣ з-оташи хеш,
На шоми дардманде барфурӯзӣ!

Ба пои худ мазан занҷири тақдир,
Таҳи ин гунбази гардон раҳе ҳаст.
Агар бовар надорӣ, хезу дарёб,
Ки чун по во кунӣ, ҷавлонгаҳе ҳаст.

Чи ғам дорӣ, ҳаёти дил зи дам нест,
Ки дил дар ҳалқаи боду адам нест.
Махӯр, эй камназар, андешаи марг,
Агар дам рафт, дил боқист, ғам нест!

Маро аз пардаи соз огаҳӣ нест,
Вале донам, навои зиндагӣ чист.
Сурудам ончунон дар шохсорон,
Гул аз мурғи чаман пурсид: «Ин кист?»

Наво мастона дар маҳфил задам ман,
Шарори зиндагӣ бар гил задам ман,
Дил аз нури хирад кардам зиёгир,
Хирадро бар диёри дил задам ман.

Рамидӣ аз худовандони афранг,
Вале бар гӯру гунбаз сачда пошӣ,
Ба лолой чунон одат гирифтӣ,
Зи санги роҳ мавлое тарошӣ!

Ғуломам, ҷуз ризои ту начӯям,
Ҷуз он роҳе, ки фармудӣ, напӯям,
Валекин гар ба ин нодон бигӯӣ:
«Хареро аспи тозӣ гӯ», нагӯям!

Худо он миллатеро сарварӣ дод,
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.
Ба он миллат сарукоре надорад,
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.

Чи хуш гуфт уштуре бо курраи хеш,
Хунук он кас, ки донад кори худро.
Бигир аз мо, куҳан саҳронавардон,
Ба пушти хеш бурдан бори худро.

Маро завқи сухан хун дар ҷигар кард,
Ғубори роҳро мушти шарар кард.
Ба гуфтори муҳаббат лаб кушудам,
Баён ин роҳро пӯшидатар кард.

## 2. ҲУЗУРИ ҲАҚ

Чи шӯр аст ин ки дар обу гил афтод,
Зи як дил ишқро сад мушкил афтод.
Қарори як нафас бар ман ҳаром аст,
Ба ман раҳме, ки корам бо дил афтод!

Ҷаҳон аз худ буруновардаи кист?
Ҷамолаш ҷилваи бепардаи кист?
Маро гӯйӣ, ки аз шайтон ҳазар кун,
Бигӯ бо ман, ки ӯ парвардаи кист?

Равам роҳе, ки ӯро манзиле нест,
Аз он тухме, ки резам, ҳосиле нест.
Ман аз ғамҳо наметарсам, валекин
Мадеҳ он ғам, ки шоёни диле нест.

Туро ин кашмакаш андар талаб нест,
Туро ин дарду доғу тобу таб нест.
Аз он аз ломакон бигрехтам ман,
Ки он ҷо нолаҳои ними шаб нест.

Нахоҳам ин ҷаҳону он ҷаҳонро,
Маро ин бас, ки донам рамзи ҷонро.
Суҷуде деҳ, ки аз сӯзу сурураш,
Ба ваҷд орам замину осмонро.

Матоъи ман дили дардошноест,
Насиби ман фиғони норасоест,
Ба хоки марқади ман лола хуштар,
Ки ҳам хомӯшу ҳам хунинннавоест.

Дил аз дасти касе бурдан надонад,
Ғам андар сина парвардан надонад.
Дами худро дамидӣ андар он хок,
Ки ғайр аз хӯрдану мурдан надонад.

Надонад Ҷабраил ин ҳою ҳуро,
Ки нашносад мақоми ҷустуҷӯро.
Бипурс аз бандаи бечораи хеш,
Ки донад нешу нӯши орзуро.

Мусалмон фоқамасту жандапӯш аст,
Зи кораш Ҷабраил андар хурӯш аст.
Биё, нақши дигар миллат бирезем,
Ки ин миллат ҷаҳонро бори дӯш аст.

Дигар миллат, ки коре пеш гирад,
Дигар миллат, ки нӯш аз неш гирад.
Нагардад бо яке олам ризоманд,
Ду оламро ба дӯши хеш гирад.

Ҷаҳони туст дар дасти хасе чанд,
Касони ӯ ба банди нокасе чанд.
Ҳунарвар дар миёни коргоҳон
Кушад худро ба айши каргасе чанд.

Яке андоза кун суду зиёнро,
Чу ҷаннат ҷовидонӣ кун ҷаҳонро.
Намебинӣ, ки мо хокиниҳодон
Чу хуш оростем ин хокдонро!

Ту медонӣ, ҳаёти ҷовидон чист,
Намедонӣ, ки марги ногаҳон чист.
Зи авқоти ту як дам кам нагардад,
Агар ман ҷовидон бошам, зиён чист?

Нигоҳе доштам бар ҷавҳари дил,
Тапидам, орамидам дар бари дил.
Рамидам аз ҳавои қаряву шаҳр,
Ба боди дашт во кардам дари дил.

Нами ашк аст дар чашми сиёҳаш,
Дилам сӯзад зи оҳи субҳгоҳаш.
Ҳамон май, к-ӯ замирамро барафрӯхт,
Паёпай резад аз мавҷи нигоҳаш.

Чи хуш саҳро, ки шомаш субҳханд аст,
Шабаш кӯтоҳу рӯзи ӯ баланд аст.
Қадам, эй роҳрав, оҳистатар неҳ,
Чу мо ҳар зарраи ӯ дардманд аст.

Амири корвон – он аъҷамӣ кист,
Суруди ӯ ба оҳанги араб нест?
Занад он нағма, к-аз серобии ӯ
Хунукдил дар биёбоне тавон зист!

Ғами пинҳон, ки бе гуфтан аён аст,
Чу ояд бар забон, як достон аст.
Раҳе пурпечу роҳе хаставу зор,
Чароғаш мурдаву шаб дар миён аст.

Ба роғон лола руст аз навбаҳорон,
Ба саҳро хайма густурданд ёрон.
Маро танҳо нишастан хуштар ояд,
Канори оби ҷӯи кӯҳсорон.

Ҷаҳони чорсӯ андар бари ман,
Ҳавои ломакон андар сари ман.
Чу бигзаштам аз ин боми баландӣ,
Чу гард афтод парвоз аз пари ман.

Намонд он тобу таб дар хуни нобаш,
Нарӯяд лола аз кишти харобаш.
Ниёми ӯ тиҳӣ чун кисаи ӯ,
Ба тоқи хонаи вайрон китобаш.

Дили худро асири рангу бӯ кард,
Тиҳӣ аз завқу шавқу орзу кард,
Сафири шоҳбозон кам шиносад,
Ки гӯшаш бо танини пашша хӯ кард.

Мапурс аз ман, ки аҳволаш чи сон аст,
Заминаш бадгуҳар чун осмон аст.
Бар он мурғе, ки парвардӣ ба анҷир,
Талоши дона дар саҳро гарон аст.

Сабӯи хонақоҳон холӣ аз май,
Кунад мактаб раҳи тайкардаро тай.
Зи базми шоирон афсурда рафтам,
Навоҳо мурда берун афтад аз най.

Нагӯям аз фару фоле, ки бигзашт,
Чи суд аз шарҳи аҳволе, ки бигзашт.
Чароғе доштам дар синаи хеш,
Фусурд андар дусад соле, ки бигзашт.

Ба он розе, ки гуфтам, пай набурданд,
Зи шохи нахли ман хурмо нахӯрданд.
Ман, эй мири умам, дод аз ту хоҳам,
Маро ёрон ғалатхоне шумурданд.

Ту гуфтӣ, аз ҳаёти ҷовидон гӯй,
Ба гӯши мурдае пайғоми ҷон гӯй.
Вале гӯянд ин ноҳақшиносон,
Ки таърихи вафоти ину он гӯй.

Забони мо – ғарибон аз нигоҳест,
Ҳадиси дардмандон ашку оҳест.
Кушодам чашму барбастам лаби хеш,
Сухан андар тариқи мо гуноҳест.

Ба афрангӣ бутон дил бохтам ман,
Зи тоби дайриён бигдохтам ман.
Чунон аз хештан бегона будам,
Чу дидам хешро, нашнохтам ман.

Дили мулло гирифтори ғаме нест,
Нигоҳе ҳаст, дар чашмаш наме нест.
Аз он бигрехтам аз мактаби ӯ,
Ки дар реги Ҳиҷозаш Замзаме нест.

Дили соҳибдилон ӯ бурд ё ман?
Паёми шавқ ӯ овард ё ман?
Ману мулло зи кеши дин ду тирем,
Бифармо, бар ҳадаф ӯ хӯрд ё ман?

Ғарибам дар миёни маҳфили хеш,
Ту худ гӯ, бо кӣ гӯям мушкили хеш.
Аз он тарсам, ки пинҳонам шавад фош,
Ғами худро нагӯям бо дили хеш!

Ҳамон сӯзи ҷунун андар сари ман,
Ҳамон ҳангомаҳо андар бари ман.
Ҳанӯз аз ҷӯши тӯфоне, ки бигзашт,
Наосудаст мавҷи гавҳари ман.

Нагирад лолаву гул рангу бӯям,
Даруни синаам мурд орзуям.
Ғами пинҳон ба ҳарф-андар нагунҷад,
Агар гунҷад, чи гӯям, бо кӣ гӯям?

Дар ин олам биҳишти хурраме ҳаст,
Ба шохи ӯ зи ашки ман наме ҳаст.
Насиби ӯ ҳанӯз он ҳою ҳу нест,
Ки ӯ дар интизори одаме ҳаст.

Дамид он лола аз мушти ғуборам,
Ки хунаш метаровад аз канорам.
Қабулаш кун зи роҳи дилнавозӣ,
Ки ман ғайр аз диле чизе надорам.

Зи баҳри худ ба ҷӯи ман гуҳар деҳ,
Матоъи ман ба кӯҳу дашту дар деҳ.
Дилам накшуд аз он тӯфон, ки додӣ,
Маро шӯре зи тӯфони дигар деҳ!

Ба ҷилват найнавозиҳои ман бин,
Ба хилват худгудозиҳои ман бин.
Гирифтам нуктаи фақр аз ниёгон,
Зи султон бениёзиҳои ман бин.

Саропо дарди дармоннопазирам,
Напиндорӣ, забуну зору пирам.
Ҳанӯзам дар камоне метавон ронд,
Зи кеши миллате афтода тирам.

Биё, соқӣ, бигардон сотгинро,
Бияфшон бар ду гетӣ остинро.
Ҳақиқатро ба ринде фош карданд,
Ки мулло кам шиносад рамзи динро.

Бурун аз сина каш такбири худро,
Ба хоки хеш зан иксири худро.
Худиро гиру муҳкам гиру хуш зӣ,
Мадеҳ дар дасти кас тақдири худро.

Ба туркон баста дарҳоро кушоданд,
Бинои мисриён муҳкам ниҳоданд.
Ту ҳам дасте ба домони худӣ зан,
Ки бе ӯ мулку дин касро надоданд.

Парад дар вусъати гардун ягона,
Нигоҳи ӯ ба шохи ошёна.
Маҳу анҷум гирифтори камандаш,
Ба дасти ӯст тақдири замона.

Гирифтам, ҳазрати мулло турушрӯст,
Нигоҳаш мағзро нашносад аз пӯст.
Агар бо ин мусалмонӣ, ки дорам,
Маро аз Каъба меронад, ҳақи ӯст.

Ба банди сӯфиву мулло асирӣ,
Ҳаёт аз ҳикмати «Қуръон» нагирӣ.
Бо оёташ туро коре ҷуз ин нест,
Ки аз «ёсин»-и ӯ осон бимирӣ.

Зи «Қуръон» пеши худ оина овез,
Дигаргун гаштаӣ, аз хеш бигрез.
Тарозуе бинеҳ кирдори худро,
Қиёматҳои пешинро барангез.

Ба коми худ дигар он куҳнамай рез,
Ки бо ҷомаш наярзад мулки Парвез.
Зи ашъори Ҷалолуддини Румӣ
Ба девори ҳарими дил биёвез.

Бигир аз соғараш он лоларанге,
Ки таъсираш диҳад лаъле ба санге.
Ғизолеро дили шере бубахшад,
Бишӯяд доғ аз пушти паланге.

Насибе бурдам аз тобу таби ӯ,
Шабам монанди рӯз аз кавкаби ӯ.
Ғизоле дар биёбони ҳарам бин,
Ки резад хандаи шер аз лаби ӯ.

Гиреҳ аз кори ин нокора во кард,
Ғубори раҳгузарро кимиё кард.
Найи он найнавозе, покбозе
Маро бо ишқу мастӣ ошно кард.

Чи хуш зад турки маллоҳе суруде,
Рухи ӯ аҳмаре, чашмаш кабуде:
«Ба дарё гар гиреҳ афтад ба корам,
Ба ҷуз тӯфон намехоҳам кушуде».

Ҷаҳонгире ба хоки мо сириштанд,
Имомат дар ҷабини мо навиштанд.
Даруни хеш бингар он ҷаҳонро,
Ки тухмаш дар дили Форуқ киштанд.

Касе, к-ӯ донад асрори яқинро,
Якебин мекунад чашми дубинро.
Биёмезанд чун нури ду қандил,
Маяндеш ифтироқи мулку динро.

Мусалмоне, ки худро имтиҳон кард,
Ғубори роҳи худро осмон кард.
Шарори шавқ агар дорӣ, нигаҳ дор,
Ки бо вай офтобе метавон кард.

Касе, к-ӯ фош дид асрори ҷонро,
Набинад ҷуз ба чашми худ ҷаҳонро.
Навое офарин дар синаи хеш,
Баҳоре метавон кардан хазонро.

Нигаҳ дор он чи дар обу гили туст,
Сурури сӯзу мастӣ ҳосили туст.
Тиҳӣ дидам сабӯи ину онро,
Майи боқӣ ба минои дили туст.

Нахустин лолаи субҳи баҳорам,
Паёпай сӯзам аз доғе, ки дорам.
Ба чашми кам мабин танҳоиямро,
Ки ман сад корвон гул дар канорам.

Парешонам чу гарди раҳгузоре,
Ки бар дӯши ҳаво гирад қароре.
Хушо бахтеву хуррам рӯзгоре,
Ки берун ояд аз ман шаҳсаворе.

Нигоҳаш пур кунад холӣ сабӯҳо,
Давонад май ба токи орзуҳо.
Зи тӯфоне, ки бахшад ройгонӣ,
Ҳарифи баҳр гардад оби ҷӯҳо.

Дил андар сина гӯяд: дилбаре ҳаст,
Матоъе офарин[1], ғоратгаре ҳаст.
Ба гӯшам омад аз гардун дами марг:
«Шукуфа чун фурӯ резад, баре ҳаст».

Хунук мардон, ки сеҳри ӯ шикастанд,
Ба паймони фарангӣ дил набастанд.
Машав навмеду бо худ ошно бош,
Ки мардон пеш аз ин буданду ҳастанд.

Нигоҳи туст шамшери худодод,
Ба захмаш ҷони моро Ҳақ ба мо дод.
Дили комилаёр он покҷон бурд,
Ки теғи хешро об аз ҳаё дод.

Чи аср аст ин, ки дин фарёдии ӯст,
Ҳазорон банд дар озодии ӯст.
Зи рӯи одамият рангу нам бурд,
Ғалат нақше, ки аз беҳзодии ӯст.

[1] Матоъе офарин – матоъе (чизе арзишманд) биофар.

Нигоҳаш нақшбанди кофириҳо,
Камоли санъати ӯ озариҳо.
Ҳазар аз ҳалқаи бозоргонаш,
Қимор аст ин ҳама савдогариҳо.

Ҷавононро бадомӯз аст ин аср,
Шаби Иблисро рӯз аст ин аср.
Ба домонаш мисоли шуъла печем.
Ки бенур асту бесӯз аст ин аср.

Адаб пирояи нодону доност,
Хуш он, к-ӯ аз адаб худро биёрост.
Надорам он мусалмонзодаро дӯст,
Ки дар дониш фузуду дар адаб кост.

Туро навмедӣ аз тифлон раво нест,
Чи парво, гар димоғи шон расо нест.
Бигӯ, эй шайхи мактаб, гар бидонӣ,
Ки дил дар синаи шон ҳаст ё нест.

Нигар худро ба чашми маҳрамона,
Нигоҳи мост моро тозиёна.
Талоши ризқ аз он доданд моро,
Ки бошад пар кушуданро баҳона.

Биё соқӣ, биёр он куҳнамайро,
Ҷавоне фарвадин кун пири дайро.
Навое деҳ, ки аз файзи дами хеш
Чу машъал барфурӯзам чӯби найро.

Яке аз ҳуҷраи хилват бурун ой,
Ба боди субҳгоҳӣ сина бикшой.
Хурӯши ин мақоми рангу бӯро
Ба қадри нолаи мурғе биафзой.

Замона фитнаҳо оварду бигзашт,
Хасонро дар бағал парварду бигзашт.
Дусад Бағдодро чингизии ӯ
Чу гӯри тирабахтон карду бигзашт.

Чу булбул нолаи зоре надорӣ,
Ки дар тан ҷони бедоре надорӣ.
Дар ин гулшан, ки гулчинӣ ҳалол аст,
Ту захме аз сари хоре надорӣ.

Биё бар хеш печидан биёмӯз,
Ба нохун сина ковидан биёмӯз.
Агар хоҳӣ Худоро фош бинӣ,
Худиро фоштар дидан биёмӯз.

Ту ҳам мисли ман аз худ дар ҳиҷобӣ,
Хунук рӯзе, ки худро бозёбӣ.
Маро кофир кунад андешаи ризқ,
Туро кофир кунад илми китобӣ.

Ало, эй куштаи номаҳраме чанд,
Харидӣ аз пайи як дил ғаме чанд.
Зи таъвилоти муллоён накӯтар
Нишастан бо худогоҳе даме чанд.

Вуҷуд аст ин, ки бинӣ, ё намуд аст,
Ҳакими мо чи мушкилҳо кушудаст.
Китобе бар фани ғаввос бинвишт,
Валекин дар дили дарё набудаст.

Ба мо, эй лола, худро вонамудӣ,
Ниқоб аз чеҳраи зебо кушудӣ.
Туро чун бардамидӣ, лола гуфтанд,
Ба шох-андар чи сон будӣ, чи будӣ?

Нагиряд мард аз ранҷу ғаму дард,
Зи даврон кам нишинад бар дилаш гард.
Қиёс ӯро макун аз гиряи хеш,
Ки ҳаст аз сӯзу мастӣ гиряи мард.

Напиндорӣ, ки марди имтиҳон мурд,
Намирад, гарчи зери осмон мурд.
Туро шоён чунин марг аст, варна
Зи ҳар марге, ки хоҳӣ, метавон мурд.

Саҳарҳо дар гиребони шаби ӯст,
Ду гетиро фурӯғ аз кавкаби ӯст.
Нишони марди Ҳақ дигар чи гӯям,
Чу марг ояд, табассум бар лаби ӯст.

На неруи худиро озмудӣ,
На банд аз дасту пои худ кушудӣ.
Хирад занҷир будӣ одамиро,
Агар дар синаи ӯ дил набудӣ.

Муҳаббат чист, таъсири нигоҳест,
Чи ширин захм аз тири нигоҳест.
Ба сайди дил равӣ, таркаш[1] бияндоз,
Ки ин нахчир нахчири нигоҳест.

[1] Таркаш – тирдон.

Маро аз мантиқ ояд бӯи хомӣ,
Далели ӯ далели нотамомӣ.
Ба рӯям баста дарҳоро кушояд
Ду байт аз Пири Румӣ ё зи Ҷомӣ.

Биё аз ман бигир он дерсола,
Ки бахшад рӯҳ бо хоки пиёла.
Агар обаш диҳӣ аз шишаи ман,
Қади одам бирӯяд шохи лола.

Ба дасти ман ҳамон дерина чанг аст,
Дарунаш нолаҳои ранг-ранг аст.
Вале бинвозамаш бо нохуни шер,
Ки ӯро тор аз рагҳои санг аст.

Фақирам, созу сомонам нигоҳест,
Ба чашмам кӯҳи ёрон барги коҳест.
Зи ман гир ин, ки зоғи дахма беҳтар
Аз он бозе, ки дастомӯзи шоҳест.

Дари дилро ба рӯи кас набастам,
На аз хешон, на аз ёрон гусастам.
Нишеман сохтам дар синаи хеш,
Таҳи ин чархи гардон хуш нишастам.

Дар ин гулшан надорам обу ҷоҳе,
Насибам не қабое, не кулоҳе.
Маро гулчин бадомӯзи чаман хонд,
Ки додам чашми наргисро нигоҳе.

Дусад доно дар ин маҳфил сухан гуфт,
Сухан нозуктар аз барги саман гуфт.
Вале бо ман бигӯ он дидавар кист,
Ки хоре диду аҳволи чаман гуфт.

Напиндорӣ, ки мурғи субҳхонам,
Ба ҷуз оҳу фиғон чизе надонам.
Мадеҳ аз даст домонам, ки ёбӣ
Калиди боғро дар ошёнам.

Надонӣ, то набошӣ маҳрами мард,
Ки дилҳо зинда гардад аз дами мард.
Нигаҳ дорад зи оҳу нола худро,
Ки худдор аст чун мардон ғами мард.

Қумоши нуқраву лаълу гуҳар чист?
Ғуломи хушгилу зарринқамар чист?
Чу Яздон аз ду гетӣ бениёзанд,
Дигар сармояи аҳли ҳунар чист?

Туро бо хирқаву аммома коре,
Ман аз худ ёфтам бӯи нигоре.
Ҳамин як чӯби най сармояи ман,
На чӯби минбаре, не чӯби доре.

Чу дидам ҷавҳари оинаи хеш,
Гирифтам хилват андар синаи хеш.
Аз ин донишварони кӯру безавқ
Рамидам бо ғами деринаи хеш.

Маҷӯ, эй лола, аз кас ғамгусорӣ,
Чу ман хоҳ аз даруни хеш ёрӣ.
Ба ҳар боде, ки ояд, сина бикшой,
Нигаҳ дор он куҳандоғе, ки дорӣ.

Мусалмоне, ки донад рамзи динро,
Насояд пеши ғайруллаҳ ҷабинро.
Агар гардун ба коми ӯ нагардад,
Ба коми худ бигардонад заминро.

Ба афрангибутон худро супурдӣ,
Чи номардона дар бутхона мурдӣ.
Хирад бегонаи дил, сина бесӯз,
Ки аз токи ниёгон май нахурдӣ.

Фаранг оини раззоқӣ бидонад,
Ба ин бахшад, аз ӯ воме ситонад.
Ба шайтон он чунон рӯзӣ расонад,
Ки Яздон андар он ҳайрон бимонад.

Чи ҳоҷат тӯл додан достонро,
Ба ҳарфе гӯям асрори ниҳонро.
Ҷаҳони хеш бо савдогарон дод,
Чи донад ломакон қадри маконро.

# IV. ҚИТЪА

## ДУО

Эй, ки аз хумхонаи фитрат ба ҷомам рехтӣ,
З-оташи саҳбои ман бигдоз минои маро.

Ишқро сармоя соз аз гармии фарёди ман,
Шуълаи бебок гардон хоки Синои маро.

Чун бимирам, аз ғубори ман чароғи лола соз,
Тоза кун доғи маро, сӯзон ба саҳрое маро.

## ҲИЛОЛИ ИД

Натвон зи чашми шавқ рамид, эй ҳилоли ид,
Аз сад нигаҳ ба роҳи ту доме ниҳодаанд.

Бар худ назар кушо, зи тиҳидоманӣ маранҷ,
Дар синаи ту моҳи тамоме ниҳодаанд.

## ҲАЁТИ ҶОВИД

Гумон мабар, ки ба поён расид кори муғон,
Ҳазор бодаи нохӯрда дар раги ток аст.

Чаман хуш аст, валекин чу ғунча натвон зист,
Қабои зиндагиаш аз дами сабо чок аст.

Агар зи рамзи ҳаёт огаҳӣ, маҷӯю магир
Диле, ки аз халиши хори орзу пок аст.

Ба худ хазидаву муҳкам чу кӯҳсорон зӣ,
Чу хас мазӣ, ки ҳаво тезу шуъла бебок аст.

## ЗИНДАГӢ

Шабе зор нолид абри баҳор,
Ки ин зиндагӣ гиряи пайҳам аст.

Дурахшид барқи сабуксайру гуфт:
«Хато кардаӣ, хандаи як дам аст».

Надонам, ба гулшан кӣ бурд ин хабар,
Суханҳо миёни гулу шабнам аст.

## БӮИ ГУЛ

Ҳуре ба кунҷи гулшани ҷаннат тапиду гуфт:
«Моро касе зи он суи гардун хабар надод.

Н-ояд ба фаҳми ман саҳару шому рӯзу шаб,
Ақлам рабуд ин, ки бигӯянд мурду зод».

Гардид мавҷи накҳату аз шохи гул дамид,
По инчунин ба олами фардову дӣ ниҳод,

Во кард чашму ғунча шуду ханда зад даме,
Гул гашту барг-барг шуду бар замин фитод.

З-он нозанин, ки банд зи пояш кушодаанд,
Оҳест ёдгор, ки бӯ ном додаанд.

## ЛОЛА

Он шуълаам, ки субҳи азал дар канори ишқ
Пеш аз намуди булбулу парвона метапид.

Афзунтарам зи меҳру ба ҳар зарра тан занам,
Гардун шарори хеш зи тоби ман офарид.

Дар синаи чаман чу нафас кардам ошён,
Як шохи нозук аз таҳи хокам чу нам кашид.

Сӯзам рабуду гуфт яке, дар барам биист,
Лекин дили ситамзадаи ман наёрамид.

Дар тангнои шох басе печу тоб хӯрд,
То ҷавҳарам ба ҷилвагаҳи рангу бӯ расид.

Шабнам ба роҳи ман гуҳари обдор рехт,
Хандид субҳу боди сабо гирди ман вазид.

Булбул зи гул шунид, ки сӯзам рабудаанд,
Нолиду гуфт: «Ҷомаи ҳастӣ гарон харид!»

Во карда сина, миннати хуршед мекашам,
Оё бувад, ки боз барангезад оташам?

* * *

Дӯш мегуфтам ба шамъи манзили вайрони хеш:
«Гесӯи ту аз пари парвона дорад шонае.

Дар ҷаҳон мисли чароғи лолаи саҳро манам,
Не насиби маҳфиле, не қисмати кошонае.

Муддате монанди ту ман ҳам нафас месӯхтам,
Дар тавофи шуълаам боле назад парвонае.

Метапад сад ҷилва дар ҷони амалфарсуди ман,
Барнамехезад аз ин маҳфил дили девонае.

Аз куҷо ин оташи оламфурӯз андӯхтӣ,
Кирмаки бемояро сӯзи Калим омӯхтӣ?»

## КИРМАКИ ШАБТОБ

Шунидам кирмаки шабтоб мегуфт:
«На он мӯрам, ки кас нолад зи нешам.

Тавон бе миннати бегонагон сӯхт,
Напиндорӣ, ки ман парвонакешам.

Агар шаб тиратар аз чашми оҳуст,
Худафрӯзам, чароғи роҳи хешам.»

## ИШҚ

Ақле, ки ҷаҳон сӯзад як ҷилваи бебокаш,
Аз ишқ биёмӯзад оини ҷаҳонтобӣ.

Ишқ аст, ки дар ҷонат ҳар кайфият ангезад,
Аз тобу таби Румӣ то ҳайрати Форобӣ.

Ин ҳарфи нишотовар мегӯяму мерақсам,
Аз ишқ дил осояд, бо ин ҳама бетобӣ.

Ҳар маънии печида дар ҳарф намеғунҷад,
Як лаҳза ба дил даршав, шояд, ки ту дарёбӣ.

## ҒУЛОМӢ

Одам аз бебасарӣ бандагии одам кард,
Гавҳаре дошт, вале назри Қубоду Ҷам кард.
Яъне аз хӯи ғуломӣ зи сагон хортар аст,
Ман надидам, ки саге пеши саге сар хам кард!

## ҲАЁТ

Пурсидам аз баланднигоҳе: «Ҳаёт чист?»
Гуфто: «Майе, ки талхтари ӯ накӯтар аст».

Гуфтам, ки «Кирмак асту зи гил сар бурун занад?»
Гуфто, ки «Шуълазод мисоли самандар аст».

Гуфтам, ки «Шар ба фитрати хомаш ниҳодаанд?»
Гуфто, ки «Хайри ӯ нашиносӣ, ҳамин шар аст».

Гуфтам, ки «Шавқи сайр набурдаш ба манзиле?»
Гуфто, ки «Манзилаш ба ҳамин шавқ музмар аст».

Гуфтам, ки «Хокӣ асту ба хокаш ҳамедиҳанд»,
Гуфто: «Чу дона хок шикофад, гули тар аст!»

## ИШҚ (2)

Он ҳарфи дилфурӯз, ки роз асту роз нест,
Ман фош гӯямат: кӣ шунид, аз куҷо шунид:
Дуздид з-осмону ба гул гуфт шабнамаш,
Булбул зи гул шуниду зи булбул сабо шунид.

## МАЙХОНАИ ФАРАНГ

Ёди айёме, ки будам дар хумистони Фаранг,
Ҷоми ӯ равшантар аз оинаи Искандар аст.

Чашми масти майфурӯшаш бодаро парвардгор,
Бодахоронро нигоҳи соқияш пайғамбар аст.

Ҷилваи ӯ бе Калиму шуълаи ӯ бе Халил,
Ақли нопарво матоъи ишқро ғоратгар аст.

Дар ҳавояш гармии як оҳи бетобона нест,
Ринди ин майхонаро як лағзиши мастона нест!

* * *

Нашъа аз ҳол гирифтему гузаштем зи қол,
Нуктаи фалсафа дурди таҳи ҷом аст ин ҷо.

Эй ки ту поси ғалаткардаи худ медорӣ,
Он чи пеши ту сукун аст, ҳаром аст ин ҷо.

Мо дар ин раҳ нафаси даҳр барандохтаем,
Офтоби саҳари ӯ лаби бом аст ин ҷо.

## АГАР ХОҲӢ ҲАЁТ, АНДАР ХАТАР ЗӢ

Ғизоле бо ғизоле дарди дил гуфт:
«Аз ин пас дар ҳарам гирам куноме,

Ба саҳро сайрбандон дар каминанд
Ба коми оҳувон субҳе на, шоме.

Амон аз фитнаи сайёд хоҳам,
Дил аз андешаҳо озод хоҳам!»

Рафиқаш гуфт: «Эй ёри хирадманд,
Агар хоҳӣ ҳаёт, андар хатар зӣ,

Дамодам хештанро бар фасон зан,
Зи теғи покгавҳар тезтар зӣ!

Хатар тобу тавонро имтиҳон аст,
Иёри мумкиноти ҷисму ҷон аст».

## ҚИСМАТНОМАИ САРМОЯДОР ВА МУЗДУР

Ғавғои корхонаи оҳангарӣ зи ман,
Гулбоғи арғунуни калисо азони ту.

Нахле, ки шаҳ хироҷ бар ӯ мениҳад, зи ман,
Боғи биҳишту сидраву тӯбо[1] азони ту.

Талхобае, ки дарди сар орад, азони ман,
Саҳбои поки Одаму Ҳавво азони ту.

Мурғобию тазарву кабӯтар азони ман,
Зилли ҳумову шаҳпари анқо азони ту.

Ин хоку он чи дар шиками ӯ, азони ман
В-аз хок то ба арши муалло азони ту!

## НАВОИ МУЗДУР

Зи музди бандаи карбоспӯшу меҳнаткаш
Насиби хоҷаи нокардакор рахти ҳарир.

Зи хайфишонии ман лаъли хотами волӣ,
Зи ашки кӯдаки ман гавҳари ситоми амир.

Зи хуни ман чу зулу[2] фарбеҳӣ калисоро,
Ба зӯри бозуи ман дасти салтанат ҳамагир.

Хароба рашки гулистон зи гиряи саҳарам,
Шабоби лолаву гул аз таровати ҷигарам.

---

[1] Дарахтони афсонавие, ки дар биҳишт будаанд.
[2] Золу, зулук, шулук.

* * *

Биё, ки тоза наво метаровад аз раги соз,
Майе, ки шиша гудозад, ба соғар андозем.

Муғону дайри муғонро низоми тоза диҳем,
Бинои майкадаҳои куҳан барандозем!

Зи раҳзанони чаман интиқоми лола кашем,
Ба базми ғунчаву гул тарҳи дигар андозем!

Ба тавфи шамъ чу парвона зистан то кай?
Зи хеш ин ҳама бегона зистан то кай?

* * *

Тавофи марқади Ҳолӣ сазад арбоби маъниро,
Навои ӯ ба ҷонҳо афканад шӯре, ки медонам.

Биё, то фақру шоҳӣ дар ҳузури ӯ ба ҳам созем,
Ту бар хокаш гуҳар афшону ман барги гул афшонам.

* * *

Қавӣ шудем, чи шуд, нотавон шудем, чи шуд?
Чунин шудем, чи шуд, ё чунон шудем, чи шуд?

Ба ҳеҷ гуна дар ин гулситон қароре нест,
Ту гар баҳор шудӣ, мо хазон шудем, чи шуд?!

# V. АШЪОР

## НАВОИ ВАҚТ

Хуршед ба домонам, анҷум ба гиребонам,
Дар ман нигарӣ ҳеҷам, дар худ нигарӣ, ҷонам,
Дар шаҳру биёбонам, дар коху шабистонам,
Ман дардаму дармонам, ман айши фаровонам,
Ман теғи ҷаҳонсӯзам, ман Чашмаи Ҳайвонам.

Чингизию темурӣ – муште зи ғубори ман,
Ҳангомаи афрангӣ – як ҷаста шарори ман.
Инсону ҷаҳони ӯ – аз нақшу нигори ман,
Хуни ҷигари мардон – сомони баҳори ман,
Ман оташи сӯзонам, ман равзаи ризвонам.

Осудаю сайёрам, ин турфа тамошо бин,
Дар бодаи имрӯзам кайфияти фардо бин,
Пинҳон ба замири ман сад олами раъно бин,
Сад кавкаби ғалтон бин, сад гунбади хазро бин,
Ман кисвати инсонам, пероҳани Яздонам.

Тақдири фусуни ман, тадбири фусуни ту,
Ту ошиқи Лайлоӣ, ман дашти ҷунуни ту,
Чун рӯҳи равон покам, аз чанду чигуни ту,
Ту рози даруни ман, ман рози даруни ту,
Аз ҷони ту пайдоям, дар ҷони ту пинҳонам.

Ман раҳраву ту манзил, ман мазраъу ту ҳосил,
Ту сози сад оҳангӣ, ту гармии ин маҳфил,
Овораи обу гил, дарёб мақоми дил,
Гунҷида ба ҷоме бин ин қулзуми беҳосил,
Аз мавҷи баланди ту сар барзада тӯфонам.

## ФАСЛИ БАҲОР

Хез, ки дар кӯҳу дашт хайма зад абри баҳор,
Масти тараннум ҳазор
Тӯтию дурроҷу сор,
Бар тарафи ҷӯйбор,
Кишти гулу лолазор,
Чашми тамошо биёр,
Хез, ки дар кӯҳу дашт хайма зад абри баҳор!

Хез, ки дар боғу роғ қофилаи гул расид,
Боди баҳорон вазид,
Мурғ наво офарид,
Лола гиребон дарид,
Ҳусн гули тоза чид,
Ишқ ғами нав харид,
Хез, ки дар боғу роғ қофилаи гул расид!

Булбулакон дар сафир, сулсулакон дар хурӯш,
Хуни чаман гарми ҷӯш,
Эй, ки нишинӣ хамӯш,

Даршикан оини ҳуш,
Бодаи маънӣ бинӯш,
Нағма саро, гул бипӯш,
Булбулакон дар сафир, сулсулакон дар хурӯш!

Ҳуҷранишинӣ гузор, гӯшаи саҳро гузин,
Бар лаби ҷӯе нишин,
Оби равонро бубин,
Наргиси нозофарин,
Лахти дили фарвадин,
Бӯсазанаш бар ҷабин,
Ҳуҷранишинӣ гузор, гӯшаи саҳро гузин!

Дидаи маънӣ кушо, эй зи аён бехабар,
Нимаи оташ ба бар, лола камар дар камар.
Мечакадаш бар ҷигар
Шабнами ашки саҳар,
Дар шафақ анҷум нигар,
Дидаи маънӣ кушо, эй зи аён бехабар!

Хоки чаман во намуд рози дили коинот,
Буду набуди сифот,
Ҷилвагариҳои зот,
Он чи ту донӣ ҳаёт,
Он чи ту хонӣ мамот,
Ҳеҷ надорад субот,
Хоки чаман во намуд рози дили коинот!

## МУҲОВАРАИ ХУДОВУ ИНСОН

***Худо:***

– Ҷаҳонро зи як обу гил офаридам,
Ту Эрону Тотору Занг офаридӣ.

Ман аз хок пӯлоди ноб офаридам,
Ту шамшеру тиру туфанг офаридӣ.

Тараб офаридӣ ниҳоли чаманро,
Қафас сохтӣ тоири нағмазанро.

***Инсон:***

– Ту шаб офаридӣ, чароғ офаридам,
Сафол офаридӣ, аёғ офаридам.

Биёбону куҳсору роғ офаридӣ,
Хиёбону гулзору боғ офаридам.

Ман онам, ки аз санг оина созам,
Ман онам, ки аз заҳр нӯшина созам!

## МУҲОВАРАИ ИЛМУ ИШҚ

***Илм:***

– Нигоҳам роздори ҳафту чор аст,
Гирифтори камандам рӯзгор аст.

Ҷаҳонбинам ба ин сӯ боз карданд,
Маро бо он суи гардун чи кор аст?

Чакад сад нағма аз созе, ки дорам,
Ба бозор афканам розе, ки дорам.

***Ишқ:***

– Зи афсуни ту дарё шуълазор аст,
Ҳаво оташгузору заҳрдор аст.

Чу бо ман ёр будӣ, нур будӣ,
Буридӣ аз ману нури ту нор аст.

Ба хилватхонаи лоҳут зодӣ,
Валекин дар нахи шайтон фитодӣ.

Биё, ин хокдонро гулситон соз,
Ҷаҳони пирро дигар ҷавон соз.

Биё, як зарра аз дарди дилам гир,
Таҳи гардун биҳишти ҷовидон соз.

Зи рӯзи офариниш ҳамдам астем,
Ҳамон як нағмаро зеру бам астем.

## МУҲОВАРАИ ҲАКИМИ ФАРАНСАВӢ ВА МАРДИ МУЗДУР

**Ҳаким:**

– «Бани одам аъзои якдигаранд»,
Ҳамон нахлро шоху баргу баранд.

Димоғ ар хирадзост, аз фитрат аст,
Агар по заминсост, аз фитрат аст.

Яке корфармо, яке корсоз,
Наояд зи Маҳмуд кори Аёз!

Набинӣ, ки аз қисмати кори зист,
Саропо чаман мешавад хори зист?

**Марди муздур:**

– Фиребӣ ба ҳикмат маро, эй ҳаким,
Ки натвон шикаст ин тилисми қадим!

Миси хомро аз зар андудаӣ?
Маро хӯи таслим фармудаӣ?

Кунад баҳрро оби нойам асир,
Зи хоро барад тешаам ҷӯи шир.

Ҳақи Кӯҳкан додӣ, эй нуктасанҷ,
Ба Парвези пуркору нобурдаранҷ.

Хаторо ба ҳикмат нагардон савоб,
Хазарро нагирӣ ба доми сароб!

Ба дӯши замин бор сармоядор,
Надорад гузашт аз хӯру хобу кор.

Ҷаҳонрост беҳрӯзӣ аз дасти музд,
Надонӣ, ки он ҳеҷкора-ст дузд!

Пайи ҷурми ӯ пузиш овардаӣ,
Ба ин ақлу дониш фусун хӯрдаӣ!

## СУРУДИ АНҶУМ

Ҳастии мо – низоми мо,
Мастии мо – хироми мо,
Гардиши бемақоми мо,
Зиндагии давоми мо,
Даври фалак ба коми мо,
менигарему меравем!

Ҷилвагаҳи шуҳудро,
Буткадаи намудро,
Размди набуду будро,
Кашмакаши вуҷудро,
Олами деру зудро,
менигарему меравем!

Гармии корзорҳо,
Хомии пухтакорҳо,
Тоҷу сариру дорҳо,
Хорили шаҳрёрҳо,
Бозии рӯзгорҳо,
менигарему меравем!

Хоҷа зи сарварӣ гузашт,
Банда зи чокарӣ гузашт,
Зорию қайсарӣ гузашт,
Даври Сикандарӣ гузашт,
Шеваи бутгарӣ гузашт,
менигарему меравем!

Хок хамӯшу дар хурӯш,
Сустниҳоду сахткӯш,
Гоҳ ба базми нозу нӯш,
Гоҳ ҷанозае ба дӯш,
Мири ҷаҳону суфтагӯш,
менигарему меравем!

Ту ба тилисми чуну чанд,
Ақли ту дар кушоду банд,
Мисли ғизола дар каманд,
Зору забуну дардманд,
Мо ба нишемани баланд,
менигарему меравем!

Парда чаро, зуҳур чист,
Асли залому нур чист,
Чашму дилу шуур чист,
Фитрати носабур чист,
Ин ҳама назду дур чист,
менигарему меравем!

Беши ту назди мо каме,
Соли ту пеши мо даме,
Эй ба канори ту яме,
Сохтаӣ ба шабнаме,
Мо ба талоши оламе
менигарему меравем!

## КИРМАКИ ШАБТОБ

Як зарраи бемоя матоъи нафас андӯхт,
Шавқ ин қадараш сӯхт, ки парвонагӣ омӯхт,
Паҳнои шаб афрӯхт.

Вомонда шуое, ки гиреҳ хӯрду шарар шуд,
Аз сӯзи ҳаёт аст, ки кораш ҳама зар шуд,
Дорои назар шуд!

Парвонаи бетоб, ки ҳар сӯ такупӯ кард,
Бар шамъ чунон сӯхт, ки худро ҳама ӯ кард.
Тарки ману ту кард.

Ё ахтараке, моҳи мубине ба камине,
Наздиктар омад ба тамошои замине
Аз чархи барине.

Ё моҳи тунукзав, ки ба як ҷилва тамом аст,
Моҳе, ки бар ӯ миннати хуршед ҳаром аст.
Озодмақом аст!

Эй кирмаки шабтоб, саропои ту нур аст,
Парвози ту як силсилаи ғайбу ҳузур аст,
Оини зуҳур аст.

Дар тирашабон машъали мурғони шаб астӣ,
Он сӯз чи сӯз аст, ки дар тобу таб астӣ?
Гарми талаб астӣ.

Моем, ки монанди ту аз хок дамидем,
Дидем, тапидем, надидем, тапидем,
Ҷое нарасидем!

Гӯям сухани пухтаву парвардаву таҳдор,
Аз манзили гумгашта магӯ, пой ба раҳ дор,
Ин ҷилва нигаҳ дор!

## ТАНҲОӢ

Ба баҳр рафтаму гуфтам ба мавҷи бетобе:
«Ҳамеша дар талаб астӣ, чи мушкиле дорӣ?
Ҳазор лӯълуи[1] лолост дар гиребонат,
Даруни сина чу ман гавҳари диле дорӣ?»
Тапиду аз лаби соҳил рамиду ҳеҷ нагуфт.

Ба кӯҳ рафтаму пурсидам: «Ин чи бедодист,
Расад ба гӯши ту оҳу фиғони ғамзадае?
Агар ба санги ту лаъле зи қатраи хун аст,
Яке даро ба сухан бо мани ситамзадае!»
Ба худ хазиду нафас даркашиду ҳеҷ нагуфт.

Раҳи дароз буридам, зи моҳ пурсидам:
«Сафарнасиб, насиби ту манзилест, ки нест,
Ҷаҳон зи партави симои ту суманзоре,
Фурӯғи доғи ту аз ҷилваи дилест, ки нест.»
Суи ситора рақибона диду ҳеҷ нагуфт.

[1] Лӯълу – марворид, гавҳар.

Шудам ба ҳазрати Яздон, гузаштам аз маҳу меҳр,
Ки: «Дар ҷаҳони ту як зарра ошноям нест.
Ҷаҳон тиҳӣ зи дилу мушти хоки ман ҳама дил,
Чаман хуш аст, вале дархури навоям нест».
Табассуме ба лаби ӯ расиду ҳеҷ нагуфт.

## ШАБНАМ

Гуфтанд, фуруд ой зи авҷи Маҳу Парвез,
Бар худ зану бо баҳри пурошӯб биёмез.
Бо мавҷ даровез,
Нақши дигар ангез,
Тобанда гуҳар хез.

Ман айши ҳамоғӯшии дарё нахаридам,
Он бода, ки аз хеш рабояд, начашидам,
Аз худ нарамидам,
З-офоқ буридам,
Бар лола чакидам.

Гул гуфт, ки ҳангомаи мурғони саҳар чист?
Ин анҷуманороста болои шаҷар чист?
Ин зеру забар чист,
Поёни назар чист,
Хори гули тар чист?!

Ту кистию ман киям, ин суҳбати мо чист?
Бар шохи ман ин тоираки нағмасаро чист?
Мақсуди наво чист,
Матлуби сабо чист,
Ин куҳнасаро чист?!

Гуфтам, ки чаман размн ҳаёти ҳамаҷоист,
Базмест, ки шерозаи ӯ завқи ҷудоист,
Дам гармнавоист,
Ҷон чеҳракушоист,
Ин рози худоист.

Ман аз фалак афтода, ту аз хок дамидӣ,
Аз завқи намуд аст, дамидӣ, ки чакидӣ,
Дар шох тапидӣ,
Сад парда даридӣ,
Бар хеш расидӣ!

Нам дар раги айём зи ашки саҳари мост,
Ин зеру забар чист – фиреби назари мост.
Анҷум ба бари мост,
Лахти ҷигари мост,
Нури басари мост.

Дар пераҳани шоҳиди гул сӯзани хор аст,
Хор аст, валекин зи надимони нигор аст,
Аз ишқ нигор аст,
Дар паҳлуи ёр аст,
Ин ҳам зи баҳор аст.

Бархезу дил аз суҳбати дерина бипардоз,
Бо лолаи хуршеди ҷаҳонтоб назар боз,
Бо аҳли назар соз,
Чун ман ба фалак тоз,
Дорӣ сари парвоз!

## Ё ЧУНОН КУН, Ё ЧУНИН!

Ё мусулмонро мадеҳ фармон, ки ҷон бар каф бинеҳ,
Ё дар ин фарсуда пайкар тоза ҷоне офарин,
Ё чунон кун, ё чунин!

Ё бараҳманро бифармо – нав худованде тарош,
Ё худ андар синаи зуннориён хилват гузин,
Ё чунон кун, ё чунин!

Ё дигар одам, ки аз иблис бошад камтарак,
Ё дигар иблис баҳри имтиҳони ақлу дин,
Ё чунон кун, ё чунин!

Ё ҷаҳони тозае, ё имтиҳони тозае,
Мекунӣ то чанд бо мо, он чи кардӣ пеш аз ин?
Ё чунон кун, ё чунин!

Факр бахшӣ, бо шукӯҳи Хусраву Парвез бахш,
Ё ато фармо хирад бо фитрати Рӯҳуламин,
Ё чунон кун, ё чунин!

Ё бикуш дар синаи ман орзӯи инқилоб,
Ё дигаргун кун ниҳоди ин замону ин замин,
Ё чунон кун, ё чунин!

## ҶӮИ ОБ

Бингар, ки ҷӯи об чи мастона меравад
Монанди Каҳкашон ба гиребони марғзор.
Дар хоби ноз буд ба гаҳвораи саҳоб,
Во кард чашми шавқ ба оғӯши кӯҳсор.
Аз сангреза нағма кушояд хироми ӯ,
Симои ӯ чу оина берангу беғубор.

Зӣ баҳри бекарона чи мастона меравад,
Дар худ ягона, аз ҳама бегона меравад.

Дар роҳи ӯ баҳор парихона офарид,
Наргис дамиду лола дамиду саман дамид.
Гул ишва доду гуфт: «Яке пеши мо биист!»
Хандид ғунчаву сари домони ӯ кашид.
Ноошнои ҷилвафурӯшони сабзпӯш
Саҳро буриду синаи кӯҳу камар дарид.

Зӣ баҳри бекарона чи мастона меравад,
Дар худ ягона, аз ҳама бегона меравад.

Сад ҷӯю дашту марғу куҳистону боғу роғ
Гуфтанд: «Эй басити замин бо ту созгор,
Моро, ки роҳ аз тунукобе набурдаем,
Аз дастбурди реги биёбон нигоҳ дор.
Во карда синаро ба ҳавоҳои Шарқу Ғарб,
Дар бар гирифта ҳамсафарони забуну зор».

Зӣ баҳри бекарона чи мастона меравад,
Дар худ ягона, аз ҳама бегона меравад.

Дарёи пурхурӯш зи банду шикан гузашт,
Аз тангнои водию кӯҳу даман гузашт,
Яксон чу сел карда нишебу фарозро,
Аз кохи шоҳу бораву кишту чаман гузашт,
Бетобу тунду тези ҷигарсӯзу беқарор
Дар ҳар замон ба тоза расид, аз куҳан гузашт;

Зӣ баҳри бекарона чи мастона меравад,
Дар худ ягона, аз ҳама бегона меравад.

## ДИГАР ОМӮЗ...

Монанди сабо хезу вазидан дигар омӯз,
Домони гулу лола кашидан дигар омӯз,
Андар дилаки ғунча хазидан дигар омӯз!

Мӯина ба бар кардиву бе завқ тапидӣ,
Он гуна тапидӣ, ки ба ҷое нарасидӣ,
Дар анҷумани шавқ тапидан дигар омӯз!

Кофир дили овора дигарбора ба ӯ банд,
Бар хеш кушо дидаву аз ғайр фурӯ банд,
Дидан дигар омӯзу надидан дигар омӯз!

Дам чист – паём аст! Шунидӣ, нашунидӣ!
Дар хоки ту як ҷилваи ом аст, надидӣ!
Дидан дигар омӯзу шунидан дигар омӯз!

Мо чашми уқобу дили шаҳбоз надорем,
Чун мурғи саро лаззати парвоз надорем,
Эй мурғи саро, хезу паридан дигар омӯз!

Тахти Ҷаму Доро сари роҳе нафурӯшанд,
Ин кӯҳ гарон аст, ба коҳе нафурӯшанд,
Бо хуни дили хеш харидан дигар омӯз!

Нолидаву тақдир ҳамон аст, ки будаст,
Он ҳалқаи занҷир ҳамон аст, ки будаст,
Навмед машав, нола кашидан дигар омӯз!

Восӯхтаӣ, як шарар аз доғи ҷигар гир,
Якчанд ба худ печу найистон ҳама дар гир,
Чун шуъла ба хошок давидан дигар омӯз!

# VI. БАЙТҲО

* * *

Ғамин машав, ки ба банди ҷаҳон гирифторем,
Тилисмҳо шиканад он диле, ки мо дорем!

* * *

Худогаҳон, ки аз ин хокдон бурун ҷастанд,
Тилисми меҳру сипеҳру ситора бишкастанд!

* * *

Тухми дигар ба каф орему бикорем зи нав,
К-он чи киштем зи хиҷлат, натавон кард дарав!

* * *

Чи бояд мардро – табъи баланде, машраби нобе,
Дили гарме, нигоҳи покбине, ҷони бетобе!

* * *

Эй бародар, ман туро аз зиндагӣ додам нишон:
Хобро марги сабук дон, маргро хоби гарон!

* * *

Соқӣ, биёр бодаву базми шабона соз,
Моро хароби як нигаҳи маҳрамона соз.

* * *

Эй ки гул чидӣ, манол аз неши хор,
Хор ҳам мерӯяд аз боди баҳор!

* * *

Мазан вусма бар ришу абрӯи хеш,
Ҷавонӣ зи дуздидани сол нест!

## БАРОИ ЛАВҲИ МАЗОР

Гумон мадор, ки анҷоми сӯхтан хок аст,
Сиришти ишқ зи омезиши фано пок аст.

Нигар, ки сайди муҳаббат чи сайдгар омад,
Итоби мавт ҳам аз бастагони фитрок аст.

Видои ғунча паёме зи офариниши гул,
Гул аст ғунча, ки ҷайби ҳаёти ӯ хок аст.

Даме навохтаму рахт аз ин чаман бастам,
Ки ошёнаи булбул бурун зи афлок аст…

**Халилуллоҳ ХАЛИЛӢ**

# ОШЁНИ ХОР

# ЗИНДАГӢ ВА ШАХСИЯТИ ШОИР

…Халилуллоҳ Халилӣ дар шавволи 1325-и қамарӣ (1286 шамсӣ) дар Кобул ба дунё омад, дар боғи Ҷаҳоноро, ки аз тафреҳгоҳҳои шоҳони муғул будааст. Падараш марде донишманду бофазл буд ва хонааш – ҷойгоҳи китобу мутолиа ва рафтуомади аҳли илму адаб. Ин муҳит дар ин кӯдаки бозаковат таъсир гузошт ва дар интихоби масире, ки ӯ баъдҳо пай гирифт, беасар набуд.

Он замон авосити давраи аморати Ҳабибуллоҳ буд ва кишвар дар амнияти нисбӣ. Вале барои шоири мо авзоъ бисёр мусоид намонд. Марги модар дар ҳафтсолагии ӯ ва кушта шудани падар дар дувоздаҳсолагияш рӯзгорро барои ӯ тира кард, ба вижа, ки ӯ фарзанди як мақтули сиёсӣ буд ва уқубати падар ба ӯ ҳам сироят мекард. Амлоку дороии онҳо забт шуд ва Халиллулоҳи дувоздаҳсола ҳудуди ду сол дар қалъаи Сидқобод аз амлоки момояш[1] Абдураҳимхон маҳбусвор ба сар бурд. Пас аз он низ аз ҳамаи дороии падарӣ фақат тавонист чанд ҷариб[2] заминро бозпас гираду ваҷҳи маоши хеш созад.

Дар чунин авзое Халилӣ тавонист таҳсилоти хешро ба сурати расмиву муназзам ба поён расонад, вале донишандӯзиро ба сурати пароканда ва назди устодони мухталиф пай гирифт ва ба чунон мадориҷе аз камол расид, ки дар даҳаи сии хуршедӣ дар Донишгоҳи Кобул тадрис мекард. Пас аз ин таҳсилоти пароканда, шоир дар ҷавонӣ

---

[1] Тағо.
[2] Тақрибан даҳ ҳазор метри мураббаъ.

дар мактаби Мирбачакут, дар наздикии Кобул, ба муаллимӣ машғул шуд ва пас аз он низ чанде дар вазорати молия ба ҳайси муҳосиб ба кор гумошта шуд.

Марги падар ва машаққатҳои пас аз он бар Халилии ҷавон таъсирҳои фаровоне гузошт. Радди пойи ин воқеаҳоро дар гароишҳои сиёсии баъдии ӯ метавон суроғ гирифт. Аллома Салоҳиддин Салҷуқӣ баъдҳо мегӯяд: «Рӯзе, ки бо дӯсти азизи худ оқои Халилӣ дар яке аз диёри араб аз шоирони он марзу бум суҳбат доштам, суҳбат аз Раққошӣ[1] ва шеъри он ба миён омад, (ки) ҳине, ки халифа Ҳорун Фазл бинни Яҳё Бармакиро ба дарахт аз ҳалқ овехта буд, хонд. Бо таассуфи зиёд дидам, ки дӯсти арҷмандам Халилӣ хелеҳо мутаассир шуду гуфт: «Падарамро низ инчунин ба дарахт овехтанд».

Бинобар ин, ҳеҷ айб нест агар шоири мо бо Амонуллоҳхон ва атрофиёни ӯ робитаи некӯ надошта бошад ва он гоҳ, ки Ҳабибуллоҳ Калаконӣ ва ҳамроҳонаш арсаро бар шоҳи тараққихоҳ, вале аҷулу[2] бетадбир танг мекунанд, ӯ бо онон ҳамнаво шавад. Албатта, дар ин ҳамнавоӣ вобастагии минтақаиро ҳам бояд дахил донист, чунон ки ғолиби хонаҳои кӯҳистон дар ин қиём аз Ҳабибуллоҳ ҳимоят карданд ва Муҳаммадюсуфхон – кокои[3] Халилӣ дар ҳукумати ҷадид самти сармуншии мақоми садорату салтанатро бар уҳда гирифт. Халилӣ низ дар давраи нуҳмоҳаи Ҳабибуллоҳ Калаконӣ ба мадориҷе аз тараққӣ расид, ӯ муддате муставфӣ ва муддате волии Мазори Шариф буд.

Аммо подшоҳии Ҳабибуллоҳи Калаконӣ дер напоид ва Муҳаммад Нодирхон, сипаҳсолори собиқи Амонуллоҳ, дар зоҳир бо ваъдаи истиқрори дубораи ҳукумати

---

[1] Суханвари араб.

[2] Шитобкор, саросема.

[3] Бародарбузург, ака.

Амонӣ ва дар ботин дар пайи тоҷу тахт пой ба майдони сиёсат ниҳод. Авзои дохиливу хориҷӣ барои ин нийят сахт мусоид буд ва чунин шуд, ки ӯву бародаронаш бо ёрии ғайримустақими Инглистон ҳукумати хонаводагиро пай ниҳоданд, ки ҳудуди ним қарн пойдор монд ва истибдодеро дар кишвар ҳоким кард, ки аз баъди Абдураҳмонхон дида нашуда буд.

Боре[1], бо суқути давлати мустаъҷили[2] «айёри Хуросон» ба дасти Муҳаммад Нодиршоҳ, Халилӣ, ки аз вобастагони он ба шумор мерафт, ба Тошканд паноҳ бурд ва се моҳе дар он ҷо гузаронд, то муофияте[3] аз сӯи шоҳ барояш фароҳам шуд. Баъид нест, ки ин маофият бо подармиёнии Абдураҳимхони ноибсолор, оир ба даст омада бошад, ки дар он вақт ноибулҳукумаи Ҳирот буд. Он чи ин гумонро тақвият мекунад, иқомати чандсолаи шоир дар Ҳирот пас аз бозгашт ба ватан аст. Ин иқомат баракоте дар пай дошт, аз ҷумла таълифи китоби арзишманди «Осори Ҳирот», ки ба ростӣ аз истеъдоди нубуғомези Халилӣ дар таҳқиқу пажӯҳиш хабар медиҳад. Китоб ба хости ноибсолори мавсуф, ба эҳтимоми писари ӯ чоп шуд ва ин соли 1309 хуршедӣ буд.

Халилӣ мадориҷи[4] рушд дар низоми идории мамлакатро батадриҷ ва бо фарозу фуруд мепаймояд ва дар ин тараққӣ ҳам истеъдоду заковати фардии ӯ муассир аст ва ҳам мавқеияти сиёсии момояш Абдураҳимхон, ки ба назар мерасад хоҳарзодаашро дар канафи[5] ҳимояти худ гирифтааст; ӯ акнун падари ҳамсари Халилӣ низ ҳаст.

---

[1] Хулоса, алқисса.
[2] Боаҷала, шитобкор.
[3] Афв, авф, бахшиш, гузашт.
[4] Дараҷаҳо, мартабаҳо, зинаҳо.
[5] Соя, паноҳ.

Дар ин солҳо Муҳаммад Ҳошимхон (бародари шоҳ) садри аъзам аст ва Абдураҳимхон муовини ӯ. Халилӣ низ аз 1311 ба муддати сездаҳ сол дар самти дабири аввали садорат кор мекунад, то дар 1324 ин ду тан ба хайли зиндониёни Муҳаммад Ҳошимхон мепайванданд. Гӯё баъд аз қалъу қамъи[1] мухолифону пур кардани зиндонҳо аз озодихоҳон навбат ба муқаррабин расидааст. Иллати зиндонӣ шудани Абдураҳимхону Халилиро марҳум Ғубор дар китоби «Афғонистон дар масири таърих» қиёми мардуми софӣ ва вобастагии ин ду тан ба ин ашира[2] медонад, вале дар «Донишномаи адаби форсӣ» иллати тавқифро мухолифати Халилӣ бо шоҳзодаи Кунар[3] донистаанд. Дар ҳар ҳол, қазия муҳтоҷи таҳқиқи мазид[4] аст, ба вижа бо иноят ба ин, ки Халилӣ пас аз озодӣ низ то муддате мағзуби ҳукумат аст.

Ҳанӯз соле аз ин таҳқиқ нагузаштааст, ки Муҳаммад Ҳошимхон ба канор меравад ва Шоҳмаҳмудхон садри аъзам мешавад, ки табиате нармтар аз бародари мустабидаш дорад ва ё ба иқтизои замона чунин вонамуд мекунад. Бинобар ин, Халилӣ ва бисёре дигар аз зиндониёне, ки ғолибан бе ҷурму бе муҳокима дар ҳабс буданд, аз зиндон бадар меоянд. Вале гӯё сояи уқубат аз сари инон ба канор нарафтааст, чунон ки шоири шаккаршиканро, ба қавли худаш, «тоҷири шаккарфурӯш месозанд», яъне дар муассисаи қандсозии Қандаҳор ба кор мегуморанд. Ин маъмурияти табъидгуна барои шоир ранҷовар аст, бавижа, ки боре яке аз тоҷирони мутамаввили Қандаҳор ӯро таҳдид мекунад ва, албатта, шоир низ ба ӯ посухе мардона

---

[1] Несту нобуд кардан, решакан намудан.
[2] Хешутабор, қавм.
[3] Музофоте дар Афғонистон.
[4] Зиёдтар, бештар.

медиҳад. Билохира, дар сафари Шоҳмаҳмудхон ба Қандаҳор Халилӣ ба ӯ илтиҷо мебарад ва инояташро металабад:

*Ба ҳарфи мухбири козиб зи пойтахти Ватан*
*Замона кард маро гарчи муддате матруд,*
*Фарохнои ҷаҳон ҷумла пойтахти Худост*
*Зи хокдони замин то фарози чархи кабуд.*
*Хушам, ки пеши замири мубораках чун рӯз*
*Ҳадиси иффати ман як ба як бувад машҳуд.*
*Худой донаду ман донаму ҷаҳон донад:*
*Дар ин қазия надорам дигар далелу шуҳуд...*

Ба пешниҳоди Шоҳмаҳмудхон ва ба поймардии доктор Наҷибуллоҳхон – вазири маорифи он вақт ва Сардор Муҳаммадюнусхон – ноибулҳукумаи собиқи Қандаҳор Халилӣ вопас ба Кобул бармегардад. Дар ибтидо муовинияти раёсати Донишгоҳи Кобул ва сипас дар 1332 ш. сардабири Маҷлиси олии вузаро ба ӯ супурда мешавад.

Аз ин пас дигар роҳи тараққии идорӣ барои шоир ҳамвор мешавад. Ӯ муддате ба раёсати мустақили матбуот гумошта мешавад ва аз соли 1332 дар самти мушовири матбуотии Муҳаммад Зоиршоҳ кор мекунад ва, албатта, ба рутбаи вазир.

Ӯ, ҳамчунин, бо ин мавқеияти баланди расмӣ тавфиқи сафар ба кишварҳои дигарро низ меёбад ва чун ҳамвора дар кисвати як мақоми олишаън сафар мекунад, аз самароти вижаи ин сафарҳо низ бархурдор мешавад, яъне, маҷолисат бо удабои расмӣ ва ширкат дар маҳофили бузурги адабӣ. Ӯ бо табъи ҷӯшону бадеҳасаро ва қудрати баёну дониши адабии хеш дар ин солҳо як намояндаи бисёр хуб аз адабиёту фарҳанги Афғонистон барои кишварҳои ҳамсоя аст ва то ҳудуди

зиёде метавонад муаррифи пешинаи пурбори адабии ин сомон бошад. Шеърҳои бисёре, ки шоирони форсизабон ва ғайрифорсизабони кишварҳои минтақа дар бораи ӯ сурудаанд ва тақризҳои ситоишомезе, ки удабои номдори аср бар девонаш нигоштаанд, ҳокӣ аз таъсири амиқи ӯ бар маҷомеи расмиву адабии хориҷ аз Афғонистон аст. Пас, бесабаб нест, агар то кунун низ бисёре аз аҳли адаби Эрон ва дигар кишварҳо Халилиро шоири миллӣ ва маликушшуарои Афғонистон медонанд.

Халилӣ дар ин солҳо дар эҳёи пайвандҳои фарҳангӣ миёни кишварҳои ҳамсоя бисёр мекӯшад ва ғолибан дар шеърҳову хутбаҳои расмии хеш аз ин муштаракот ёд мекунад.

*...Зи оғози таърих Эрону Афғон*
*Сари хони дониш чу ихвон нишаста,*

*Зи боғе ду сарви равон қад кашида,*
*Ба шохе ду мурғи хушилҳон нишаста...*

* * *

*...То дили муъмин ҳарими кибриёст,*
*Балхро бо Қуния пайвандҳост,*

*Ин ду гулшан хӯрда аз як чашма об*
*Ҳар ду хуррам гашта аз як офтоб.*

*Турку афғон роздорони ҳаманд,*
*Бостонӣ ғамгусорони ҳаманд.*

* * *

*Эй чароғи Лоҳур аз ту нурдор*[1]*,*
*Нолаи рози маро ҳам гӯш дор.*

---

[1] Ба тақозои савтиёту қофияи солим бояд «нурбор» бошад – Н.Қ.

*Аз Саноӣ ман салом овардаам*
*В-аз падар пешат паём овардаам.*

*Аз нигоҳат ҳоли мо мастур нест,*
*Кобул аз Лоҳур чандон дур нест.*

* * *

*Ҷилвагоҳи наҳзати Саййид Ҷамолиддин бувад*
*Аз дили куҳсори Хайбар то дили дарёи Нил,*

*Қиблатулэълом Азҳар, қиблатулислом Балх,*
*Ҳар ду сӯи як ҳадаф буданд дар таййи сибил.*

Ин давра аз пурсамартарин солҳои зиндагии Халилӣ аст. Ӯ аз масъулиятҳои идории сангин осуда аст ва зимни дастрасӣ ба китобхонаи ғании салтанатӣ бо як шуғли нисбатан камдардисар ва ташрифотӣ метавонад худашро вақфи шеъру пажӯҳишҳои адабиву таърихӣ кунад. Тадрис дар донишгоҳи Кобул ва таълифи китобҳои бисёре, ҳамчун «Файзи қудс», «Аз Балх то Қуния», «Оромгоҳи Бобур», «Юмгон – Навраҳон» ва китоби «Қироъати форсӣ» барои синфҳои 11 ва 12-и мадорис аз самароти зиндагии Халилӣ дар ин солҳост. Вале, инкор набояд кард, ки даромадани шоир ба кисвати як мақоми олирутбаи давлатӣ робитаашро бо анҷуманҳои адабӣ ва шоирони ҷавони он рӯзгор, ки қатъан ба донишу таҷрибааш ниёз доштанд, кам кард. Сафарҳои дарозмуддати Халилӣ ба хориҷ аз кишвар ба вижа дар солҳои баъд низ ба ин фосила афзуд. Чунин буд, ки шоири мо худ рушд кард, вале маҷоли шоирпарварӣ наёфт ва имрӯз низ шоирони бисёреро наметавон ёфт, ки ба шогирдии ӯ муфтахар бошанд.

Чунин буд, ки Халилӣ бо ҳукумати ҷадид аз дари созгорӣ даромад, дар он ба мурури замон маносибе боло ёфт ва то авохири даҳаи панҷоҳи хуршедӣ дар сояи

қудрати ҳоким боқӣ монд. Ин ҳамроҳӣ бо низоми худкомаи салтанатӣ интиқодҳоеро аз сӯи рӯшанфикрон ва, бавижа, мубориզони даҳаҳои панҷоҳу шаст мутаваҷҷеҳи ӯ кард, ки ғолибан баҷо менамояд. Чун ин баҳс ҳамвора дар мавриди Халилӣ вуҷуд дошта ва гоҳ бо таҳоҷумҳои ифротӣ ё тавҷеҳҳое муҳофизакорона ҳамроҳ будааст, қадре бештар дар он диранг кунем ва авомили ихтиёри чунин сулуке аз сӯи шоирро дарёбем.

Мусалламан, ҳаводиси даврони кӯдакии шоир, бавижа кушта шудани падар ва ҳабсу оворагии худи ӯ, дар интихоби ин сулуки сиёсӣ беасар набудааст. Ӯ аз Амонуллоҳхон чандон хотираи некӯе надошт. Пас, бесабаб нест, агар пас аз он низ ба ӯву атрофиёнаш, ки ғолибан муоризини[1] ҳукумат дар ин давра ҳастанд, иноятe надорад ва ба сояи мухолифони бақудратрасидаи он низом паноҳ мебарад. Ба ин омил бояд табиати муҳофизакории шоирро низ афзуд. Дар маҷмӯъ, Халилӣ табъи «дил ба даст овар» дорад, на «дил шикан» ва ин табиат дар авоили умри ӯ бештар дида мешавад. Чунин касоне бо аҳли қудрат роҳаттар канор меоянд.

Дар канори ин авомил мавқеияти иҷтимоии Халилиро ҳам набояд аз ёд бурд. Ӯ фарде буд аз як хонаводаи аъёне, ки ҳам дар вилояти хеш соҳиби шаъну шавкат буданд ва ҳам дар дарбори ҳукумат дорои маносиби боло. Ӯ ҳарчанд сояи падарро аз даст дод, ин эътибори меросӣ ва, бахусус, ҳимояти Абдураҳимхонро то солҳо бо худ дошт. Ҳарчанд дар ҷавонӣ гоҳе оворагиҳову маҳрумиятҳоеро мутаҳаммил шуд, ба ҳар ҳол, тарбияте иноятӣ дошт ва дӯстону наздикони ӯ низ ғолибан аз риҷоли давлату хонаводаҳои ашрофӣ буданд, ҳамчун Сарвар Гӯёи Эътимодӣ аз хонадони Абдулқуддусхон, Эътимодулдавла ва Абдураҳмонхони Пажвок, Муҳаммад Усмони амир ва Шамсиддини Маҷрӯҳ, ки ғолибан

[1] Муқобил, мухолиф.

вазиру вакил буданд ва соҳиби мансиби баланд. Ин авомил дар маҷмӯъ Халилиро фарде аъёнманиш бор овард ва бархурдор аз осоиши моддиву тафарруҷ ва сафарҳои дохиливу хориҷӣ.

Вале, бо ин ҳама авомили беруниву дарунӣ дар шаклгирии ин шахсияти бомамошоту[1] муҳофизакор, ҳеҷ наметавон инкор кард, ки Халилӣ дар ин мақтаъ аз зиндагии хеш муаййиду[2] ва мувофиқи ин ҳукумати хонаводагии истибдодомез будааст. Агар ӯ дар асри Восили Кобулӣ мезист, шояд саҳлтар метавонистем ин хислаташро тавҷеҳ кунем, чун дар он замон мафоҳиме чун озодӣ ва адолату қонун дар миёни ҷомеа мафқуд буд ва бар шоирон низ ҳараҷе[3] набуд, агар аз ин ҳарфҳо барканор бошанду ҳамчунон шоҳонро сояи Худованд бипиндоранд. Вале Халилӣ дар рӯзгоре мезист, ки насле аз удабову рӯшанфикрон дар ифшои моҳияти истибдодии режим кӯшида буданд ва чӣ бисёр сарҳо дар пои ин ҷараён ниҳода шуда буд. Бисёр рӯшанфикрон дар ҷараёни машрутахоҳии аввал дар асри амир Ҳабибуллоҳ ба банд афтоданд ва ё ба тӯп парронда шуданд. Боқии онон низ, пас аз як давраи озодии нисбӣ дар асри Амонӣ, ба доми истибдоди Муҳаммад Нодиршоҳ ва бародаронаш афтоданд.

Абдураҳмонхони Лудин дар боғи арк тирборон шуд; Ғуломмуҳиддини Анис дар зиндон даргузашт ва ё кушта шуд; Муҳаммадиброҳими Бисмил, Муҳаммадан-вари Сафо, Сарвари Ҷӯё, Мирғуломмуҳаммади Ғубор, Саъдуддини Баҳо, Ғуломҳайдари Найсон, Муҳаммад-иброҳими Халил, Муҳаммадносири Ғарғишт, Муҳаммадсолеҳи Пирунто, Сафаралӣ Амнӣ, Абдураҳмон Маҳмудӣ, Мирмуҳаммадсиддиқи Фарҳанг, Бароталии

---

[1] Эҳтиёткор.

[2] Дастгирикунунда, ҷонибдор.

[3] Тангӣ, сахтӣ, гирифторӣ.

Тоҷ, Файзмуҳаммади Ангор, Саййидисмоили Балхӣ ва бисёр дигар касон аз ҷамоати рӯшанфикру озодихоҳ муддатҳои дароз ё кӯтоҳ, ғолибан бидуни муҳокимаву таҳқиқ, дар зиндонҳои махуфи режим гузаронданд. Бар асари ин машаққот баъзе, ҳамчун Сарвари Ҷӯё ва Мирасғари Шуҷоъ дар зиндон даргузаштанд ва баъзеи дигар, ҳамчун Абдураҳмон Маҳмудӣ ва Бароталии Тоҷ, файсалаи пас аз озодӣ дунёро видоъ гуфтанд, ки дигар буняи[1] зистан барояшон намонда буд.

Ҳамин феҳрист батанҳоӣ метавонист барои Халилии шоир ҳуҷҷате рӯшан дар худкомагиву ситамкории бародарони сегона (Муҳаммад Нодиршоҳ, Муҳаммад Ҳошимхон ва Шоҳмуҳаммадхон) бошад. Бинобар ин, ҳеҷ беинсофӣ нест, агар марҳум устод Халилиро дар ҳимояти қаламӣ аз ҳукумат ва ё лоақал таъйиди ин рафтори худкома бинакӯҳем.

Ин сулуки[2] сиёсии устод Халилӣ то авохири даҳаи панҷоҳ идома ёфт. Дар авоили даҳаи демукросӣ (1342-1352 ш.) ӯ бо ҷамъе аз ёронаш ба таъсиси ҳизбе даст зад бо унвони «Ҷабҳаи миллӣ» (ё ба ривояте «Ваҳдати миллӣ»), ки ҷаридае бо номи «Ваҳдат» низ мунташир мекард ва ин ҳизб, ки мароме муҳофизакоронаи тавъам бо гароиши исломӣ дошт, то ҳангоми хурӯҷи устод аз кишвар фаъол буд. Узвият дар комиссияи қонуни асосӣ ва ваколати Шӯрои миллӣ аз ҳавзаи Ҷабалулсироҷ аз дигар фаъолиятҳои Халилӣ дар ин солҳо буд. Албатта, ин ҳама дар канори мақоми аслии ӯ буд, яъне мушовирати матбуотии шоҳ. Ба ҳар ҳол, дар давраи садорати доктор Муҳаммадюсуф ва Муҳаммадҳошими Майвандвол Халилӣ аз мухолифони онҳо ба шумор меомад ва ин нукта ҳам дархури тааммул аст.

Дар 1344, пас аз истеъфои доктор Муҳаммадюсуф,

---

[1] Бунёд, асос.

[2] Роҳ, равиш.

Муҳаммадҳошими Майвандвол ба садорат мансуб шуд. Ӯ Халилиро ба сафорат дар Ҷидда фиристод ва бад-ин васила аз марказ дураш кард. Шоир пас аз он ҳудуди як даҳаро сафир буд. Бахше дар Ҷидда ва бахше дар Бағдод. Дар айни ҳол, ба сурати ғайримуқим сафорати Афғонистонро дар Сурия, Баҳрайн, Кувейт, Урдун, Қатар ва Абузабӣ бар уҳда дошт.

Даврони сафорат аз пурбортарин солҳои шоирии Халилист, ҳам ба воситаи дурӣ аз машғалаҳои шадиди сиёсӣ ва ҳам ба воситаи пухтагии табъу осоиш ва рифоҳе, ки барои сафири донишманд дар як кишвари арабӣ муяссар буд. Ӯ беҳтарин шеърҳояшро дар ҳамин замон месароид, таълифоте, бавижа дар забони арабӣ, дорад ва бо шоирони муосири араб низ ошноӣ ба ҳам мерасонад.

Равобити ӯ бо дарбор низ дар ин солҳо он шакли ситоишолуди пешинро надорад. Дигар камтар шеъре дар васфи шоҳ ва дигар давлатмардони вақт аз ӯ мебинем ва ҳатто ба осоре бармехурем, ки аз муораза[1] бо баъзе риҷоли ҳукуматӣ ҳикоят мекунад, ҳамчун ғазале, ки дар соли 1344 дар Ҷидда суруда шудааст:

*Деве, ки дорад тан чу қир, шодон канори обгир*
*В-он мавҷҳои ҳамчу шир ҳар рӯз бо вай дар сухан.*

*Нокарда коре як нафас, сад кор аз рӯ мултамас,*
*Хоҳад ба Кайвон дастрас, худ то гулӯ андар лаҷан.*

*Бошад ҳаюлои ғариб ошуфта болову нишеб,*
*Ё вайлано шайъи*[2] *аҷиб ин анкабӯти нешзан.*

*Ин хоҷа то бандад камар, гардад Ватан зеру забар,*
*То боғбон гирад хабар, не боғ бошад, не чаман.*

---

[1] Муқобилат, баҳс, мунозира.
[2] Чизи боиси вовайло, чизе сабаби додхоҳӣ.

*Мағрур гашта аз насаб, афканда тӯмори ҳасаб,*
*Ғофил кӣ бошад Булаҳаб бо насли Аҳмад муқтаран.*

*Шуд умри вай вақфи диранг, андар тараддуд монда данг,*
*Не сулҳ мехоҳад, на ҷанг, на нав биёрад, на куҳан,*

*Як гом пас, як гом пеш, монда фурӯ дар кори хеш,*
*Яксон диҳад бар гургу меш хоми сиёсатро задан.*

Баростӣ, рӯшан нест, ки ин фард кист ва шояд ҳам шоир сухане куллӣ, бидуни мисдоқе[1] хос, мегӯяд, вале сароиши он дар нахустин соли сафорати табъидгуна ба Ҷидда наметавонад моро ба ин назар бисёр хушбин созад, бавижа, ки дар ғолиби шеърҳои Халилӣ дар он замону макон навъе эътироз дида мешавад.

Ҳамон тавр, мадорике, ки мо дар даст дорем, аз равобити ҳасанаи Халилӣ бо Сардор Муҳаммад Довуд хабар намедиҳад. Дар девони ӯ низ ҳеҷ шеъре нест, ки битвон онро ситоиши сареҳи сардор донист, чӣ дар давра садорат ва чӣ дар давраи раёсатҷумҳурии шоҳонаи Муҳаммад Довуд. Халилӣ дар тӯли даврони ҷумҳурӣ (1352-1357 ш.) дар сафорат буд, яъне, самте, ки на маҳрумият аз қудрат аст ва на мушорикат дар он, балки ҳолате таълиқгуна ва ҳатто гоҳ таъбидвор дорад.

Кудатои кумунистон дар саври 1357 ва барпоии диктотурии хашини ҳизби Халқу Парчам як дигаргунии ҷиддӣ дар низоми идории кишварро дар пай дошт, ки дар он ҳатто баъзе вазирон ва садриаъзамони гузашта ба ҷухаи[2] эъдом супурда шуданд. Боре дигар рӯшанфикрони Афғонистон дар баробари режим истоданд ва ин дафъа Халилӣ низ бо онҳо буд. Мусалламан, ҳам шоир ба марҳилае аз пухтагии шахсият расида буд, ки ҳамроҳӣ бо чунин режиме ва ситоиши руасои он баро-

[1] Далел, исбот.
[2] Гурӯҳ, даста.

яш нанговар бошад ва ҳам кумунистони тозабақудратрасида чунон расвову бадном буданд, ки камтар касе аз ходимони мамлакат ва дӯстдорони Ватан метавонист бо онон ҳамроҳ бошад.

Халилӣ бо сабукдӯш шудан аз сафорат муддате дар кишварҳои мухталиф умр ба сар бурд. Бо шаклгирии ҳастаҳои[1] муқовимат дар дохилу хориҷи кишвар ӯ низ бар он шуд, ки бо ин ҷиҳоди ҳамаҷониба беш аз пеш ҳамкор шавад ва чунин буд, ки Покистон омад ва ба ҳимояти қаламӣ аз муҷоҳидон пардохт. Пайвастани ӯ ба унвони саршиностарин ҷеҳраи адабӣ ба суфуфи муҷоҳидин ҳам ба ваҷҳаву[2] эътибори онон афзуд ва ҳам ба хушномии шоир. Ҳузури Халилӣ дар Покистон интишори осори бисёре аз ӯро ғолибан тавассути аҳзоби ҷиҳодӣ дар пай дошт.

Аммо чаро устод Покистонро баргузид ва роҳи иқомат дар Эрон наафканд, ки рӯзгоре он ҳама шуҳрату маҳбубият дар он дошт? Ҳузури ӯ дар Эрон бо он ҳама савобиқи муштараки адабӣ ва заминаҳои иштишору истиқболи осораш дар миёни ҳамзабонон, мусалламан, метавонист ба суди адабиёти муқовимати Афғонистон бошад, ки харидорони суханаш бисёр буданд ва ӯ метавонист ташаккулҳое аз шоирони муҳоҷирро дар ин ҷо сомон диҳад. Ӯ дар қасидае аз ғурбати адабӣ дар Покистон шикоят дорад:

*Дар ин ҳадиқа[3] яке нест, то намояд фарқ*
*Навои булбулу қумрӣ зи шӯри зоғу зоған.*

*На он ҳариф, ки гӯяд ба назми ман баҳ-баҳ,*
*На он рафиқ, ки хонад ба насри ман аҳсан.*

---

[1] Доираҳо, гурӯҳҳо.
[2] Обрӯ, мартаба.
[3] Боғ.

*На чун ту шоири борикбин, ки бишносад*
*Мафоилан фаъалот аз мафоилан фаълан.*

Ва ин дар ҳолест, ки удабои Эрон ӯро маликушшуарои Афғонистон медонистанд ва чӣ «аҳсан»-ҳову «баҳбаҳ»-ҳо, ки пеш аз ин нисораш карда буданд.

Ба назар мерасад, ин интихоб ҳам амре ногузир ва маълули авомиле айнӣ будааст. Халилӣ аз ҳангоми таъсиси Ҷабҳаи миллӣ бо баъзе роҳбарони Наҳзати исломии Афғонистон, ки инак ба Покистон паноҳ бурда буданд, собиқаи ошноиву ҳамкорӣ дошт ва ҳамин метавонад далели муҳим барои гароиши ӯ ба он хитта бошад. Аз он гузашта, муштаракоти қавмиву мазҳабии шоир бо муҳоҷирони муқими Покистон басе беш аз муҳоҷирони сокини Эрон буд ва медонем, ки дар солҳои аввали ҷиҳод инҳо беш аз муштаракоти забонӣ аҳамият дошт, ҳам барои муҷоҳидин ва ҳам барои масъулони амр дар Эрон. Бавоқеъ барои ағлаби инон бозшиносии шоире ҳамчун аллома Сайидисмоили Балхӣ басе муҳимтар аз мизбонии Устод Халилӣ – сафири собиқи ҳукумати шоҳӣ менамуд. Ин ҳама боис шуд, ки Халилӣ то солҳо дар чашми муҳоҷирон ва муҷоҳидони муқими Эрон ва бал мизбонони эронии онон маҳбубияте надошта бошад, ки дар Покистон дошт, ба вижа, ки аз Ню Ҷерсии Амрико бад-ин сӯ омада буд. Аз сӯи дигар, он тайф[1] аз удабои Эрон, ки рӯзе ҳомии Халилӣ буданд, низ ғолибан ё даргузашта буданд ва ё аз қудрат афтода буданд ва барояшон ёфтани мақоми амне барои худ бар пазирой аз Халилӣ авлавият дошт.

Пас, Халилӣ Покистонро баргузид ва шояд бо талхии тамом ба хотир овард, ки боре дар даҳаи сӣ дар бораи ҳукумати ин кишвар гуфта буд:

---

[1] Тоифа.

*Сабо, агар гузар афтад туро ба Покистон,*
*Паёми ман ба бузургони он диёр расон.*

*Аз ин фақир ба алҳоҷ Нозимуддин гӯй,*
*Ки нақзи аҳд кунад мардро сабук ба ҷаҳон...*

*...Макун ба таънаи мардум забон дароз, ки нест*
*Забони ҳарзасаро ҳарбаи ҷавонмардон.*

*Ту, к-аз саодати озодагӣ надорӣ баҳр,*
*Чи мешиносӣ қадри саодати дигарон?*

*Бад-ин васила мазан дар диёри хеш оташ,*
*Ки чун забона кашад, хушку тар бувад яксон.*

*Маҷӯ зи миллати чандинҳазорсола, ки дошт*
*Сарони тоҷгузору шаҳони боҷситон.*

Бале, ин ҳам аз бозиҳои талхи рӯзгор аст, ки шоири афғон пиронасар дар Исломобод дар хиёбоне сукно[1] гузинад, ки ба номи Нозимуддини фавқуззикр мусаммо шудааст, ҳамон ки шоир сӣ сол пеш чунин бо дуруштиву ғурур бо ӯ сухан гуфта буд. Ва шоири афғон боз ҳам аз сари ихтиёр ё изтирор қасидае дар ситоиши Зиёулҳақ – диктотури низомии Покистон менависад ва ӯро ҷонишини Маҳмуди бузурги бутшикан мехонад.

Бо ин ҳама, устод Халилӣ дар поёни зиндагӣ корномаи рӯшане аз худ ба ёдгор гузошт ва бо некномиву ифтихор зист. Шеърҳои кӯбандаи ӯ алайҳи мутаҷовизону давлати дастнишондаи онҳо ёдкарданиву мондагор аст ва пешоҳанги шеъри муқовимати Афғонистон номида мешавад.

---

[1] Сукунат, истиқомат.

Даргузашти Халилӣ дар ғурбат ёдовари шеъре аз худи ӯст, ки боре аз забони сардор Муҳаммадайюбхони фотеҳи Майванд суруда буд ва дар он аз марги дур аз Ватану мадфан шудан дар хоки бегонагон нолидааст. Муҳаммадайюбхон дар Лоҳур даргузашт ва Халилуллоҳ Халилӣ дар Исломобод. Ӯро бинобар васияташ дар гӯристони муҳоҷирин дафн карданд ва аз он ҳангом ба баъд 14 урдубиҳишти соли 1366 дар солномаҳои Афғонистон ба унвони солгарди даргузашти Халилуллоҳ Халилӣ сабт шуд. Ва шигифт ин ки падараш Муҳаммадҳусайнхон Мустафоулмамолик низ 64 сол пеш, дақиқан дар чунин рӯзе, ба дор овехта шуд, яъне, 14 урдубиҳишти 1298 ш.[1]

***Муҳаммадкозими КОЗИМӢ***

[1] Ба ривояти Мирғулом Муҳаммади Ғубор дар китоби «Афғонистон дар масири таърих» – шарҳи муаллифи пешгуфтор.

## КАЖДУМИ ҒУРБАТ

Ҳар дам занад ба раг-раги ҷон нештар маро,
Оворагӣ аз ин чи кунад бештар маро?!

Ин чархи сифлахӯ, ки ба ҳар дар нишастааст,
Охир нишонд ҳамчу худаш дарбадар маро.

Дар зери соябони фалак ҷои амн нест,
То шаб шавад ба болиши роҳат басар маро.

То кай кашонадам ба рикоби сиёҳи хеш
Ин гурбачашм каҷрави рӯйинсипар маро.

Пирӣ расиду ҳар нафас аз зарбаҳои қалб
Бедор мекунанд ба занги хатар маро.

Аз марг пештар кунадам об ҳамчу шамъ
Ин қатра-қатра хун, ки чакад аз ҷигар маро.

Тарсам, ки бори тан натавонам ба гӯр бурд,
Гар зиндагӣ гузорад аз ин дертар маро.

То айбҳои вай накашам пеши чашми халқ,
Бинмуд рӯзгор чунин кӯру кар маро.

Шодам зи гӯши хеш, ки инак намудааст
Аз ҳарфҳои зишти касон бехабар маро.

Чашмам чи гуфта буд ба гӯши ситора дӯш,
К-аз чашмакаш кунун надиҳад дарди сар маро.

Донам ба ҳеҷ марҳала дармонпазир нест
Он тирҳо, ки гашта ба дил коргар маро

Мушкил, ки дарду сӯзи диламро кунад баён,
Бар ҷои нома то набарад номабар маро.

Ёрон, маро баред дар он ҷо, ки офтоб
Аз меҳр бӯсаҳо зада бар чашму сар маро.

Он ҷо, ки кӯҳсори фалаксои шомхуш
Парварда ҳамчу ҷони гиромӣ ба бар маро.

Дар партави чароғи фурӯзанда ахтараш
Шабҳо ба кӯи ишқ шуда роҳбар маро.

Боранда абрҳову дурашанда барқҳо
Ҳам хандаофарин шуда, ҳам навҳагар маро.

Сар чун ҳаҷар ба пояи қадраш ниҳодаам,
Ҳарчанд дур мефиканад чун ҳаҷар маро.

Охир маро фалак ба шакарханда мекушад,
З-ин сон, ки дода тан ба балои шакар[1] маро.

Ғам буду ранҷу меҳнату зиндону ашку хун,
Ҳар туҳфае, ки дод ҷаҳон з-ин сафар маро.

[1] Бемории қанд, диабет.

Бурданду сӯхтанду ба душман фурӯхтанд,
Ганҷинае, ки буд зи лаълу гуҳар маро.

Яъне, китобхонаи арзандаи нафис
Тазкори ҷовидонии аҳли назар маро.

Ҳар сафҳааш баёнгари бинҳуфта розҳо
Аз қарнҳои гумшудаи бешумар маро.

З-ин пас наям ба суҳбати мардум ниёзманд,
Ашк асту оҳ мӯниси шому саҳар маро.

Нозам ба хушкии лабу мижгони тар, ки кард
Озод аз тааллуқи ҳар хушку тар маро.

Шокир зи эзидам, ки ба лутфаш науфтод
Бар остони душмани Меҳан назар маро.

Ман домани Худой надодам зи дасти хеш,
Умре ба дар чу халқа нишонид агар маро.

Мамнуни толеъам, ки напайваст ҳеҷ гоҳ
Бо хоинони мулк ба як раҳгузар маро.

Бо подзаҳри шеър дареғ аст гуфтанам:
«Озурда кард каждуми ғурбат ҷигар маро.»[1]

---

[1] Озурда кард каждуми ғурбат ҷигар маро,
Гӯӣ, забун наёфт зи гетӣ, магар маро.
**Носири Хусрав**

# МАРСИЯ

*Дар марсияи фарзандони Ватан, ки дар соли 1355 ба мусибати бузурги зилзилаву селоб гирифтор шуданд.*

Дигар кӣ гӯш диҳад нолаи ғарибонро,
Фиғону нолаи оворагони афғонро?!

Ту, эй Худои ҷаҳон, ҳукм кун ба хозини хок,
Ки сарзаниш кунад он кӯҳсори ларзонро!

Ба селҳои хурӯшони худ бигӯ, ки дигар
Хароbтар накунад кулбаи фақиронро.

Ба бод гӯй, ки дигар маваз дар ин гулшан,
Ба абр гӯй, ки дигар бибанд боронро.

Ба офтоб бигӯ, то дигар набинад субҳ
Тани бараҳнаи симинбарони афғонро.

Раво мадор, ки ин ахтарон дигар бинанд
Ба хоку хун рухи дӯшизаи мусулмонро.

Чароғи бевазанеро макун хамӯш, эй бод,
Ту чун хароб кунӣ ҳайкали Сулаймонро.

Чаро зи ҷаври ту гиряд ятими овора,
Ту, эй саҳоб, ки хандон кунӣ гулистонро.

Ба ҳар куҷо, ки баҳор аст, лола ораду гул,
Шукуфазор кунад дашту кӯҳу домонро.

Қиёмат аст, ки орад баҳори тухфа ба мо
Ба ҷои лолаву гул доғи навҷавононро.

Ҷуз ин ситамкада ҷои дигар намебошад
Магар мусибату қаҳту балову ҳирмонро?!

Баҳор омаду аз хуни мо чароғон кард
Фазову дарраву кӯҳу сарову бустонро.

Ба кишвари дигарон илму маърифат бахшанд,
Ки то сипеҳр расонанд боми айвонро.

Ба пушти Моҳ зи ҳикмат алам барафрозанд,
Зи фарқи чарх ситонанд тоҷи Кайвонро.

Сафинаҳои дигар раҳ бар осмон бурданд,
Шикастакиштии мо тан супурда тӯфонро.

Шаб асту боди хурӯшону баҳри тӯфонӣ,
Наҳангҳо зи ду сӯ тез карда дандонро.

Бараҳна, гурсна, овора, бесаводу фақир,
Чи гуна тай кунад ин роҳрав биёбонро?

Чи қарнҳои фаровон, ки ин гиромӣ хок
Паноҳ буд зи офот бепаноҳонро.

Зи нася то ба куҷо кори мо расад ба низом,
Чи арзиш аст дар ин чорсӯ гаравгонро?

Гарав шудему хушему ба фахр мегӯем:
Худо дароз кунад умри қарзхоҳонро!

Ғуруру ғайрати милливу обрӯ гиранд,
Ба ройгон надиҳад кас ба кас лаби нонро.

Маро зи даҳшати селоб нест биму ҳарос,
Ки азми қавм кунад баста роҳи тӯфонро.

Зи сели ҷаҳл нанолам, ки додааст ба бод
Асоси доимии ин хуҷастабунёнро.

Зи сели зулм бинолам, ки решакан бинмуд
Ниҳоли борвари орзӯи афғонро.

Ба ҳар баҳор, ки мекардам аз гулу насрин
Чу боғ ҷаннати пур домону гиребонро.

Кунун нигар, ки ба селоби ашк мешӯям
Тарози шеъру нигори китобу девонро.

## ШАҲРИ ОФТОБҲО

Ин рӯзҳои зудгузар ҳамчу обҳо
Моро биронд сӯи адам бо шитобҳо.

Ҳар рӯз абр тира кунад рӯи осмон.
Эй ҷон фидои шаҳри ману офтобҳо!

Ҳаргиз касе суоли маро посухе нагуфт,
Ман мондам аз замонаву ин лоҷавобҳо.

Дигар маро ба ҷуз дили ман нест раҳнамун,
Ман оина гузидаму ёрон китобҳо.

Аз ақл ноумед шудам, эй ҷунун, битоз,
К-он роҳ буд хам ба хамаш печу тобҳо.

Мо беҳисоб сарфи гунаҳ кардаем умр,
То кас зи мо ба ҳашр нагирад ҳисобҳо.

Шояд зи баъди марг ҳақиқат шавад аён
В-ин зиндагӣ бувад назари мо ба хобҳо.

Барбод буд кохи шукӯҳи ситамгарон,
Ларзидаем мо зи чи ларзон ҳубобҳо.

Як растагор сар назад аз дар, вале, дареғ,
Мо мунтазир, ки боз кӣ ояд зи бобҳо.

Дорад ду рӯй, ҳарки бувад дар ҷаҳони мо,
Як рӯ ба сӯи мову дигар дар ҳиҷобҳо.

Касро маҷол нест, ки бинад ба чашм, ҳайф,
Он шаклҳои зишт ба зери ниқобҳо.

Ку доваре, ки бознамояд ба чашми халқ
Кирдори носавоби касон аз савобҳо.

Алфозро ба маънии аслӣ намонда рабт,
Гар бингарӣ ба ғавр[1] дар ин фаслу бобҳо.

Гӯянд халъи аслиҳа, аммо намудаанд
Маъмур шаҳрҳо ба нигоҳе харобҳо.

Лофанд аз кароматі инсону куштаанд
Ҷамъе ба зери оташу ҷамъе дар обҳо.

Шамшери тези ин ду-се кишварситон, дареғ,
Як рӯз кас надид ниҳон дар қиробҳо[2].

Як дам ҷудо надид кас аз ҷангу кашмакаш
Он шоххо, ки бар шуда сӯи саҳобҳо.

Эй сода мардуме, ки таваққуъ[3] намудаанд
Рақси кабӯтарони ҳарам аз уқобҳо.

[1] Умқ.
[2] Ғилоф, ниём.
[3] Орзу.

Сарҳо ба хок хуфт, ки то чанд булҳавас
Гулгун кунанд соғари айш аз шаробҳо.

Эй бас фақири роз, ки шуд кушта ройгон
Баҳри ҳусули мақсади оличанобҳо.

Бас навҷавони сода, ки дар ҷанги ину он
Ҷони азиз дода ба зери рикобҳо.

Фарҳанги фитназои ҷаҳон мебарад кунун
Моро кашон-кашон ба диёри саробҳо.

Тарсам, ниҳанд шеъри маро ном шеъри хун
Ёрони хурдагири ман, он нуктаёбҳо.

Эй орази ту таъназани моҳтобҳо
В-эй гесувони саркаши ту мушки нобҳо.

## ОФТОБ

Дигар мазан ба дидаи ман ханҷар, офтоб!
Бар сар макун зи домани шаб дигар, офтоб!

Ҳар субҳгоҳ мешиканӣ сад ҳазор ҷом
Дар базми осмон зи кафи ахтар, офтоб!

Бас ҷомҳо, ки мешиканӣ, то кунӣ дуруст
Баҳри бисоти хеш яке соғар, офтоб!

Як чашм беш неву бувад ҳар мижа туро
Хунрез найзаҳо ҳамагон аз зар, офтоб!

Хор асту хор, хори мазори ситамкашон
Ин тоҷи зар, ки рӯз ниҳӣ бар сар, офтоб!

Ҷуз ашку хуни халқ чи бинӣ ба рӯи хок,
Эй таксавори каҷраву эй аъвар[1] офтоб!

Ҳамхонаи Масеҳиву волотар аз сипеҳр,
Эй карда ҷо ба кишвари пайғамбар, офтоб!

Пайғамбари бузург бувад раҳмати Худой,
Дорад дилаш ҳазор зи ту беҳтар офтоб!

Ҳамсоя хӯпазир зи ҳамсоя будааст,
Пазруфтаӣ чи хӯй зи пайғамбар, офтоб?

Дайру ҳарам ду мазҳари анвори эзидист,
Аз ҳарду нури ҳақ шуд рӯшангар офтоб!

---

[1] Якчашм.

Ноқус, ҷойи нағмаи ҳақ навҳа сар кунад,
Бинад чу бехудо ба сари минбар, офтоб!

Соли нав асту ҷашни бузург асту рӯзи нав,
Бандӣ ту низ бар сару тан зевар, офтоб!

Бар кохи шоҳ тобиву бар кулбаи фақир,
Яксон кунӣ нигоҳ ба хайру шар, офтоб!

Дар шаҳрҳои мо ҳама хуновариву ашк,
Ин ҷо ҳазор гуна зару гавҳар, офтоб!

Мотамсарост дашту дару кӯҳсори мо,
Ҳаргиз матоб он тарафи Хайбар, офтоб!

Ин ҷо нишот биниву шодиву хуррамӣ,
Он ҷо фиғону нолаву чашми тар, офтоб!

Он ҷо, ки барфҳо шуда гулгун ба хуни халқ,
Доман бичин, мабод шавӣ аҳмар, офтоб!

Аз партави ту нафхаи борут бардамад,
Он ҷо чу сар занӣ ту ба ҳар сангар, офтоб!

Бинӣ ҳазор пайкари бемору нотавон,
Не ҷомаву на нону на дармонгар, офтоб!

Бинӣ ба Балх дуду шарар то ба осмон,
Як бор сар бинеҳ ба дари Ҳайдар[1], офтоб!

[1] Лақаби Алӣ бинни Абӯтолиб. Ишора ба Мазори Шариф, ки гӯё оромгоҳи Алӣ он ҷост.

Бинӣ ба Бомиён, ки зи хуни муборизон
Гардида сурх то фалаки ахзар офтоб!

Бинӣ Ҳиротро, ки шуда маҳди маърифат,
Қассобгоҳи мулҳиди туғёнгар, офтоб!

Дар Панҷшер – хонаи шерон чу бигзарӣ,
Бинӣ ба санг-санг ба по маҳшар, офтоб!

Дар Ғазна гӯш неҳ, ки Саноӣ кунад баён
Шарҳи ҷиҳоди марду зану духтар, офтоб!

Омӯ ба мавҷ-мавҷ кунад мӯя рӯзу шаб,
Як бор чашм боз кун онсӯтар, офтоб!

Бар Марв – пойтахти Хуросон чу бигзарӣ,
Хун гиря кун ба марсияи Санҷар, офтоб!

Шаккарлабони шаҳри Самарқандро нигар,
Ҳанзал[1] хуранд дар бадали шаккар, офтоб!

Дасте куҷост, то ки зи занҷири Каҳкашон
Печонадат ба гардану пову сар, офтоб!

Аз чарх каш-кашон бикашонад ба рӯи хок,
То қудрати Худой кунӣ бовар, офтоб!

Эзид зи рӯи дод бисозад ҷаҳони нав,
Ояд ба ҷои ту ба ҷаҳон дигар офтоб!

[1] Каду.

З-ин қатраҳои ашк бисозад ситорагон
Рӯшантар аз фурӯғи туву ахтар, офтоб!

Аз дуду оҳи халқ фарозад сипеҳри нав,
Сад бор аз мадори ту волотар, офтоб!

Аз зарра офтоб кунад в-аз шукуфа моҳ,
В-аз нури пок базми майу соғар, офтоб!

Бинӣ, ки он замон шуда аз фаррӣ эзидӣ
Фармондеҳи фасоду ситамчокар, офтоб!

Мӯри заифро накунад поймоли зулм
Ифрити адлсӯзи ситамгустар, офтоб!

Бо доси интиқом шуда пайкараш ҷудо,
Бо путки адл хӯрда басаш бар сар, офтоб!

Он сурхпарчам аз сари айвон шуда нагун
В-он қасри ҷавр гашта чу хокистар, офтоб!

Бинӣ, ки маҳв гашта дар он рӯз аз ҷаҳон
Хунхораи дурӯи хиёнатгар, офтоб!

Бинӣ, ки боз душмани озодии милал
Чун аждаҳо ба гардани афсунгар, офтоб!

Бинӣ, хуҷаста рояти озодии башар
Барпой гашта боз ба буму бар, офтоб!

## ГУЛИ ҶУДОӢ

Дигар ба боғи ҷаҳон бӯи ошноӣ нест,
Шамими ишқ ба ҷуз дар гули ҷудоӣ нест.

Аниси ман ба чаман нолаи шабоҳанг аст,
Маро ба булбули ин боғ ҳамнавоӣ нест.

Қасам ба сояи нахли ҷавони ту, эй сарв,
Ки чатри шоҳ беҳ аз далқи бенавоӣ нест.

Ҳазор захм қазо офаридааст, вале
Ба ҳеҷ боб суроғе зи мӯмиёӣ нест.

Ба тори гесуи дилдор бастаам дилу ҷон,
Ки ҳеҷ ришта ба он сози дилрабоӣ несст.

Чароғи ақл ба ман дод пири рӯшанбин,
Вале чи суд, дар он барқи рӯшноӣ нест.

Ниёзи хеш ба пири муғон бубар, на ба шайх,
Ки иззат аст аз ӯ хостан, гадоӣ нест.

Бадо ба хоҷа, ки пояш расида бар лаби гӯр,
Ҳанӯз вирди лабаш ҷуз ғами камоӣ нест.

Ба дасту пои вай афтода ларза, лек аз оз
Касе чу вай ба ҷаҳон марди даступоӣ нест.

Ба қавли душмани маккор эътимод макун,
Ки дар тариқати вай ғайри бевафоӣ нест.

Зи ақрабе, ки гиреҳ баста заҳр дар нешаш,
Бе ҳеҷ ваҷҳ умеди гиреҳкушоӣ нест.

Бинои кори ҷаҳон аз азал ниҳод чунин,
Чи хун хурам, ба ман ин кор ибтидоӣ нест.

Фидои ҳиммати қавме, ки сад ҳазор шаҳид
Ба ҳадя додаву муҳтоҷи раҳнамоӣ нест.

Кулоҳдор надонад, ки зери чатри ҳубоб
Ба пеши боди қазо фарри кибриёӣ нест.

Дар ин сарочаи дарбастаи кудуратхез
Раҳе, ки як нафс аз хештан бароӣ, нест.

Ваҷаб-ваҷаб шуда хоки гиромиам помол,
Ба Меҳанам ҳама ҷуз ҷавру бехудоӣ нест.

Кунун чи чора, ки бар рӯи он замини Худой
Барои арзи дуо ҷои ҷабҳасоӣ нест.

Замона ҳарчи ба ман дода буд, бозгирифт,
Хушам, ки аз карамаш чеҳра каҳрабоӣ нест.

Маро, ки пайки аҷал истода бар дами дар,
Дигар ҳадиси амал ғайри жожхоӣ нест.

Зиҳӣ ба маъбади дил, к-аз риё надорад бӯй,
Ҳазор шукр, ки ин кулба бӯриёӣ нест.

Навогари чаман аз нолаам ба рашк фитод,
Ки назди аҳли сухан ҷойи худситоӣ нест.

## ГАРМОИ БАҒДОД ВА ЁДИ ВАТАН

На ҳамин хору гул аз савлати гармо сӯзад,
Мавҷ ҳам шуъласифат дар дили дарё сӯзад.

Ҳама дуд асту гудоз асту лаҳиб асту шарор,
Баски ин ҷо зи Саро то ба Сурайё сӯзад.

Ҳам дили Даҷла зада обила аз тоби Тамуз,
Ҳам Фурот аз шарари Об[1] саропо сӯзад.

Сарв, гӯӣ, чу имодест[2], ки оташ задаанд,
Гулбун он гунбади сабзе, ки зи сад ҷо сӯзад.

Гар ба дарё бинихӣ, мум шавад оҳани сард,
Дар фазо гар фиканӣ, сахраи саммо[3] сӯзад.

Булбул аз шох дигар нағмаи шодӣ накашад,
Бими он аст, ки дар синааш ово сӯзад.

Рӯзҳо бӯи кабоб аст аз он гӯша баланд,
Ҷигари гарми ғизолон, ки ба саҳро сӯзад.

Шохи оҳу шуда дар дашт фурӯзон аз дур
Ҳамчу он шамъ, ки андар шаби ялдо сӯзад.

---

[1] "Тамуз" ва "Об" номи ду моҳи Румӣ аз фасли тобистон аст.
[2] Сутун.
[3] Сахраи сангин.

Накушояд дари майхона дигар соқии шаҳр,
Ки мабодо майу майхонаву мино сӯзад.

Бар забон шеъру ба лаб хандаву дар дида умед,
Дар ҷигар хуну ба дил хори таманно сӯзад.

Лафз, саҳл аст, агар сӯхт зи гармӣ ин ҷо,
Мушкил ин аст, ки дар ҳофиза маъно сӯзад.

Шамъ шуд обу дигар шоҳиди ин базм намонд,
Ки ба davраш пари парвонаи шайдо сӯзад.

Луъбати шаҳр ба ромиш нагарояд шабҳост,
Тарсад он домани зартори шаборо сӯзад.

Рӯз аз ҳаҷла берун н-ояду тарсад, ки насим
Пой ҳамчун гулаш аз бӯсаи беҷо сӯзад.

Даҷла аз гармии ин шаҳр гурезад чун тир,
То дар ин оташи ҷонсӯз мабодо сӯзад!

Гар чунин шуълафишон аст ба гетӣ хуршед,
На ҳамин гӯша, ки сартосари дунё сӯзад!

Ҳам дар он минбари чӯбина биафтад оташ,
Ҳам салиб аз тафи гармо ба калисо сӯзад.

Зоҳидо, рӯй ба меҳроб манеҳ, метарсам,
Ришу саҷҷодаву дастори ту якҷо сӯзад!

Ёди он марз, ки гар бар камари кухсораш
Фиканад чанг ба ҷуръат, пари анқо сӯзад.

Ёди он кӯҳ, ки аз ҷабҳаи барфандудаш
Меҳр то бӯса ситонад, чи нафасҳо сӯзад.

Ёди он лола, ки дар синаи саҳро тобон
Чун чароғест, ки дар хаймаи Лайло сӯзад.

Ёди он рӯди хурӯшон, ки зи ҳаҷраш дили ман
Рӯзҳо об шавад, дар дили шабҳо сӯзад.

Вой аз он рафта азизон, ки чу ёд орамашон,
Раг-раги ин дили шӯридаи шайдо сӯзад.

Чун куҳансол чанорам, ки дар он дашти хамӯш
Ба худ оташ занаду бекасу танҳо сӯзад!

## ИШҚУ ПАРОКАНДАГӢ

Ман мондам аз замонаву сад захми кориаш,
Шабҳо саҳар намуда ба тимордориаш.

Гумгашта кӯдакест масаррат замонаро,
Ё Раб, куҷо равам пайи тифли фирориаш?

Бечора одаме, ки пас аз қарнҳо наёфт
Розе, ки раҳ диҳад ба суи растагориаш!

Аз ширихомхурда башар пухтагӣ маҷӯ,
То ҳаст, ҳаст кӯдакиву хомкориаш.

Тарсам, ки хоб ораду хамёзаи ғурур
Дастори зоҳиду асари кӯкнориаш.

Шохи шикаста сабз нагардад ба ҳеҷ рӯй,
Гар сад баҳор даст кушояд ба ёриаш.

Ҷуз ёс ҳосиле надиҳад дар хазони умр
Нахле, ки барг рехта боди баҳориаш.

Афсонаи мукаррари[1] таърих буд, ҳайф,
Дунёи мову хушдиливу сӯгвориаш.

Бозича буду ҳалқаи дом, он чи гуфтаанд,
Тоҷи хидевию[2] камари шаҳсавориаш.

Беҷо надода мурғи Сулаймон сараш такон,
Донам, ки саргарон шуда аз тоҷдориаш.

[1] Батакрор.
[2] Шоҳ.

Рӯзе шавад баланд сарире[1] бар осмон,
Рӯзи дигар ба хок бубиниву хориаш.

Оинахона буд дили ман, вале дареғ,
Ман мондаам кунуну фазои ғубориаш.

Бас солҳо, ки ҳарза ба ҳар сӯ давидаам,
Акнун ба хок меравам аз шармсориаш!

Коре накардаам, ки биёяд ба кори ман,
Дар рӯзҳои рӯшану шабҳои ториаш.

Аз офтоби ишқ, ки метофт бар дилам,
Чизе баҷо намонда, магар беқарориаш.

Сад ҷон фидои он ки дили ман рабуда буд
Бо оҳувона дилбарии кӯҳсориаш.

Гӯӣ, ҳанӯз мечакад аз чашми ман шароб,
Орам ба ёди хеш чу чашми хумориаш.

Дар васфи вай ҳанӯз бувад норасо қалам,
Бо ин ҳама карашмаву зебонигориаш.

Барҷой монда, бо мижа нақше, ки кандаам,
Дар тоқи ҳофиза ҳама ҷо ёдгориаш.

Дил чун кабӯтарест, ки пар мезанад зи шавқ,
Дар зери чангули[2] мижаҳои шикориаш.

---

[1] Дар ин ҷо ба маънии тахт.
[2] Чангал, чангул – нохунҳои панҷаи мурғони шикорӣ.

Сарчашмаи хуҷастаи илҳоми ман бувад
Он шуста ҳарфҳои лаби чашмсориаш.

Донист мурғи шаб, чу фиғони маро шунид,
К-овоза буд шуҳрати шабзиндадориаш.

Як нола чун ба боғ кашидам саҳар зи дил,
Булбул хамӯш монд зи фарёду зориаш.

Бо сад ҳазор чашм фалак омада ба танг
Аз чашми ашкбораму ахтаршумориаш.

Инак, нигорҳои хазонӣ диҳад ба бод
Аз баргрези шаҳри ману сеҳркориаш.

З-он боғҳо, ки яксара оташ гирифтааст,
З-он рангҳои сабзу тилоиву нориаш,

З-он булбуле, ки сӯхтаанд ошёнааш,
З-он обшору шаб ҳама шаб сарсупориаш,

З-он сарви сарбаланд, ки тӯфони рӯзгор
Оҷиз шуда зи саркашиву пойдориаш,

Тухми умед коштаам дар ҳарими дил,
Ку абри раҳмате, ки кунад обёриаш?

Мову замину саҷдаи ихлосу фарши хок,
Исову осмону ғами харсавориаш.

# БА ЁДИ ОРОМГОҲИ САЪДӢ

Ҷаҳон бошад чу дарёе, ки пайдо нест поёнаш,
Ҳаводис мавҷи ғалтонаш, масоиб[1] ҷӯши тӯфонаш.

Хирад дар чанги ин дарё бувад чун кӯдаки аъмо,
Ки гаҳ афтад ба домонаш, гаҳе гирад гиребонаш.

Чи бор орад муаммое, ки аъмоест ҳаллолаш?[2]
Чи хезад аз дабистоне, ки шуд лоле сабақхонаш?

Фусуни ваҳшати ваҳме кашида ҳалқаи гӯшаш,
Фиреби луъбати ранге кушуда чашми ҳайронаш.

Шукӯҳи ин куҳан маъмура чун нақше бувад бар об,
Ки аз як дарраи ночиз барбод аст бунёнаш.

Кулоҳу чатри иқболаш бувад огандаи нахват[3],
Ҳубобосо ба як ҷунбиш на ин барҷост, не онаш.

Набошад одамӣ ҷуз мушти хоки таршуда дар хун,
Ки дода кордонони қазо таркиби инсонаш.

Зи мушти хок фиръавнӣ нашояд, гар кунад, охир
Шубоне карда ворунаш, асое карда вайронаш.

Ҳарими синаҳо гар вошикофӣ, куштаҳо бинӣ,
Зи чандин орзӯҳое, ки карда чарх беҷонаш.

---

[1] Ҷамъи мусибат.
[2] Ҳалкунанда.
[3] Пур аз ғурур, пур аз такаббур.

Нахезад з-ин ҳарими яъс ҷуз фарёди маҳрумӣ,
Натобад ҷуз чароғи марг аз тоқи шабистонаш.

Набинӣ нури уммеде дар ин ваҳшатсаро ҳаргиз,
На аз моҳи фурӯзонаш, на аз хуршеди тобонаш,

Магар барқе, ки метобад зи сӯзи синаи ориф,
Ки рӯшан мешавад гетӣ ба анвори дурахшонаш.

Дили ориф чи бошад – машриқи файзи худовандӣ,
Ки сад хуршед берун тобад аз тарфи гиребонаш.

Бавижа, ҳазрати Саъдӣ – амири мулки огоҳӣ,
Ки меболад сухан бар хеш аз таъзими унвонаш,

Сафири арш меояд зи гулбонги найи килкаш,
Насими хулд мехезад зи гулҳои гулистонаш.

Сухансозони дигарро бувад миннат ба як миллат,
Башар мепарварад ин устод андар дабистонаш.

Адабомӯзи қуръонӣ, ки пеши муъҷизи килкаш
Фалотун сар фуруд орад пайи ҳурмат зи Юнонаш.

Хушо, Шерозу он иқлими завқу сарзамини дил,
Ки шӯри ишқ мегардад баланд аз кӯҳу домонаш.

Хушо, он марзи ҳикматхезу он маҳди суханпарвар,
Хушо, хоки Мусаллову ғизолони ғазалхонаш.

Ба ҷои сабзаву гул ҳусн мечӯшад зи бустонаш,
Ба сони лола дил мерӯяд аз тарфи биёбонаш.

Хушо, оромгоҳи ҳазрати Саъдӣ, ки месояд
Фалак пешонии таъзимро бар хоки айвонаш.

Ғубореро, ки меорад сабо з-он хоки анбарбӯ,
Ба ҷои тӯтиё бар чашм биншонанд мардонаш.

Сазовори нисори турбаташ чизе намебинам,
Сару ҷонро чи миқдор аст, то созам ба қурбонаш?

Ба фармони адаб дил хост баҳри ҳадяи аҳбоб
Кунад пур ҷайбу домонро зи азҳори[1] гулистонаш,

Вале бӯи гулам чандон ба шӯр овард, к-аз мастӣ
На дил монду таманнояш, на гул монду на домонаш.

Ба худ нозам, ки дар аҳди шаҳи соҳибдили афғон
Ба шеъри нағз мегардам дар ин ҳалқа санохонаш.

Санохони Саноиро санои шайх мезебад,
Ки Саъдӣ чун Саноӣ гашта Хизри роҳи ирфонаш.

[1] Ҷамъи захрат – гул, шукуфа.

## ТОБУТИ ОТАШИН

Ман бе Ватан, ки дур зи оғӯши модарам,
Биншастаам бар оташу дар хун шиноварам.

Баргам, ки тундбод фиканда ба ҳар барам,
Гардам, ки ҳодисот нишонда ба ҳар дарам.

Хуршеди найзадори фалак мебарад фуруд
Ҳар субҳдам ба дидаи тар неши ханҷарам.

Аз ҳар ситора барқи ғазаб меҷаҳад бурун,
Чун шомгоҳ чашм биафтад бар ахтарам.

Дарёи бекаронаи хун аст мавҷзан,
Гулгуншафақ, ки шом намояд баробарам.

Ин кӯраи[1] рамодии[2] саргаштаи сиёҳ,
Ояд ба зери пой чу сӯзанда миҷмарам.

Не хок ҷой медиҳам, не фалак паноҳ,
Не марг мекашад зи карам танг дар барам,

Хоке, ки парварида маро, дӯстон, куҷост?
Ман хоки дигарон чи кунам, хок бар сарам!

Тирест оташин, ки ба ҳар найзаи шуоъ
Аз таркаши камонвари хуршед мехурам.

---

[1] Хуми маъдангудозӣ.
[2] Хокистарӣ, сиёҳ.

З-ин Каҳкашони мортани садҳазорчашм
Ҳар шаб ҳазор неш хурад зор пайкарам.

Ин коххҳои сарзада бар сақфи осмон,
Куфр аст, агар ба хоки дари дӯст бишмарам!

Амвоҷи Ҳадсанам[1] набарад дил зи каф, ки ман
Девонаи навозиши дарёи дигарам.

Нилоби ман куҷост, ки ҳар рӯз мегузашт
Ғавғокунон зи пеш, чу симина аждарам.

Торик гашт яксара айёми зиндагӣ,
Гар кас зи рӯз ҳарф занад, нест боварам.

Ноошност, ҳарчи аз ин парда бишнавам,
Бегона аст, ҳарки дар ин саҳна бингарам.

Дил ҳамдаме надид ба дард ошно, ки ман
Дар пеши вай нишаста гиребони худ дарам.

Ин аср маъбади зару сим асту лек ман
Не толиби зарам, ки талабгори Бӯзарам[2].

Шуд рӯзҳо, ки нест навозишгари замир
Гулбонги осмонии аллоҳу акбарам.

---

[1] Рӯде дар Амрико.
[2] Абӯзари Ғаффор – яке аз саҳобаҳои Пайғамбар.

Ман рост менигораму ин чапнигорҳо
Хоҳанд ошно ба ҳуруфи музаввcovaрам[1].

Бар ошёни мурғи дилам чанг зад уқоб,
Инак, ба хуни ашк шуда сурх пар-парам.

Дигар маро зи ҷоми тараб бениёз кард
Заҳре, ки рӯзгор фиканда ба соғарам.

Ҳар лаҳза заҳр мехураму зиндаам ҳанӯз,
З-ин тангно ба кӯи адам раҳ чи сон барам?

Фархунда модарам чу зи дунё кашид рахт,
Биспурд бо ғурур ба домони кишварам.

Кишвар маро ба синаи тангаш гирифт гарм,
Парвард featuresчунон, ки напарвард модарам.

Лабханди офтобаш ҷон дод бар танам,
Абри гуҳарнисораш шуд соя бар сарам.

Бо ишқ барфурӯхт ниҳонхонаи дилам,
Бо ашк шуст гарди ғам аз дидаи тарам.

Аз партави умед ҷило дод хотирам
В-аз сибғаи[2] Худой баророст гавҳарам.

[1] Аз тазвир; дурӯғ, қалбакӣ.
[2] Дин, мазҳаб.

Ҷуз нақши сарбаландиву озодиву вафо
Бо ҳеҷ ҳарфи ҳарза наолуд дафтарам.

Ёрон, куҷост кишвари зебои ман, дареғ,
К-ин нима ҷон ба пойи гиромиш биспарам.

Чун кушта шамъ сар ба равоқаш фурӯ ниҳам,
Чун паршикаста мурғ ба бомаш фаро парам.

Асри мафосид аст, куҷо рахти худ кашам?
Даври мазолим аст, куҷо бори худ барам?

Дирӯз буд чашми ману хоки кӯи дӯст,
Имрӯз асири қосиду боли кабӯтарам.

Ҷон медиҳам ба мужда, агар оварад насим
Муште ғубор аз сари болини модарам.

Фархунда толеъе, ки сабо дастаҳои хор
Орад ба ман зи хоки шаҳидони кишварам,

К-онро ниҳам ба ҷойи мижа рӯи чашми хеш
Ё бар фарози сар чу гаронмоя гавҳарам.

Пирӣ расиду ҷои гуҳар мечакад кунун
Хунобаи сиришк зи килки суханварам.

Як доғ беҳ нагашта, фалак озмун кунад
Ҳар дам ба ранги дигару бо доғи дигарам.

Ҷои инон ниҳод ба дастам асо, дареғ,
То ман асозанон сафари марг биспарам.

Тобути оташин шуда дар чашми ман ҷаҳон,
Аз ҳар ҷиҳат гирифта саропо дар ахгарам.

Гар мурдаам, тапидани беҷо барои чист
В-ар зиндаам, чи гуна ба тобут-андарам?

## ОШЁНИ ХОР

Ҷаҳонро ба аҳли ҷаҳон мегузорам.
Ба ин хору хас ошён мегузорам.

Ба бозӣ ман ин луъбати кӯдаконро
Ба бозичаи кӯдакон мегузорам.

Бузургам нахонанд шоиста мардум,
Агар дил ба ин кӯчакон мегузорам.

Маро мағзи ҷон хурд андӯҳи гетӣ,
Ба ин саг кунун устухон мегузорам.

Аён бозгӯям дигар дарди пинҳон,
Сипас кори дил бар забон мегузорам.

Сабук гар нахезад ғубори ғам аз дил,
Илоҷаш ба ратли гарон мегузорам.

Агар посбони ҳарам дар бубандад,
Хушам, ҷабҳа бар остон мегузорам.

Агар тавсани оз тундӣ намояд,
Зи оҳан ба комаш инон мегузорам.

Агар нохудо ронадам, киштии тан
Ба ин қулзуми бекарон мегузорам.

Ба мавҷаш даровезаму бо наҳангаш,
Баҷуръат даҳан бар даҳон мегузорам.

Хирад кард розам чу расвои гетӣ,
Ҳама рози вай дар миён мегузорам.

Зи фиръавнхӯён малӯлам, сипас чашм[1]
Ба рӯду асову шубон мегузорам.

Ғурури заминзодаи беҳунарро
Ба як гардиши осмон мегузорам.

Ба хок ар наафтод кохи баландаш,
Сари хешро дар замон мегузорам.

Ба ин резахорони хони маонӣ
Салои карам дода, хон мегузорам.

Мижа хушк агар шуд, ҷигар хун фишонад,
Аз ин меситонам, бар он мегузорам.

Суханро тарози нав овардаам ман,
Куҳан бар куҳан номгон мегузорам.

---

[1] Шояд «Зи фиръавнхӯён малӯлам зибас, чашм» бошад.

Хато мекунам, к-ин тирози навинро,
Ба меъёри ин ноқидон мегузорам.

Гуҳарсанҷ устод ғайр аз замон нест,
Қазоват ба дасти замон мегузорам.

Замона баду неки мо бозгӯяд,
Баду неки худро бад-он мегузорам.

Тан ар пир гардид, шеърам ҷавон бод,
Ҷаҳидан ба табъи ҷавон мегузорам.

Маро нома чун лолазор аст хунин,
Зибас лахти дил бар бутон мегузорам

Ба ҷуз шеъри тар маҳрами рози дил ку,
Суханро ба ин тарҷумон мегузорам

## ЗУЛМАТСАРО

Чи гулҳо чидаам аз орзӯ дар домани фардо,
Ки созам аз баҳори ваҳм рангин гулшани фардо.

Маро аз мазраи дирӯз чун ҷуз ғам нашуд ҳосил,
Бидеҳ май, то дар ин оташ бисӯзам хирмани фардо.

Шаби умрам дар ин зулматсаро бо дарду ғам бигзашт,
Надорам баъд аз ин чашми умед аз равзани фардо.

Ҳисоби зиндагӣ аз саъйи мо афзун намегардад,
Макуш беҳуда худро аз ҳароси мурдани фардо.

Зи бори зиндагӣ хам гашта пуштам, бими он дорам,
Ки натвонам ниҳам ин борро бар гардани фардо.

## ДАР МОТАМИ ШАҲРИ КОБУЛ

Мекунад шафақ гулгун осмони Кобулро,
То кунад ба хун тасвир достони Кобулро.

Офтоби он мурда, навбаҳораш афсурда,
Сели ашку хун бурда бӯстони Кобулро.

Он насими мастона туҳфа мебарад ҳар шаб
Бар мазори маҳрӯён арғувони Кобулро.

Сарв сарнагун гашта, сабза тар ба хун гашта,
Бахт вожгун гашта боғбони Кобулро.

Чун кабӯтари маҷрӯҳ ҳар нафас ба хун ғалтад,
Мурғи дил чу ёд орад ошёни Кобулро.

## АГАРҲОВУ МАГАРҲО

Як ҳарф нахондем дар ин куҳнахабарҳо
Чун қиссаи такрор агарҳову магарҳо.

Афрошта тоқест ҷаҳон, гашта дар он нақш
Бо хуни башар бозии шамшеру сипарҳо.

Ҷуз сардӣ аз ин халқи бадандеш надидем,
Қурбони туву лаззати он гарм назарҳо.

Марг аст матоъе, ки дар он нест низоъе,
Аз ирси падарҳо, ки бимонад ба писарҳо.

Барқи нигаҳи кист шитобанда дар ин дашт,
К-аз миҷмари ҳар лола аён аст шарарҳо.

Моро ба куҷо мекашад охир ба шаби тор
Гумгашта ҳадафҳову саросема сафарҳо.

Овозаи гулгашти кӣ дар шаҳр баланд аст,
К-аз накҳати гул мавҷ занад роҳгузарҳо.

Ин мурғи шабоҳанг, надонам, зи куҷо хост,
К-аз нолаи вай хун чакад аз чоки саҳарҳо.

Аз ҳар вазиши бод тапад дил, магар имшаб
Оварда зи гулзори мани зор хабарҳо.

Ҷуз зерузабаргашта хами гесуи он моҳ
Ҳаргиз нанихам дил ба дигар зеру забарҳо.

Бо лаъли шакархои ту пайваст, ки имрӯз
Бар хони сухан шеъри ман омехт шакарҳо.

## ШОҲОНИ БЕАВРАНГ

*Баҳори Нюҷерсӣ*

Омад баҳори ҷонфизо бо бӯйҳо, бо рангҳо,
Бо гиряҳо, бо хандаҳо, бо сулҳҳо, бо ҷангҳо.

Оина меборад саҳоб, хуршед мерақсад дар об,
Хонад фурӯғи моҳтоб дар гӯши гул оҳангҳо.

Гӯӣ, хумистон аст хок, к-аз вай барояд синачок
Ин лолаҳои тобнок, ҳар як қадаҳ дар чангҳо.

Ҳар қатра ларзад бар суман чун донаҳои ашки ман,
Ҳар гул фурӯзад дар чаман ҳамчун шарор аз сангҳо.

З-ин пас ману сози сухан дар хилвати сарву суман
В-он дигарон дар анҷуман саргарм дар найрангҳо.

Эй корвони рӯзу шаб, андак бар он сӯи ақаб,
То ман сароям аз тараб бас дилнишин оҳангҳо.

Бар фарқи пирӣ по занам, сад таъна бар дунё занам,
Ҷои қадаҳ дарё занам аз бодаи гулрангҳо.

Кӯдак шавам, бозӣ кунам, мастиву таннозӣ кунам,
Аз нав ғазалсозӣ кунам бо бонгу рӯду чангҳо.

Дар пои куҳсори Ватан, дар арғувонзори Ватан
Бӯсам гулу хори Ватан дар регҳо, дар сангҳо.

Барҳам занам чун кӯдакон ин гӯйҳои ахтарон,
То аз шикастанҳояшон ояд садо фарсангҳо.

Не шом монад, не саҳар, не дуд монад, не шарар,
Не ин башар, не хайру шар, не аз хатарҳо зангҳо.

Қандил дар меҳроб мурд, ноқусро селоб бурд,
Шайхи куҳанро хоб бурд дар бодаҳову бангҳо.

Не хилвати шабҳои вай, не сӯзи «ё Раб»-ҳои вай,
Якбора шуд дунёи вай бозичаи алдангҳо[1].

Борид санг аз осмон, нури ҳақиқат шуд ниҳон,
То рахт бастанд аз ҷаҳон шоҳони беаврангҳо.

## БА ҲАЗРАТИ МАВЛОНО

Ҳама мушти хор гаштам, ки занӣ шарорам имшаб,
Ба ҳаво диҳӣ, фишонӣ ҳама ҷо ғуборам имшаб.

Ҳама домҳо гусастам, ҳама бандҳо шикастам,
Зи ҷаҳону ҷон бирастам, ки кунӣ шикорам имшаб.

Чу шикаста он дароям, ки зи корвон ҷудоям,
Ҳама сӯзаму навоям, ки барӣ ба корам имшаб.

Туӣ он рамида шаҳбоз, ки ба аршиён кунӣ ноз,
Ману ин шикастапарвоз, ки саре барорам имшаб.

Найи шуълаофаринат табу тоби зиндагӣ дошт,
Шараре, ки пок сӯзад ману мушти хорам имшаб.

На матоъи ҳар ду олам, на дил аст моя моро,
Чи дар ин қиморхона ба гарав гузорам имшаб?

Зи чаҳе фаротар аз Маҳ, зи чаҳе баринтар аз Меҳр,
Нашавад, ки сар ба поён нафасе гузорам имшаб.

---

[1] Бемор; бекора; муфтхор.

Ба диёри ношиносон чи раҳест пурхамупеч,
Дили дардманди нолон ба куҷо супорам имшаб?

Чи шарорҳо, ки афсурд, чи умедҳо ба дил мурд,
Кӣ кунад чароғ рӯшан ба сари мазорам имшаб?

На замонаро сукуне, на сипеҳрро мадоре,
Ба куҷо қарор гирад дили беқарорам имшаб?

Начакад зи хома ҳарфе, ки паёми дил гузорад,
Гулӯи қалам ба сахтӣ чи қадар фишорам имшаб?

## ГӮШАИ ҚАФАС

Ба ёди лаъли ту аз чашми ман гуҳар мерехт,
Зи оташи дилам аз ҳар мижа шарар мерехт.

Сафои субҳи гиребони ёрро нозам,
Ки дӯш дар дили шаб ранги сад саҳар мерехт,

Ман он ситамзада мурғам, ки дар ҳавои чаман
Ба гӯшаи қафасе низ болу пар мерехт.

Чи буд ҳосили мо ғайри яъс аз ин гулшан,
Ки шоху барги вай аз мева бештар мерехт.

Зи дур низ накарданд гӯш нолаи мо
Ба маҳфиле, ки иҷобат[1] зи бому дар мерехт.

---

[1] Пазируфтан, қабул кардан.

Ба хуну ашк нигорин намуд сафҳаи дил,
Чу тарҳи ҳастии мо хомаи қадар мерехт.

Сухан ба шавқ занад бӯса бар найи килкам,
Ки дар ҳавои лабат ин ҳама шакар мерехт.

## БА ПЕШГОҲИ ВАТАН

Донад Худо, ки баъди Худо мепарастамат,
Ҷон, эй Ватан, мапурс, чаро мепарастамат.

Зарроти ҳастиам зи ту бигрифтааст ҷон,
Чун бартаре зи ҷон ҳама ҷо мепарастамат.

Дар нимашаб, ки боз кунад осмон дараш,
Бо сад ҳазор дасти дуо мепарастамат.

Чун паршикаста мурғ, ки аз ошён ҷудост,
Инак, зи ошёна ҷудо мепарастамат.

Пирӣ намуд қоматам аз бори дард хам,
Зорикунон ба қадди дуто мепарастамат.

Аз шавқи кӯчаҳои гилолуди танги ту,
Дар шаҳри шохзан ба само мепарастамат.

Аз ёди рӯдҳои кафолуди наъразан
Девонаам, ба шӯру садо мепарастамат.

Аз ёди он фазои фурӯзони нурбор
Дар зери ин гирифтафазо мепарастамат.

Аз ёди мурғҳои фалактоз дар ҳаво
Бо мурғи орзӯ ба ҳаво мепарастамат.

Аз ёди он чанори куҳансоли сабзпӯш
Дар пеши барг-барг ҷудо мепарастамат.

Чун бӯи гул ба ёди туам мебарад ба боғ,
Бо ларзиши насими сабо мепарастамат.

Ҳар ҷо, ки мутрибе кунад аз шавқ нағма сар,
Дар парда-парда созу наво мепарастамат.

Буъди[1] макон асар накунад дар диёри ишқ,
Эй дур аз назар, ба куҷо мепарастамат.

Бо он ҳама мусибату зиндон, ки дидаам,
Бо гуна-гуна ҷавру ҷафо мепарастамат.

Сарватмадори шаҳр сазовори зикр нест,
Аз бахри он ятими гадо мепарастамат.

Арбоби ҷоҳ дархури таъзим нестанд,
Аз ёди қавми барҳанапо мепарастамат.

Аз ёди куштагони ба хун ғарқ гаштаат,
Дар хуну ашк карда шино, мепарастамат.

---

[1] Дурӣ.

Аз ёди он ки бар лаби шамшери обдор
Сад бӯса дода рӯзи вағо[1], мепарастамат.

Аз ёди сангаре, ки сарафроз мардумон
Бо хуни хеш карда бино, мепарастамат.

Дар тангнои зиндагиву хобгоҳи қабр,
Дар олами фанову бақо мепарастамат.

Ҳам бо сарири хомаву ҳам бо забони дил,
Ҳам ошкор, ҳам ба хафо[2] мепарастамат.

## САРВИ РАВОН

Бӯи ёр овард бо худ аз Ҷалолобод бод,
Чашми наргис бод рӯшан, хотири шамшод шод!

Эй хуш он шаб, к-аз шамими зулфи ту ҷон ёфтам,
Кай равад то субҳи маргам лаззати он шаб зи ёд?

Накҳати гул медамад аз ҳарф-ҳарфи шеъри ман,
То бар он дасти чу шохи гул лаби бӯсе ниҳод.

Лол гардам, то сароям пеши ту ҳарфе зи ишқ,
Ман, ки будам дар адои лафзу маънӣ устод.

---

[1] Мубориза, гирудор.
[2] Пинҳон, ноаён.

Бандаи чашми ту гаштам, варна медонӣ, ки чарх
Фитрати шӯридаамро аз азал озод зод.

Осмон гар аз сари ман дасти улфат баргирифт,
Сояи сарви равонат аз сари ман кам мабод!

## АШКИ ДАРВЕШ

Ҳар ки дили зори доғдор надорад,
Бо дили маҷрӯҳи халқ кор надорад.

Шодии дилҳо нишоти ёру диёр аст,
Вой бар он, к-ӯ диёру ёр надорад.

Хум-хуми бода, сабӯ-сабӯ, чу кашӣ сар,
Мастии он чашми пурхумор надорад.

Тобиши як қатра ашки дидаи дарвеш
Сад гуҳари тоҷи шаҳриёр надорад.

Дар дили мо ғунчаи умед нахандид,
Ҳайф зи боғе, ки навбаҳор надорад.

Тез марон, шаҳсавори ман, ки наафтӣ,
Аблақи[1] шому саҳар маҳор[2] надорад.

---

[1] Ҳар чизи сиёҳу сафед; аблақи шому саҳар – тундравии умр.
[2] Инон (лаҷом)-и шутур.

## ГУҲАРВОР

Ҷуз нола маро аз дили бемор чи хезад?
З-ин ғамкада ҷуз оҳи шарарбор чи хезад?

Он ҷо, ки забонро набувад қудрати гуфтор,
Аз хомаи бедарди сияҳкор чи хезад?

Бисёр давидему ба ҷое нарасидем,
Манзил чу ниҳон аст, зи рафтор чи хезад?

Чун қисмати мо ҷуз шаби торик накарданд,
Аз тобиши ин гунбади даввор чи хезад?

Мо ҳарфи башарпарвариву ҳаққу адолат
Бисёр шунидем, зи такрор чи хезад?

Душман чу ниҳон аст ба жарфои вуҷудам,
Аз сохтани бораву девор чи хезад?

Шому майу маҳтоб ҳама мунтазиронанд,
К-аз чину хами домани дилдор чи хезад?

Эй мурғи шабоҳанг, дар ин шоми ғамангез
Аз мову ту ҷуз нолаи хунбор чи хезад?

Аз табъи диловези гуҳарсори Халилӣ
Ҷуз шеъри равонбахши гуҳарбор чи хезад?

## СУРУДИ ШАБ

З-ин пас ману ту дар пои ин кӯҳ
Танҳову бекас, шайдову мафтун,
Бо қалби саршор аз дарду афсӯс,
Бо чашми лабрез аз гиряву хун.

Шабҳои рӯшан танҳо нишинем
Дар паҳлуи ҳам, дар нури маҳтоб,
То бод хезад ноланда аз кӯҳ,
То нур афтад ларзанда бар об.

Дар кӯҳ печад дилкаш садое,
Аз дур ояд гулбонги ное.
Ғамҳои дилро бо ҳам бигӯем –
Ман бо ниёзе, ту бо адое.

З-ин оби хандон оина бандам,
То субҳ бинӣ рӯи чу моҳат.
Аз шохи сунбул шаб шона созам,
То барфишонӣ мӯи сиёҳат.

Ин хилвати ишқ, ин шоми зебо,
Ин ларзиши мавҷ, ин рақси ахтар,
Ман дида пурхун, ту гул ба доман,
Ман шеър бар лаб, ту шӯр бар сар.

Гоҳе ниҳода сар бар сари санг,
Гоҳе супурда дил дар кафи бод,
Гоҳе фитода мабҳуту хомӯш,
Гоҳе нишаста сармасту озод.

З-албони қудрат бар нақш ин санг,
Аз рамзи фитрат дар сурат ин об,
Гоҳи шунидан гардем беҳуш,
Ҳангоми дидан бошем бетоб.

Вақти саҳаргоҳ фарзанди деҳқон
Чун баччаи шер танҳову мағрур
Аз нолаи най в-аз ҷунбиши бод
Истода бар санг шодону масрур.

Ин мурғи маҷрӯҳ баҳри чи охир,
Бар шохаи гул андар наво шуд,
Дар пойи ин кӯҳ, аз қалби ин санг,
Ин чашма охир гирён чаро шуд?

Аз ранҷу дарди ин гетии шум
В-аз сулҳу ҷанги ин куҳнадунё
Ин ҷо гирифтем, эй кӯҳ, маскан,
Ин ҷо намудем дар дарра маъво.

Эй фарши сода, эй сояи кӯҳ,
Эй хонаи санг, эй бистари хор,
Оромии мо дар туст маркуз,
Хушбахтии мо аз ту падидор.

Эй хоки ин кӯҳ, эй мадфани мо,
Охир ба чандин уммеду омол
Дар синаи ту гардем мадфун,
Дар пояи ту бошем помол?

Боди баҳоро, аз баъди мурдан
Бар турбати ман з-ин гул бикорӣ,
Эй абри найсон, бар мадфани ман
Дар пой ин кӯҳ ашке биборӣ!

Бо нолаи зор, бо савти маҳзун,
Бар рӯи он қабр, булбул, ту ҳам боз
Чандон биналӣ, к-андар дили хок
Аз нолаи ту нолам ба овоз!

## МАРГИ ОРЗӮҲО

Мурда бод ин орзӯҳои сиёҳ,
Мурда бод ин душманони ҷони ман,
Мурда бод ин дарди дармоннопазир,
Мурда бод ин ранҷи бепоёни ман!

Ҳар қадар ман пир мегардам, дареғ,
Орзӯҳоям ҷаритар мешаванд,
Ҳар қадар ман мешавам зору наҳиф,
Ин сиёҳкорон қавитар мешаванд![1]

[1] Дар ин чор сатр қофия нест, аммо ҳар ҷо, ки дида шуд, чунин аст.

Эй ҷунун, раҳме ба ҳоли зори ман,
Пок кун ин лавҳи занголудро,
Ҳиммате, эй марг, то вайрон кунӣ
Ин бинои шуми дудандудро!

Орзӯҳо мавҷҳои зиндагист,
Ҷунбише доранду ороме кунанд.
Ҳар нафас пайдову пинҳон мешаванд,
Ҳар замон оғозу анҷоме кунанд.

Дар дили ин мавҷҳои ношикеб,
Зери ин дарёи зулматофарин
Гавҳари рахшанда ғайр аз ишқ нест,
Тобноку рӯҳбахшу дилнишин.

Ишқ, эй шохи гули зебои ман,
Навбаҳори сад таманнои манӣ.
Дар дили ман менихӣ нури ҳаёт,
Бӯсагоҳи орзӯҳои манӣ.

Ишқ, эй ту кимиёи зиндагӣ,
«Эй табиби ҷумла иллатҳои ман»[1],
Шеъри ман, мазмуни ман, илҳоми ман,
Шӯри ман, мастии ман, саҳбои ман.

---

[1] Шод бош, эй ишқи хушсавдои мо,
Эй табиби ҷумла иллатҳои мо!
**Ҷалолиддини Балхӣ.**

Машъале дар синаи ман барфурӯз,
Дар шаби ғам Хизри роҳи ман ту бош,
Чун дили ман матлаи анвори туст,
Баъд аз ин хуршеду моҳи ман ту бош!

## ИДӢ БА ҲАМВАТАНОН

Шаби ид асту з-он шаҳри таболуд
Зи шодӣ бар намеояд садое,
Дар ин мотамсаро дуде набинӣ
Ба ҷуз оҳи ятиме, бенавое.

Муборак бод ид он модареро,
Ки фарзандаш ба хун ғалтида имрӯз,
Ба ҷои рӯи гарми тобнокаш,
Ба зорӣ марқадаш бӯсида имрӯз.

Ба гӯш ояд фиғонаш дар дили шаб,
«Куҷо ин гург фарзанди маро хурд?
Куҷо ин гурги пири одамихор,
Куҷо фарзанди дилбанди маро бурд?»

Муборак ид бар сангаргузине,
Ки ҷон дода ба зери теғи ҷаллод,
Барои ҳифзи ҳар хоре дар ин хок
Сипар карда танаш чун кӯҳи пӯлод.

Ба ононе, ки аз дил бӯса доданд
Лаби шамшерҳои обгунро,
Зи ҳар ранге барои сабти таърих,
Писандиданд танҳо ранги хунро.

Муборак ид бар озодмардон,
Бараҳнапойҳо, душманшиканҳо,
Ба ҷои ҷома карда зинати тан
Ба рӯзи иди худ гулгун кафанҳо.

Муборак ид ононро, ки як умр
Дар он кишвар нахуспиданд ором,
Вале имрӯз бо азме чу куҳсор
Ситонанд аз даҳони аждаҳо ком.

Муборак бар худоҷӯёни кишвар,
Ки помоли хари Даҷҷол гаштанд,
Ба он хилватгузинони саҳаргоҳ,
Ки дар пои ситам помол гаштанд.

Муборак ид бод оворагонро,
Ки зери осмон ҷое надоранд,
Агар ин ҷо, ба ғурбат, ҷон супоранд,
Барои қабр маъвое надоранд.

Муборак бод бар номуси миллат,
Ба он дӯшизаи зебо, ки чун шер
Алам афрошта аз чодари хеш,
Нишон дода ба душман барқи шамшер.

Муборак ид бар зиндониён бод,
Ки бошад созашон овози занҷир,
Ба зери зарбати шаллоқи душман,
Ба лаб н-оранд ҷуз фарёди такбир.

## ҲЕЧ

*Ману дил дар биёбони зиндагӣ*

Шабе торику даште ваҳшатангез,
Ману дил ҳар ду саргардону танҳо,
На нуре партавафкан аз дили шаб,
На овозе падид аз қалби саҳро.

Сияҳ пӯшида шаб, дар мотами кист?
Чаро дар чашми ахтар нур мурда?
Кӣ, ё раб, чилчароғи осмонро
Аз ин тоқи муқарнас[1] дур бурда?

Набинад корвонаш ҷуз хати рег
Асар з-он бекарона корвонҳо.
Набинад дидаи раҳрав дар он шаб
Нишон з-он бешумора Каҳкашонҳо.

Магар ҷузъе зи шаб будам, ки зулмат
Чунин печида дар худ пайкарамро?
Магар зоғам, ки шуста дар сиёҳӣ
Сияҳкори фалак болу парамро?

Фурӯ ҳишта биёбон дар биёбон
Хамӯшӣ хаймаи хобовари хеш,
Ниҳода чарх, гӯӣ, то дами ҳашр
Ба рӯи болиши ғафлат сари хеш.

---

[1] Кунгурадор, карниздор.

Сукут андар сукут андар сукут аст,
Сукути маргбори даҳшатандуд.
Кучо оташзада гардун, ки имшаб,
Набинад дида ғайр аз дуд бар дуд.

Ману дил ҳарду раҳпаймо дар он дашт,
Ду саргашта, ду саргардон, ду нолон,
Ду пайванд аз гузашта баргусаста,
Зи ҳоли ҳарду оянда гурезон.

Аз он зиндон, ки барпо гашта дар шаҳр,
Дару девораш аз қирина пӯлод[1],
Бувад рӯзе, ки ояд мурғи уммед,
Асиронро кунад аз банд озод.

Дар он зиндон чу танг ояд асире,
Занад бо мушти худ бар оҳанин дар,
Ба девори фалаксояш бикӯбад
Сари шӯридаи худро мукаррар.

Вале, дардо, дар ин шоми ғамангез,
Дар ин роҳи дарози бесаранҷом
Ману дил дар биёбоне асирем,
Ки не девор дорад, не дару бом.

Чи ҷонкоҳ аст ин саҳрои дилгир,
Чи даҳшатзост ин дашти ҷигархор,
На деворе, на дарёе, на банде,
На аз сӯе бувад роҳе падидор.

[1] Пӯлоди қиргун, сиёҳ.

Дар ин зиндони бедевору бедар,
Дар ин саҳрои нопайдоканора
Гаҳе ман пеш мерафтам, гаҳе дил
Ҳаросон бар фарози хору хора.

Надонам, аз куҷо оғоз кардем
Китоберо, ки унвоне надорад.
Чи сон ин роҳ поён мепазирад,
Дар ин саҳро, ки поёне надорад.

Саранҷом аз гудози хастагиҳо
Тани афсурда дар тобу таб афтод.
Дилам дар кӯрароҳи зиндагонӣ
Зи навмедӣ ба «ё Раб-ё Раб» афтод.

Ману дил рӯбарӯи ҳам нишастем,
Зи дарди бекасӣ фарёд кардем,
Зи ранҷи роҳи андуҳбори ҳастӣ
Ба сад зорӣ якояк ёд кардем.

Шуд аз фарёди мо ором дар дашт
Сияҳбоде, ки тӯфони ҷунун дошт,
Ҳиҷоби зулмати шаб роҳ бикшод
Ба ашки мо, ки рангу бӯи хун дошт.

Мукаррар нолаҳо кардему кардем
Дар он дашти фарохи пурхамупеч,
Наомад нолаи моро ҷавобе
Ба поёни шаби ҳастӣ ба ҷуз ҳеч.

Худоё, раҳнавардеро бибахшой,
Ки кас, ҷуз ҳеч, ғамхораш набошад,
Дар ин роҳи дарози бесаранҷом
Ба ғайр аз ҳеч дарбораш набошад.

Худоё, дидае бахшо, ки як дам
Саропои ҷаҳонро ҳеч бинам,
Ба нури ҷовидони бекаронат
Замину осмонро ҳеч бинам.

Бидеҳ дасте, ки дар тӯмори умрам –
Дар ин тӯмори моросои пурпеч
Қаламро сар кунам[1] аз рӯи ихлос,
Ҷавонмардона бинвисам яке ҳеч.

## ТОҚИ ШИКАСТА

Шаҳре хароб буду дар он шаҳр кулбае,
Девори он фитодаву сақфаш нишаста буд,
Андар миёни кулбаи торик солҳо
Шамъе хамӯш бар сари тоқе шикаста буд.
Он сӯтарак ба гӯшаи матруки он равоқ
Аз баргҳои лола яке хушкдаста буд.
Он кулба солҳо зи назар буд нопадид
В-он дар ба рӯи ғайр шабу рӯз баста буд.

Субҳе дар он хуҷастазамине, ки хоки он
Дил парварад ба ҷои гилу гул ба ҷойи хор,

[1] Шояд «канам» бошад.

Он ҷо, ки рӯди масту хурӯшони он равад
Чун уштуре сапед, ки барҳам занад қатор;
Он ҷо, ки духтарони сияҳчашми он ба ноз
Аз духтарони Зуҳра рабоянд гӯшвор;
Он ҷо, ки кӯҳсори сарафрози он мудом
Хуршед дар бағал кашаду моҳ дар канор;

Он ҷо, дар он диёри хуҷаста, дар он биҳишт
Гардид ногаҳон ба назар шуълае падид,
Боде зи дур омаду бар лолаҳои хушк
Рӯҳи нишот бо нафаси исавӣ дамид.
Он шамъи мурда ёфт пас аз солҳо фурӯғ
В-он хушклола ёфт пас аз умрҳо навид,
Он кулбаи хароб дилам буду ишқ шамъ
В-он лолаҳои хушк бувад гулбуни умед.

## МУСОФИРИ САРГАРДОН

Мо дар сафарему роҳ аён нест,
Нақши қадаме зи рафтагон нест.
Як равзани нур дар ҷаҳон нест,
Роҳе ба ҳарими осмон нест.
Чарх аст баланду нардбон нест

Гардунаи тезгарди айём
Раҳ месипарад зи бом то шом,
Як дам зи кашиш надорам ором,
Моро ба куҷо барад саранҷом.
Мо роҳраву ҳадаф аён нест

Ин луъбати ҳарзапӯйи даввор,
Ин хоки сиёҳи одамихор,
Бикшода даҳонаш аждаҳовор,
Аз хурдани халқ шуд гаронбор.
Аз сер шудан дар ӯ нишон нест.

Як лаҳза ҳаёти беғаме ку?
Дар аҳли замона ҳамдаме ку?
Дар пардаи роҳ маҳраме ку?
Дар дидаи хушки мо наме ку?
Абр аст, вале гуҳарфишон нест.

Ин хокнишини осмонтоз,
Ин мушти ғубори чархпарвоз,
Ин қатраи хуни гарданафроз
Гар дида ба сӯи худ кунад боз,
Ҷуз мӯри заифи нотавон нест.

Ин бохта умр дар қафасҳо,
Бар суфраи оз чун магасҳо,
Побанд ба гунагун ҳавасҳо,
Фарёд ҳамезанад ҷарасҳо,
К-ин раҳгузар аст, меҳмон нест.

Моем назорагони ранҷур,
Аз шаш ҷиҳатем ҷумла маҳсур,
Як қалбу ҳазор захми носур,
Аз ҳамнафасони хештан дур
Мурдему нишони ошён нест.

Ғам кард басе дароздастӣ,
Соқӣ, ту магар қадаҳ шикастӣ,
Ё риштаи дӯстӣ гусастӣ?
Эй ҳомии ишқу завқу мастӣ,
Як ҷуръа, ки умр ҷовидон нест.

Тобанда ба дил чу нури уммед,
Ҷонбахштар аз нишоти ҷовид,
Ҷовид зи номи ӯст Ҷамшед,
Рахшон ба қадаҳ чу қурс хуршед,
Хуршед вале дар осмон нест.

# РУБОИҲО

## Дил

Дил дар ҳама ҳол такягоҳ аст маро,
Дар мулки вуҷуд подшоҳ аст маро,
Аз фитнаи ақл чун ба ҷон меоям,
Мамнуни дилам, Худо гувоҳ аст маро!

## Дарёб!

Чун реги фақирем, ки афтад дар об,
Сад доира халқ карда бас дар табу тоб,
Чун рафт фуруд, об ором гирифт,
Ин нукта басе амиқ бошад, дарёб!

## Кӯҳи ғаму дарахти зиндагӣ

Бар қалъаи куҳсор дарахте барпост,
Бар шохи дарахт ошёне пайдост.
Ғам кӯҳу дарахт зиндагонии ман аст,
Бар шохи дарахт мурғаке нағмасарост.

## Ёрон

Сармояи айш суҳбати ёрон аст,
Душвории марг дурии эшон аст,
Чун дар дили хок низ ёрон ҷамъанд,
Пас зиндагиву марг ба мо яксон аст.

## Сӯзи сина

Гар хоки дари ёр наруфтем, гузашт,
Гар таънаи ағёр шунуфтем, гузашт.
Он сӯз, ки дар синаи мо пинҳон буд,
Гуфтем, гузашт, гар нагуфтем, гузашт!

## Сафои субҳ

Субҳ асту зи хуррамӣ ҷаҳон механдад,
Ҳар қатра ба баҳри бекарон механдад,
Бӯ дар гулу нашъа дар майу май дар ҷом,
Аз шавқ замину осмон механдад!

## Ҷаҳонгирон

Шуҳратталабе чанд ба ҳам сохтаанд,
Чун гурги гурусна дар ҷаҳон тохтаанд,
Карданд ба зери по ҳазорон сару даст,
То гардани шуми худ барафрохтаанд!

## Партави дидор

Дил дар ғами ишқи ту барӯманд бувад,
Дар партави дидори ту хурсанд бувад.
Бигзоштаам дар кафу гӯям ҳар рӯз:
«Дар шаҳри шумо баҳои дил чанд бувад?»

## Шоми умр

Дӣ шохи шукуфа дар чаман механдид,
Бар сунбулу насрину суман махандид,
Аз дур сапедаи саҳарро дидам,
Бар рӯзи худу ба шоми ман механдид.

## Душмани худ

Эй душмани худ, зи худ гурезӣ, беҳтар,
Як бор ба хӯи худ ситезӣ, беҳтар,
Аз дасти ту рехт обрӯят сад бор,
Як қатра ба ҷо монда, нарезӣ, беҳтар!

## Шабоҳанг

Эй мурғи шабоҳанги дилангез, бинол,
Қурбони ту, эй тоири шабхез, бинол,
Аз нолаи ту мурғи дилам нолад зор,
Ин нола ба он нола даромез, бинол!

## Дасти булӯрин

Пурсид зи дил, обилагуне гуфтам,
Пурсид зи дида, ҷӯи хуне гуфтам.
Пурсид зи зиндагӣ, ниҳодам оташ
Бар дасти булӯринашу «Чунӣ?» гуфтам.

## Ватан

Зебо Ватанам, ҷаннати дунё Ватанам,
Эй ғарқаи хуну ашк, танҳо Ватанам,
Ман ҷуз ту дигар ном наорам бар лаб,
Эй во Ватанам, во Ватанам, во Ватанам!

## Суруди шавқ

Ё Раб, дарде, ки нола оғоз кунам,
Шӯре, ки суруди шавқро соз кунам,
Чашме, ки ба сӯи хеш чун боз кунам,
Он гумшударо зи дур овоз кунам!

## Офтоби озодӣ

Он меваи талхем, ки резад ба замин,
Дар гӯшаи ин боғ чунинем, чунин.
Ҷуз файзи ту, эй баҳори озодӣ, чист,
К-ин меваи талхро намояд ширин?

## Вараќу хома

Ҳарчанд ки поку бегуноҳем ҳама,
Маърузи[1] ҳазор иштибоҳем ҳама,
Монанди вараќҳои сапедем, вале
Бо хомаи дигарон сиёҳем ҳама.

---

[1] Арзкардашуда.

## Бехабар

Чун барра, ки гург медавад аз паси вай,
Бечора башар давону маргаш аз пай,
Аз бим надонист, ки чун рафт баҳор
В-аз ҳавл нафаҳмид, ки кай омад дай!

## Симоб

Эй чашма, чаро ин ҳама бетоб шудӣ,
Ларзону саросема чу симоб шудӣ,
Дар маҳфили оташнафасони дили хок
Оё чи шунидӣ, ки чунин об шудӣ?

## Мояи ҷон

Эй сарви равон, ки нахли уммеди манӣ,
В-эй мояи ҷон, ки умри ҷовиди манӣ,
Дар шаҳри шумо, ки осмон пурабр аст,
Маҳтоби манӣ, фурӯғи хуршеди манӣ!

## Пешаҳои зиндагонӣ

То чанд пайи синону шамшер шавӣ?
То чанд пайи худъаву тадбир шавӣ?
Он пешаи шер бошад, ин аз рӯбоҳ,
Одам чу шавӣ, зи ҳар ду дилгир шавӣ!

## Хонаи ишқ

Азбас хушу масту дилрабо меоӣ,
Чун боди баҳор ҷонфизо меоӣ,
Дил хонаи ишқи туст, ободаш дор,
Чун хона хароб шуд, куҷо меоӣ?

## Бе боди баҳор...

Бе давлати ишқ зиндагонӣ нафасест,
Ҳангомаи ишрати ҷавонӣ ҳавасест.
Бе боди баҳор ҷои гул дар гулшан
Ё дастаи хори хушк ё мушти хасест.

## Куштанд башарро...

Куштанд башарро, ки сиёсат ин аст,
Карданд ҷаҳон табаҳ, ки ҳикмат ин аст,
Дар кисвати хайрхоҳии навъи башар
Зоданд чи фитнаҳо, маҳорат ин аст.

## Лаззати фатҳ

Он нимаи нон, ки бенавое ёбад,
В-он ҷома, ки кӯдаки гадое ёбад,
Чун лаззати фатҳест, ки иқлимеро
Лашкаршикане, ҷаҳонкушое ёбад.

## Айб бувад...

Имрӯз, ки асри илму фарҳанг бувад,
Қонуни ҷаҳон бо дигар оҳанг бувад,
Гар саҷдаи ту ба пеши ин санг бувад,
Ин айб бувад, ор бувад, нанг бувад!

## Ҷаҳаннам

Шуҳратталабе, беҳунаре, дуне чанд
Карданд ҷаҳонро ба ҷаҳаннам монанд:
Сад бор замин ба хуни мардум тар шуд,
То номи фалон ибни фалон гашт баланд!

## Ба номи оштӣ

Ин кинаварон боз ба найранги дигар
Доранд сари фитна ба оҳанги дигар.
Фарёд, ки ин шуъбадабозон ҳар рӯз
Хоҳанд ба номи оштӣ ҷанги дигар!

## Чун шамъ

То мо равиши замона омӯхтаем,
Бо чашми кушодаву лаби дӯхтаем.
То машъали зиндагӣ барафрӯхтаем,
Чун шамъ ба базми дигарон сӯхтаем.

## Зиндагӣ

Афсӯс, ки зиндагӣ даме буду ғаме,
Қалбеву шиканҷаеву чашмеву наме,
Ё ҷаври ситамгаре кашидан ҳар рӯз,
Ё худ ба ситамкаше расондан ситаме.

# ДУБАЙТИҲО

## Гузашта

Рақиби куҳнаро фикри наве нест,
Аз ин анвор ӯро партаве нест,
Ҷаҳонро гар бигирад нозу неъмат,
Насиби хар ба ҷуз мушти ҷаве нест.

## Нишони мардон

Нишони ошиқӣ дард аст, ку дард?
Ба майдон кас намеояд, чи шуд мард?
Магар тозанд бар асбони шатранҷ,
Ки аз ҷавлони кас пайдо нашуд гард?

## Дидаи дил

Ҷаҳони дидаву дил фарқ дорад,
Сафар дар баҳру соҳил фарқ дорад.
Садои хандаи кабк аз дили кӯҳ
Зи нолишҳои бисмил фарқ дорад.

## Дур

Асоси дониши мо дарди сар буд,
Ҷудо аз мубтадо, дур аз хабар буд.
Дар ин раҳ ҳар қадар мо пеш рафтем,
Нишони манзили мо дуртар буд.

## Хандаи орзӯ

Сабо бар рӯи гул зад об, бархез,
Саҳар шуд, эй гули сероб, бархез,
Ба рӯят орзӯ механдад аз дур,
Ту ҳам чашме бимол, аз хоб бархез!

## Мурғи шабгир

Шаби абр аст, соқӣ, соғарат ку?
Фурӯғи моҳу нури ахтарат ку?
Зи дур ояд садои мурғи шабгир,
Навову нағмаи ҷонпарварат ку?

## Шуълаи хас

Раҳи дил гум шуда, фарёдрас ку?
Навои нойу гулбонги ҷарас ку?
Аз ин водӣ куҷо шуд оташи ишқ?
Кунун ҷуз шуълаҳои хору хас ку?

## Баҳор

Ҷаҳон фасли тараб аз сар гирифта,
Табиат гунаи дигар гирифта,
Бидеҳ он оби оташгун, ки аз гул
Биёбон дар биёбон дар гирифта!

# ҒАЗАЛҲО

## ҶИЛВАИ АРҒУВОН

Субҳ ба кӯҳсор шав, ҷилваи арғувон нигар,
Дар дили кӯҳ ҷо ба ҷо оташи корвон нигар.

Дар дили лола доғҳо, бар лаби вай аёғҳо,
Бар кафи вай чароғҳо – машъали боғбон нигар.

Ҷилваи навбаҳор бин, манзари кӯҳсор бин,
Гиряи обшор бин, хандаи осмон нигар.

Оби равон ба ҷустуҷӯ, гоҳ фарозу гаҳ фурӯ,
Рози нуҳуфта мӯ ба мӯ бар лаби вай аён нигар.

Шох чу Каҳкашон шуда, духтари бӯстон шуда,
Маст шуда, ҷавон шуда, тавқи гуҳарнишон нигар.

Аз сари сангҳо уқоб чархзанон ба печутоб
Роҳ барад ба офтоб, орзуи ҷавон нигар.

Хок бунафшабӯ шуда, бод фариштахӯ шуда,
Мурғ латифагӯ шуда, шоири бӯстон нигар.

Бӯ чу ба ғунча шуд ниҳон, бод шуд аз пайаш равон,
Об ба ҳар тараф давон – бозии кӯдакон нигар,

Наргиси нимхуфтаро фитна ба чашми шӯх бин,
Сунбули наврасидаро тоб ба гесувон нигар.

Нест падид ҷуз ҷалол, нест ба дида ҷуз ҷамол,
Хоҳ аз ин канор бин, хоҳ аз он карон нигар.

Ақл забуни ишқ кун, парда фикан зи чашми дил,
Ҷилва замон-замон бибин, ҳусн ҷаҳон-ҷаҳон нигар!

## ШОИР

Шогирдии Худой кунад шоири бузург,
Моро ба сӯи олами анвор мебарад.

Шоир дақиқаёби дабистони фитрат аст,
Аз ҳарф-ҳарф роҳ ба асрор мебарад.

Ин бозмонда хотири оворагардро
Онсӯтарак зи пардаи пиндор мебарад.

Гаҳ дасти дил гирифта, фаротар зи моҳу меҳр
Дар боргоҳи хилвати дилдор мебарад.

Гаҳ ашкҳои хуншударо гӯяд ин гуҳар,
Қадру баҳои гавҳари шаҳвор мебарад.

Гаҳ ишқро худои ҳунар медиҳад лақаб,
Дар пои ӯ суҷуд худовор мебарад.

Гӯяд, чу ишқ нест, башар чист – маркабе,
К-ӯ сӯи гӯр пайкари бемор мебарад.

Буъди макону фарқи замон нест назди ишқ,
Аз ҳар канора раҳ ба дари ёр мебарад.

Як ҷилва ҳаст он, ки дилу дини ошиқон
Гоҳе ба субҳа, гоҳ ба зуннор мебарад.

Ишқ офтоби хиракуни офтобҳост,
Шоир зи ишқ раҳ ба шаби тор мебарад.

Гар бо фалак ситеза кунад дар қимори ишқ,
Бо як-ду дав зи собиту сайёр мебарад.

Пеши хадеви ҳусн дили дардмандро
Аз гӯшҳо гирифта ба иқрор мебарад.

Шоир суруди дилкаши озодии башар
Дар пеш-пеши раҳрави адвор мебарад.

Овозаи шикастани занҷири бардагист
Созе, ки вай ба маҳфили аҳрор мебарад.

Бо сеҳркории найи килки шакарфишон
Талхии заҳр аз даҳани мор мебарад.

Дарё зи нашъа рақс кунад дар ҳузури вай,
Ҳар гоҳ номи соғари саршор мебарад.

Аз гавҳарони домани вай тоири хаёл
Ҳар рӯз дона-дона ба минқор мебарад.

## МАҶБУРИЯТИ ШОИР

Гуфтанд ба шоир, ки «Чаро шеър сурудӣ
Дар мадҳи касоне, ки сазовор набуданд?»

Гуфто: «Нашунидед, ки дуздон ба камингоҳ
Як қофиларо ғорату тороҷ намуданд,

Аз соиду бар зинати занҳо бигирифтанд
В-аз ҷайбу камар сарвати мардон бирабуданд,

З-он пас, ки ба занҷир гулӯи ҳама бастанд,
Бар хок сару сурати онҳо ҳама суданд,

Шамшер кашидандy бигуфтанд ба овоз
Ҳарфе, ки тапиданд асирон, чу шунуданд,

Гуфтанд: «Ба ҷуз мо кӣ бувад он, ки шуморо
Сарҳо набуриданду фақат мол рабуданд?»

Он шеърсароён, ки суруданд чунон мадҳ,
Бо кӯдаку зан бастаи ин марҳала буданд.

Мемурд зану кӯдакашон баҳри лабе нон,
Бечо на лаби хеш пайи мадҳ кушуданд!

## ШОИР ОН НАБВАД...

Шоир он набвад, ки бо нерӯи алфози фасеҳ
Зарраро хуршед гӯяд, қатраро дарё кунад.

Гаҳ ситояд он киро, шоистаи нафрин бувад,
Гаҳ фурӯтар аз худашро бар фалак боло кунад.

Ҳаст шоир сози фитратро муборак нағмае,
К-аз дами ҷонбахш чандин мурдаро эҳё кунад.

Дар наҷоти ақл саргардони маҳкуми башар,
Равзани нуре дар ин зулматсаро пайдо кунад.

Машъале аз сулҳ афрӯзад, ки дар анвори он
Мушти ин ҳангомасозони дағалро во кунад.

Шеър оҳанги дил асту нағмаи рӯҳи башар,
Бар навои дил ҷаҳонро ошиқу шайдо кунад.

Ин ҷаҳон бошад китоби ишқ сар то пои он,
Шоир ин алфози дилкашро ба мо маъно кунад.

Ҳар куҷо ишқ аст, шоир мекунад он ҷо мақом,
Ҳар куҷо ҳусн аст, он ҷо ошён барпо кунад.

## ШЕЪРИ МАН

Чист, донӣ, шеъри ман – чун бӯстоне, к-андар он
Модари андеша умре посбонӣ кардааст.

Оҳ монанди насим онро навозиш додааст,
Ашк, чун борон, бар он гавҳарфишонӣ кардааст.

Орзӯ бар ғунчааш бинҳода гар лабханди шавқ,
Яъс бар ҳар барг таъсири хазонӣ кардааст.

Дил дар он аз хуни гарми хеш гашта обёр,
То чунин гулҳои онро арғувонӣ кардааст.

Осмони нилгун азбас бар он тобида нур,
Сабзаҳои дилкашашро осмонӣ кардааст.

Аз куҳантаърихи мо бар шохсори ин чаман
Мурғи ҳақ то субҳгоҳон нағмахонӣ кардааст.

Ҳуснро нозам, ки онро карда вақфи хештан,
Ишқро нозам, ки он ҷо боғбонӣ кардааст.

Ҳусни гандумгуни маҳҷуби[1] сияҳчашмони маст
Андар ин гулзор ҳар коре, ки донӣ, кардааст!

---

[1] Дар ҳиҷоб, пӯшида, пинҳон.

## БАР МАЗОРИ ФИРДАВСӢ

Офарин бар шоири дарёдилу гардуншукӯҳ,
Он дабистони суханро осмонӣ устод,

Ғазна аз вай шуд хуҷаста, Тӯс аз вай шуд бузург,
Ҷовидонӣ шуд аз ӯ Кай, зинда гашт аз вай Қубод,

Теғ аз дасти ситамкорони гетӣ баргирифт,
Тоҷ бар фарқи ҷаҳонбонони одил барниҳод,

Тоза аз вай номи Хусрав, равшан аз вай базми Ҷам,
Сарбаланд аз вай Таҳамтан, шармгин аз вай Шағод.

## БА РИШВАТХОРАГОН

Ҳар ришвате, ки мехурӣ аз мардумон ба ҷавр,
Шодӣ макун, ки ғам кашадат оқибат ба хун!

Гӯӣ, Худо ба қисмати мо нақш карда ин,
Нақши Худойро ту мадон ин қадар забун!

Нақши Худой нест ба ҷуз адлу марҳамат,
Андешаи ту нақши азал хонда вожгун!

Пинҳон хурӣ ту ришвату донӣ, надида кас,
Ғофил, ки сӯи ту нигарон аст бас уюн[1].

Донӣ, ки интиқоми ду чашм аст бас маҳеб[2]
Сӯи ту хира, лек ту ғофил аз он кунун.

З-он рӯз кун ҳазар, ки ба фармони ин ду чашм
Ин каҷнигоҳ чашми ту гардад зи сар бурун.

Он гаҳ сарои хеш биёбӣ куҳанработ,
Авлоди ту буруну дар он дигарон дарун.

Ёбӣ ба ҷои риштаи алмос тавқи ашк,
Бинӣ ба ҷои лаъли гаронмоя дурҷи хун!

---

[1] Ҷамъи «айн», чашмҳо.
[2] Пурбим, ҳавлангез, бадҳайбат.

## АЗ БАЛХ ТО ҚУНИЯ[1]

Балхи бомӣ зодгоҳи Мавлавист,
Машриқи сад офтоби маънавист.

На хароба, ин хароботи дил аст,
Мазҳари асрору оёти дил аст.

Хонаи аҷдоду амҷоди[2] вай аст,
Хонақоҳи файзу иршоди вай аст.

Буд ин ҷо мабдаи анҷоми ӯ,
Аввалин сарчашмаи илҳоми ӯ.

Дида буд ин ҷо ҳарими розро,
Кӯҳи Синову Калими розро.

Файзҳо андӯхт дар домони ишқ
Дар ҳарими ҳазрати султони ишқ.

Хонд ин ҷо нуктаи тавфиқро,
Аз абу ҷад абҷади таҳқиқро.

Дид ин ҷо кӯдаки ҳалвофурӯш
Бар дари шайхе баровarda хурӯш.

---

[1] Шоир ин маснавиро дар охири рисолаи «Аз Балх то Қуния» навиштааст.
[2] Ҷамъи «маҷид», бузург, баландмартаба.

Хонд дар гӯшаш азони аҳмадӣ
Шайхи Ғазна бо навои сармадӣ.

Пири комил хоҷаи Ансорияш
Кард равшан дидаи бедорияш.

Шайхи Ҳуҷвирӣ[1] ба гӯшаш роз гуфт,
Ҳарфҳои ношунида бозгуфт.

Сарразӣ[2] дар ишқ шуд момои ӯ,
Шуд Разиюддин Алӣ[3] лолои ӯ.

Дид ин ҷо подшоҳе бар ҳасир[4],
Бӯрёе баргузида бар сарир[5].

Сӯхтам аз хомии Хорамзшоҳ,
Он ки шуд аз шумияш Машриқ табоҳ.

Чашм будаш, лек ҷононро надид,
Партави меҳри фурӯзонро надид.

Аз басорат то басират фарқҳост,
Чашми ҳақбин мазҳари нури Худост.

---

[1] Орифи асри 11-и Ғазнӣ.
[2] Орифи асри 14-и Ҳирот.
[3] Донишманди қадим.
[4] Бӯрё.
[5] Дар ин ҷо ба маънии тахт, авранг.

Рояти шоҳи мусулмон дини ӯст,
Хотами ӯ нисфату[1] оини ӯст.

Дини ҳақ гӯяд, ки шаҳ фармонравост,
Ноиб асту ҳукми ӯ ҳукми қазост.

Бандаеро бозхонад подшоҳ,
Мушти хокеро кунад зилли Илоҳ.

Ин шараф аз аҳли имон асту бас,
Муқтабас[2] аз файзи Қуръон асту бас.

Мавлавӣ аз Балх ин анвор бурд,
Хирмане аз мазраи асрор бурд.

Ҷустуҷӯи шамъи ҷонафрӯз дошт,
Орзӯи барқи хирмансӯз дошт.

Шамс оташ зад ба сар то пои ӯ,
Сӯхт ҳам пинҳону ҳам пайдои ӯ.

Хирмани ушшоқро сӯзе бас аст,
Як нигоҳи гарми дилсӯзе бас аст.

---

[1] Инсоф.
[2] Иқтибосшуда.

## МИР САЙЙИДАЛИИ ҲАМАДОНӢ
## ВА АМИР ТЕМУР

Мири аҳли маърифат, шоҳи фақир,
Сонии шери Худо, шайхи кабир

Пушт бар қибла накардӣ ҳеҷ гоҳ
Дар сафар, дар хонаву дар хонақоҳ.

Чун шунид ин ҳарфро соҳибқирон,
Темури лашкаркаши гетиситон,

Хост назди халқ таҳқираш кунад,
Бехабар дар дому тазвираш кунад.

Бор доду шайхро даъват намуд,
Орзӯи як-ду дам суҳбат намуд.

Рӯ ба сӯи Каъба тахти хеш монд,
Дар муқобил маснади дарвеш монд.

Гуфт ӯро дар хилоли[1] гуфтугӯ:
«Каъба дар пушти сарат набвад накӯ!»

Дод посух саййиди равшанзамир,
К- «Эй зи ту перояи гоҳу сарир,

Ҳар ки рӯи худ ба сӯи ту кунад,
Пушти худ бояд ба сӯи ӯ кунад!»

---

[1] Асно, фосила, байн.

## МАРГИ ОРЗӮ

***Аз осори У. Ҳенри – нависандаи амрикоӣ***

Буд марду зане ба ҳам ошиқ,
Ҳар ду дар ишқи хештан содиқ,

Ҳарду чун сарв қад кашида ба ноз
Чун ду шохи шукуфа ҷилватароз.

Ҳарду дар боғи ҳусн сарви сиҳӣ,
Ҳарду гарданфарозу кисатиҳӣ.

Орзӯҳо қарини нокомӣ,
Шавқ ҳамдӯши бесаранҷомӣ.

Тангдасту фақиру зору забун,
Лаб пур аз ханда, дидаҳо пурхун.

Марди овора аз матоъи ҷаҳон
Соате дошт куҳнаву вайрон,

Соате дошт, лек безанҷир,
Ёдгори азизи модари пир.

Шавқи занҷир дар дилаш ҷо дошт,
Дил ба занҷири ин таманно дошт.

Ҳамсараш дошт гесувони баланд,
Ҳалқа-ҳалқа фитода ҳамчу каманд,

Буд ҳар ҳалқа сунбулистоне,
Ошёни дили парешоне.

Орзӯ дошт қалби маҳзунаш,
Ки диҳад тоб мӯи заргунаш...

Рӯзҳо рафту ҳафтаҳо сар шуд,
Ёдгори куҳан мукаррар шуд.

Ағниё айшҳо бапо карданд,
Иди мелодро бино карданд.

Ҳар ки дар шаҳр дилситоне дошт,
Баҳри вай фикри армуғоне дошт.

Дар дили он ду ҳам тапиш афтод,
Ҷазбаи шавқ дар кашиш афтод.

Орзӯҳои хуфта шуд бедор,
Ҳарду рафтанд ҷониби бозор.

Мардро дар дил омад ин савдо,
Ки харад баҳри ҳамсари раъно

Мӯйбанди латифи зебое,
Ҳамчу мижгони ёр гирое.

Лоҷарам[1], гарми ҷустуҷӯ гардид,
Дар пайи ҳадя кӯ ба кӯ гардид,

---

[1] Ночор, ноилоҷ.

Соати хешро намуда гарав,
Мӯйбанде харид чун маҳи нав.

Орзӯ кард ёри силсиламӯй,
Ки харад силсила ба соати шӯй,

Шуд тиҳидаст ҷониби бозор
Бо дили зору ҳоли андуҳбор,

Рафт сӯи дукони салмонӣ[1],
Мӯ ба мӯ ҳасрату парешонӣ[2],

Мӯи заррин ниҳод бар сари дӯш,
Гуфт: «Инро ба дигаре бифрӯш!»

Баҳри занҷир хирмани зар дод,
Сад гулистон зи сунбули тар дод.

Қатъ шуд гесуи гиреҳгираш
Бар умеди баҳои занҷираш...

Шомгоҳон ба сӯи хона шуданд,
Мурғосо дар ошёна шуданд,

Мард мӯбанд монда бар кафи даст,
Зан зи занҷир хурраму сармаст.

---

[1] Сартарошӣ.
[2] Ин байтро чунин ҳам хондан мумкин аст:
Рафт сӯи дукони салмоне,
Мӯ ба мӯ ҳасрату парешоне.

Дид то мард ҳолати он моҳ,
Чашми рӯшан шудаш зи ғусса сиёҳ,

Ёфт бе шоху барг сарверо,
Сӯхта болупар тазарверо.

Зан чу он гуна дид дилгираш,
Рафт аз ёд номи занҷираш.

Дар дили ҳар ду орзӯҳо мурд,
Ғунчаи боғи хуррамӣ афсурд.

Эй басо орзӯ, ки хок шуда
В-эй басо дил, ки чок-чок шуда.

## ФАҚРУ ГӮРИСТОН

Субҳгоҳе гадои бечора
Гурсна, побараҳна, овора,

Сахт дилгир шуд зи вазъи ҷаҳон,
Рафт нолон ба сӯи гӯристон.

Кард бар қабри дӯсте овоз,
К-«Эй маро дар ҳаёт маҳрами роз,

Як дам аз хоки тира сар бардор,
Бори факри маро ба дӯш гузор,

Меравам ҷои ту ба хок фурӯ,
Марги ту аз ману ҳаёт аз ту,

Зери ин бор рӯҳи ман афсурд,
Шамъи уммед дар замирам мурд!»

Мурда аз гӯри худ нахӯрд такон,
Гуфт: «Беҳтар зи фақр гӯристон!»

## СУРУДИ КӮҲСОР

Шаб андар домани кӯҳ –
Дарахтон сабзу анбӯҳ,
Ситора равшану маҳтоб дар партавфишонӣ,
Шаби ишқу ҷавонӣ.

Миёни сабзаву гул –
Нишемангоҳи булбул,
Зи дур ояд садое чун сурӯши осмонӣ
Зи найҳои шубонӣ.

Фарози кӯҳсорон –
Қадамгоҳи ғизолон,
Қадамгоҳи ғизолонро кунам гавҳарфишонӣ
Зи ашки арғувонӣ.

Биборад абр нам-нам,
Биларзад шох кам-кам,
Набошад ҷуз табиат ҳеҷ касро ҳукмронӣ
Ба ғайр аз шодмонӣ.

Ману ту ҳар ду бо ҳам
Нишаста шоду хуррам,
Ман аз дил бо ту андар гуфтугӯҳои ниҳонӣ,
Ту гарми меҳрубонӣ.

Бичинам гул бароят,
Бирезам пеши поят,
Ҳамоил созамат аз лолаҳои арғувонӣ
Чу ёқути румонӣ[1].

## ШАҲРИ ТӮФОНБУРДА

Қалам дар панҷаи ман нахли сармохурдаро монад,
Давот аз хушкмағзиҳо даҳони мурдаро монад.

На пайванде ба дирӯзе, на уммеде ба фардое,
Дили беҳосили ман шаҳри тӯфонбурдаро монад.

Таконе ҳам нахурд аз оҳи оташбори мазлумон,
Дили сахти ситамгар санги пайконхурдаро монад.

Гули ишқам, ки буд аз навбаҳори орзу хандон,
Кунун дар пои ҷонон ғунчаи пажмурдаро монад.

Сари бедод, к-аз шӯри таманно несташ баҳра,
Ба шохи зиндагонӣ меваи афсурдаро монад.

Зибас, дар ҳар чи дидам, дошт ранги ранҷу озоре,
Ҷаҳон дар чашми ман яксар дили озурдаро монад.

---

[1] Ёқути Рум, ёқути сурх.

## РОҲИ НАЙИСТОН

Нола ба дил шуд гиреҳ, роҳи найистон куҷост?
Хона қафас шуд ба ман, тарфи биёбон куҷост?

Ашк ба хунам кашид, оҳ ба бодам супурд,
Ақл ба бандам фиканд, рахнаи зиндон куҷост?

Гуфт: паноҳат диҳад, дар раҳи он хок шав,
Он, ки шудам дар раҳаш хок, бигӯ, он куҷост?

Рӯз ба меҳнат гузашт, шом ба ғам шуд саҳар,
Соқии гулчеҳра ку, нағмаи мастон куҷост?

Дар тафи ин бодия сӯхт саропо танам,
Мазраъам оташ гирифт, нам-нами борон куҷост?

Мавҷ наларзад бар об, ғунча нахандад ба боғ,
Барг наҷунбад ба шох, боди баҳорон куҷост?

Хубу бади зиндагӣ бар сари ҳам рехтанд,
То кунад аз ҳам ҷудо, бозуи деҳқон куҷост?

Барқи нигаҳ хира шуд, шавқ зи дил рахт баст,
Хона пур аз дуд шуд, машъали рахшон куҷост?

Нола шудам, ғам шудам, ман ҳама мотам шудам,
Он дили хуррам чи шуд, он лаби хандон куҷост?

Абри сияҳ шуд падид боз ба чархи сухан,
Ахтари бурҷи адаб – марди сухандон куҷост?

Ҳамназари Бӯалӣ, ҳамқадами Бӯало,
Ҳамнафаси Рӯдакӣ, ҳамдами Салмон куҷост?

Мард намирад ба марг, марг аз ӯ номҷӯст,
Ном чу ҷовид шуд, мурданаш осон куҷост?

**Нодири НОДИРПУР**

# ШЕЪРИ АНГУР

# ПАДАРСОЛОРИ ШЕЪРИ ФОРСӢ

Мо, навқаламони побараҳнаи ҳаёту адабиёти солҳои шаст, дуздакони ашъори Нодири Нодирпур будем, ки ба унвони шеъри нави форсӣ мунташир шуда, моро ҳавою васваса медод. Яке сатре меканду яке лахте, яке мазмуне мерабуду яке ташбеҳе, яке вожае мебардошту яке ҷумлае. Аз вожааш вожаю аз суханаш сухану аз ҷумлааш ҷумлаю аз сатраш сатру аз байташ байту аз ташбеҳаш ташбеҳу аз тасвираш тасвиру аз ташхисаш ташхис ва аз шеъраш шеър мебофтем. Ба тақлиди «Эй бенаво дарахт!»-у «Шеъри ангур» садҳо шеъри дарахту дарахти шеър навишта, ба равиши «Туро дар хобҳои кӯдакӣ гум карда будам ман» ва «Сафар ба деҳкадаи сабзи кӯдакӣ кардам» он қадар кӯдакиҳо сурудем, ки агар дар як ҷилд гирд оварда шаванд, китоби сангине мешавад, ки кӯдаки даҳсола бардошта наметавонад.

Агар ба амри таҳқиқӣ нахустин китобчаҳои пӯстипиёзии моро варақ гардонӣ, метавон дид, ки чи қадар осори Нодири Нодирпур дар таркиби ҳар шеъраки мо ҳамчун пӯлакҳои тилло дар муште рег мавҷак зада, рӯшанӣ мекунад.

Худашро ҳам бори аввал дар анҷумани пурҷамъияти пуршӯру пуровозаи забону назми форсӣ, ки дар Душанбе гузорда шуда буд, ҳамон солҳо дида будем. Ҷавони олуфтанамои хушандому болобаланде буд сар то ба қадам варзидаю тарошидаю мураттабу мутаносиб ва мӯйлаби сиёҳ ба ҳеҷ сурате ҳамчун ба сурати сафеди нуронии ӯ намезебид. Яъне, сурати хушояндаш таҷассуми шеъру сирати хушояндаш буд.

Ӯро дар паси минбари он анҷумани дерина низ ҳанӯз фаромӯш накардаем. Аз шарму ҳаёи ҷавонию сеҳру афсуни чашмҳои нигарон, ки аз чаҳор ҷониб сар то ба

қадамашро менигаристанду мечариданд, дона-дона арақ мекард. Ва раиси маҷлис ҳам, ки шоире буд, бадоҳатан гуфт:

*Нозанине, ки дар арақ тар шуд,*
*Нозанин буд, нозанинтар шуд.*

Дубайтии зерин, ки он рӯз аз забони Нодири Нодирпур тару тоза шунида будем, сиюпанҷ сол инҷониб ёдовари гаронбаҳои махмалпечи хотираи мост:

*Насиме, к-аз сари он кокул ояд,*
*Маро хуштар зи бӯи сунбул ояд.*
*Хаёлашро шабе гирам дар оғӯш,*
*Саҳар аз бистарам бӯи гул ояд.*

Лаҳзае, ки танаффус дода шуд, барои соядасташро гирифтан кашмакашу аҷалаю ҳангомае бархост, ки гуфтан надорад; китоб болои китобу дафтар болои дафтару даст болои даст бар ӯ дароз мешуду дароз мешуд ва ӯ зайли кафбине мегирифту мекушоду менигаристу менавишту пас мегардонд. Дар дафтарчаи ман навишта буд:

*Тоҷи хурӯсҳои саҳарро буридаанд,*
*Дар хок кардаанд,*
*Аз хок ҷаста хирмани анбӯҳи лолаҳо.*

Ман, дар домани лолазори Файзобод ба воя расида, ҳамшаклию ҳамрангии дуқабатаи тоҷи буридаи хурӯсу лолаи хунҷӯшро ҳеҷ тасаввур накарда будам. Шоири соҳибзавқ дар ҳамин як соядасти нӯгиқаламӣ ҳам шоирие карда, ки фаромӯш намешавад.

Ва мақолае, ки дар он анҷуман қироат кард, сабақи воқеии нахустину вопасини мост, ки сиюпанҷ сол муқад-

дам аз устоди воқеие гирифта будем, ки низ қариб ҳамсоли худамон буд. Ӯ гуфт, ки шеърро андешаи шигифту шигарф шеър мекунад, на унсурҳои шеърӣ.

Ҳанӯз мо аз таассуроти он дидору мулоқоти тез ба худ наомада будем, ки Нодири Нодирпур ба Теҳрон баргашт. Мо дигар ӯро аҳёнан дар рӯи ҷилди китобҳояш медидем, ки ҳамчунон хушрӯю ҷиддию андешаманд менамуд, намехандид, хандонаки хандонлабу хандонрӯ набуд. Умуман, дар ёд надорем, ки ӯ даҳан кушода хандида бошад, ҳол он ки хандаи ҷавонӣ ба он сурату симои қашанги монавии ӯ мезебид.

Дубора мо мондему

*Эй, бенаво дарахт!*
*Мурғони баргҳои ту дар оташи хазон*
*Якбора сӯхтанду ба пои ту рехтанд,*
*Гунҷишкҳои дарбадар аз ошёни хеш*
*Ҳамроҳи баргу бод ба саҳро гурехтанд,*
*Оё дар интизори баҳорӣ ҳанӯз ҳам?..*

Боз мо мондему

*Чи мегӯед?*
*Куҷо шаҳд аст ин обе, ки дар ҳар донаи*
*ширини ангур аст,*
*Куҷо шаҳд аст?*
*Ин ашк аст,*
*Ашки боғбони пири ранҷӯр аст,*
*Ки шабҳо то саҳар бедор буда,*
*Токҳоро об дода,*
*Пуштро чун ҷафтаҳои[1] мӯ дуто карда...*
*Шаробаш аз куҷо хондед?*
*Ин хун аст.*

---

[1] Ҷафта – хамида.

*Шумо ҳам эй, харидорони шеъри ман,*
*Агар дар донаҳои нозуки лафзам*
*Ва ё дар хӯшаҳои рӯшани шеърам*
*Шаробу шаҳд мебинед,*
*Ғайр аз ашку хунам нест...*

Боз ҳам мо мондему

*Ситора дар қафаси шохаҳо нафас мезад,*
*Сапеда дар шутури кӯҳҳо сафар мекард...*

* * *

*Борон чи гиряест? –*
*Гирйидане ба вусъати андӯҳи осмон.*

* * *

*Дар гӯш карда пунбаи барф имшаб*
*Шаҳре, ки ҷовидона пур аз ҳарф аст;*
*Чашмони поки ҷӯй пур аз об аст,*
*Мижгони сабзи коҷ пур аз барф аст...*

Мо мондему

*Ту ҳар ғуруб назар мекунӣ ба хонаи ман,*
*Дареғ, панҷара хомӯшу хона торик аст.*
*Хаёли кист дар он сӯи шишаҳои кабуд,*
*Ки аз ту дур, вале бо дили ту наздик аст...*

Мо будему

*Эй шеър, эй тилисми сиёҳе, ки сарнавишт*
*Умри маро ба риштаи ҷодуии ту баст,*
*Гуфтам. туро раҳо кунаму зиндагӣ кунам,*
*Чӣ тавбаҳо, ки дар сари ин орзӯ шикаст...*

Боз ҳам мо будему шеърҳои ташбеҳ андар ташбеҳу тасвир андар тасвиру ташхис андар ташхису талмеҳ андар талмеҳу малеҳ андар малеҳи Нодири Нодирпур. Дар ҷайби ҳар кадомамон дафтарчае аз гулчину сарчини эҷодиёти ӯ буд, ки раҳ ба раҳу кӯча ба кӯча, қадам ба қадам мехондему азбар мекардем. Алъон ҳеҷ асари Нодири Нодирпур зери дасти ман нест ва ҳар пораю лахту хӯрдае, ки дар ин мақола иқтибос овардаам, муште аз ҳамон дафтарчаҳост, ки дар кӯчаҳои Душанбе қадам зада, ҳифз мекардам.

Мо Маҳдии Ахавони Солис, Сиёвуши Касроӣ, Суҳроби Сипеҳрӣ, Фурӯғи Фаррухзод, Сояи Ибтиҳоҷ, Фаридуни Таваллулӣ, Симини Беҳбаҳонӣ, Жолаи Исфаҳонӣ ва дигаронро низ тақлиду тарғиб менамудем. На танҳо ошиқу шайдои шеъри нав, ошиқу шайдои ҳар вожае будем, ки созмони вожаҳои форсӣ интишор медод. Ҳар вожаи авастоиро зайли нонрезае, бардоштаю бӯсида, бар чашм мебурдем. Солномаю моҳномаи паҳлавиро шинохта, фарвардину урдибиҳишту даймоҳу баҳманмоҳ мегуфтем. Маҳфилу маҷлису хонишу сароиши достонҳои ҳамосии «Шоҳнома» мекардем, ки баробари бузургдошти ниёгон қомати мардум барозанда мешуд. Мо ҳам забони форсии шевою тавоное мехостем, ки мояи ифтихору қадру шинохти фарҳангии миллат бошад. Ва ройсозу ройзани он ҳама кӯшишу полишу пажӯҳиш шоирон буданд.

Бар асари судманди шеъри нави Эрон шеъри мо низ рафта-рафта оростаю перостаю мураттаб мегардид. Қаблан, ҳатто унвони асарҳои шоирон шоирона набуданд – байрақи сурх, шарқи озод, симои халқ, ватани ман, давлати ман, фотеҳон, баҳодурон ва ҳоказо сарлавҳа доштанд. Ахир офтобборону чашми сафедору тарозуи офтобу боли оташ барин унвонҳо мегирифтанд.

Вале хурсандии мо ба Эрони аҳуроӣ дер давом накард, балки дар як чашм бар ҳам задан гузашт. Ба

қавли Нодири Нодирпур, мо нигарон будем, ки аз уфуқи Ховарон офтоби зарнисори ориёнӣ мебарояд, вале офтобе баромад бо ҷомаю ҷандаҳои қадимӣ, бо чакмаҳои қадимӣ.

*Шиддати ханда чунон буд, ки гирйидем,*
*Шиддати гиря чунон буд, ки хандидем.*

Ва дар як он Эрон, ҳамчун соати регӣ баргардон шуда, ҷойи форсиҳои муқаддаси моро дубора арабӣ гирифт ва адабиёт аз моҳ ба чоҳ афтод. Ҳавзаи шеъри нав ҳам ба ҳар дару дарвозае парешону пароканда шуд.

Аз баъди он ман Сиёвуши Касроиро дар Маскав дидам, ки вазъаш хуб набуд. шикастадилу рӯҳафтода менамуд. Пасон шунидам, ки дар Утриш (Австрия) фавтида. Ёдаш ба хайр, аз он шодравон рубоии зерин ҳамеша вирди забони ман аст:

*Поиз маро хотирарез аст ҳанӯз,*
*Ёди ту дар он миён азиз аст ҳанӯз,*
*Ёди ту бувад мисли ғизоле, ки ба санг*
*Мондасту валек дар гурез аст ҳанӯз.*

Сояро дар Теҳрон, дар таҳхонаи соявашшане мулоқот карда, сураташро равшан надидам, як риши сафеди то ба миён буду бас. Ҳавсалааш пир шуда буд, ки тафсири ғазалиёти хоҷа Ҳофиз мекард. Ҳамон Сояе, ки гуфта:

*Бистарам*
*Садафи холии як танҳоист*
*Ва ту чун марворид*
*Гардановези касони дигарӣ.*

Ва ҳамон Сояе, ки навишта:

*Имшаб ба қиссаи дили ман гӯш мекунӣ,*
*Фардо маро чу қисса фаромӯш мекунӣ...*

Ҳамон Сояе, ки Фурӯғи Фаррухзод ҷавобаш гуфта:

*Эй моҳии тилоии мурдоби хуни ман,*
*Хуш бод мастиат, ки маро нӯш мекунӣ.*
*Дар сояҳо Фурӯғи ту биншасту ранг бохт,*
*Ӯро ба соя аз чи сияҳпӯш мекунӣ...*

Ва бо ҳазор дарду оҳи сард оромгоҳи Ахавону Фурӯғро бӯсидам, вале аз санги оромгоҳи Суҳроби Сипеҳрӣ бӯсае вом дорам.

Нодири Нодирпур ҳам чанде ғайб зад. Мегуфтанд, ки дар Теҳрон нест, аммо дар куҷост, касе намедонист. Дар ин миён меҳмоне аз эрониёни бурунмарзӣ «Субҳи дурӯғин»-ро овард, ки даст ба даст гашта, дафтар ба дафтар рӯнавис мешуд. Аз байти зайл маълум шуд, ки шоир паноҳандаи Аврупост:

*Боз омадам ба шаҳри шигифте, ки осмон*
*Чун сақфи куҳна бар сари ӯ чакка мекунад.*

Ахир дар Душанбе ҳам тазоҳурот оғозида, аз ҳар маноре бонги арабию аз ҳар гӯшае дастаҷоти ҷиноятпешае бархост ва ҳавзаи шеъру шоирии мо низ аз ҳам рехт. Яке аз дунё гузашт, яке кушта шуд, яке вопас ба куҳнасароии урфӣ баргашт, яке ҷилои Ватан карду рафт ва ман зиндонӣ шудам.

Аммо дар зиндон ҳам ман ҳамчунон бо шеъри нав будам. Ҳуҷраи танги шабу рӯз бастаи зиндон аслан шабу рӯз надошт. Бинобар ин, намедонам, шабе хоб дидам ё рӯзе, ки ҳамсарам пушти дарвозаи зиндон маҳзун нишастааст. Пурсид, ки чӣ биёрам. Гуфтам: нону коғазу

«Субҳи дурӯғин»-ро биёр. Дигар бегуфтугӯ бархоста рафт. Дере нагузашта хобам рост баромад: аз зери халтаи ноне як банд коғази сафеду қаламу «Субҳи дурӯғин»-ро гирифта, дар тааҷҷуб мондам... Сипас, «Субҳи дурӯғин» буду ману дару девору симхору қулфу занҷиру кайку канаю мушу решу харош.

Дигар Нодири Нодирпур буду ман будам, ки мегуфтам:

*Куҳан диёро, диёри ёро, дил аз ту кандам,*
*вале надонам,*
*Ки гар гурезам, куҷо гурезам ва гар бимонам,*
*куҷо бимонам...*

Вақте ки аз зиндон баромадам, дар дастам «Субҳи дурӯғин»-и мушхӯрдае буду бас. Ва чашмонам тобу тоқати рӯшании табиӣ надоштанд ва ҳанӯз ҳам аз рӯшании офтоб худ ба худ баста мешаванд. Ман гоҳе фаромӯш мекунам, ки зиндон будам, гӯё як баҳору тобистону тирамоҳу зимистон дар ҳуҷраи танги хароботе чиланишинии шеъри Нодири Нодирпур мекардам. Вале ҳанӯз ҳам ҳарорату ҳаяҷони дилу ҷонам аз ин суруди тозаи минӯии паҳлавӣ фурӯ нанишастааст.

Сурату суваре, ки ӯ нигорида, аз сурату сувари ҳақиқии табиӣ беҳтаранд. Дарахти нозанине, ки бо соқаи кашидаи баланду ҷомаи кӯтоҳ тасвир кардааст, аз дарахти боғ зеботару хӯшаю донаҳои пухтаи «Шеъри ангӯр»-аш аз хӯшаю донаҳои пухтаи ангурҳои боғ ширинтаранд. Меваи гунҷишкҳояш, ки бар шохаҳо нишастаанд, аз меваҳои ҳақиқию шукуфаи барфаш, ки бар шохаҳо шукуфта, аз шукуфаи ҳақиқӣ ҷолибтар аст. Дурбини чашмааш (чашмаи обро ба шишаи дурбин нисбат дода), ки дар он парандаҳо менамоянд, биноитар аз чашмаи воқеист ва алмоси чашме, ки ӯ дидааст, аз алмоси асил тезтар аст, ки

шишаи дилҳоро хат кашида мебурад. Ба масал, Рустами достонӣ беҳ аз Рустами систонист. Агар ҳамин тавр намебуд, нафаре гирди адабиёт намегашт ва, агар ҳамин тавр набошад, нафаре гирди адабиёт намегардад.

Ва сеҳру афсуну ҷозибаю ҷодуии сароишу нигориш дар он аст, ки ашёи дастрасро ба ашбоҳи дастнорасе бадал месозад, ки аслан вуҷуд надорад, вале зиндатар аз ашёи мавҷуд ҷилва менамояд. Ба мисоле, ки дар хоби мо ҳама чиз ба шабаҳу сояву суробҳои ҷодуии ҷондоре баргардон мешаванд. Гоҳе шаклан низ иваз шуда, коҳе кӯҳу хасе касу гулхане гулшану сӯхторе лолазору шишапорае чашмаи оби зулол мешавад ва баръакс. Яъне, ашёи одии одатӣ ба ашбоҳи ноёби сеҳрноке табдил меёбад. Ва, ҳамин ки ба ашбоҳи ноёби серҳнок табдил ёфт, дигар шеъри тап-тайёр хоҳад шуд. Ба қавли Мирзо Бедил:

*Шабе, к-аз хаёли ту гул чида будам,*
*Дар оғӯши сад ҷилва хобида будам.*
*Ба мижгон кушудан ниҳон гашт, Бедил,*
*Ҷамоле, ки пеш аз нигаҳ дида будам.*

Бар ин бино, вақте ки устод Нодири Нодирпур дар қиёфаи ҳайкалтарошон, бо риши расидаю мӯи жӯлида, остин барзада, мегӯяд, ки:

*Пайкартароши пираму бо тешаи хаёл*
*Як шаб туро зи мармари шеьр офаридаам.*
*То дар нигини чашми ту нақши ҳавас ниҳам,*
*Нози ҳазор чашми сияҳро харидаам...,*

пайкару пайкартарошиаш пиндор аст, ба кирдори чашмбандию сеҳру афсун, ки аз ҳайрат даҳани пайкартароши ҳақиқӣ воз мемонад. Мақоми ҳунарпешае, ки бо имову ишорат нақши ҳавоии ҳайратангезе менамояд, ки на танҳо фаҳмида, ҳатто дидаю шунида мешавад.

Ва шеърияте, ки дар савту садову намуду намои аносиру ашёст, дар худи аносиру ашё нест. Дарахте, ки дар пушти шишаи мошини шитобанда якпоя медавад, шеърияте дорад, ки дарахти истода надорад. Зулфи сабзи беде, ки шамолакаш мебофад, шеърияте дорад, ки худи бед надорад. Сояи парандае, ки дар рӯи замин медавад, шеърияте дорад, ки худи паранда надорад. Шеърияте, ки дар шакли занҷирии борон аст, дар худи борон нест. Шеърияте, ки дар садои хониши булбул аст, дар худи булбул нест. Шеърияте, ки дар хиш-хишу ғиреви найзори хушкида аст, дар найзори тозаю тар нест. Шеърияте, ки дар намуду шукӯҳу салобати кӯҳ аст, дар кӯҳ нест ва ғайраву ҳоказо. Ва ин ҳама рамуз дар мавриди дилхоҳ, ба андешаи шоир ҷӯр шуда, неруи эҷодии ӯро даҳчанду садчанд хоҳад кард.

Мо, ки бо парандаҳои тасвири Нодири Нодирпур пару бол зада, аз обҳои тасвираш обу аз ҳавои тасвираш ҳаво хӯрда, сапедаи тасвирашро ҳамчун шир дам кашида, дар оинаи тасвираш рӯй дида, аз панҷараҳои тасвираш ба ҷаҳони шоиронае менигарем, аз рамузшиносии ӯст.

Вале шоири сухансанҷе ҳамчун ӯ гоҳе бо як вожаи лухти урён ҳам шеъре менависад, ки беҳтарин. Барои мисол:

*Шавқи ҳазор сол туро дӯст доштан*
*Дар ман нуҳуфтааст...*

Бо истифодаи як суханрезаи лухти «ҳазор сол» тири ошиқонае задааст рост бар нишона.

Ана, мо аз ӯ чиҳо омӯхтему чиҳо андухтем. Ана, барои чи ҳар маҷмӯаи тозаашро зайли ҷашни фархундае истиқбол мегирем, ҳар шеърашро дар пакетҳо аз марз ба марзу аз шаҳр ба шаҳр армуғон мефиристем. Ана, барои чи ҳар китоби навашро бесаброна мунтазир мешавем. Ана, барои чи номи Нодири Нодирпур нуқли маҷлису нишасти шоиронаи мост.

Шеъри ӯ кайҳоннаварди эҷодиест, ки ҳамчун кайҳоннаварди ростин дар тасаввур намегунҷад. Ӯ шоирест, ки кайҳону моҳу Миррихи адабиётро навардида. Мо аз дурбини эҷодиёти ӯ мебинем, ки арзу тӯли шуури шоирона аз куҷо то ба куҷост ва андешаи шоирона чи қадарҳо имконият метавонад дошт. Аз қадимиёну муосирон (ба истисноии Фирдавсӣ, ки достонсарои бебадали Меҳан аст) ҳеҷ шоире аз ӯ шоиртар нест. Албатта, дар эҷодиёти ҳар қаламкаш байту банди рангине ба назар мерасад, аммо касе ҳамчун ӯ шеъру ғазали якпорчаю яклухти рангине надорад. Яъне, густариши суханаш бетафовут сирф шоирона аст. Ҳеҷ қаламдасте бинишу сароишу равиши ӯро надорад. Шоиронро мавриди мутолиаи ашъори ӯ чунон ҷозиба мегирад, ки аз табу тоб лабу даҳанашон хушкида, табхола мебандад.

Нодири Нодирпур шоирест вожапардозу суханпардозу забонпардозу мазмуну маънипардозу шевапардозу адопардозу андешапардоз ва ҷумла ташбеҳу тасвираш дастнахӯрдаю чашмначарида. Шеъри ӯ танҳо зоҳиран нав нест, вожа ба вожа, сухан ба сухан, ҷумла ба ҷумла, хат ба хат, ташбеҳ ба ташбеҳ, тасвир ба тасвир, нукта ба нукта, мазмун ба мазмун, дарун ба дарун, қабат ба қабат аз беху бунёд нав аст. Ҳатто ғазали урфиро ҳам аз беху бунёд нав мегӯяд:

*Шери дарё хуфта дар оғӯши найзорон ҳанӯз,*
*Беша бедор аст аз бонги сафедорон ҳанӯз.*
*Дасти шаб норинҷи сурхи осмонро чидааст,*
*Хуни ӯ ҷорист аз дандони кӯҳистон ҳанӯз...*

Ва афзалтару бартар он аст, ки шеъри ӯ тобори эронию ориёнист, ҳамчун достонҳои ҳамосии Фирдавсӣ, ҳамчун сурудҳои авастоии Зардушт. Ин аст ниҳояти чомаю чакомаю шеъру ғазали ҳазору дусадсолаи форсӣ.

Хушбахтона, ман Нодири Нодирпурро, пас аз сӣ соли он дидори Душанбе, дубора дар шаҳри Лос-Анҷелес мулоқот кардам. Акнун сараш сафед шуда буд, вале як мӯяш наафтода ва ришаки ғарибии мошубиринҷ ҳам дошт, аммо ҳамчунон нуронию хушрӯю хушоянд.

*Рӯзе, ки ду чашми ману Нодир ба ҳам афтод,*
*Бо ҳам нигаристему гиристему гузаштем*[1].

Кунун ҳарду тақрибан ба як сарнавишт муқими Америка ҳастем, лекин ба иллати гаронии харҷи роҳ телефонӣ гуфтугӯ мекунем. На ман пуле дорам, ки ба меҳмониаш биравам ва на ӯ пуле дорад, ки меҳмони мо бишавад.

Дар ин рӯзҳо устод Нодири Нодирпур ба ҳафтодсолагӣ қадам хоҳад ниҳод[2]. Ҷашни фархундаи ӯ ҷашни ростини мост, ки солҳои мадиде мухлису муштоқу муштарияш ҳастем. Ӯ забоншиносест, ки забоншиносон, суханварест, ки суханварон, қаламкашест, ки қаламкашон, шоирест, ки шоирон дӯсташ доранд. Сарфи назар аз ғурбату таъбиди бистсолааш хушбахттарину беҳтарин шоир аст. Ман бо ду дасти бар ҳаво барафрошта мегӯям, ки устод Нодири Нодирпур имрӯз падарсолори шеъри форсист.

***Бозор СОБИР***

---

[1] Байти Урфии Шерозӣ:

Рӯзе, ки ду чашми ману Урфӣ ба ҳам афтод,
Бо ҳам нигаристему гиристему гузаштем.

[2] Ин мақола соли 1992 навишта шудааст. (Мураттиб)

## ШАБЕ ДАР КИШТЗОРОН

Чароғи хирмане аз дур пайдост
Шаби маҳтоб дар он сӯи ҷода,
Садои пуртанини сумми асбе
Шавад ҳар лаҳза дар саҳро зиёда.
Дарахтонанд бо боде ба начво,
Сар аз мастӣ ба гӯши ҳам ниҳода,
Канори ҷодаҳо маскан гузида
Сиёҳишон чу duздони пиёда.
Ғиреви дурдасти обшоре
Чу бонги маст хезад бе ирода,
Насими сарди кӯҳ овозхонон,
Сагони хуфтаро овоз дода.
Намои қаря дар торикии шаб
Чу кандуест[1], бар паҳлӯ фитода.
Бо тоқи кулбаҳояш партави моҳ
Ту гӯӣ, тоқаи дебо кушода.
Ба чашм ояд рухи деҳқони пире,
Ки зери нури фонӯс истода,
Намоён карда нури сурати ранг
Хутутеро дар он симои сода.

Хутутеро, ки ҷои пои ғамҳост,
Ғами шабҳову ашки субҳдамҳост,

[1] канду – зарфи бузурги хуммонанд барои нигоҳдории гандум ё орд; қуттии занбӯри асал.

Чу бархезанд мурғони биёбон,
Зи рӯи симҳо, дур аз назарҳо,
Дурахшад симҳо дар нури маҳтоб
Чу тори анкабӯтон дар гузарҳо.
Садое маҳву овозе аз он дур
Ниҳад то лаҳзае аз худ асарҳо,
Танинафган шавад дар шоми хомӯш,
Зи сайёҳе ғариб орад хабарҳо.
Дамад, потикунон[1], деҳқони фартут
Ғубори тира дар кӯҳу камарҳо,
Ғуборе, чун бухори гарми оҳак
Ва ё дуде, ки хезад аз шарарҳо.
Ҷудо созад насиме гандум аз коҳ,
Биронад коҳу бардорад самарҳо,
Ниҳад дар як тараф талле зи гандум
Диҳад руҷҳонаш[2] аз зардӣ ба зарҳо,
Барояд чун ғубор аз резиши коҳ
Садое нармтар аз бонги парҳо,
Барад боде дар он хомӯшии шаб
Зи хирмано суруди барзгарҳо.

Баҳам резад суруди шаб саранҷом
Зи оҳанги нишотангезу ором.

---

[1] потӣ кардан – бод додани хирман, ҷудо кардани гандум аз коҳ (дар истилоҳи деҳқонони атрофи Теҳрон).
[2] руҷҳон – бартарият, афзалият, волоият.

Сафири доси деҳқонони шабхез
Ҳаёҳӯ мекунад дар киштзорон,
Зи рақси хӯша мавҷ афтад ба хирман,
Чунон, к-аз бодҳо дар чашмасорон,
Ба гандумзорҳо тобида маҳтоб
Чу бороне, ки борад дар баҳорон,
Суруди чанд деҳқони даравгар
Даромезад ба бонги ҷӯйборон,
Танини мубҳами занги шутурҳо
Ба гӯш ояд ҳамоҳанги қаторон,
Саводи[1] қалъае вайрону ғамгин
Ба дил ҷо дода рози рӯзгорон,
Зи ҳам пошида чун дуде ғамолуд
Сиёҳиҳои мавҳуми чанорон,
Расад атри хаёлангези саҳро
Ба кунҳи[2] хотироти раҳгузорон,
Макон гирад дар он ганҷинаи роз
Чу дар ганҷи ниҳон анбӯҳи морон,
Ба гӯш ояд ҳанӯз аз хирмане дур
Садои гуфтугӯи обёрон.

Занад чашмак ду ахтар бар сари кӯҳ
Дар аъмоқи сиёҳиҳои анбӯҳ.

*Теҳрон, 31 мурдодмоҳи 1326*

---

[1] савод – ба маънии «атроф».
[2] кунҳ – асл, гавҳар, ҳақиқат; поён, ниҳояти чизе.

## ДУРУД БАР ШАБ

*Аз «Нағмаҳои Билитис» – асари Пйер Луис*

Тӯдаҳои сиёҳи дарахтон
Сокин андар хамӯшӣ чу кӯҳанд,
Шаб ба хоб асту дар осмонҳо
Ахтарон рӯшану бошукӯҳанд.

Боди гарме, чу ларзон нафасҳо,
Мехурад бар лабу гунаҳоям,
Мекашад нури руъёии моҳ
Сояе нимаранг аз қафоям.

Эй шабе, к-офаридӣ худоён,
Бар лабони кабудам чи нармӣ…
Эй шабе, к-аз ту маҳтобҳо зод,
Дар хами гесувонам чи гармӣ…

Дар ман имшаб нуфузи ту чун буд,
К-аз баҳори ту обистанам ман,
Зояд аз ман гулони шукуфта,
З-он ки гар гул наям, гулшанам ман.

Боди гарме, ки меояд аз дур,
Аз мани хаста сӯзон нафасҳост,
Бӯи атре, ки пур карда саҳро,
Орзӯҳову зебо ҳавасҳост.

Ахтарон дар ду чашми ман астанд,
Чун дурахшад фурӯғи нигоҳам,
Бонги ту нолаи гунги дарёст,
Ё ки хомӯшии шомгоҳам.

Дарнамеёбам ин нағмаи ту…
Гарчи таъсири он карда мастам,
Сар чу дар поям андозад ором,
Оби чашмон бишӯяд ду дастам.

*Теҳрон, 23 шаҳривармоҳи 1326*

## ДЕВОНА

Шабаҳ кам-кам қадам оҳистатар кард,
Нигоҳаш лои[1] торикӣ дурахшид,
Садои ғурриши боде, ки бархост,
Шабаҳро изтироби тоза бахшид.

Дарахтон синаҳо бар ҳам фушурданд,
Нафасҳо мунҷамид шуд дар гулӯҳо.
Гаҳе метофт чашми як ситора,
Гаҳе мебаст чашм аз ҷустуҷӯҳо.

Насими сарду ҳузнолуди поиз
Фурӯ мерафт дар барги дарахтон,
Дарахт аз дард менолиду мехонд
Ба гӯшам достони тирабахтон.

Шаби маҳтобрав хомӯшу маҳзун,
Макон дар кӯчаи маҳтобрӯ дошт,
Нами маҳтоб бо торикии хушк
Намеҷӯшиду бо ӯ гуфтугӯ дошт.

Фурӯғи моҳ аз лои дарахтон
Замину сояҳоро хол мекӯфт,
Чу бар деворҳои кӯча метофт,
Сиёҳӣ мезудуду соя мерӯфт.

[1] Ло – дарун, байн, миёна.

Ҳаво азбаски рӯшан буду шаффоф,
Намеосуд моҳ аз раҳнавардӣ,
Намоён буд парвози фаришта
Дар аъмоқи сипеҳри лоҷувардӣ.

Садое аз баҳам соидани бол
Ба гӯшам мерасид аз осмонҳо,
Насими дилкаше аз ҷунбиши пар
Ба бозӣ буд бо танҳову ҷонҳо.

Ҳазорон тан зи ашбоҳи хаёлӣ
Дар он торикии шаб медавиданд,
Хурӯси нимашаб, к-аз дур мехонд,
Садояшро ҳаросон мешуниданд.

Ба боми хонае дар печи кӯча
Шабоҳанги[1] парешон месароид,
Чароғе дар утоқи хона месӯхт,
Вале кам-кам ба хомӯшӣ гароид.

Шабаҳ наздиктар омад, ба дар зад,
Садои дар танин дар хона андохт,
Ба оҳанги садо бедор шуд моҳ,
Нигоҳе хира бар девона андохт.

---

[1] шабоҳанг – мурғи ҳақ; булбул.

Ҳаёҳӯ дар сукути хона кам шуд,
Вале аз он садое барнаомад,
Касе аз пушти дар чизе напурсид,
Саре ҳам аз миёнаш дар наомад.

Шабаҳ лахте таваққуф карду он гоҳ
Ба дар як бори дигар сахттар зад,
Садои пой аз даҳлез бархост,
Касе аз пушти дар дасте ба дар зад.

Шабаҳ бо чобукӣ аз кӯча бигрехт,
Сипас дар печи торикаш ниҳон шуд,
Саре аз лои дар дар кӯча хам гашт,
Нигоҳаш дар сиёҳиҳо равон шуд.

Садои «Кист?» руъбангезу[1] сангин,
Касеро дар сиёҳӣ ҷустуҷӯ кард,
Чу боди шӯху бозигӯш[2] хандид,
Садое бадгумон дунболи ӯ кард.

Даруни кӯчаи хомӯш танҳо
Насими меҳр барг аз шоха мечид.
Чу марди даркушо дарро фурӯ баст,
Садои хандае дар кӯча печид!

*Теҳрон, 27 меҳрмоҳи 1326*

[1] руъбангез – тарсангез, бимангез, хавфангез.
[2] бозигӯш – бозидӯст, касе, ки пайваста дар фикри бозӣ бошад.

## МАҲБУС

Соате аз нимашаб гузашту сиёҳӣ
Чеҳра бар он милаҳои панҷара[1] молид,
Боди шаб аз зери тоқи сабзи дарахтон
Синакашон даррасиду ғамзада нолид.

Сояи камранге аз сапедии маҳтоб
Рӯшанӣ афканд бар қиёфаи маҳбус,
Чину шиканҳои чеҳрааш ҳама ҷон ёфт,
Чун рагаи[2] санг зери партави фонӯс.

Дар пайиҳам зарбаҳои соати зиндон
Занҷарагонро[3] зи хоби ноз барангехт,
Чашмаи овозашон зи ҳанҷара[4] ҷӯшид,
Нағмаи онҳо ба бонги бод даромехт.

Дар дили зиндони сард ваҳшату сармо
Чархзанон дар сукуту воҳима мегашт,
Зулмати шаб, бо диранги дӯзахии хеш,
Ҳамҳама мекушту байни ҳамҳама мегашт.

Дар дили devори намкашидаи зиндон
Ҷонваронро ҳазор гуна садо буд
В-аз буни сӯроххои гумшудаи сақф
Ғулғулае пахш дар сукути фазо буд.

---

[1] панҷара – тиреза, равзан.
[2] рага – ҳар чизи рагмонанд (чӯб, санг ва ғайра).
[3] занҷара – чирчирак.
[4] ҳанҷара – гулу.

Риштатанобе зи нури ғамзадаи моҳ
Равзанаро мекушуду сарзада метофт,
Дар буни сардоб мегирифт ба мехе,
Моҳ, бад-ин сон, калофи[1] вошуда мебофт!

Чеҳраи маҳбус зери партави маҳтоб
Обилагуну паридарангу касал буд,
Арсаи пешониаш фусурдаву кӯтоҳ,
Чини ҷабинаш нишони укдаи дил буд.

Дар гираҳи абрувони паҳну сиёҳаш
Рози ниҳонаш нуҳуфта буду ҳувайдо,
Ашк фурӯ мечакидаш аз буни мижгон,
Оҳ бурун медавидаш аз дили шайдо.

Қатраи ашке, чу хушку яхзада мешуд,
Бар рухаш оҳиста мекушуд наворе,
Бар миси симои ӯ, ки ранги шафақ дошт,
Занги ғам акнун фишонда буд ғуборе.

Шонаи яхкардаву карахшудаи ӯ
Хам шуда буд аз фишори панҷаи сармо,
Аз тани ӯ рафта буд тоқати фарёд,
Дар дили ӯ монда буд ҳасрати гармо.

Ҳамчу дарахте, ки аз насим биларзад,
Хаставу хомӯш буду дар ҳаяҷон буд,
Пайкари бемори ӯ, наҳифу хамида,
Аз паси пироҳане дарида аён буд.

[1] калоф – калоба, калова.

Мӯи парешони ӯ зи шайтанати бод
Як нафас оромишу қарор намедид,
Аз вазиши боди шаб, ки қаҳ-қаҳа мезад,
Пайкари зораш ба ҷуз фишор намедид.

Бо ҳама андешаҳову бо ҳама ғамҳо
Хоб ба чашмони ӯ чакиду фурӯ рафт,
Заҳри ҷигарсӯзи яъс дар дили ӯ монд,
Мурғи сабукболи ҳавас аз сари ӯ рафт.

Бод дигарбора нола карду саранҷом
Аз табу тоб уфтоду ҳамҳама кам шуд.
Дидаи маҳбус ногаҳон баҳам омад,
Беҳаракат дар канори панҷара хам шуд!

*Теҳрон, 23 обонмоҳи 1326*

## МАРГИ ПАРАНДА

Шаб боди паршикаста
Мерафту нола мекард,
Мастона дар сиёҳӣ
Ҳар сӯ кашола мекард.

Дар гӯшаҳои торик
Дар сояҳои намнок
Месуд панҷа бар санг,
Мекӯфт сина бар хок.

Мебурд шохаҳоро
Бозикунон ба ҳар сӯ,
Меронд сояҳоро
Чун галлаҳои оҳу.

Хомӯш буд саҳро,
Маҳтоби рӯшанибахш
Мекард нури худро
Бар синаи замин пахш.

Аз лои шохсорон
Сар мекашиду медид
Торикии заминро
Дар зери сояи бед!

Асрори нимашабро
Мечусту ханда мекард,
Барге зи шоха мечаст,
Бодаш паранда мекард!

Танҳо ба шохи финдуқ[1]
Мехонд сиҳраи[2] пир,
Мебофт нағмаашро
Чун донаҳои занчир.

Дар зери осмон кӯҳ
Сарду сиёҳу сангин
Пур карда буд доман
Аз сояҳои рангин.

Андоми оҳанинаш
Дар рӯшноии моҳ
Чун қалъаҳои чоду
Мебаст бар назар роҳ.

Домони мавчдораш
Аз дур дида мешуд,
То гӯшаҳои саҳро
Бо шаб кашида мешуд.

---

[1] финдуқ – дарахте.
[2] сиҳра – мурғаки хушовозе шабеҳи булбул, ки болу пари зарду сабз дорад.

Болояш осмонҳо,
Бо ахтарони дарҳам
Чун кишти навдамида
Бо қатраҳои шабнам.

Мурғони нимавахшӣ
Бар шохаи дарахтон
Оҳиста менишастанд
Ғамгин чу тирабахтон.

Гоҳе пиёда мегашт,
Лолокунон насиме,
Саҳрои бекарона
Пур мешуд аз шамиме.

Хам мешуд аз ниҳебаш[1]
Ҳар лаҳза шоху барге,
Мезад насими хомӯш
Шеван зи бими марге.

Дунболи боди вилгард[2]
Бозикунон нигоҳам
Мерафту шамъи маҳтоб
Танҳо чароғи роҳам.

---

[1] ниҳеб – ҳайбат; тарсу бим.
[2] вилгард – беҳудагард, ҳарзатоз.

Ногаҳ ба ларза омад
Ангушти шохсоре,
Мурғе тапиду афтод
Дар мавҷе аз ғуборе.

Бар хоки нарму намнок
Ғалтиду пар-паре зад,
Боде, ки нола мекард,
Оҳанги дигаре зад.

Як лаҳза ӣстодам
Хомӯшу сарфиканда,
То дида барнагирам
Аз ҷунбиши паранда.

Чашмам чу ошно шуд
Бо сояву сиёҳӣ,
Дидам: паранда бар хок
Ҷон меканад чу моҳӣ.

Барге сипас ақиб рафт
Тобид нури маҳтоб,
Гӯӣ, ки мурғи хуфта
Зад ғӯта дар дили об!

Он гоҳ чашми ман дид
Гунҷишке орамида,
Дар тирагӣ хазида,
Аз рӯшанӣ рамида,

Аз ҳалқаҳои ёрон
Рахти сафар гирифта,
Дар зери бориши моҳ
Сар зери пар гирифта.

Он рӯз шомгоҳон
Ӯ буду ҳамсафарҳо,
К-он гуна мекушуданд
Мастона болу парҳо.

Аз рӯи кӯҳсорон
Чун барқ мепариданд,
Абри сиёҳи шабро
Бо сина медариданд.

Гӯӣ, ба ёдашон буд
Он ҳамраҳони ҳушёр,
Аз дарраҳои хомӯш
Афсонаҳои бисёр.

Ногаҳ париду бархост
Санге зи як фалохан,
Аз зарбаташ зиён дид
Боли парандаи ман.

Афтод чун ситора
Дар панҷаи дарахте,
Бар шохае бараҳна
Маскан гирифт лахте.

Чун тоқаташ зи каф рафт,
З-он шоха сарнагун шуд,
Дар пеши поям афтод,
Ғалтиду ғарқи хун шуд.

Инак, парандаи ман
Дигар нафас намезад,
Қалби тапандаи ӯ
Бо сад ҳавас намезад.

Ашки ситораву моҳ
Бо ашки ман даромехт,
Чун қатраҳои шабнам
Бар боли ӯ фурӯ рехт!

*Теҳрон, 15 озармоҳи 1326*

# ЁДБУДҲО

Нимашабон асту боди сарде аз он дур
Сар кунад афсонаҳои деву париро,
Дар дили хомӯши шаб ба ёди ман орад
Бахту сукути ҷаҳони бехабариро.

Нимашаб, он гаҳ ки духтарони паризод
Об зи сарчашмаҳои гумшуда оранд,
Зери нигоҳи ситорагони фурӯзон
Бар лаби ҳам бӯсаҳои отифа боранд;

Нимашаб, он гаҳ ки ашки моҳу ситора
Рӯи гиёҳони навдамида нишинад,
Дар дили он қатраҳо зи рӯшании моҳ
Барқи латифе чу барқи дида нишинад;

Нимашаб, он гаҳ ки рӯи бирка[1] хомӯш
Бод бирақсонад ахтарони уфуқро,
Раҳрави гумроҳи шаб дубора биҷӯяд
Дурнамои мусофирони турукро[2];

Нимашаб, он гаҳ ки боди соҳили дарё
Замзамаи обро ба гӯш расонад,
Қоиқи дармондае зи воҳимаи мавҷ
Домани боде ба сӯи хеш кашонад;

[1] бирка – ҷое, ки об ҷамъ мешавад, толоб, ҳавзча, кӯлмак.
[2] турук – ҷамъи «тариқ», роҳҳо

Нимашаб, он гаҳ ки рӯи теппаи ором
Партави фонӯси шабраве бидурахшад,
Бонги диловези раҳравони хушовоз
Зулмати шабро нишоти гумшуда бахшад;

Нимашаб, он гаҳ ки сокинони биёбон
Ҷонваронанду буттаҳову гаванҳо[1],
Замзамаҳо бишнавад, чу дар вазиш ояд
Боди хабарчини шаб миёни ҷаганҳо[2];

Нимашаб, он гаҳ ки дасти кӯдаки шабгард
Оташе аз баргу буттаҳо бифурӯзад,
Мунтазири рақси шуълаҳо бинишинад,
Дида ба бозигарони маърака дӯзад;

Нимашаб, он гаҳ ки сояафкани саҳро
Лаккаи хор асту буттаҳои тимишк[3] аст,
Бар рухи ошиқ зи гиряҳои шабона
Қатраи хун асту донаҳои сиришк аст;

Нимашаб, он гаҳ ки чоҳи ташнаи корез
Нӯш кунад ҷуръае аз оби гуворо,
Санги аташкардае[4] даруни вай афтад,
То бичашад қатрае зи рахнаи хоро;

[1] Гиёҳе гулдору хордор.
[2] ҷаган – гиёҳе, шабеҳи най, ки лифҳои (риштаҳои) маҳкам дорад; пӯшол.
[3] тимишк – мевае шабеҳи шоҳтут, малина.
[4] аташ – ташнагӣ

Нимашаб, он гаҳ ки чакка мекунад[1] аз сақф
Дар дили ғори куҳан зи равзанае об,
Бод расонад садои дамбадамашро
Бо нақши шаб ба гӯши духтари маҳтоб;

Нимашаб, он гаҳ ки моҳиёни дурахшон
Дар дили ороми бирка ғӯтавар астанд,
Он ҳама ахтар, чу фалси[2] рехта аз моҳ,
Дар кафи ҷӯшони чашма ҷилвагар астанд;

Нимашаб, он гаҳ ки бар каронаи истахр[3]
Дастаи мурғобиён ба гирди ҳам оянд,
Замзамаи дилнишин кунанду ба наҷво[4]
Уқдаи дил бо ишораҳо бикушоянд;

Нимашаб, он гаҳ ки дар хамӯшии дарра
Замзамаи зангҳои қофила печад,
Бод занад тозиёнаҳо ба дарахтон,
Дар дили ҷангал садои ғулғула печад;

Нимашаб, он гаҳ ки дар сапедии маҳтоб
Ҷилва фурӯшад чароғи бодии хирман,
Густурад амвоҷи коҳу гандуми афшон
Бар сари пошигарони мазраа доман;

---

[1] чакка кардан – чакидан
[2] фалс – пули ночиз; пулакчаҳои пушти моҳӣ
[3] истахр – толоб, ҳавз.
[4] наҷво – рози дилгӯӣ, гӯшакӣ.

Нимашаб, он гаҳ ки аз кашокаши амвоҷ
Бонги ғариқони даступозада хезад,
Пиразани роҳибе зи ғурфа дарояд,
Раҳзани шаб аз садои по бигурезад;

Нимашаб, он гаҳ ки вирди ҳаршабаро чуғд
Сар кунад аз такдарахти доманаи кӯҳ,
Зинда шавад дар сукути қалъаи хомӯш
Хотираҳое зи маргу ваҳшату андӯҳ;

Нимашаб, он гаҳ ки аз шикофи дарича
Риштаи нуре фитад ба кулбаи деҳқон,
Рахнаи дарро ба кунҷи кулба кунад васл
Милаи борике аз булӯри дурахшон;

Нимашаб, он гаҳ ки қурси мунҳании[1] моҳ
Аз паси дандонаҳои кӯҳ барояд,
Бонги хурӯсони шаб зи деҳкадаи дур
Ҳамраҳи боде ба гӯши раҳгузар ояд;

Нимашаб, он гаҳ ки бар канораи чашма
Соя давонад тимишку нола кунад об,
Нур битобад зи лои барги дарахтон,
Дар дили амвоҷи обу чашмаи маҳтоб;

Нимашаб, он гаҳ ки духтарони деҳотӣ
Кӯза ба дӯш аз даруни деҳкада оянд,
Бар лаби сарчашма оташе бифурӯзанд,
Рақскунон гесувони худ бикушоянд;

---

[1] мунҳанӣ – хамида, каҷ.

Нимашаб, он гаҳ ки сояҳои дарахтон
Чатр занад бар фарози воҳаи амвот[1],
Аз сари гулдастаҳои масҷиди мавҳум
Бишнавад оворае садои муноҷот;

Нимашаб, он гаҳ ки гирдбоди шабона
Чарх занад дар сукути дарраи хомӯш,
Сар диҳад оҳанги най ҷавонаки чӯпон,
То кунад андешаҳои талх фаромӯш;

Нимашаб, он лаҳзаҳои хуш, ки нуҳуфтаст
Дар дили ороми худ вадиаи[2] розе,
Зинда кунад аз гузаштаҳои фараҳнок
Дар сарам андешаҳои дурударозе;

Оҳ, чи шабҳо, ки занги бурҷи калисо
Кӯфта мешуд ба дасти савмиабонон[3],
Дастхуши издиҳоми хотираҳо ман,
Гӯш фаро дода бар суруди шубонон;

Оҳ, чи шабҳо, ки пирамарди муаззин
Бонги азон мезад аз фарози манора,
Хира бар ӯ дидагони музтариби ман,
Хира ба ман дидагони моҳу ситора;

---

[1] амвот – ҷамъи майит; воҳаи амвот – гӯристон.
[2] вадиа – супурда, амонат.
[3] савмиа – ибодатгоҳ.

Оҳ, чи шабҳо, ки боди ҳамҳамаангез
Қаҳ-қаҳа мезад ба бекаронии саҳро,
Оташи ғамҳо ба ҳоли шуълазадан буд,
Шуълааш – аз моварои сина ҳувайдо;

Оҳ, чи шабҳо, ки пушти панҷараи зеҳн
Нури заифи чароғи хотира метофт,
Ҳофизаи ман чу анкабӯти куҳансол
Пардае аз хотироти гумшуда мебофт;

Оҳ, чи шабҳо, ки дар шиканҷаи ҳирмон
Панҷа ба дил мезад иштиёқи ниҳонӣ,
Дар дилам аз ҳасрати гузашта бапо буд
Оташи ҷовиди рӯзгори ҷавонӣ;

Оҳ, чи шабҳо, ки имтидоди[1] нигоҳам
Доира мезад дар осмони шабонгоҳ,
Оқибат ин чашми интизоркашида
Ғарқа ба хун мешуд аз дарозии он роҳ;

Оҳ, чи шабҳо, ки коргоҳи вуҷудам
Сарбасар оганда мешуд аз ғами анбӯҳ,
Ҷуғди ҳазин месуруд навҳаи мотам,
Нойи шубон менавохт нағмаи андӯҳ;

---

[1] имтидод – тӯл, давом.

Оҳ, чи шабҳо, ки бо таронаи соат
Рақси замон буду лаҳзаҳову дақоиқ,
Тик-тики он мегусехт дар шаби торик
Риштаи борики хотироту алоиқ[1].

Оҳ, чи шабҳо, ки чашми шавқу умедам
Дӯхта мешуд ба рӯшноии офоқ,
Фоли накӯ мезад аз сапедаи гардун
Дидаи шабзиндадору хотири муштоқ;

Оҳ, чи шабҳо, ки мегузашт хаёлам
Бар дари байғӯлаҳои[2] воҳимаангез,
Рӯҳи маҷонину[3] сояҳои хаёлӣ
Бо мани бечора киначӯю галовез[4];

Оҳ, чи шабҳо, ки рафт дар ғаму ҳасрат,
То ман аз он нуктаи баҳавсала ҷастам,
Сояи баргам, ки чун зи ҷо канадам бод,
Дар пайи бозомадан ба ҷои нахустам!

*Теҳрон, аввали баҳманмоҳи 1326*

---

[1] алоиқ – ҷамъи алоқа, пайвастагӣ, вобастагӣ
[2] байғӯла.– гӯша, канора; бероҳа.
[3] маҷонин – ҷамъи «маҷнун».
[4] галовез – гирудор, гиребонгирӣ.

## ПАРДАИ НОТАМОМ

Чашма дар торикии шаб барқ мезад,
Бод рақсон бо суруди аҳриманҳо,
Солҳои хуфта, чун дуздони раҳзан,
Такдарахтон чун нигаҳбонони танҳо.
Моҳ – гоҳе ноҳувайдо, гоҳ – пайдо.

Хандаи талху ғамангези насиме
Нақш мешуд бар лаби мавҷи гурезон,
Даступо мезад, ки бигрезад дарахте,
Бод меомад ба қасди барггрезон,
Барқи шаллоқаш ба торикӣ ҳувайдо.

Рӯҳи нопайдои шаб дар бешазорон
Гоҳ поварчину гоҳе пурҳаёҳӯ,
Сояҳоро медавонид аз пайи ҳам,
Беша дарҳам мекашид аз хашм абрӯ,
Барқ мезад дидагони аҳриманҳо.

Хорбунҳо, хира бар торикии шаб,
Бо ҳазорон чашми links мармузу хаёлӣ,
Шаб, парешон аз ғами танҳоии худ,
Нола мезад дар найистонҳои холӣ,
То насиме сар кунад оҳиста ово.

Боди обир[1] дар сиёҳӣ савт мезад,
Нағмаҳо дар савти ӯ дарҳам фушурда,
Ҳамчу duздон бо аломатҳо сухангӯ,
Раҳравонро бо сарангуштон шумурда,
Обирон аз ваҳшати дуздон ба наҷво.

Чашма механдиду зарроти ситора
Дар даҳонаш ҳамчу пӯлакҳои моҳӣ
Ё чу дандонҳо зи марвориди ғалтон
Бо шакарханди насими шомгоҳӣ
Дар сиёҳӣ медурахшид ошкоро.

Ҷоми моҳ аз шаҳди шириранг мамлӯ,
Нури он – чун хандаҳои некбахтон,
Мечакид аз коми шаҳдолуди зулмат
Чашмасори ташна дар пои дарахтон,
Мегирифт аз дасти шаб ҷоме гуворо.

Таблкӯбон зангиёни одамикуш
Бо ҳазорон чашми сурхи шуълаафкан
Нуқтаҳо месохтанд аз рӯшноӣ
Дар фазо чун барқи машъалҳои рӯшан,
Ё чу оташпораҳо дар дуди саҳро.

Такдарахте месуруд аз шодмонӣ
Зери лаб афсонаҳои ошиқона,
Дар миёни ҳалқаи танги чанорон
Бод мезад бар дарахтон тозиёна,
Чашма гирён мешуд аз ҳавли тамошо.

[1] обир – раҳгузар.

Дар масири боди хоболудаи шабҳо
Баргҳо пар мезаданд аз шохсорон,
Чун вазағҳо[1], бар замин афтону хезон,
Сояҳо бозикунон дар ҷӯйборон,
Беша аз боди шабонгоҳон ба ғавғо.

Гоҳ каф мезад ба танҳоӣ дарахте,
Бод меомад ба қасди гӯшмолаш,
Чун зане бар шонаҳо мерехт гесӯ
Чашмасорон, хира бар нақши ҷамолаш,
Моҳ, чун оворагон, хомӯшу танҳо.

Панҷаҳои такдарахтон боз мешуд
Бо ҳаёҳӯе хаёлангезу мубҳам,
Мегузашт аз шохсорон бо тааннӣ[2]
Риштаҳои сим чун барқи муҷассам,
Дуди шаб аз шохаҳо мерафт боло.

Барқи чашми моҳи нав, чун бандбозон,
Бар фарози симҳо ҷавлон гирифта,
Ё нигоҳе аз тане дарҳам шикаста,
Пар зада бар сими нозук, ҷон гирифта,
Дар уфуқ сӯ-сӯкунон чашмони фардо.

---

[1] вазағ – ғук.
[2] бо тааннӣ – оҳиста.

Чун нигаҳбонони даҳшатноки зулмат
Дар канори чашмаи ваҳшӣ чанорон,
Гоҳ меомад садои боди раҳзан,
Медавид он сӯ нигоҳи посдорон,
Бод меафтоду мемонд аз тақалло[1].

Ҷода дар хомӯшии шаб дур мешуд,
Чашма дар торикии шаб барқ мезад,
Моҳ бо дандони мавҷе хурд мешуд,
Бод шеванҳо зи бими ғарқ мезад,
Мениҳод оҳиста дар ҳангомаҳо по.

Дар уфуқ, чун пунбаҳо, бар сурати шаб
Абрҳо оғушта шуд бо рӯшноӣ,
Дар фазо чун бурҷи хомӯшӣ шиновар
Пур зи ваҳшат, пур зи асрори худоӣ
Осмон бо чеҳраи ғамгини дарё.

*Теҳрон, 24 хурдодмоҳи 1327*

[1] тақалло – кӯшиш, талош

## ДАР ЧАШМИ ДИГАРЕ

Дар осмони обии ин чашми ношинос
Чун осмони хотираи ман ситораест,
Дидам туро, ки ҷилвакунон дар нигоҳи ӯ
Бо ман,чунон ки буд, ҳанӯзат ишораест.

Мебинамат ҳанӯз дар ин чашми ношинос –
Ин чашми ношинос, ки рафт аз баробарам,
Гӯё, туӣ, ки боз, чу хуршеди шомгоҳ,
Метобӣ аз даричаи равзан ба хотирам.

Оҳанге аз нигоҳи ту меоядам ба гӯш
Чун мавҷҳои хотира ғамгину дилнавоз,
Месӯзадам ба мастиву метобадам зи шавқ,
Мехонадам ба гармиву меронадам ба ноз.

Дар моҳтоби хотира мебинамат ҳанӯз
Бо он шиканҷи зулф, ки афшондаӣ ба дӯш,
Гоҳе ба ноз мегузарӣ аз баробарам,
То аз даруни сина барангезиам хурӯш.

Мебинамат, ки гомзанон мерасӣ ба ман
Дар ҷомае сапед, ки пӯшонда пайкарат,
Пироҳане, ки дӯхтаӣ аз ҳарири абр,
Чун обшори нур фурӯ резад аз барат.

Як лаҳза бозмешунавам нағмае зи дур
Оғушта бо ғубори зарандуди хотирот,
Дил мениҳам ба нолаи пинҳонии насим,
То бишнавам таронаи гумгаштаи ҳаёт.

Меоядам ба гӯш садое шикаставор,
К-«Аз он шароби хотира дар ҷоми ман бирез,
З-он бодаи нигоҳ, ки дар ҷоми чашми туст,
Чун соқиёни майкада дар коми ман бирез!»

Бечора ман, ки боз ба домони орзӯ
Сар мениҳам, ки бишнавам оҳанги дигарат,
Ғофил, ки он нигоҳи фиребанда дергоҳ
Афсурда дар сиёҳии чашми фусунгарат!

Аммо ҳанӯз дар дили ин чашми ношинос
Гӯӣ, хаёли туст, ки меоядам ба чашм,
Мебинамат ҳанӯз, ки мехониям ба ноз,
Мебинамат ҳанӯз, ки мерониям ба хашм.

Ман монда бар даричаи ин чашми ношинос
Чун дузди ошно, ки биковад зи равзане,
Шояд чу нури моҳ дароям ба хобгоҳ,
Бинам, ки дар сиёҳии шаб хира бар манӣ!

*Порис, 31хурдодмоҳи 1329*

## БАРАҲНА

Бараҳна асту ба кунҷе фитода пираҳанаш,
Фурӯғи моҳ дар амвоҷи зулфи пуршиканаш.

Чу мармаре, ки дар ӯ ҷон дамад сапедаи субҳ,
Зи нури моҳ дарафтода ҷунбише ба танаш.

Чу ҳуриён, ки бишӯянд тан ба чашмаи шир,
Даруни чашмаи маҳ мавҷ мезанад баданаш.

Нишаста бар тани ӯ қатраҳои рӯшани нур,
Чу ашки мурдаи шамъе ба гоҳи сӯхтанаш.

Дар он ду чашм, ки чун рӯҳи шаб шукуфта сиёҳ,
Нуҳуфта розею пӯшонда аз нигоҳи манаш.

Ба гуфтан омада соқи сапеду синаи ӯ,
Ҳазор гуна ҳавас ҷон гирифта дар суханаш.

Рабуда бӯсаи гарме зи коми пураташе,
Ба ҳам фушурда лабонро зи бими гумшуданаш.

Чу дида ҷилваи мардумфиреби қомати ӯ,
Худои ишқ фаро хонда назди хештанаш.

Зи пой то сари ӯ бӯса дода аз сари меҳр,
Ки бим дошта ҳар лаҳза аз гурехтанаш.

Шукуфта бар тани ӯ доғи бӯсаҳои сиёҳ,
Гуноҳ муҳри хамӯшӣ ниҳода бар даҳанаш.

Гунoҳ кардаву дар тирагӣ нишаста малӯл,
Зи моҳтоб ҳаросида чашми роҳзанаш.

На рӯшан асту на торик ҳамчу субҳи нахуст,
Ҳар он ки дида, фурӯ монда дар шинохтанаш…

*Порис, 16 даймоҳи 1329*

## АЗ ДАРУНИ ШАБ

*Ба Манучеҳри Анвар*

Ту, эй чашми сияҳ, бо шуълаи хеш
Шабонгоҳон диламро рӯшанӣ бахш,
Бисӯзонам дар ин торикии марг,
Зи чанголи гуноҳам эманӣ бахш.

Худоро, Осмоно, дар фурӯ банд,
Зи шеванҳои хомӯшам бипарҳез,
Ба чоҳи ахтаронам сарнагун соз,
Зи дори Каҳкашонҳоям биовез.

Худоро, Моҳтобо, чеҳра бифрӯз,
Маро аз чашми ахтарҳо ниҳон кун,
Танам дар кӯраи Хуршед бигдоз,
Маро покизадил, покизаҷон кун.

Худоро, Моҳтобо, чеҳра бифрӯз,
Маро дар чашмаи худ шустушӯ деҳ,
Ба ашки номуродӣ ошно соз,
Зи ашки порсоӣ обрӯ деҳ.

Бикӯб, эй дасти марг, эй панҷаи марг,
Ба тундӣ бар дарам, то дар кушоям,
Ту мурғони қафасро пар кушодӣ,
Ман ин мурғи қафасро[1] пар кушоям.

Ба тундӣ ҳалқа бар дар зан, магӯ: «Кист?»,
Ки дар зиндони ҳастӣ чун мане ҳаст,
Ба гӯшам дар дили шабҳои хомӯш
Садои хандаи Аҳримане ҳаст.

Шабам торик шуд, ториктар шуд,
Наметобад зи равзан офтобе,
Наметобад дар ин байғӯлаи марг
Шабонгоҳон фурӯғи моҳтобе.

Худоёнанду ахтарҳову шабҳо
Гувоҳи гиряҳои шомгоҳам,
Намедонанд ин бегона мардум,
Ки дар худ ашкҳо дорад нигоҳам.

Маро, эй сӯзи таб, дар бистари хеш
Бисӯзон, шуълавар кун, рӯшанӣ бахш,
Маро з-ин ларзиши гарми таболуд
Худоро, лаззати аҳриманӣ бахш.

[1] «қафас»-и дувум бояд «нафас» бошад – Н.Қ.

Маро, эй дасти хуношоми тақдир,
Гиребон гиру дар зулмат раҳо кун,
Маро бар ёли астарҳо[1] фурӯ банд,
Маро аз боли ахтарҳо ҷудо кун.

Маро дар зери дандонҳои Миррих
Ба нармӣ хурд кун, кам-кам фурӯ рез,
Маро дар осиёи куҳнаи чарх
Ғуборе созу дар коми сабӯ рез.

Бикӯб, эй дасти марг, имшаб дарамро,
Ки аз ман кас намегирад суроғе,
Шаби торики ман бе рӯшанӣ монд,
Ту, эй чашми сияҳ, бар кун чароғе.

*Порис, 10 исфандмоҳи 1329*

---

[1] астар – хачир.

# НОЛАЕ ДАР СУКУТ

З-ин маҳбасе, ки зиндагиаш хонанд,
Ҳаргиз маро тавони раҳоӣ нест,
Дил бар умеди марг чи мебандам,
Дигар маро зи марг ҷудоӣ нест.

Марг аст, марги тираи ҷонсӯз аст
Ин зиндагӣ, ки мегузарад ором,
Ин шомҳо, ки мекушадам то субҳ
В-ин бомҳо, ки мекушадам то шом.

Марг аст, марги тираи ҷонсӯз аст
Ин лаҳзаҳои мастиву ҳушёрӣ,
Ин шомҳо, ки мегузарад дар хоб
В-он рӯзҳо, ки рафт ба бедорӣ.

То чанд, эй умеди абас, то чанд
Дил бар гузашти рӯзу шабон бастан,
Бо ин ду дузди ҳилагари ҳастӣ
Паймони меҳр бастану бигсастан?

То кай барояд аз дили торикӣ
Чашмони рӯшанизадаи хуршед?
То кай ба базми шомгаҳон хандад
Ин Моҳ – Ҷоми гумшудаи Ҷамшед?

Дандони киначӯи худоён аст
Чашмони ваҳшиёнаи ахтарҳо,
Хандад, чу дасти марг фурӯ печад
Тӯмори умри баҳману озарҳо.

Донам, шабе ба гардани ман лағзад
Ин дасти кинапарвари хуношом,
Донам, шабе ба ғорати ман хезад
Он дидагони ваҳшии беором.

То кай даруни маҳбаси танҳоӣ
Умре ба интизор фурӯ монам?
То кай, аз он чи ҳаст, сухан гӯям?
То кай, аз он чи нест, сухан ронам?

Ҷонам зи тоби оташи ғамҳо сӯхт,
Эй синаи гудохта, фарёде…
Эй номаҳои ваҳшии марголуд,
Охир, фаро расед ба имдоде!

Сӯзу таб асту воҳимаи бемор,
Марг асту роҳи гумшудагон дар пеш,
Ашки шаб асту оҳи саҳаргоҳон
В-ин лаҳзаҳои тирагиву ташвиш.

Дар ҳайратам, ки чист саранҷомам,
Зеро, аз он чи ҳаст, ҳазар дорам,
З-ин марги ҷовидона гурезонам,
Дар дил умеди марги дигар дорам.

Инак, ту, эй умеди абас, боз ой
В-инак, ту, эй сукути гарон, бигрез,
Эй моҳи орзӯ, ки фурӯ рафтӣ,
Бори дигар карашмакунон бархез…

Ҷонам ба лаб расиду танам фарсуд,
Эй осмон, даричаи шаб во кун,
Эй чашми сарнавишт, ҳувайдо шав,
Ӯро, ки дар ман аст, ҳувайдо кун!

*Порис, 12 исфандмоҳи 1329*

## ЧАШМҲОВУ ДАСТҲО

Шаб даррасиду ваҳшати он чашми бенигоҳ
Чун ларзаҳои марг танамро фаро гирифт,
Дар жарфнои хотири ман ҷустуҷӯкунон
Дасте фурӯ хазиду маро ошно гирифт.

Дар панҷаҳои ваҳшии ӯ мондам аз хурӯш,
Фарёди ман зи ваҳшати ӯ дар гулӯ шикаст,
Чашми ситорае бидурахшиду нури моҳ
Чун тир дар сиёҳии чашмам фурӯ нишаст.

Як лаҳза осмону дарахтону абрҳо
Дарҳам шуданду маҳв шуданду ниҳон шуданд,
Як лаҳза он ду чашми гунаҳкори дӯзахӣ
Аз пушти пардаҳои сиёҳе аён шуданд.

Чун пардае, ки ранг бар он медавад ба хашм,
Гетӣ пур аз ғубор шуду тирагӣ гирифт,
Як лаҳза, ҳар чи буд, хамӯшӣ гузиду мурд,
Гуфтӣ, ҳароси марг бар ӯ чирагӣ гирифт.

Танҳо ду чашми сурх, ду чашме, ки мегудохт,
Наздик шуд, гудохта шуд, шуъла баркашид,
Аввал ду нуқта буд, ки дар тирагӣ шукуфт
В-он гаҳ ду нури сурх аз он ҳарду сар кашид.

Гуфтӣ, зи чашми марг замон қатра-қатра рехт,
Дар қатраҳои дамбадамаш зиндагӣ фусурд,
Дар нури он ду чашм, ки ларзиду хира монд,
Боз он ду дасти сард гиребони ман фушурд.

Дар панҷаҳои ваҳшии ӯ мондам аз хурӯш,
Фарёди ман зи ваҳшати ӯ дар гулӯ шикаст,
Чашми ситорае бидурахшиду нури моҳ
Чун тир дар сиёҳии чашмам фурӯ нишаст.

Нолидам аз ҳаросу дар офоқи бефано
Гум шуд садои зеру бамии нолаҳои ман,
Зулмат фаро расиду насим аз нафас фитод,
Бишкаст дар гулӯи хамӯшӣ садои ман!

*Порис, 25 исфандмоҳи 1330*

## ДАР ҲАРЧИ ҲАСТУ НЕСТ

Дар марги ошиқонаи нилуфарони субҳ,
Дар рақси сӯфиёнаи ашбоҳу сояҳо,
Дар гиряҳои сурхи шафақ бар ғуруби зуд,
Дар кӯҳпояҳо,
Дар зери лоҷварди ғамангези осмон,
Дар чеҳраи замон,
Дар чашмасори гарму кафолуди офтоб,
Дар қатраҳои об,
Дар сояҳои бешаи анбӯҳи дурдаст,
Дар обшори маст,
Дар офтоби гарму гудозони регзор,
Дар пардаи ғубор,
Дар гесувони нарму парешони бодҳо,
Дар бомдодҳо,
Дар сарзамини гумшудае бе нишону ном,
Дар марзу буми дуру паривори ёдҳо,
Дар нӯшханди рӯз,
Дар заҳрханди ҷом,
Дар холҳои сурху кабуди ситорагон,
Дар мавҷи парниён,
Дар чеҳраи сароб,
Дар ашкҳо, ки мечакад аз чашми осмон,
Дар ханҷари шаҳоб,
Дар хатти сабзи мавҷ,
Дар дидаи ҳубоб,
Дар атри зулфи ӯ,
Дар ҳалқаҳои мӯ,

Дар бӯсае, ки мешиканад бар лабони ман,
Дар хандае, ки мешукуфад бар лабони ӯ,
Дар ҳарчи ҳасту нест,
Дар ҳарчи буду ҳаст,
Дар шуълаи шароб,
Дар гиряҳои маст,
Дар ҳар куҷо, ки мегузарад сояи ҳаёт,
Сармасту пурнишот,
Он пайки ношинохта мехонадам ба гӯш,
Хомӯшу пурхурӯш:
К-он ҷо, ки мард месутурад номи сарнавишт
В-он ҷо, ки кор мешиканад пушти бандагӣ,
Рӯ кун ба сӯи ишқ,
Рӯ кун ба сӯи чеҳраи хандони зиндагӣ.

*Теҳрон, 14 урдибиҳиштмоҳи 1331*

## ҲАВАСҲО

Чу бозояд шабонгоҳони обӣ,
Ману ин боми сабзи осмонҳо,
Ману ин кӯҳсорони меҳолуд,
Ману ин абрҳо, ин соябонҳо.

Давам дар бешазорон чу маҳи сабз,
Вазам дар кӯҳсорон чун дами бод,
Билағзам дар нишеби дарраи жарф
Ба бӯи субҳ чун хуршеди мурдод.

Ба рақс орам чу мавҷе хирмани зард,
Чу боде хӯшаҳо гирам дар оғӯш,
Равам пои тиҳӣ дар киштзорон,
Бинӯшам атри ҷангалҳои хомӯш.

Сароям бо ғиреви обшорон
Шабонгоҳон суруде осмонӣ,
Ниҳам дил бар танини нағмаи хеш,
Чу лағзад дар сукути ҷовидонӣ.

Шавам маҳтобу пар гирам шабонгоҳ
Бар он дарёи жарфи осмонранг,
Бар он амвоҷи хашмолуди соҳил,
Ки сар кӯбанд чун девона бар санг.

Шавам атре гурезону сабукрӯҳ,
Даромезам ба боди шомгоҳӣ,
Бипечам дар машоми ахтару моҳ,
Бигунҷам дар ҷаҳони мурғу моҳӣ.

Шавам дар ҷоми зулмат бодаи субҳ,
Битобам гунаи шабзиндадорон,
Чу барги мурдае, афтону хезон,
Ба рақс оям канори ҷӯйборон.

Ҷаҳон мондасту ин зебо ҳавасҳо,
Ки ҳар дам мекашонандам ба дунбол,
Чунонам дар дил ангезанд ғавғо,
Ки бо маҳтобҳо гирам пару бол.

Аз ин пас ин ману ин шодии умр,
Ману ин даштҳо, ин бӯстонҳо,
Чу бозояд шабонгоҳони обӣ,
Ману ин боми сабзи осмонҳо!

*Теҳрон, 8 хурдодмоҳи 1331*

## РОЗ

Дар чашми ӯ, ки биркаи сабзи ситораҳост,
Ё дар танаш, ки рӯшании мармарини субҳ,
Розест чун сиёҳии ваҳмофарини шаб,
Нозест чун шукуфаи нилуфарини субҳ.

Тарсон зи рӯшноии беранги осмон,
Печида дар сиёҳии шаб гесувони хеш,
Кӯшида, то ниҳон кунад аз чашми ношинос
Дар остини ҷомаи худ бозувони хеш.

Пайдост мавҷи оби равон дар гулӯи ӯ,
Чун меравад зи ҷоми булӯрин ба синааш,
Гӯё бараҳна асту дар оинае сутург
Афтода нақши синаи чун обгинааш.

Он шаб, чу бӯсаҳои ниёзаш ба лаб шикаст,
Чун қатрае ба чоки ду пистон фурӯ давид,
Он гоҳ хуни гарми ҳавас, чун фурӯғи рӯз,
Аз тангнои нозуки рагҳо дар ӯ давид.

Дар соқи ӯ, ки партави маҳтоби тоза дошт,
Як дам шароби сурхи гунаҳ шуълаҳо нишонд,
Лабҳои ман, ки доғи сукуташ фусурда буд,
Бар синаи шукуфтаи ӯ бӯсаҳо фишонд.

Он шаб хаёли ман, ки даме дар бараш гирифт,
Чун соя дар миёни қадамҳои ӯ хазид,
Дар бистаре, ки рағбати моро нуҳуфта дошт,
Ёде бараҳна монду насиме бар ӯ вазид.

Дар моҳтоби рӯшани чашмаш фурӯ шудам
В-аз мавҷи ашки ӯ чи садафҳо, ки ёфтам,
Он гаҳ, чу оташе, ки дурухшад шаби сиёҳ,
Дар тирагӣ ба соҳили чашмаш шитофтам.

*Теҳрон, 18 хурдодмоҳи 1331*

# МУРДОБ

*Ба устоди гаронмоя дуктур Хонларӣ*

Шабҳо дар обгинаи мурдобҳои сабз,
Он ҷо, ки найзаҳои ҷаган рафта то ба моҳ,
Он ҷо, ки моҳиёни дурахшони лаългун
Чашмон кушудаанд ба торикии сиёҳ;

Он ҷо, ки атри вахшии гулҳои обзӣ[1]
Печида дар машоми худоёни тирагӣ,
Он ҷо, ки шаҳди рӯшани маҳтоби осмон
Дар заҳри шоми тира гирифтаст чирагӣ;

Он ҷо, ки моҳ мешиканад дар даҳони мавҷ
Чун касри оташе[2], ки дар об афканад шарор,
Он ҷо, ки хуфтаанд ба атрофи обгир
Мурғобиёни пир дар андешаи фирор;

Он ҷо, ки нӯшханди парокандаи насим
Чин афканад ба чеҳраи мурдоби ошно,
Он ҷо, ки аз тапидани амвоҷи бешумор
Гоҳе, дар об гум шуда, барге кунад шино;

---

[1] обзӣ – дар об зиндагикунанда.
[2] Оташи андак.

Он ҷо, ки пашшагони дурушти баландпой
Мастона медаванд бар амвоҷ пурғурур,
Он ҷо, ки нолаҳои ғарибонаи вазағ
Печида дар сукути чаманзорҳои дур;

Он ҷо, ки пои раҳгузаре ронда аз ҳаёт
Лағзида бар канораи намноки обгир,
Он ҷо, ки мужда медиҳад аз марги ӯ ҳанӯз
Овои нарми хамшудани соқаҳои[1] пир;

Он ҷо, дар он сукути ғамангези лоязол[2],
Он ҷо, ки марг таъна занад, к-ин мазори туст,
Бонге ниҳеб мезанадам аз даруни дил,
К-ин сарнавишти туст, ки дар интизори туст.

*Теҳрон, 19 мурдодмоҳи 1331*

---

[1] танаи дарахт.
[2] лоязол – безавол

## МАЛОЛИ ТАЛХ

Гар аз диёри худоёни осмон будам,
Зи тангнои шабам лаҳзае раҳоӣ буд.
Малоли талхи сафар менишондам аз майи ишқ,
Агар нигоҳи туро бо ман ошноӣ буд.

Чи шомҳо, ки сар омад, чи рӯзҳо, ки гузашт
Бад-ин умед, ки аз ишқ баҳрае гирам,
Дар ин хаёли хато лаҳзаҳо ба ғафлат рафт,
Ки бӯсае зи лабе ё зи чеҳрае гирам.

Чи шомҳо, ки дилафсурда аз табоҳии умр
Ба ёди ишқи ту бигрехтам зи суҳбати хеш,
Ба ёди он ҳама шабҳо, ки рафту бознагашт,
Чароғи ишқ барафрӯхтам ба хилвати хеш.

Чи шомҳо, ки ҳамоҳанг бо нишастани рӯз
Нигоҳи дури туро низ орзӯ кардам,
Дар он ғуруби гуворо, ки ранги мастӣ дошт,
Зи хеш рафтаму бо хеш гуфтугӯ кардам.

Дар он ду ашк, ки бар доманам чакиду гузашт,
Нигоҳ кардаму дидам ғами гузаштаи хеш,
Ба як назора дар он қатраҳо равон дидам
Умеди рафтаву андӯҳи бозгаштаи хеш.

Ба ёди он ҳама шабҳову рӯзҳо, ки гурехт,
Маро ба дафтари дил нақши ёдгоре монд,
Умеди гумшуда чун корвон расиду гузашт,
Зи корвони гурезони ӯ ғуборе монд.

Чи рӯзу шаб, ки ду асбони корвон буданд,
Ту низ қофиласолори корвон будӣ.
Чароғи умри ту, ҳар ҷо, ки ҳаст, рӯшан бод,
Агарчи умри маро шамъи нимаҷон будӣ.

Ситорагон ҳама донанду осмонҳо низ,
Ки ҳар чи буд маро, орзӯи фардо буд.
Дареғу дард, к-аз ин бештар надонистам,
К-аз он сиёҳшабам сарнавишт пайдо буд.

*Теҳрон, 31 мурдодмоҳи 1331*

# ТУҒЁН

*Илҳом аз Ортур Рембу[1] – шоири фаронсавӣ*

Ба ҷуз паҳнаҳое пур аз дуду оташ,
Ба ҷуз сели куштору бемориву хун,
Ба ҷуз нолаҳое пур аз хашму нафрат,
Ба ҷуз дӯзахе вожгуну дигаргун,
Ба ҷуз тундбоде, ки оҳиста хонад
Суруди ғами хеш дар гӯши ҳомун,
Ба ҷуз интиқоме чунин талху норас
Бигӯ бо ман, эй дил, кӣ мондаст бо кас?

Шумо, эй амирон, шумо, эй бузургон,
Шумо, эй ҳама сарнишинони воло,
Шумо, эй ҳама кохдорони беғам,
Шумо, эй ҳама ҷангҷӯёни доно,
Чи нозед бар достонҳои таърих?
Чи болед бар зӯрмандони фардо?
Бимиред, зеро ба мурдан сазоед,
Бимиред, зеро ки офат шумоед!

Аз он бим дорам, ки оташфишонҳо
Кушоянд рӯзе даҳонҳои хунин,
Аз он бим дорам, ки дарёи ваҳшӣ
Дигаргуна созад ба якбора оин,
Ҳама хонаҳо, шаҳрҳо, кӯҳсорон
Фурӯ резаду сӯзад аз шуълаи кин,
Зи ҳам бигсилад осмонҳои обӣ,
Фуруд ояд ин гунбади моҳтобӣ.

---

[1] Артур Рембо.

Шигифто, дар ин шомгоҳони ваҳшат
Худоён кушуданд бар ман дареро,
Аз он дар нигаҳ кардам оҳиста дар шаб,
Ба ҳар гӯша дидам тани бесареро.
Шумо, эй ҳама сарзаминҳои гетӣ,
Раҳоӣ чи бахшед бадгавҳареро?!
Бибандед, чун он ки донед, роҳаш
Ҷаҳонро мубарро кунед аз гуноҳаш!

Замин мегудозад зи хашме ниҳонӣ,
Зи хашме чу торикии шомгоҳон,
Хуш он лаҳзаи талху он рӯзи ширин,
Ки кайфар диҳад хашми ӯ бар гуноҳон,
Ба танг омадам з-ин ҳама кинатӯзӣ,
Хушо, зистан дар миёни сиёҳон,
Ки дар хоку хун ғӯтавар шуд табиат,
Тамаддун гар ин аст, ку барбарият?

*Теҳрон, 30 меҳрмоҳи 1331*

## СУРУДИ ХАШМ

Оҳангарони пир ҳама, путкҳо ба даст,
Бо чеҳраҳои сӯхта дар нури офтоб,
Чун ахтарони сурх ба торикии ғуруб,
Чашмон пур аз навиди фараҳбахши инқилоб.

Путки гарон ба дасту даҳонҳо пур аз хурӯш,
Фарёдашон гусаста дар офоқи шомгоҳ,
Рӯида дар диёри уфуқ хӯшаҳои хашм,
Афсурда бар лабони шафақ бӯсаҳои моҳ.

Пиндоштӣ, ғиреви худоёни осмон
Печида дар каронаи хомӯши зиндагӣ,
Бигрифта аз фурӯғи шафақ ранги интиқом,
Он гӯшаҳо, ки сӯхта аз шарми бандагӣ.

Пиндоштӣ, ки хашми фурӯхурдаи қурун
Ҷӯшида аз харобаи фартути рӯзҳо,
Пиндоштӣ, ки шевани қурбониёни чанг
Оташ фиканда дар дили оташфурӯзҳо.

Аз синаҳо расида ба лабҳо суруди хашм,
Афканда дар ҳарими дилосудагон ҳарос,
Гуфтӣ, бар остонаи ин шомгоҳи талх
Дарҳам хазида сояи мардони ношинос.

Дар чашмашон талиъаи тӯфонии шафақ
Орад хабар зи хандаи хунини субҳгоҳ,
Фарёдашон гусехта дар осмони шаҳр,
Хашми сиёҳашон ҳама ҷӯшида дар нигоҳ.

Дарҳам шикастааст, ту гӯӣ, сукути марг
Дар растахези ин шаби торики вопасин.
Барқе дамида аз дили офоқи дурдаст,
То сояи кабуди шаб афтода бар замин.

Хонад ба поси рӯзи зафар боди шомгоҳ
Шукронаи гусастани занҷири бандагӣ.
Оҳангарони пир ҳама, путкҳо ба даст,
Дар чашмашон – талиъаи хуршеди зиндагӣ.

*Теҳрон, 7 обонмоҳи 1331*

## ГУМРОҲ

Чун охирин ситораи гумроҳи осмон
Ғалтидаам ба домани бахти сиёҳи хеш,
Аз дидагони кӯри шаб афтодаам чу ашк,
Гум кардаам дар ин шаби торик роҳи хеш.

Гоҳе чу қатрае, ки зи абре фурӯ чакад,
Лағзидаам зи дидаи беорзӯи бахт,
Гӯӣ, сиришки Моҳаму меафтамаш зи чашм,
Чун мурғакони гумшуда ноланд бар дарахт.

То охирин парандаи шаб дам фурӯ кашад,
Бармекашам ба хоҳиши дил нолаҳои хеш,
Ман кистам – парандаи шабҳои беумед,
Сар дода дар сукути дарахтон садои хеш.

Гоҳе садои резиши дилҳои ошиқам,
Вақте ки бо хаёли касе гуфтугӯ кунанд,
Вақте ки хандаҳои хуш аз гӯшаҳои лаб
Такбӯсаҳои гумшударо орзӯ кунанд.

Гоҳе чу нолае, ки зи дарде хабар диҳад,
По мениҳам ба хилвати шабҳои ошно,
Гӯё лаҳиби[1] гиряи борони Мағрибам,
К-оташ занам ба хирмани офоқи бефано.

---

[1] лаҳиб – забонаи оташ.

Гоҳе сиришки дидаи ӯям, ки бедареғ
Мерезам аз ду гӯшаи чашми сиёҳи ӯ,
Чун ашки шамъи сӯхта меафтамаш ба пой,
Озурда аз маломати талхи нигоҳи ӯ.

Чун охирин ситораи гумроҳи осмон
Ғалтидаам ба домани бахти сиёҳи хеш,
Аз дидагони кӯри шаб афтодаам чу ашк,
Гум кардаам дар ин шаби торик роҳи хеш.

*Теҳрон, 8 обонмоҳи 1331*

## ХӮШАҲОИ ТАЛХ

Дар киштзорҳои хазондидаи уфуқ
Ҳон, эй Худо, шабони сияҳро фурӯ фирист,
То аз ҳазор гумшудагонат хабар диҳанд,
Мурғони бодро ҳама шаб сӯбасӯ фирист.

Инак, ғуруби рӯзи набард асту эй дареғ,
К-аз он сипоҳиёни диловар нишона нест,
Онон ба зери хоки сияҳ хуфтаанду марг
Ҷуз посбони ин уфуқи бекарона нест!

Ин абрҳо, ки мегузаранд аз канори кӯҳ
В-он такдарахти пир, ки меларзад аз ҳарос,
Гирянд, чун танӯра кашад сурхии шафақ
Дар гӯри бенишони шаҳидони ношинос.

То базри куштагони замин борвар шавад,
То хӯшаҳои талх бирӯяд зи синаҳо,
Бояд зи чашми ҳарзаи ин абрҳои сурх
Борони хун бибораду борони кинаҳо.

Ин моҳтобҳо, ки дурахшида бе умед
Дар хокҳои ташнаю бар сангҳои сард
В-ин бодҳои тар, ки барафшонда регҳо
Бар гӯри хуфтагони балодидаи набард,

Ин ашкҳо, ки дидаи модар фишонда гарм
Беҳуда бар мазори ҷигаргӯшаҳои хеш,
Фардо гувоҳи ҷунбиши хашманду интиқом,
Хашме, ки зуд медаравад хӯшаҳои хеш.

Онон, ки базри одамиёнро фишондаанд,
Бар доси хашмгини аҷал бӯса мениҳанд
В-он хӯшаҳои талх, ки аз кинаҳо дамид,
Мепажмурад, чу муждаи оянда медиҳанд.

Ҳон, эй Худо, шабони сияҳро фурӯ фирист,
То нанги ваҳшиёни заминро ниҳон кунанд,
Бар даштҳо сиёҳии шабро бигустурон,
То куштагони бегунаҳаш соябон кунанд.

Ин гӯрҳои нав, ки даҳан боз кардаанд,
То қуллаҳои гумшударо дар гулӯ баранд,
Фардо ба ҷониёну хасон[1] рӯй мекунанд,
То туъмаҳои тозаи худро фурӯ баранд!

*Теҳрон, 24 обонмоҳи 1331*

[1] ҷонӣ – ҷинояткор, гунаҳкор, табаҳкор; хас – пасту фурӯмоя, нокасу забун.

## БАРФУ ХУН

*Пешкаш ба дуктур Маҳмуд Саноӣ*

Шаб дар офоқи торики Мағриб
Хаймаашро шитобон барафрошт,
Осмонҳо ҳама қирагун буд,
Барф дар тирагӣ дона мекошт.

Ман ҳаросон дар он роҳи борик
Бо ғиреви дарахтони танҳо
Медавидам чу мурғони ваҳшӣ
Дар сари буттаҳову гаванҳо.

Гоҳе оҳанги пои саворе
Мерасид аз уфуқҳои хомӯш,
Боде ошуфта меомад аз дур,
То магар гирад ӯро дар оғӯш.

Ман замоне намемондам аз роҳ,
Гӯӣ, аз чобукӣ мепаридам,
Буттаҳо, сояҳо, кӯҳсорон
Медавиданду ман медавидам.

Дар дили тирагӣ кулбае буд,
Дуди он рафта бар осмонҳо,
Пои танҳочароғе, ки месӯхт
Дар дилаш розгӯён шабонҳо.

Лахте[1] аз шиша дидам дарунро,
Хостам, ҳалқа бар дар бикӯбам,
Ногаҳон такчароғе, ки месӯхт,
Мурду ториктар шуд ғурубам.

Лаҳзае истодам ба тардид,
Гуфтам: ин хонаи мурдагон аст,
Гӯӣ, он дам касе дар дилам гуфт:
Фикри шаб кун, ки раҳ бекарон аст.

Дар задам, дар кушуданду ногоҳ
Дашнае[2] дар сиёҳӣ дурахшид,
Шевани ношиносе, ки ҷон дод,
Кулбаро ваҳшате тоза бахшид.

Кӯрмолон қадам пас ниҳодам,
Чашми ман бо сиёҳӣ намесохт,
То ба худ омадам, зарбате чанд
Дар дили кулба аз поям андохт.

Худ надонам, кай аз хоб ҷастам,
Лек донам, ки субҳе сияҳ буд.
Дар канорам – саре навбурида
Ғарқи хун буду чашмаш ба раҳ буд!

*Теҳрон, 25 обонмоҳи 1331*

[1] лахте – ин ҷо ба маънои даме, нафасе, лаҳзае.
[2] дашна – як навъи ханҷар.

## ВАЙРОНАИ ҚУРУН

Гӯӣ, сукути қарнҳо буд
Дар дахмаҳои тирааш, дар осмонаш,
Дар абрҳояш, дар шабони саҳмгинаш,
Дар бодҳояш, дар фазои бекаронаш.

Чун наъра бармедошт боди сарди мағриб,
Гӯӣ, ки бармехост бонги арғунунҳо,
Он ҷо, ки меафтод рӯзе қаҳрамоне,
Имрӯз меафтад ба хомӯшӣ сутунҳо.

Он ҷо, ки рӯзе болу пар мезад уқобе,
Имрӯз шабкӯрест ҷунбон дар сукуташ,
Он ҷо, ки зулфи духтарон дар печухам буд,
Имрӯз ларзад тору пуди анкабӯташ.

Он дахмаҳо, он cояҳо, он осмонҳо
В-он роздорони шигарфи хилвати ӯ,
Он хандаҳои бод дар байғӯлаи шаб
В-он ғӯлҳо дар тирагӣ ҳамсуҳбати ӯ!

Он сақфҳо, он пешхонҳо, он сутунҳо,
Он тоқҳои рехта дар зулмати шом,
Он барқи чашми гурбаҳои саҳмгинрӯй
В-он нури ахтарҳо дар офоқи шабаҳфом.

Он кӯрароҳи бекарона,
Роҳе, ки мелағзад ба ҷангалҳои хомӯш,

Роҳе, ки мепечад чу море бар тани шаб,
Роҳе, ки мегирад уфуқҳоро дар оғӯш.

Он шуълаҳои оташи duздони дарё
Бар регҳо, бар регҳои хушки соҳил,
Дар лобалои такдарахтони замингир
Дар сояҳои қалъаҳои тирагундил.

Инҳо ҳама мехонадам чун қосиди марг,
Бори дигар бо хандаи пурмояи хеш,
Ман кистам? –
Бегонае гумкардамақсуд,
Ё раҳраве ноошно бо сояи хеш!

*Теҳрон, 29 баҳманмоҳи 1331*

## ТАКДАРАХТ

*Ба дӯсти бузургам Фаридуни Таваллулӣ*

Шабҳо гурехтанду ту, чун бодҳои сард,
Ҳамроҳ бо сиёҳии шабҳо гурехтӣ,
Дар роҳи худ зи шохаи зарди ҳаёти ман
Ишқи маро чу барги хазондида рехтӣ.

Ман, чун ғуборе аз дили шабҳои беумед,
Бархостам, ки хуш бинишинам ба доманат,
Овора бахти ман, ки ту чун наварӯси бод
Рафтӣ чунон, ки кас нашуд огаҳ зи рафтанат.

Шабҳо гурехтанду ту, чун ёдҳои дур,
Ҳар лаҳза аз гузаштаи ман дуртар шудӣ,
Бо он чи рафта буду наомад дубора низ,
Дар сарзамини хотири ман ҳамсафар шудӣ.

Танҳо дар ин ғуруби ғамангези зиндагӣ
Афтодаам, чу сояи гумгаштагон, ба роҳ,
Ларзам чу шоху барги ниҳолони нимаҷон
Дар зери тозиёнаи борони шомгоҳ.

Бас рӯзҳо, ки шуълаи норинҷии шафақ
Сӯзонадам дар оташи рангини хештан,
Чун даррасад кабӯтари Моҳ аз фарози кӯҳ,
Гунҷонадам ба сояи ғамгини хештан.

Аз такдарахти зиндагии беумеди ман
Мурғони рӯзҳо ҳама як-як паридаанд,
Шабҳо, чу тӯдаҳои калоғони шомгоҳ,
Аз дур, аз диёри уфуқҳо расидаанд!

*Теҳрон, 6 исфандмоҳи 1331*

## ҚУМ

Чандин ҳазор зан,
Чандин ҳазор мард,
Занҳо – лачак[1] ба сар,
Мардон – або[2] ба дӯш,
Як гунбади тило

[1] лачак – дастмоли сегӯша, ки занон ба сар мекунанд.
[2] або – ҷома; ҷелак.

Бо лаклакони пир,
Як боғи бесафо
Бо чанд такдарахт
Аз хандаҳо тиҳӣ
В-аз гуфтаҳо хамӯш.
Як ҳавзи нимапур
Бо оби сабзранг,
Чандин кулоғи пир
Бар тӯдаҳои санг.
Анбӯҳи соилон[1]
Дар ҳар қадам ба роҳ,
Аммомаҳо[2] – сафед,
Рухсораҳо – сиёҳ.

*Қум, 28 исфандмоҳи 1331*

## АЗ ПУШТИ АТАШ

Ӯ буду ман дар хонаи ман
В-он оташи сурх
Месӯхт дар кошонаи ман,
Аз пушти оташ тарҳи андоми баландаш
Рақсанда чун дуд,
Печанда чун мор,
Мегуфт бо ҳар печутоб афсонаи ман.

Он шаб дар он майхонаи дур,
Он ҷо, ки мастон хуфта буданд,

---

[1] соил – гадо, талбанда.
[2] аммома – салла, дастор.

Он ҷо, ки дар паймонаҳо мерехт маҳтоб
Чун бодаи ноб,
Ӯ буду ман маст аз майи ӯ,
Андоми ӯ чун шуълае нилуфариранг
Метофт дар дуди сиёҳи сояи ӯ.
Дар хандаи ман мавҷ мезад бӯсаи ман,
Дар бӯсаи ӯ маҳв мешуд хандаи ӯ.
Ӯ тан раҳо мекард дар торикии шаб,
Ман бӯса бармедоштам аз синаи ӯ,
Мехуфт дар оғӯши ман урёнтар аз моҳ,
То раҳ барам чун мор дар ганҷинаи ӯ.

Имшаб касе дар хонаам нест,
Аммо хаёлаш ҷуста раҳ дар хонаи ман
В-ин оташи сурх
Зинда-ст дар кошонаи ман.
Аз пушти оташ ёди андоми[1] баландаш
Рақсанда чун дуд,
Печанда чун мор,
Гӯяд ба ёди рафтаҳо афсонаи ман.

*Теҳрон, аввали урдибиҳиштмоҳи 1332*

## ШАБИ БЕМОР

Шаби бемориам то субҳ поид,
Саҳаргоҳам рабуд аз дасти хобе,
Ҳама шаб сарбасар бедор будам
Ба уммеде, ки хезад офтобе.

[1] андом – ин ҷо ба маънии қаду қомат.

Чароғам хуфт, шамъи бистарам хуфт,
Натобидам ба болин партави моҳ,
Ту гӯӣ, моҳи мурғи осмон мурд,
Чу лаб бастанд мурғони шабонгоҳ.

Шумурдам нарм-нармак лаҳзаҳоро,
На оғозе дар он дидам, на анҷом,
Фурӯ рафтам сипас навмеду хомӯш
Дар он торикии нилуфарифом.

Шумурдам ахтарони осмонро,
Ки шояд барҳам афтад дидаи ман,
Вале, дардо, ки ёди дидаи ӯ
Нарафт аз хотири шӯридаи ман.

Зи бистар ҷастаму афрӯхтам шамъ,
К-аз он бегона ҷӯям ошноӣ,
Вале шамъи хаёлам зудтар тофт,
Дилам торик шуд з-он рӯшноӣ.

Ба рақси соярӯшан дӯхтам чашм,
Ки шояд вораҳонам хештанро,
Вале шамъ аз насими нимашаб мурд,
Ниҳод аз даст кори сӯхтанро.

Чу пур шуд ҷоми чашмам аз майи хоб,
Садои соати бедор бархост,
Ба зангаш гӯш додам лаҳзае чанд,
Шумурдам зарбаҳоро, то фурӯ кост.

Намедонам, Худоё, субҳ чун шуд,
Вале, донам, ки мурғи субҳ нолид.
Танам з-ин сахтҷонӣ дар аҷаб монд,
Ба худ болиду бар ман низ болид!

Ҳама шаб сарбасар бедор будам,
Саҳаргоҳам рабуд аз дасти хобе,
Шаби бемориам то субҳ поид,
Ба уммеде, ки хезад офтобе!

*Шероз, аввали хурдодмоҳи 1332*

## ЁДИ ДӮСТ

Бар гӯри рӯзҳои сияҳ буттаҳои ишқ
Пажмурд, ғунчаҳои умеди гузашта мурд,
Дар ҳайратам ҳанӯз, ки оё чи гуна буд
Он рӯзҳо, ки мурду туро ҷовидона бурд.

Хобе гузар накард, дареғо, гузар накард
Дар чашми ман шабони сияҳ бе хаёли ту,
Эй он ки дил ба ранҷи ғарибӣ супурдаӣ,
Гирям ба ҳоли хешу нагирям ба ҳоли ту.

Ёд орамат ҳанӯз, аё эй умеди дур,
Эй он ки дар заволи ту бинам заволи хеш,
Чун бингарам ҳанӯз дар анбӯҳи рӯзҳо,
Ёд оварам вуруди туро дар хаёли хеш.

Гӯӣ, дар он ғуруби баҳорӣ кушуда шуд
Дарҳои танги маъбади торики хотирот,
Ҳамроҳ бо хаёли хушу захмаҳои чанг
Дар дил танин фиканд маро зарбаҳои пот.

Бо ман чунон бамеҳр даромехтӣ, ки бахт
Чун дар ту бингарист, лаб аз шикваҳо бидӯхт
В-он қатраи нигоҳи ту, чун дар дилам чакид,
Чун ашки гарми шамъ маро зиндагӣ бисӯхт!

Инак, ту низ рафтию бар гӯри рӯзҳо
Шамъе зи ёди рӯшани худ барфурӯхтӣ,
Эй Офтоби умр, дар ин водии ғуруб
Ҳар сӯ маро кашондию лабташна сӯхтӣ.

Боз о, ки бе фурӯғи ту ин рӯзҳои тор
Бар ман чунон гузашт, ки бигзашт шоми ман.
Эй деви шаб, фариштаи хуршедро бикуш,
То субҳдам дубора наояд ба доми ман!

*Теҳрон, 14 шаҳривармоҳи 1332*

## ЁДИ ВНЕЗ[1]

Ҳон, эй Внези ман,
Эй духтари хаёл,
Чун аз ҳарири нозуки маҳтобҳои дур
Пироҳани сапеди арӯсон ба бар кунӣ,
Чун осмон ба сар ниҳадат ниматоҷи моҳ
В-аз ғурфаи кабуди уфуқ сар бадар кунӣ,
Монӣ ба интизор, ки аз боми осмон
Пошанд бар ту пӯлаку нуқлу ситораҳо,
Он гаҳ ман аз диёри худ оям ба диданат,
То субҳро салом диҳем аз манораҳо!

Пиндорам, эй Внез, ки мебинамат ҳанӯз
Аз рӯи бомҳои сафолини сурхфом,
Ёд оварам, ки дар ту гузаштаст чун насим
Он рӯзҳои гумшудаи бе нишону ном

[1] Внез – Венетсия

Бар қуббаҳои обию бар бомҳои сурх,
Бар обҳои рӯшани дарёи нилгун,
Бар он ҷазираҳои такафтодаи кабуд,
Бар ёдгориҳои парокандаи қурун,
Бар бурҷҳои занг, ки аз оҳан асту санг,
Бар зангҳо, ки мешикананд: данг-данг-данг,
Бар хандаҳои резу дурахшони мавҷҳо,
Бар чатри офтобии хуршеди ранг-ранг.
Бар ҳар чи бар фарози ту меоядам ба ёд,
Бинам нишонаҳое аз он рӯзҳои дур –
Он рӯзҳои сохта аз нуру аз булӯр.

Инак, дар орзӯи ту, эй шаҳри наварӯс,
Он рӯзҳо, ки дар пайи шабҳо гурехтанд,
Онҳо, ки чун шукуфаи гелосҳои сурх
Дар домани насими гурезанда рехтанд,
Як-як фаро расанд навохону пойкӯб
Бо тоҷи шаҳриёрии хуршеди беғуруб!

*Теҳрон, 20 шаҳривармоҳи 1332*

## НОШИНОС

*Ба дуктур Маҳмуди Кашфиён*

Бардошт ҷомро,
Як дам диранг кард
В-аз хандаи шароб барошуфту зери лаб
Дар гӯши ҷом гуфт:
«Эй ҷоми аввалин,
Оё туро ба ёди кӣ имшаб ба сар кашам?»

Нӯшид ҷомро,
Толор, аз бухори нафасҳову дудҳо,
Чун субҳи нимарӯшани исфандмоҳ буд.
Лабханд мечакид зи лабҳои ҷомҳо,
Дар тангно талолуи хуршеду моҳ буд,
Дар зери нури атласии чилчароғҳо
Танҳо бараҳна буду ҳавасҳо бараҳнатар
В-аз чашми духтарону занон барқи зиндагӣ
Меҷасту дур мешуду мерехт бар замин
Чун кирми шабфурӯз, ки тобад ба боғҳо.

Пои занон, ба нағмаи мавзуни чанд соз,
Рақсон, чу морҳои сапед аз навои най,
Дар печутоб буд,
Сарҳову синаҳову суринҳову соқҳо,
Аз мастии шароби ҳавасҳову атри май,
Саршор аз нишоту гурезон зи хоб буд.

Бо охирин нигоҳ,
Бардошт ҷомро,
Як дам диранг кард
В-аз хандаи шароб барошуфту зери лаб
Дар гӯши ҷом гуфт:
«Эй ҷоми охирин,
Оё туро ба ёди кӣ имшаб ба сар кашам?»
……………………………………………..
Бишкаст ҷомро!

*Теҳрон, 5 обонмоҳи 1332*

## ДИГАР НАМОНДА ҲЕҶ

Дигар намонда ҳеҷ, ба ҷуз ваҳшату сукут,
Дигар намонда ҳеҷ, ба ҷуз орзӯи марг,
Хашм асту интиқом фурӯ монда дар нигоҳ,
Ҷисм асту ҷони кӯфта дар ҷустуҷӯи марг.

Танҳо шудам, ки ҳеҷ напурсам нишони кас,
То шояд ин гурехтанам зиндагӣ диҳад,
Танҳо шудам, ки марг, агар ҳиммате кунад,
Шояд маро раҳоӣ аз ин бандагӣ диҳад.

Танҳо шудам, ки ҳеҷ напурсам нишони кас,
Танҳо шудам, ки ҳеҷ нагирам суроғи хеш,
Дардо, ки ин аҷӯзаи ҷодугари ҳаёт
Бори дигар фирефт маро бо чароғи хеш.

Акнун шаб асту марг фаророхи ман ҳанӯз
Он гуна мондааст, ки натвонамаш шинохт,
Акнун манам – гурехта аз банди зиндагӣ,
Бо зиндагӣ чи гуна тавонам дубора сохт?

*Теҳрон, 18 озармоҳи 1332*

## ДУ ДАР

*Барои Н.А.*

Он дар кушуда буд,
Он дар, ки баста буд замоне, кушуда буд,
Аммо касе набуд,
Аммо дар интизори ман он ҷо касе набуд.

Шаб сахт тира буду сиёҳӣ забон надошт,
Шаб тира буду рӯшание осмон надошт,
Чашмак намезад аз дили зулмат ситорае,
Бо ман надошт чашми худоён назорае,
Он дар, ки баста буд, дигар бор баста шуд!

В-ин дар кушуда шуд,
Ин дар, ки пилки чашми ту бошад, кушуда шуд:
Дар осмони чашми ту шаб нилгуна буд,
Донам, чи гуна буду надонам, чи гуна буд.

Шаб дар фазои чашми ту садҳо ситора дошт,
Бо ҳар нигоҳи хеш ҳазорон ишора дошт,
Чашмат хамӯш буд, вале безабон набуд
В-он хоҳиши нигоҳи ту аз ман ниҳон набуд.
Ин дар, ки пилки чашми ту бошад, кушуда шуд,
Ин дар, ки баста буд, аз ин пас кушуда шуд!

*Теҳрон, 19 даймоҳи 1332*

## ҶОМИ ҶОННАМО

Касе, ки қадри азизони ошно донист,
Чи гуна суҳбати бегонагон раво донист?

Миёни ин ҳама бо чун туе канор омад,
Чаро, ки чуз ба ту дил бохтан хато донист.

Ба шоми зулфи ту пайваст субҳи толеъи хеш,
Ки тори мӯи туро риштаи вафо донист.

Дил аз умеди висоли фариштарӯён шуст,
Ки ишқи рӯи туро ояти Худо донист.

Зи ҷоми ишқи ту чун бодаи нигоҳ кашид,
Сабӯи майкадаро холӣ аз сафо донист.

Тамаъ зи қиссаи ҷоми чаҳоннамо бубрид,
Ки чашми масти туро ҷоми ҷоннамо донист.

Бунафшамӯи манӣ, сар зи ман матобу марав,
Ки қадри мушки парокандаро сабо донист.

Ҳар он ки мулки ҷаҳонро ба бӯсае нафрӯхт,
Ҳадиси одаму фирдавсро куҷо донист?

Фидои наргиси шаҳлои нимамасти ту бод
Ҳар он чи ақли тиҳидаст пурбаҳо донист!

*Теҳрон, 20 даймоҳи 1335.*

## НОГУФТА

*(Ба Турачи Фарозманд)*

Шеърест дар дилам,
Шеъре, ки лафз нест, ҳавас нест, нола нест,
Шеъре, ки оташ аст.
Шеъре, ки мегудозаду месӯзадам мудом,
Шеъре, ки кина асту хурӯш асту интиқом,
Шеъре, ки ошно нанамояд ба ҳеҷ гӯш,
Шеъре, ки бастагӣ напазирад ба ҳеҷ ном.

Шеърест дар дилам,
Шеъре, ки дӯст дораму натвонамаш суруд,
Мехоҳамаш суруду намехоҳамаш суруд,
Шеъре, ки чун нигоҳ нагунҷад ба қолабе,
Шеъре, ки чун сукут фурӯ монда бар лабе,
Шеъре, ки шавқи зиндагию бими мурдан аст,
Шеъре, ки наъра асту ниҳеб асту шеван аст,
Шеъре, ки чун ғурур баланд асту саркаш аст,
Шеъре, ки оташ аст.

Шеърест дар дилам.
Шеъре, ки дӯст дораму натвонамаш суруд,
Шеъре, аз он чи ҳаст...
Шеъре, аз он чи буд...

*Теҳрон, аввали урдибиҳиштмоҳи 1333*

## ОХИРИН ФИРЕБ

Гар охирин фиреби ту, эй зиндагӣ, набуд,
Инак, ҳазор бор раҳо карда будамат,
З-он пештар, ки боз маро сӯи худ кашӣ,
Дар пеши пои марг фидо карда будамат.

Ҳар бор аз ту хостаам барканам умед,
Оғӯши гарми хеш ба рӯям кушодаӣ,
Донистаам, ки ҳарчи кунӣ, ҷуз фиреб нест,
Аммо дар ин фиреб фусунҳо ниҳодаӣ.

Дар пушти парда ҳеҷ надорӣ ҷуз ин фиреб,
Лекин ҳазор ҷома бар андоми ӯ кунӣ,
Чун аз малоли рӯзу шабат хотирам гирифт,
Ӯро талаб кунию маро роми ӯ кунӣ.

Рӯзе ниқоби ишқ ба рухсори ӯ ниҳӣ,
То нуре аз умед битобад ба хотирам,
Рӯзе ғурури шеъру ҳунар номи ӯ кунӣ,
То сар бар офтоб бисоям, ки шоирам!

Дар доми ин фиреб басе дер мондаам,
Дигар ба узри тоза набахшам гуноҳи хеш.
Эй зиндагӣ, дареғ, ки чун аз ту бигсалам,
Дар охирин фиреби ту ҷӯям паноҳи хеш!

*Теҳрон, аввали урдибиҳиштмоҳи 1333.*

## ДУХТАРИ ҶОМ

*Ванус – олиҳаи зебоӣ аз садафе зода шуд*
*(Аз асотири лотин)*

Ҳамчун Ванус, к-аз садафе сар бурун кашид,
Доманкашон зи ҷоми шаробам баромадӣ,
Як лаҳза, чун ҳубоби шароб, омадӣ ба рақс
В-он гоҳ кафзанон ба лаби соғар омадӣ.

Он шаб утоқи ман ба масал ҷоми бода буд,
Нури чароғи ман ба масал ранги бода дошт,
Дарҳои баста чун ду лаби нокушуда буд,
Рухсори парда он ҳама чашми кушода дошт.

Ман ҳамчу мавҷ омадаму хондамат ба рақс,
Аммо ту чун ҳубоб саропо шудӣ нигоҳ,
Чашмони нимахуфтаи ту чун садаф шукуфт,
Ашке дар он нишаст зи андешаи гуноҳ.

Гуфтам: «Нигоҳ кун –
Ин дар кушуда шуд,
Ин дар, ки пилки чашми ту бошад, кушуда шуд!»
…………………………………………………

Ҳарфам, зи бими пардадарӣ, нотамом монд,
Май монду ҷом монд,
Дар боз шуд хамӯшу ту, бе ҳеҷ гуфтугӯ,
Орому пурғурур ба сӯяш равон шудӣ,

Чун Юнусе, ки дар дили моҳӣ фурӯ хазид,
Бори дигар ба ҷоми шаробам ниҳон шудӣ!

Инак, ту рафтаӣ,
Афсӯс, бо ту рафт, маро он чи монда буд,
Афсӯс, бо ту рафт…
Дигар касе намонд, ки андӯҳи ишқи ӯ
Дамсози ман шавад,
Дигар касе намонд, ки ёди азизи ӯ
Дар ин сукути сард ҳамовози ман шавад.
Афсӯс, бо ту рафт…
Афсӯс, бо ту рафт, маро он чи монда буд.

*Теҳрон, 17 урдибиҳиштмоҳи 1333*

## САФАРКАРДА

*Ба Носири Покдоман*

Дигар дар интизори кӣ бошам,
Зеро маро ҳавои касе нест,
Рӯзе гарам ҳазор ҳавас буд,
Имрӯз дигарам ҳавасе нест.

Зиндони ман, ки зиндагиам буд,
Деворҳои сахту сияҳ дошт,
Умри маро ба хира ҳадар кард,
Ҷони маро ба ҳарза табаҳ дошт.

Дар ман суруди гумшудае буд,
К-онро касе нахонду напардохт,
Ҳаргиз маро, чунон ки ман астам,
Як офарида з-ин ҳама нашнохт.

Бас дард доштам, ки бигӯям,
Аммо дилам нагуфту ниҳон кард,
Беҳуда буд, ҳарчи сурудам,
Бо ин сурудаҳо чи тавон кард?

Дардо, ки кас нагуфту напурсид,
К-охир чи буду чист гуноҳам?
Гар сарнавишти ман ҳама ин буд,
Нафрин ба сарнавишти сиёҳам!

Эй марг, эй сапедадами дур,
Бар ин шаби сиёҳ фурӯ тоб,
Танҳо дар интизори ту ҳастам,
Биштоб, эй наомада, биштоб!

*Дамованд, 2 тирмоҳи 1333*

## ИНТИЗОР

*Ба Фарҳанги Арҷманд*

Афсӯс, эй ки бори сафар бастӣ,
Кай метавонам аз ту хабар гирам,
Гуфтӣ ба ман, ки боз нахоҳӣ гашт,
Аммо чи гуна дил зи ту баргирам?

Дигар маро умеди нишоте нест
З-ин лаҳзаҳо, ки аз ту тиҳӣ монданд,
З-ин лаҳзаҳо, ки рӯҳи маро куштанд
В-он гаҳ маро зи хеш бурун ронданд.

Гар шеъри ман шарораи оташ буд,
Акнун ба ғайри дуди сиёҳе нест,
Гар зиндагӣ гуноҳи бузургам буд,
З-ин пас маро умеди гуноҳе нест!

Оре, ту он умеди абас будӣ,
К-охир маро ба ҳеҷ раҳо кардӣ,
Бе он ки худ ба чораи ман кӯшӣ,
Гуфтӣ, ки дарди ишқ даво кардӣ.

Чашми ту он даричаи рӯшан буд,
К-аз он раҳо ба зиндагиям доданд,
Зулфи ту он каманди асорат буд,
К-аз он навиди бандагиям доданд!

Акнун ту рафтаиву Худо донад,
К-аз ҳар чи бозмонда, гурезонам,
Дигар, бад-он чи рафта, наандешам,
Дигар, аз он чи рафта, пушаймонам.

Хоҳам, раҳо кунам ҳама ҳастиро,
Зеро дар он тавони дирангам нест.
Дар дил ҳазор дарди ниҳон дорам,
Оваҳ, диле зи оҳану сангам нест…

*Теҳрон, аввали хурдодмоҳи 1333*

## БЕПАНОҲ

*Ба Амири Пешдод*

Эй он ки аз диёри ман охир гурехтӣ,
Чун шуд, ки аз ту бознаомад нишонае,
Аз баъди рафтанат нашиносам ҷуз ин ду ҳол:
Ранҷи замонаеву гузашти замонае.

Дар кӯрароҳи зиндагиам ҷои пои туст,
Пое, ки бегумон, натавонам бад-ӯ расид,
Пое, ки нақши ҳар қадамаш нақши орзӯст,
Кай метавонам ин ки ба ҳар орзӯ расид?

Афсӯс, эй ки ишқи ман аз хотират гурехт,
Чун шуд, ки як назар нафикандӣ ба сӯи ман?
Мехостам, ки дӯст бидорам туро ҳанӯз,
Зеро ба ғайри ишқ набуд орзӯи ман.

Бечора ман, балозада ман, бепаноҳ ман,
К-аз моҷарои ишқи туам ҷуз бало намонд.
Аз ман гурехтиву дилам сахт нола кард,
К-он ошно бирафту маро ошно намонд!

*Теҳрон, 20 шаҳривармоҳи 1333*

## ОШНО

*Ба дӯсти арҷмандам Муҳаммад Рахшонӣ*

Духтар бар остонаи дар ошиқона хонд,
К-эй орзӯи ман,
Ман фориғам зи хешу ту осуда аз манӣ,
Бо дӯст душманӣ.

Бас шомҳо ситора шумурдам ба нури моҳ,
То ахтари рамидаи бахтам вафо кунад,
Шӯри нигоҳи дӯст дар он чашми дилфиреб
Чун бода саргаронии ишқам даво кунад.

Ҳар шаб, ки моҳ менигарад аз даричаҳо,
Ҷо медиҳад хаёли туро дар баробарам,
Ман шод аз ин умед, ки чун бигзарӣ зи роҳ,
Шояд чу нури моҳ фароз ойӣ аз дарам.

Ҳар нолае, ки мешиканад дар гулӯи бод,
Оҳанги нолаҳои дилам дар фироқи туст,
Чун тобад аз шикофи дарам нури моҳтоб,
Гӯям: нигоҳи кист, ки дар иштиёқи туст?

Эй орзӯи ман,
Эй марди ношинос,
Огоҳ нестам, ки куҷоиву кистӣ,
Аммо маро ба дидани ту мужда медиҳанд
В-он мужда гӯядам, ки туӣ ё ту нестӣ.

Аз ман ҷудо машав,
Чун зиндагӣ ба дасти фаромӯшиам мадеҳ,
Ё аз канори ман ба хамӯшӣ гузар макун,
Ё дар ниҳон умеди ҳамоғӯшиам мадеҳ.

* * *

Духтар хамӯш монд,
Марде, ки мегузашт, ба сӯяш нигоҳ кард,
Духтар ба ханда гуфт:
– Эй марди ношинос, тавонӣ, хабар диҳӣ
З-он ошно, ки ҳеҷ наомад ба диданам?
Он мард ханда карду шитобон ҷавоб дод:
– Он ошно манам!

*Теҳрон, 31 шаҳривармоҳи 1333*

## ЁД

*Ба дуктур Аҳмади Дебоҷ*[1]

Тиҳӣ кун ҷомро, эй соқии маст,
Ки имшаб майли ҷоми дигарам нест,
Маро аз сӯзу созу хандаи май
Чи ҳосил, з-он ки шӯре дар сарам нест.

Хуш он шабҳо, хуш он шабҳои мастӣ,
Ки бо ӯ доштам хуш достонҳо,
Шаробам шуъла мезад дар дили ҷом,
Дар он месӯхт акси осмонҳо.

[1] дебоҷ – арабишудаи «дебо».

Хуш он шабҳо, ки маст аз дидани ӯ,
Ҳавое дар дилам бедор мешуд,
Лабаш чун ҷоми сурх аз бӯсае чанд
Лаболаб мешуду саршор мешуд.

Чу аз гесӯи ӯ меомадам ёд,
Суруде тоза бармехост аз чанг,
Ба дастам торҳои мӯи ӯ буд,
Ба чангам – нолаҳои ин дили танг.

Нигоҳи хандаомезаш дар он чашм
Ба лутфи нӯшханди субҳ мемонд,
Маро гоҳе ба шавқ аз даст мебурд,
Маро гоҳе ба ноз аз хеш меронд.

Сурудам буду шӯри нағмаам буд,
Ки чашмонаш навиди зиндагӣ дошт,
Дар он шабҳои жарфи пурситора
Чу чашми бахти ман тобандагӣ дошт.

Кунун ӯ рафту шӯри нағмаам рафт,
Аз он оташ ба ҷуз хокистарам нест,
Тиҳӣ кун ҷомро, эй соқии маст,
Ки дигар майли ҷоми дигарам нест!

*Теҳрон, 19 меҳрмоҳи 1333*

## ГУРЕЗ

*Ба Ҳасани Ҳунармандӣ*

Гар боядам кушуд дареро,
Вақт асту сабри бештарам нест,
Хоҳам раҳо кунам қафасамро,
Бадбахт ман, ки болу парам нест.

Дил з-он чи ҳасту нест, буридам,
Танҳо ғами гурехтанам[1] ҳаст,
Хоҳам сафар кунам ба диёре,
К-он ҷо умеди зистанам ҳаст.

Танҳову бепаноҳу сабукбор,
Саргашта дар сиёҳии шабҳо,
Гоҳе ба дил умеди такопӯй,
Гоҳе суруди тоза ба лабҳо:

Гӯям, манам, раҳо шуда аз ишқ,
Гӯям, манам, ҷудо шуда аз ёр,
Хоҳам, ки аз ту ҳам бигурезам,
Эй шеър, эй умеди дилозор!

Бар чанги ман намонда суруде,
К-аз маргу ғам нишона надорад,
Чангам шикаста беҳ, ки ҳама умр
Як бонги шодмона надорад.

[1] Бояд «гиристанам» бошад, ба тақозои қофия (маънӣ низ) – Н.Қ.

З-ин пас, ба чанге ар фиканам даст,
Ҷуз нағмаи нишот насозам,
Беҳуда накди зиндагиямро
Дар пешгоҳи марг набозам.

*Теҳрон, 30 меҳрмоҳи 1333*

## БОҒ[1]

Кофӣ набуду нест ҳазорон ҳазор сол,
То бозгӯ кунад
Он лаҳзаи гурехтаи ҷовидонаро.
Он лаҳзаро, ки танг дар оғӯшам омадӣ,
Он лаҳзаро, ки танг дар оғӯшат омадам,
Дар боғи шаҳри мо,
Дар нури бомдоди зимистони шаҳри мо,
Шаҳре, ки зодгоҳи ману зодгоҳи туст –
Шаҳре ба рӯи хок,
Хоке, ки дар миёни кавокиб ситораест!

[1] Ин қитъа тарҷумаи дақиқи яке аз ашъори Жак Превер – шоир ва филмноманависи машҳури фаронсавист (1900-1977) – Н.Қ.

## ҲАМЗОД

*Ба дӯстам Ҳушанг Насирӣ*

*Ҳар офарида дар ин ҷаҳон ҳамзоде дорад, ки бо ӯ зода мешавад, бо ӯ зист мекунад ва бо ӯ мемирад, ҳамроҳу ҳамноми ӯст.*

*(Аз афсонаҳои эронӣ)*

Дар хобҳои тираи афюниам шабе
Ӯро шинохтам.
Ӯ шуълаи паридаи як офтоб буд,
Чашме ба ранги обии сайри ғуруб дашт,
Дар чашми ӯ ҳазор навозиш ба хоб буд.

Ӯро шинохтам,
Аз насли моҳ буд,
Андомаш аз навозиши маҳтобҳои дур
Ранге ба ранги субҳи булӯрин сапед дошт,
Зулфаш чу дуди мушкии шабҳо сиёҳ буд.

Ӯро дар он нигоҳи нахустин шинохтам,
Аммо нигоҳи мунтазирам беҷавоб монд,
Бар ман нигоҳ карду нигоҳаш зи ман гузашт,
Ин охирин умед чи нокомёб монд!

Ӯро шинохтам.
Ҳамзоди ҷовидонии ман буду номи ӯ
Чун номи ман ба гӯши Худо ошно набуд.
Мехостам, ки бонг барорам:
Бимон, бимон!
Аммо дар он сукути худоӣ садо набуд!

*Теҳрон, якшанбе, 12 исфандмоҳи 1332*

## ТИЛИСМ

Эй шеър, эй тилисми сиёҳе, ки сарнавишт
Умри маро ба риштаи ҷодуии ту баст,
Гуфтам, туро раҳо кунаму зиндагӣ кунам,
Аммо, чи тавбаҳо, ки дар ин орзӯ шикаст.

Гӯӣ, маро барои ту зоданду осмон
Дигар туро нахост, ки аз ман ҷудо кунад,
Дигар ғамаш набуд, ки чун нола баркашам,
Гӯши гарон ба нолаи ман ошно кунад.

Савганди ман ба тарки ту бишкаст борҳо,
Аммо тилисми толеи ман ношикаста монд.
Эй шеър, эй тилисми куҳан, эй тилисми шум,
Пои ман, эй дареғ, ба доми ту баста монд!

Акнун дар ин нишеби балохези умри ман,
К-аз зиндагӣ ба ҷониби маргам кашидааст,
Дигар маро умеди раҳо кардани ту нест,
Зеро ки ҳар чи буд, ба поён расидааст.

Танҳо туӣ, ки дар хами ин роҳи пурҳарос
Хоҳам туро ба нолаи хеш ошно кунам,
Дигар ту он тилисм наӣ, сояи манӣ,
Охир, чи гуна сояи худро раҳо кунам?!

*Теҳрон, 14 фарвардинмоҳи 1334*

## ДИДОР

*(Ба Ҳ.И.Соя)*

Ман ӯро дида будам,
Нигоҳе меҳрубон дошт,
Ғаме дар дидагонаш мавҷ мезад,
Ки аз бахти парешонаш нишон дошт.

Намедонам, чаро ҳар субҳ, ҳар субҳ,
Ки чашмонам ба берун хира мешуд,
Миёни мардумаш медидаму боз
Ғами торик бар ман чира мешуд.

Шабе, дар кӯчае дур,
Аз он шабҳо, ки нури обии моҳ
Замину осмонро ранг мекард,
Аз он маҳтобшабҳои баҳорӣ,
Ки атри гул фазоро танг мекард,

Дар он ҷо, дар хами он кӯчаи дур
Нигоҳам бо нигоҳаш ошно шуд,
Ба як дам он чи дар дил буд, гуфтам,
Сипас чашмони мо аз ҳам ҷудо шуд.

Аз он шаб дигараш ҳаргиз надидам,
Ту пиндорӣ, ки хобе дилнишин буд,
Ба ман гуфтанд, ӯ рафт,
Напурсидам, чаро рафт,
Вале дар он шаби падруд дидам,
Ки чашмонаш ҳанӯз андӯҳгин буд!

*Теҳрон, 28 тирмоҳи 1334*

## НИГАРОН

Ҳеҷ намедонам, он ки рафт, куҷо рафт,
Ҳеҷ намепурсам, он чи буд, куҷо буд,
Ҳеҷ намедонам, он чи рӯй ба ман кард,
Лутфи Худо буд ё азоби Худо буд.

Рафту дареғо, дилам ба рафтани ӯ сӯхт,
Сӯхт, вале тоқати гудохтанаш нест,
Хонаи ишқе, ки ӯ шикасту фурӯ рехт,
Ҳеҷ дилеро тавони сохтанаш нест.

Ишқ фиребам диҳад, ки аз пайи ӯ рав,
Ақл ниҳебам занад, ки ишқ бало буд,
Боз мапаймо раҳе, ки он ҳама рафтӣ,
Боз мапаймо, ки роҳи рафта хато буд.

То ба кай аз шавқу ваъдаҳои дурӯғаш
Сар-сарӣ ангорам ин баҳонаи ӯро?
Гӯядам: он кас, ки буд дар дили ман, мурд,
Дар ту наёбад дилам нишонаи ӯро.

Кист, Худоё, касе, ки дар дили ӯ мурд?
Ҷуз манаш оё магар ҳанӯз касе буд?
Буду намегуфт ё набуду намегуфт? –
Ишқи маро бин, ки пеши ӯ ҳавасе буд!

Гоҳ зи худ пурсам: он чи буд, куҷо рафт?
Он ҳама шабҳои пурумеди Худо ку?
Шаҳди лабаш ку, ҳарорати нафасаш ку?
Он ғами ширин, ки мефирефт маро, ку?

Ку, чи шуд он лаҳзае, ки лаб ба лабам дӯхт?
Ку, чи шуд он лаҳзае, ки дил зи кафам бурд?
Дидаи ман, ҳарчи гиря дошт, нигаҳ дошт,
Синаи ман, ҳар чи нола дошт, фурӯ хӯрд.

Ростӣ, эй офтоби охири пойиз,
Ҳеҷ ба ёд оварӣ гузаштаи моро? –
Бӯсаи гарме, ки мебурид нафасро,
Барқи ннигоҳе, ки мешикофт ҳаворо!

Боз чи мепурсӣ: он ки рафт, куҷо рафт?
Боз чи мепурсӣ: он чи буд, куҷо буд?
Гӯямат: ӯ ҷовидона дар дили ман мурд,
Боз махонаш, ки фитна буду бало буд!

*Теҳрон, 15 озармоҳи 1334*

## ШЕЪРИ АНГУР

*(Ба Абулҳасани Наҷафӣ)*

Чи мегӯед?
Куҷо шаҳд аст ин обе, ки дар ҳар
донаи ширини ангур аст?
Куҷо шаҳд аст, ин ашк аст,
Ашки боғбони пиру ранҷур аст,
Ки шабҳо роҳ паймуда,
Ҳама шаб то саҳар бедор буда,
Токҳоро об дода,
Пуштро чун ҷуфтаҳои мӯ дуто карда,
Дили ҳар донаро аз ашки чашмон нур бахшида,
Тани ҳар хӯшаро бо хуни дил шодоб парварда.

Чи мегӯед?
Куҷо шаҳд аст ин обе, ки дар ҳар
донаи ширини ангур аст?
Куҷо шаҳд аст, ин хун аст,
Хуни боғбони пири ранҷур аст.
Чунин осон магиредаш.
Чунин осон манӯшедаш!

Шумо ҳам, эй харидорони шеъри ман,
Агар дар донаҳои нозуки лафзам
Ва ё дар хӯшаҳои рӯшани шеърам
Шаробу шаҳд мебинед, ғайри ашку хунам нест.
Куҷо шаҳд аст, ин ашк аст, ин хун аст,

Шаробаш аз куҷо хондед, ин мастӣ на он мастист,
Шумо аз хуни ман мастед,
Аз хуне, ки менӯшед,
Аз хуни дилам мастед.

Маро ҳар лафз фарёдест, к-аз дил мекашам берун,
Маро ҳар шеър дарёест,
Дарёест лабрез аз шароби хун.
Куҷо шаҳд аст ин ашке, ки дар ҳар донаи лафз аст,
Куҷо шаҳд аст ин хуне, ки дар ҳар хӯшаи шеър аст?
Чунин осон маяфшоред бар ҳар дона лабҳорову
бар ҳар хӯша дандонро!

Маро ин косаи хун аст…
Маро ин соғари ашк аст…
Чунин осон магиредаш,
Чунин осон манӯшедаш!

*Теҳрон, 21 урдибиҳиштмоҳи 1335*

## НЕШХАНД

Дарё, ба рӯи синаи соҳил хазида маст,
Дар бозувон фушурда тане комёбро,
Бар мосаҳои[1] нарми тилоӣ чакида моҳ,
Пур карда ҷои пои тари офтобро.

Бар кулбае, ки бар сари анбӯҳи мосаҳо
Меларзад аз ҳароси фурӯ рехтан ҳанӯз,
Марде ба ёди завраки хеш асту дар хаёл
Бо моҳиён ба кори даровехтан ҳанӯз.

Ӯ меравад, ки зери бухори сиёҳи шаб,
Он ҷо, ки чашми кас нашиносад каронаро,
Тӯри дурушти хеш саросар бигустурад,
То баркашад зи мавҷ шикори шабонаро.

Падруд мекунад нафасе чанд бо занаш,
Зан гарм-гарм бар дили худ мефишорадаш,
Ин шердил занест, ки ӯ дар шаби дароз
Танҳо даруни кулбаи худ мегузорадаш.

Ашк аз шикофи дидаи зан ҷӯш мезанад,
Мард аз ҳуҷуми гиря ба шаб мебарад паноҳ,
Бозуи зан ба бозуи дар такя мекунад,
Мард аз даруни кулба қадам мениҳад ба роҳ.

---

[1] моса – регрезаи нарм, қум.

Дунболи мард сояи дарҳамшикастааш
Бар мосаҳои сӯхта чун лаккаи[1] тарест,
Аммо занаш, зи сояи ӯ баргирифта чашм,
Зеро, касе, ки мерасад аз роҳ, дигарест.

Шаб мерасад ба нимаву рӯ мекунад ба субҳ,
Дар кулба ҷуз садои нафасҳои шод нест.
Заврақнишин ҳанӯз дар оғӯши обҳост,
Бимаш зи наъраҳои хурӯшони бод нест.

Лахте дигар сапеда дамидасту аз насим
Дарё шунида бӯи хуши офтобро.
Марде, даруни кулбаи сайёд хуфта маст,
Дар бозувон фушурда зане комёбро.

*Теҳрон, 17 меҳрмоҳи 1337*

[1] лакка – доғ, хол.

## БАРФ

Кӯбида барф зери лагадҳояш
Бӯи бунафшаҳои баҳоронро,
Дар зери барф хоки таболуда
Дар дил нуҳуфта ҳасрати боронро.

Дар гӯш карда пунбаи барф имшаб
Шаҳре, ки ҷовидона пур аз ҳарф аст,
Чашмони поки ҷӯй пур аз об аст,
Мижгони сабзи коҷ пур аз барф аст.

Гоҳе ғубори барф фурӯ резад
Чун ашки ман, зи шохаи мижгонҳо,
Бар хушксоли синаи ман борад
Ин ашки гарм чун нами боронҳо.

Ман дар канори оина мегирям,
Чашми дурушти оина бедор аст,
Аз пушти ашк акси ту меларзад
Дар қоби куҳнае, ки ба девор аст.

Лабҳои сарди оина мебӯсад
Холи сиёҳи зери лабонатро,
Ман дар зулоли оина мебинам
Буғзе, ки баста роҳи даҳонатро.

Нури нигоҳи гарми ту метобад
Аз чашми рӯшанизадаи тасвир,
Мехоҳамаш, зи қоб бурун орам,
Дер аст, эй умеди гурезон, дер!

Дигар даҳони оина балъидаст
Нақши туро чу оби гуворое,
Аммо дилам, чу кӯдаки бемодар,
Фарёд мекунад, ки ту ин ҷоӣ!

Гӯӣ, садои пои ту наздик аст,
Паймуда сангфарши хиёбонро,
Оварда боди тозанафас аз дур
Бӯи бунафшаҳои биёбонро…

*Теҳрон, 25 меҳрмоҳи 1337*

## ТЕҒИ ДУСАР

*Ба Шаҳло*

Ту он дарраи сабзи беофтобӣ,
Ки меҳ бар сар афшонадат навбаҳорон,
Ту фарёди мурғобии ҷуфтҷӯӣ,
Ки пар мекушояд ба дунболи ёрон.

Ту абрӣ, ту он абри андӯҳгинӣ,
Ки ашке ба рухсораи кӯҳ пошӣ,
Ту хуршеди бемори пеш аз ғурубӣ,
Ки бар хотирам гарди андӯҳ пошӣ.

Ту пешонии кӯҳсорони субҳӣ,
Ки тоҷест аз хандаи офтобат,
Ту гаҳвораи шохсорони мастӣ,
Ки ҳар дам насиме диҳад печутобат.

Туро аз ҷаҳоне дигар мешиносам,
Туро шир дод аз азал дояи ман,
Дар ин тирашабҳо, ки фардо надорад,
Ту фонӯсиву ишқи ту сояи ман.

Худо ин ду дилро ба теғе дусар дӯхт,
Аз ин як раҳоӣ надод он дигарро,
Тилисм асту бо ашк натвон зудудан
Аз ин теғаи сард хуни ҷигарро…

*Теҳрон, 18 баҳманмоҳи 1337*

## ГИРЯ

Абри гирёни ғурубам, ки ба хунобаи ашк
Мекашам дар дили худ оташи андӯҳеро,
Синаи танги ман аз бори ғаме сангин аст,
Пораабрам, ки ниҳон сохтаам кӯҳеро.

Осмон гиряи мастона кунад бар сари хок,
Бенаво ман, ки дар ин гиряи ман мастӣ нест,
Ҳамчу маҳ гиряи ман аз ғами бефардоист,
Ҳамчу най вахшатам аз боди тиҳидастӣ нест.

Осмон бистаре афканда зи хокистари абр,
Оташи моҳ дар ин бистари сард афтодаст.
Дили хунини маро бистари ғам хобгаҳ аст,
Холи сурхест, ки бар гунаи зард афтодаст.

Дар дили ин шаби торик ту фонӯси манӣ,
Гарди ту хирмани боронзадаи ҳолаи туст.
Обиву нолаи ту ях зада дар синаи санг,
Чашмаи хушки дилам мунтазири нолаи туст.

Эй ки дар хилвати ман бӯи ту печида ҳанӯз,
Ёди ширини ту то марг ҳамоғӯшам бод!
Абри торикаму аз гиряи андӯҳ пурам,
Ҳасрати дидани хуршед фаромӯшам бод!

*Теҳрон, 11 баҳманмоҳи 1337*

## ДАР ПОЁН

То моҳии сурхранги лабҳояш
Дар оби паридаранги симояш
Оҳиставу бесадо шино кардам.

Аз торамии[1] сиёҳи мижгонаш
Раҳ сӯи дари ду чашми ӯ бурдам,
Онро ба ҳазор ҳила во кардам.

Дар нақби гулӯи ташнааш ҷустам
Сардоби сиёҳи синаи ӯро,
Дилро, дили хуфтаро садо кардам.

Дил моҳии обҳои гулгун буд,
Сардоби сиёҳи сина пурхун буд
В-он нақб, ки раҳ ба синаи ӯ дошт,
Чун роҳи ниҳони ганҷи Қорун буд.

Пас сели сиришкро раҳо кардам.

*Теҳрон, 14 баҳманмоҳи 1337*

---

[1] Торамӣ – гунбад

## АЗ ВИС БА РОМИН

*Ман илҳоми ин қитъаро дар нахустин нома аз даҳ номаи Вис хитоб ба Ромин, ки дар китоби манзуми Фахриддин Асъадии Гургонӣ мастур аст, ёфтам ва байте чанд аз он китобро дар қитъаи худ овардаам.*

Ту, эй Ромин, ту эй дерина дилдорам,
Чу мехоҳам, ки номатро ниҳонӣ бар забон орам,
Садо дар синаам чун оҳ меларзад.

Чу мехоҳам, ки номатро ба лавҳи нома бигзорам,
Қалам дар дасти ман бегоҳ меларзад.

Намедонам, чи бояд гуфт,
Намедонам, чи бояд кард,
Ба ёд овар суханҳои маро дар номаи пешин,
Суханҳое, ки бармехост чун оҳ аз дили ғамгин
Чунин гуфтам дар он нома:

«...Агар чархи фалак бошад ҳарирам,
Ситора сар ба сар бошад дабирам.

Ҳаво бошад давоту шаб сиёҳӣ,
Ҳуруфи нома – баргу регу моҳӣ.

Нависанд ин дабирон то ба маҳшар
Умеду орзӯи ман ба дилбар.

Ба ҷони ман, ки нанвисанд ниме,
Маро дар ҳаҷр нанмоянд биме...»

Ман он шаб, к-ин суханҳо бар қалам рондам,
Надонистам, к-аз ин афсонапардозӣ чи мехоҳам,
Вале имрӯз медонам:

Намехоҳам, ҳарири осмон тӯмори ман гардад,
Намехоҳам, ситора тарҷумони ишқи
афсункори ман гардад,

Давоти шаб намеояд ба кори ман,
На баргу регу моҳӣ ғамгусори ман,

Ҳарири гунаамро нома хоҳам кард,
Сари мижгони худро хома хоҳам кард,

Ҳуруф аз ашк хоҳам сохт,
Магар ин сон тавонам номаи андӯҳгин пардохт...

*Теҳрон, 2 баҳманмоҳи 1338*

## КОБУС

*(Ба дуктур Амирии Рӯҳӣ)*

Маҳтоб рӯ ба соҳили Мағриб ниҳода буд,
Дар хилвати утоқ ба ҷуз ман касе набуд,
Қалби сиёҳи соати шаммота метапид,
Шаб мегузашту лаҳзаи миъод[1] мерасид.

Ногаҳ садои дури саге дар фазо шикаст,
Аз пушти қоби панҷара барқи талангуре[2]
Бар шишаи кабуди тарақхӯрда нақш баст.

Соат зи кори хеш фурӯ монду гӯш дод,
Ованги[3] ӯ, чу мардумаки чашми мурдагон,
Аз гардиш истод.

Дар пушти ман даҳони даре нимабоз шуд,
Нури сафед, ҳамчу ғубори гаҷ, аз ҳаво
Дар хобгоҳ рехт,
Он гаҳ садои лағзиши пое ба рӯи фарш
Тори сукутро, чу нахе, бе садо гусехт.

Ман меҳмони ҳаршабаамро шинохтам,
Аммо ҳанӯз тоқати баргаштанам набуд,
Қалбам даруни синаи торик метапид,
Нур аз шикофи панҷара чун мум мечакид.

---

[1] Миъод – ваъда: мулоқот.
[2] Талангур – зарбаи ангушт.
[3] Оваng – овезон, овехта.

Ногаҳ ду дасти сӯхтаи устухоннамо
Аз пушт бар хамидагии шонаам нишаст,
Баргаштам аз ҳарос:

Он рӯҳи ношинос
Рӯҳе, ки чун шамоили шуми муқаддасон
Дар зери рӯшноии моҳ истода буд,
Сурат надошт, лек лабе, чун шикофи захм,
То зери гӯшҳои дарозаш кашида дошт,
Хандиду бими хандаи ӯ дар дилам нишаст.

Фарёди ман, чу зӯзаи саг, дар гулӯ шикаст.

*Теҳрон, 2 исфандмоҳи 1337*

## АБР

Дигар на оташест, на доғе, на сӯзише,
Фарёди ман даруни дилам хок мешавад,
Дигар замон ба гиряи ман ханда мезанад,
Ашкам ба як ишораи ӯ пок мешавад.

Пирӣ расидаасту дарахтон хамидаанд,
Мурғобиёни шод ба мотам нишастаанд,
Ободӣ аз ҷаҳони Худо рахт бастааст,
Вайронаҳо ба мотами олам нишастаанд.

Ман бар баҳори мурдаи худ гиря мекунам,
Аммо касе ба гиряи ман дил намедиҳад,
Ҷуз буттаҳои ҳарзаву гулҳои бенишот
Ин донаҳои рехта ҳосил намедиҳад.

Дигар сабӯи бодаи лаззат тиҳӣ шуда,
Дигар замони хандаи мастӣ гузаштааст,
З-он пас, ки шодӣ аз дили ман пар кашидааст,
Андӯҳ сӯи лонаи худ бозгаштааст.

Бигзор, то чу абр бигирям ба сӯги хеш,
Бигзор, то ғубори ғаме дар ҳаво кунам,
Бигзор, то чу шабнаме аз гул фурӯ чакам,
Хуршедро ба ҳасрати худ ошно кунам!

*Теҳрон, 18 фарвардинмоҳи 1338*

## СИТОРАИ ДУР

Тасвирҳо дар оинаҳо наъра мекашанд:
«Моро зи чорчӯби тилоӣ раҳо кунед,
Мо дар ҷаҳони хештан озод будаем!»

Деворҳои гӯри куҳан нола мекунанд:
«Моро чаро ба хоки асорат нишондаед?
Мо, хиштҳо, ба хомии худ шод будаем!»

Так-так ситорагон ҳама бо чашмҳои тар
Домони бодро ба тазарруъ гирифтаанд,
К-«Эй бод, мо зи рӯзи азал ин набудаем,
Мо ашкҳое аз пайи фарёд будаем!»

Ғофил, ки бод низ инони шикеби хеш
Дерест, к-аз ниҳеби ғам аз даст додааст,
Гӯям, ки мо ба гӯши чаҳон бод будаем!

Ман бод нестам,
Аммо ҳамеша ташнаи фарёд будаам;

Девор нестам,
Аммо асири панҷаи бедод будаам;

Нақше даруни оинаи сард нестам,
Зеро ҳар он чи ҳастам, бедард нестам!

Инон ба нола оташи дарди нуҳуфтаро
Хомӯш мекунанду фаромӯш мекунанд,
Аммо ман он ситораи дурам, ки обҳо
Хунобаҳои чашми маро нӯш мекунанд!

*Теҳрон, 15 фарвардинмоҳи 1338.*

## НИГОҲ

Бар шиша анкабӯти дурушти шикастагӣ
Торе танида буд,
Алмоси чашмҳои ту бар шиша хат кашид
В-он шиша дар сукути дарахтон шикасту рехт,
Чашми ту монду моҳ
В-ин ҳарду дӯхтанд ба чашмони ман нигоҳ!

*Теҳрон, 16 урдибиҳиштмоҳи 1338*

## НИЁИШ

Эй Офаридгор,
Дигар ба сардмеҳрии хокистарам мабин,
Имшаб сафои обаму гармои оташам,
Имшаб ба рӯи туст ду чашми ниёзи ман,
Имшаб ба сӯи туст ду дасти ниёишам.

Имшаб ситораҳо ҳама дар ман чакидаанд,
Сурби музоб[1] пур шуда дар косаи сарам,
Ҳар қатрае зи хуни танам шуъла мекашад,
Ман оташи равонаму ман оташи тарам.

Имшаб ба порсоии худ дил ниҳодаам,
Эй офтоби васваса, дар ман ғуруб кун!
Он рӯдхонаам, ки тиҳӣ мондаам зи об,
Оҳ, эй шаби бузург, ту дар ман русуб кун![2]

---

[1] музоб – гудохта, обкарда
[2] русуб кардан – таҳнишин шудан.

З-ин пеш агар ба куфр кашидам забони хеш,
З-ин пас бар он сарам, ки бишӯям лаб аз гуноҳ,
Эй Офаридгор,
Дар чоҳи шаб ба сӯи ту уммед бастаам,
То бишнавӣ садои маро аз даруни чоҳ!

Ҳарчанд пеши чашми ту кӯчактарам зи шӯр,
Бар ман бузургвории пайғамбарон бубахш,
Ҷуз ғам ҳар он чиро, ки ба ман вом додаӣ,
Бистону бештар куну бар дигарон бубахш!

Номи ту бар нигини дилам нақш бастааст,
Ин хотами вуҷуди ман арзонии ту бод!
Донам агарчи, пешкаше сахт бебаҳост,
Шеърам, ба поси лутфи ту, қурбонии ту бод!

*Теҳрон, 16 хурдодмоҳи 1338*

## ШИШАВУ САНГ

Ман он санги мағрури соҳилнишинам,
Ки меронам аз хештан мавҷҳоро,
Хамӯшам, вале дар каф омода дорам
Калофи[1] парешони садҳо садоро.

---

[1] Калоф – калоба.

Чунон саҳмнокам, ки аз ҳайбати ман
Наоянд сагмоҳиён дар паноҳам,
Чунон тундчашмам, ки зоғони ваҳшӣ
Ҳазар мекунанд аз газанди нигоҳам.

Чунон тундхашмам, ки ҳангоми бозӣ
Нарезанд мурғобиён соя бар ман,
Мабодо, ки хоби ман ошуфта гардад,
Лаҳиби[1] ғазаб баркашад шуъла дар ман.

Напӯшонадам ҷомапардоз дарё
Аз он пираҳанҳои нарми ҳарираш,
Аз он махмали хобу бедори сабзаш,
Аз он атласи рӯшноипазираш.

Садафҳову кафҳову танҳои соҳил
Ба мурдоб рӯ мениҳанд аз ҳаросам,
Ман он сангам, он санг, он санги танҳо,
Ки ҳам ошноям, ки ҳам ношиносам.

Ғубори маро гарчи дарё бишӯяд,
Вале занги ғам дорад оинаи ман.
Маро санг хонанду дарё надонад,
Ки чун шиша қалбест дар синаи ман!

*Теҳрон, 24 хурдодмоҳи 1338*

---

[1] Лаҳиб – забонаи оташ.

## ЗАНБАҚ[1]

*Барои духтари кӯчакам*

Эй духтари ширини ман, осуда хуфтӣ
Дишаб, ки бехобӣ насиби модарат буд,
То субҳгоҳон дида аз ҳам во накардӣ,
Зеро ҳарири синаи ӯ бистарат буд.

Дар лонаи чашми ту, чун тухми кабӯтар,
Мехуфт хандон мардумакҳои кабудат,
Оҳ, эй тилисми ҷовидони кибриёӣ,
Бо ман чиҳо мекард ҷодӯи вуҷудат!

Бар панҷаҳои кӯчаки бенохуни ту
Ҳар бӯсаи ман қатраи симоб мешуд,
Лабханди ту, дар хоби нози бегуноҳӣ,
Мемонд чандон бар лабат, то об мешуд.

Бӯи танат, к-аз бӯи моҳӣ хомтар буд,
Чун мастии афюн маро девона мекард,
Эҳсос мекардам, ки кас чун ман падар нест
В-ин ҳис маро аз дигарон бегона мекард!

Пеш аз ту бас андеша дар сар парварондам,
Аз он миён, андешаи озод будан,
Андешаи беҷуфту бепайванд мондан,
Дар гӯшаи танҳоии худ шод будан.

---

[1] занбақ – савсан

Аммо ту ҳамчун занбақе дар ман шукуфтӣ,
Аз атри ширинат маро саршор кардӣ,
Андешаҳои тираро аз ман гирифтӣ,
Дар ман умеди хуфтаро бедор кардӣ.

Дар пеши ин эъҷоз сар бар хок судам
Он шаб, ки дарди зоданат бедод мекард,
Ҳарчанд ҷуз як дил азони модарат нест,
Он шаб даруни ӯ ду дил фарёд мекард!

*Теҳрон, 22 мурдодмоҳи 1338*

## ФОЛГИР

Кандуи[1] офтоб ба паҳлӯ фитода буд,
Занбӯрҳои нур зи гирдаш гурехта,
Дар пушти сабзаҳои лагадкӯби осмон
Гулбаргҳои сурхи шафақ тоза рехта.

Кафбини пири бод дар-омад зи роҳи дур,
Печида шоли зарди хазонро ба гарданаш,
Он рӯз меҳмони дарахтони кӯча буд,
То бишнаванд рози худ аз фоли рӯшанаш.

Дар ҳар қадам, ки рафт, дарахте салом гуфт,
Ҳар шоха дасти хеш ба сӯяш дароз кард,
Ӯ дастҳои як-якашонро канор зад,
Чун кӯлиён навои ғарибона соз кард.

Он қадр хонду хонд, ки зоғони шомгоҳ
Шабро зи лобалои дарахтон садо заданд,
Аз бими он садо ба замин рехт баргҳо,
Гӯӣ, ҳазор чилчиларо дар ҳаво заданд.

Шаб ҳамчу обе аз сари ин баргҳо гузашт,
Ҳар барг, ҳамчу панҷаи дасте, бурида буд,
Ҳарчанд нақше аз кафи ин дастҳо нахонд,
Кафбини бод толеи ҳар барг дида буд!

*Теҳрон, 7 меҳрмоҳи 1338*

---

[1] Канду – хуми орд; хонаи занбӯри асал.

## ШАМЪИ МЕҲР

То ҷуръае зи хуни дилам нӯш мекунӣ,
Мастона аҳди хеш фаромӯш мекунӣ.

Он шамъи меҳрро, ки ба ҷон барфурӯхтам,
Аз боди қаҳр яксара хомӯш мекунӣ.

Ҳар дам маро ба бӯи диловези мӯи хеш
Аз даст мерабоиву мадҳӯш мекунӣ.

Тарсам, ки ҳамчу табъи ту савдоиям кунад
Ин турраҳо, ки зеби бару дӯш мекунӣ.

Рози ниҳони ишқи худ аз чашми ман бихон,
То чандаш аз забони касон гӯш мекунӣ?

Гар як назар ба ҷӯши даруни ман афканӣ,
Кай эътино ба хуни Сиёвӯш мекунӣ!

Эй моҳ, рух мапӯш, ки чун шаб дили маро
Дар сӯги ҳаҷри хеш сияҳпӯш мекунӣ.

Моро, ки бар висоли ту дигар умед нест,
Кай бо хаёли хеш ҳамоғӯш мекунӣ?

Гуфтори нағзи Сояи мо гарчи Нодир аст,
Аммо беҳ аз дурест, ки дар гӯш мекунӣ!

*Теҳрон, 12 обонмоҳи 1338*

## НИЁЗ

Дар оғӯши ту мемирам,
Дар оғӯши сапеди пурбаҳори ту,
Дар оғӯше, ки мотамҳо аз ӯ дуранд,
Дар оғӯше, ки пистонҳои покаш чашмаи нуранд.

Ту бо ман бошу аз осеб эман бош,
Ту бо ман бош,
Туро ман ҳамчу ҷоме аз аташ саршор мехоҳам,
Туро дар ҳар нафас,
дар ҳар ҳавас,
дар ҳар ҳамоғӯшӣ
Чу чашми пурнигоҳи ирқаҳои дур
Ҳама шаб дар камини бодҳои раҳгузар
бедор мехоҳам.
Ту чун ман бош,
бо ман бош,
бо парҳези душман бош,
Маро аз хештан пур кун,
Маро аз оташи фарёдҳои бесухан пур кун,
Маро бо тарҳи андоми сапедат ошноӣ деҳ,
Маро аз барқи чашмони сиёҳат рӯшноӣ деҳ.
Туро ман бо ҳама андӯҳи покам дӯст медорам,
Маро бигзор, то лаб бар лаби масти ту бифшорам!

Ман, эй хуршеди гарми зиндагиафрӯз,
Дар оғӯши ту мемирам,
Дар оғӯши сапеди пурбаҳори ту,
Дар оғӯше, ки мотамҳо аз ӯ дуранд,
Дар оғӯше, ки пистонҳои покаш чашмаи нуранд!

*Теҳрон, 15 фарвардинмоҳи 1339*

# РУЪЁ

Дар ҷомҳои кӯчаки ҳар барг абри субҳ
Ашке фишондааст:
Лағзонтар аз насим,
Ширинтар аз шароб.

Дар ҷомҳои кӯчаки чашмони ӯ ҳанӯз
Ашке падид нест
Ҷуз ашки офтоб.

Дар пушти шишаҳо нафасе гарм
Печонда даври субҳи хазонро,
Ангушти нарми борон бар пардаи бухор
Афканда тарҳи гунге аз ёдҳои дур,
Чун нури офтоб, ки тобида дар булӯр.

Хуршеди ташналаб
Нӯшида ҷоми кӯчаки ҳар барги сабзро.
Ман ташнаам ҳанӯз,
Аз ҷоми чашми ӯ
Як ҷуръа об низ нанӯшидаам ҳанӯз.

Борони субҳ кӯзаи беоби хокро
Пур карда аз шароб,
Дар ҷомҳои кӯчаки чашмони ӯ ҳанӯз
Чун об медурахшад руъёи офтоб.

*Теҳрон, 12 обонмоҳи 1339*

## МАРДЕ ДАР ИНТИЗОРИ ХЕШ

Ба рӯи шохсорон меваи гунҷишкҳо рӯид,
Шафақ дар оби борон рехт хуни рӯшноиро,
Насими ношинос аз сарзаминҳои ғариб омад,
Ки шояд бишнавад аз хок бӯи ошноиро.

Ба нохун мехарошид осмонро панҷаи хуршед,
Сарангуштони хунолударо дар хок мемолид,
Ғуруб аз хашм дар гӯши дарахтон носазо мегуфт,
Дилам аз хавфи шаб чун гурбае дар чоҳ менолид.

Гурӯҳи зоғҳо чун порае аз пайкари шаб буд,
Уфуқ аз лобалои баргҳо – чун нақшаи қолӣ.
Ман он шаб тоза аз дидор бо худ бозмегаштам,
Чу қоби куҳнае будам зи акси хештан холӣ.

Садое аз пайам бархост дар хомӯшии ҷангал,
Чу баргаштам, худамро дар қафои хештан дидам,
Нигини мардумак берун парид аз пардаи чашмам,
Зи нобиноии андӯҳгини хеш тарсидам.

Сарам монанди мурғе пар кашид аз шохаи гардан,
Раги хушке пас аз парвози ӯ бар ҷои ӯ рӯид,
Танам чун устухони мурдагон аз гӯшт холӣ шуд,
Насим он устухонро чун саге бе иштиҳо бӯид.

Канори ҷодаи ҷангал, ки ҳамчун ҷӯй ҷорӣ буд,
Дарахте гаштаму якбора аз рафтан фурӯ мондам,
Дарахтон дар пайам чун раҳравони хаста саф бастанд,
Сипас ман сар ба сӯи он сафи анбӯҳ гардондам.

Худамро дар сутуни нозуке аз рӯшанӣ дидам,
Ки аз ман дур шуд, дар бешаи торик пинҳон шуд,
Ба дил гуфтам, ки ӯро бо давиданҳо ба чанг орам,
Вале оё дарахте метавонад боз инсон шуд?

Нигоҳам рафту навмед аз миёни баргҳо баргашт,
Аз он пас борвар шуд шохаҳои интизори ман,
Аз он пас ҳамчунон дар интизори хештан мондам,
Ки шояд бигзарад як бори дигар аз канори ман.

Ҳам акнун шомгоҳон асту ранги осмон хунин,
Уфуқ аз лобалои баргҳо – чун нақшаи қолӣ.
Ман ин ҷо, дар миёни бешаи анбӯҳ, танҳоям,
Чу қоби куҳнае ҳастам зи акси хештан холӣ.

Ба рӯи шохсорон меваи гунҷишкҳо руста,
Замин бо оби борон шуста хуни рӯшноиро,
Ман акнун гӯш бар наҷвои боди раҳгузар дорам,
Ки шояд бишнавам аз ӯ паёми ошноиро.

*Теҳрон, 20 озармоҳи 1339*

## ТУЛӮЕ ДАР ҒУРУБ

Борони шомгоҳ, чу деворе аз ғуруб,
Гулхонаи шафақро дар бар гирифта буд,
Хуршед, ҳамчу наргиси бемори осмон,
Дар пушти он ҳисори булӯрин шукуфта буд.

Хокистари ғуруби хазон менуҳуфт гарм
Дар дил чароққаҳои ҳазорон ситораро,
Бар синаи бараҳнаи худ мефушурд моҳ
Пинҳон зи чашми рӯз шаби ширхорaро.

Борони ашки ман
Гулхонаи хаёли хазондидаи маро
Дар бар гирифта буд чу деворе аз булӯр,
Хуршеди чашмҳои ту дар ашки ман шукуфт
Чун наргиси тилоии гулхонаҳои дур.

*Теҳрон, 27 меҳрмоҳи 1340*

## РУЪЁЕ ДАР ОФТОБ

*Ба дӯстонам Ядуллоҳи Руъёӣ*
*ва дуктур Ризо Бароҳанӣ*

Фаввораи кашидаи андомаш
Дар боғи чашми ман
То осмон парид.
Фаввораи кашидаи андомаш
Бо шохаҳои нозуки поҳову дастҳо
Абрешими ҳаворо то осмон дарид.

Дар мӯи ӯ, ки гарди парешони об буд,
Хуршеди сабзу қирмизи рангинкамон ниҳод,
Фаввораи кашидаи андомаш аз ғурур
То шаб ба рӯи як по чун мурғ ӣстод.

Тӯпи бузурги хуршед аз боми осмон
Дар кӯча парт[1] шуд,
Боғи хаёли ман тиҳӣ аз офтоб гашт,
Қарқовулон[2] зи шоха париданд,
Мурғобиён зи бирка рамиданд,
Бурҷи кабӯтарам ба насиме хароб гашт.

Бо машъали гудохта пойиз даррасид
Гӯгирди баргҳо,
Борути шохаҳо
Аз шуълаҳои машъали ӯ сӯхт ногаҳон,
Чун чӯббасти оташи бози дарахтҳо
Дар нури каҳрабоии хуршед шуъла зад,

[1] парт – дур, як сӯ, канор.
[2] қарқовул – тазарв

Ранги тило гирифт,
Хумпораҳои гул ба ҳаво рафту бозгашт,
Бод аз миёни искалати[1] шохаҳо гузашт.

Аммо баҳорро нафаси ӯ
Бори дигар ба боғи ман овард,
Бори дигар ба дидани хуршед шохаҳо
Оғӯши модарона кушуданд
(Шири шукуфа ҷӯш зад аз синаҳояшон),
Занҷири буғзи занҷараҳо[2] дар гулӯ гусаст,
Пур шуд фазои холии боғ аз садояшон.

Фаввораи кашидаи андомаш
Дар ман кушуда шуд,
Дар ман париш[3] гирифт,
Нерӯи ношинохтае чун таби шароб
Бо масти гудохтааш дар сарам давид,
Рагҳои ман кушуда шуду ӯ чу хуни пок
Дар пайкарам давид!

Фаввораи кашидаи андомаш
Дар боғи чашми ман
Рақсиду чун калоф гиреҳ шуд ба дасти бод,
Дар мӯи ӯ, ки гарди парешони об буд,
Хуршеди сабзу қирмизи рангинкамон ниҳод,

*Теҳрон, 20 мурдодмоҳи 1341*

---

[1] искалат – скелет
[2] занҷара – чирчирак, ҷонваре чун малах, ки садои баланду тӯлонӣ дорад.
[3] париш – аз «паридан», парвоз, ҷастан.

## ДУ ОИНА

*Ба Гулмеҳр*

Ман аз ту бо баҳорон,
Ман аз ту бо дарахтон,
Ман бо ту аз насим сухан гуфтам.

Ман аз ту дур будам,
Ман бе ту кӯр будам,
Ман чун ту рози шефтагиро
Дар тангнои сина нуҳуфтам.

Розе, ки хонданаш натавонистӣ,
Розе, ки гуфтанаш натавонистӣ
В-аз бими он ки «дар кафи номаҳрам уфтад»[1],
Бас шаб, ки то сапеда нахуфтам.

Имрӯз, чун ду оинаи рӯбарӯи ҳам,
Барқи нигоҳи худро дар ҳам фикандаем,
То буттаи гуноҳ нарӯяд зи боғи дил,
Бунёди ҳар ҳавасро аз сина кандаем.

*Теҳрон, 30 мурдодмоҳи 1341*

[1] Ишора ба ин байти Саъдист:
Машкан дилам, ки ҳуққаи рози ниҳони туст,
Тарсам, ки роз дар кафи номаҳрам уфтад.

## АЗ БИҲИШТ ТО ДӮЗАХ

Аз оғоз, он чи кардам, бесамар буд,
Ҳама судам дар ин савдо зарар буд.

Чи ҳосил бурдам аз ин бозии бахт,
Ки анҷомаш зи оғозаш батар буд.

На ҳаргиз тан ба роҳат ошно шуд,
На ҳаргиз дил зи шодӣ бохабар буд.

Баду хуб, он чи гуфтам, беасар монд,
Шабу рӯз, он чи кардам, бесамар буд.

Баҳори зиндагӣ зудам хазон гашт,
Ки умрам чун насиме тезпар буд.

Ба ҳар дар ҳалқае кӯбиду кӯчид,
Маро қисмат гадое дарбадар буд.

Гумонро аз яқин беҳтар шумурдам,
Ки чашму гӯши ақлам кӯру кар буд.

Ба кори дигарон хандидам аз кибр,
Зибас андешаи кибрам ба сар буд.

Ба шеър овехтам, чун барг дар бод,
Надонистам, ки бод ошӯбгар буд.

Бинои ҳастиамро вожгун кард,
Ки инам гӯшмоле мухтасар буд.

Ҳарифон хонаҳо бунёд карданд,
Маро хишти қаноат зери сар буд.

Рафиқон наъраи мастӣ кашиданд,
Маро фарёди хунин аз ҷигар буд.

Ба бедорон супурдам хушдилиро,
Ки нӯши дигаронам нештар буд.

Басо шабҳо, ки аз ошуфтаҳолӣ
Чу сар бар осмон кардам, саҳар буд.

Басо айём, к-аз шӯридабахтӣ
Дили ғамгинам аз шаб тиратар буд.

Биҳишти шодхорон ҷои ман нест,
Маро аз оташи дӯзах гузар буд.

Гарам баргашт мумкин буд аз ин роҳ
Ва ё дар толеам роҳе дигар буд,

Бад-ин сонаш намепаймудам, эй мард,
Ки дар ин роҳ паймудан хатар буд.

Бад-ин умри баботилрафта нафрин,
Худоё, бас кун ин бедод, омин!

*Теҳрон, 30 мурдодмоҳи 1341*

## ГИЁҲУ САНГ НА, ОТАШ…

Бо шукӯҳи шӯрбахтиям
Бо сиришти хокиву табиати дарахтиям
Дар кавири[1] хушки ғурбати заминиён
Аз сулолаи наҷиби офтоб зодаам.
Бо сукути сангу бо талоши бод,
Бо шитоби оташу шикеби об зодаам.

Зери гунбади тилоии ғуруб
Дастҳо ба сӯи осмон кушодаам,
Дар ҷалоли шомгоҳии кавир
Решаи мани дарахт, ин дарахти пир –
Ин кабири солхурдаи кавир
Аз усораҳои[2] ройгон пур аст,
Аз асораҳои ҳар гиёҳи зинда,
            ҳар гиёҳи мурда,
                    ҳар гиёҳи нимаҷон пур аст.

Решаи мани дарахт, ин дарахти пир,
Ин далери саркаши канорагир
Аз ҷавонии ҷавонаҳо,
Аз таровати таронаҳо,
Аз русуби рӯдхонаҳо,
Аз зулоли нилгуни осмон пур аст.

Меваҳои тозаам парандагони кӯчаканд,
Қатраҳои шабнамам ситорагони рӯшананд.
Ин парандагони рӯз,

---

[1] Кавир – замини хушкида, биёбон.
[2] Шираи ҳар чиз, ки бо фишор ҳосил мешавад.

Ин ситорагони шаб
Чун сар аз шикофи синаи фарохи ман бароваранд,
Армуғони дӯстии маро
Нағмаҳои навтару ишораҳои хуштар оваранд.

Бод, ҳамчу модаре, ки аз миёни гесуи
сиёҳи духтараш
Тори чандгонаи сапедаро ҷудо кунад,
Баргҳои зардро
Аз миёни баргҳои сабзи ман такондааст.
Осмон фарози шохсори ман
Нармтар зи синаи кабӯтарон
Махмали кабуд густарондааст.

Гарчи сахттар зи сахраи гарон
Дар масири гирдбоди солиён
Мондаам ҳанӯзу истодаам ҳанӯз,
Дастҳо ба сӯи осмон кушодаам ҳанӯз,
Лекин оҳану гиёҳу санг нестам,
Бехабар зи ному нанг нестам,
Оташам, ки шуъла мекашам,
Орӣ аз шитобу оҷиз аз диранг нестам.

Солҳо гузаштаасту чашми интизори ман
Ҳамчунон ба сӯи осмон кушода аст,
Осмон маро ба муъҷизе бузург ваъда додааст.
Рӯзе аз канори ман мусофире гузашт,
Рафту барнагашт,
Осмон маро ба бозгашти ӯ навид додааст,
Нақш баста ин навиди хуш ба лавҳи хотирам,
Рӯзу шаб дар интизори бозгашти он мусофирам…

*Теҳрон, аввали даймоҳи 1342*

## КӮДАК

*Ба Насрини Озарин*

Чашмҳояш – чашмҳои гурбаӣ дар офтоби субҳ.
Панҷаҳои бастааш – анҷирҳои кӯчаки ширин.
Оҳ, рагҳояш –
дар луоби пӯстӣ шаффофтар аз нур,
Анкабӯте каҳрабоиранг
дар ҳубоби ҳаббаи[1] ангур.

*Рум, зимистони 1343*

## СОҲИЛИ ЁДГОР

Оҳ, эй азизи бехабар аз ман,
Имшаб дили гирифтаи дарё
Бо ёдгорҳои кабудаш
Дар зери гӯши панҷараам метапад ҳанӯз.

Дарёи мӯсапед ба сар мезанад ҳанӯз
Мушти ҳазор мотами азёдрафтаро,
Маҳтоб менависад бар мосаҳои сард
Шарҳи ҳазор шодии барбодрафтаро.

Чашми ҳубобҳо ҳама аз гиряи фироқ
Омос мекунад,
Теғи бунафши моҳ
Ин чашмҳои гирёнро
аз ҷой меканад.

---

[1] Дона.

Дар ман мудом борон меборад,
Занҷирҳои нозуки азҳамгусастааш
Аз лобалои ҷангали мижгонам
Дар осмони оина пайдост.

Аз дур боди саркаши дарё
Хокистари мулоими нисёнро
Осонтар аз сафедии кафҳо
Аз рӯи оташи дили ман мепароканад,
Ёди турову ишқи маро зинда мекунад.

*Белжик, шаҳривармоҳи 1344*

## МЕЪРОҶ

Панҷараи бастаро ба мушт шикастам,
Дар нафаси тунди офтоб нишастам:
Теғаи пӯлодии гудохтаеро
Маҳкам ба синаи бараҳна ниҳодам,
Равзане аз сина сӯи қалб кушодам,
Шоҳрагашро ба як ниҳеб гусастам:
Қалбамро чун теғе[1] бар хок фикандам,
Хунам фавора зад ба сурати хуршед.

*Нюнберг (Олмон),8 шаҳривармоҳи 1345*

[1] Шояд «туфе» бошад – Н.Қ.

## ДАРАХТ МЕГӮЯД

Имсол, имсол дар сукути хазонӣ
Нағмаи ҳезумшикан ба гӯш наомад,
Сояи торики ӯ ба беша наафтод,
Ҷода наларзид зери ҳар қадами ӯ.

Дасти дуохони ман ба сӯи баҳор аст,
Поям – дар гил нишаста то сари зонӯ,
Бар сарам – андӯҳи абрҳои муҳоҷир,
Бар ҷигарам – доғи рӯшноии хуршед,
Бар камарам – ёдгори куҳнаи чоқу[1],
Дар қафаси синаи ман аст, ки ҳар шаб
Мурғе фарёд мекашад, ки табар ку?

*Порис, даймоҳи 1345*

## ЗАМЗАМАЕ ДАР БОРОН

Ман хобҳои кӯдакиамро
Бо гиряҳои пирӣ таъбир мекунам
Чун акси баргҳои баҳорӣ
Дар обҳои рокиди пойиз.

Оҳ, эй дарахтҳо,
Дар зери шохаҳои шумо хуш фароғатест
Дасти хунук ба гуна фушурдан,
Борони ошиқонаи шабро
Бо ашки худ макидану хӯрдан.

---

[1] Чавқу, кордча.

Гаҳ-гоҳ қатраҳои зулолашро
Чун муҳраҳои ҷомиди тасбеҳ,
Ё рӯзҳои мурдаи дерин
Дар лобалои панҷа шумурдан.

Бо қатраҳои равшани борон раҳо шудан
Дар ҷӯйбори тираи айём,
Рафтан ба сӯи субҳи таваллуд,
Рафтан ба сӯи ҷангали сарсабзи кӯдакӣ,
Он ҷо, ки қорчҳои сабукбол
Дар зери чатри кохи куҳансол,
Аз шодии валодати худ табл мезаданд.

Овезаҳои ёс
Бо хӯшаҳои тозаи ангур
Дар нозукӣ муқобила мекарданд.

Зоғи сиёҳгӯш,
Тасвири божгунаи ғози сапед буд
Дар дурбини об.
Он ҷо гули анор
Шайпури сурх мезад дар гӯши офтоб...

Оҳ, эй дарахтҳо,
Эй кош, ҳамнажоди шумо будам.
То бо шумо ба ҷангал мерафтам...
Ин ҷо сукути қатраи борон дар обгир
Гӯӣ, масофи оинаву санг аст.
Оҳ, эй дарахтҳо,
Дар сарзамини хотири ман ҷанг аст.

Ҷанге, ки бомдоди таваллудро
Дар сурхии ғурубаш тафсир мекунад,
Ҷанге, ки хоби кӯдакиамро
Бо гиряҳои пирӣ таъбир мекунад
Чун акси баргҳои баҳорӣ
Дар обҳои рокиди пойиз...

Оҳ, эй дарахтҳо,
Дар зери шохаҳои шумо хуш фароғатест
Дасти хунук ба гуна фушурдан,
Борони ғамгинонаи шабро
Бо заҳри ашк хӯрдану мурдан...

*Теҳрон, якшанбе, 3 даймоҳи 1357.*

## ҒАЗАЛИ 1

Эй шаб, эй шаби барфӣ, эй шаби зимистонӣ,
Гиря дар гулӯ дорам чун ҳавои боронӣ.

Бозувони ман суст аст, зонувони ман сангин,
Бори пирӣ аст ин бор, чун барам ба осонӣ.

Пеш аз ин бар он будам, к-аз сафар напарҳезам,
Баъд аз ин нахоҳам кард бо хатар гаронҷонӣ.

Чун чиҳил фароз омад, бар ситеғи ҷон будам,
Дар нишеби панҷоҳам, инак, эй тани фонӣ!

Ҳар чи дил ҷавонӣ кард, кӯдакона хандидам,
Пирӣ омаду овард гиряи пушаймонӣ.

Дар ҷамоли тан гаштам, то камоли ҷон ёбам,
Ҳосилам чи буд, эй дил, ғайр аз ин парешонӣ?

Дӯст дар миёнсолӣ субҳи маърифатро дид,
Ман чаро набурдам раҳ ҷуз ба шоми нодонӣ.

Нури маънавиятро дар дил орзӯ кардам,
Барфи хиҷлатам биншаст бар ду сӯи пешонӣ.

Равшанӣ маро нашнохт, рӯ ба зулмат овардам,
Кай тавонамат дидан, эй чароғи яздонӣ?

Пӯзиши гуноҳонро ғайр аз ин наёрам гуфт:
«Вой аз ин мусулмонӣ, вой аз ин мусулмонӣ...»

*Теҳрон, шаҳриварmоҳи 1357.*

## ХУТБАИ АЗИМАТ

Сафои чеҳраи коғазро
Ба чанги хеш харошидам,
Ҳуруфро ҳама банд аз банд
Зи ҳам гусастаму пошидам.
Ба як нигоҳ яқин кардам,
Ки аз тамоми ин алфоз
Яке ба кор намеояд.
Қалам зи пустаи коғаз
Таваққуъе натавонад дошт.
Ҷуз ин ки нутфаи маъное
Аз ин сапеда барорад сар,
Вагарна зардаи хуршеде
Аз ӯ ба бор намеояд.

Дило, чи гуна табаҳкорон
Каломи нағзи илоҳиро
Зи рӯҳи ишқ тиҳӣ карданд,
К-аз ин пас он чи ту мебинӣ,
Ғилофи занҷараи лафз аст,
Ки бар дарахти сухан боқист;
Вагарна замзамаи гармаш
Дар ин сукути зимистонӣ
Зи шохсор намеояд.

Паямбарони дурӯғинро
Хабар диҳед, ки то оташ
Ба роҳи галла барафрӯзанд,
Чаро ки дар шаби ин водӣ

Чароғи муъҷиза хомӯш аст
В-аз интиҳои уфуқ бонге
Ба ғайри ҳамҳамаи гургон
Ба ин диёр намеояд.

Паямбарони сухан, оре,
Аё бутони қаламдаркаф,
Ки дасти сусти шумоёнро
Зи пушти парда нахе ҷунбонд,
Чи зуд лафзи «тааҳҳуд»-ро
Зи нӯки хома фурӯ шустед,
Вале чи дер ба худ гуфтед,
Ки нақши Мор агар зебост,
Ба лафзи Мор намеояд!

Агар паёми шумо ҳақ буд
Чаро чу мавҷи заминхӯрда
Ба пойбӯси ҳақорат рафт,
Зи хашми бод ба ғорат рафт,
Чи зуд роҳи фано паймуд,
Расолате, ки разолат буд?
Ба обрӯи шумо савганд,
Ки оби рафта дигарбора
Ба ҷӯйбор намеояд.

Аё ҳаёкили номовар,
Ба табли ҷанг чи мекӯбед,
Ки ташти холии расвоӣ
Зи боми номи шумо афтод
Ва гар садое аз ӯ бархост

Садои хавфу хиҷолат буд,
Чунон ба хоки сияҳ ғалтид,
К-аз ӯ ба чашми ҳақиқатбин
Ба ҷуз ғубор намеояд.

Аё сулолаи чӯпонон,
Ки барқи муъҷизи Мӯсоро
Ба чашми сомириён дидед,
Кунун ба фоли накӯ гиред
Тулӯи гови тилоиро,
Ба шири тоза вузӯ гиред
Намози субҳи раҳоиро!
Ва гар умеди шумо, эй халқ,
Ба бозгашти парастуҳост,
Назар зи панҷара бардоред,
Ки навбаҳор намеояд!

Маро ҳамеша талаб ин буд,
К-аз ин диёр ҷудо бошам.
Замири Ман ба забон рондам,
Ки ҳамзабони Худо бошам.
Маро қасос кунед, эй халқ,
Гар аз нажоди шумо бошам.
Агар шумо хама нафринед,
Маро сазад, ки дуо бошам,
Ки аз даҳони пур аз дашном,
Паёми ёр намеояд!

Хуш он диёри дилогоҳон,
Ки назди кас набарам номаш,

Хуш он танини тараннумҳо
Дар осмони шафақфомаш,
Равам ба сӯи баҳор он ҷо,
Ки сабза медамад аз бомаш,
Вагарна бӯи баҳор, эй дӯст,
Зи шӯразор намеояд...

*Теҳрон, якшанбеи 21 мурдодмоҳи 1358.*

## СУБҲОНА

Тамоми зиндагии субҳгоҳи ман ин аст:
Пас аз кушудани чашм
Дар оби чашмаи оина дасту рӯ шустан,
Пас аз ниёиши нур,
Сапедадамро дар зардаи тухми хом задан,
Насими тарро бо тухми тоза нӯшидан.

Пас аз раҳоии тан
Хаёлро ба сууди парандагон бастан:
Гусастан аз ҳама,
                    рафтан,
                                ба хеш пайвастан.

*Теҳрон, аввали тирмоҳи 1349*

## БА МУҲАММАД ИҚБОЛ

Эй баландиқболи фирдавсисиришт,
Олам аз табъи ту хуррам чун биҳишт,

Эй пас аз шаҳномапардози куҳан
Кас накишта ҳамчу ту тухми сухан,

Эй ки бурдӣ ранҷҳо дар соли сӣ,
То сухан нав оварӣ дар порсӣ,

Эй ки бо назми дарӣ кохе баланд
Сохтӣ аз боду борон бегазанд,

Эй ки пайвастӣ ба ҳам чун Мавлавӣ
Хӯи дарвешиву лутфи хусравӣ,

Эй ки бо сеҳри сухан кардӣ падид
Бар «Мусофир» «Гулшани рози ҷадид»,

Эй ба «Асрори худӣ» пардохта,
Эй «Рамӯзи бехудӣ»-ро сохта,

Эй худоӣ карда дар лафзи дарӣ,
Дар «Паёми Машриқ»-ат пайғамбарӣ,

Эй ки гуфтӣ бо ҷавонони Аҷам,
К-эй хуморолудагони Ҷоми Ҷам,

«Ростӣ, ҷони ману ҷони шумо,
Лолаам ман дар гулистони шумо!»

Оре, эй Иқболи маъниофарин,
Сар барор аз хоби сангину бубин,

К-андар ин ҷо, дар дили иқлими ту
Маҷлисе карданд дар такрими ту,

Ҳар ки овард аз ту зикре дар миён.
Инглисидон шуду урдузабон,

Лафзи зебои туро як сӯ ниҳод,
Ҳурмати шеъри дарӣ барбод дод!

Гар ту таҷлиле чунин мехостӣ,
Аз чи қадри порсиро костӣ?

Ё ба урду менавиштӣ номаҳо,
Ё ба лафзи инглисӣ чомаҳо.

Лек медонам, ки эй марди шигифт,
Ин гунаҳро бар ту натвонам гирифт,

Гар дигар бор аз биҳишт оӣ фуруд,
Кай ба ҷуз шеъри дарӣ хоҳӣ суруд?!

Кошкӣ номоварони анҷуман
Дар китобат хонда буданд ин сухан:

«Гарчи ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст!»[1]

*Деҳлии Нав, 11 обонмоҳи 1356*

---

[1] *Дар кунгурае, ки ба муносибати садумин соли таваллуди Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ аз ҳафтум то ёздаҳуми обонмоҳи 1356 дар Деҳлии Нав ташкил ёфт, ҷуз намояндагони Эрон, фиристодагони кишварҳои дигар ба ду забон: инглисӣ ва урду сухан гуфтанд ва ин шеър, ки дар вопасин рӯзи он кунгура хонда шуд, эътироз ба чунин амале буд (шарҳи муаллиф).*

## ҒАЗАЛИ 2

Куҳан диёро, диёри ёро, дил аз ту кандам,
вале надонам,
Ки гар гурезам, куҷо гурезам ва гар бимонам,
куҷо бимонам.

На пойи рафтан, на тоби мондан, чи гуна гӯям,
дарахти хушкам,
Аҷаб набошад, агар табарзан тамаъ бубандад
бар устухонам.

Дар ин ҷаҳаннам гули биҳиштӣ чи гуна рӯяд,
чи гуна бӯяд,
Ман, эй баҳорон, зи абри найсон чи баҳра гирам,
ки худ хазонам.

Ба ҳукми Яздон шукӯҳи пирӣ маро нашояд,
маро назебад,
Чаро ки пинҳон ба ҳарфи шайтон супурдаам дил,
ки навҷавонам.

Садои ҳақро сукути ботил дар он дили шаб
чунон фурӯ кушт,
Ки то қиёмат дар ин мусибат гулӯ фишорад
ғами ниҳонам.

Кабӯтаронро ба гоҳи рафтан сари нишастан
ба боми ман нест,
Ки то паёме ба хатти ҷонон зи пойи
онон фурӯ ситонам.

Сафинаи дил нишаста дар гил, чароғи соҳил
намедурахшад,
Дар ин сиёҳӣ сапедае ку, ки чашми ҳасрат
дар ӯ нишонам?

Ало Худоё, гиреҳ кушоё, ба чораҷӯӣ маро мадад кун,
Бувад, ки бар худ даре кушоям, ғами дарунро
бурун кашонам.

Чунон саропо шаби сияҳро ба чангу дандон
дароварам пӯст,
Ки субҳи урён ба хун нишинад бар остонам,
дар осмонам.

Куҳан диёро, диёри ёро, ба азми рафтан
дил аз ту кандам,
Вале ҷуз ин ҷо Ватан гузидан наметавонам,
наметавонам!

*Теҳрон, одина, 19 обонмоҳи 1357*

## БАР ОСТОНИ БАҲОРОН

Ман он дарахти зимистонӣ бар остони баҳоронам,
Ки ҷуз ба таъна намехандад шукуфа бар тани урёнам.

Зи нӯшханди саҳаргоҳон хабар чи гуна тавонам дошт
Мане, ки дар шаби бепоён гувоҳи гиряи боронам.

Шукӯҳи сабзи баҳоронро бар ин карона нахоҳам дид,
Ки ранги зарди хазон дорад ҳамеша хотири вайронам.

Чунон зи хашми худовандӣ сарои кӯдакиам ларзид,
Ки хоки хуфта мубаддал шуд ба гоҳвораи ҷунбонам.

Дар ин диёри ғариб, эй дил, нишони раҳ зи чи
кас пурсам,
Ки ҳамчу барги заминхурда асири панҷаи тӯфонам.

Миёни неку бади айём тафовуте натавонам ёфт,
Ки рӯзи ман ба шабам монад, баҳори ман ба зимистонам.

На орзӯи сафар дорад, на иштиёқи хатар кардан
Диле, ки метапад аз ваҳшат дар-андаруни парешонам.

Ғуломи ҳиммати хуршедам, ки чун дарича фурӯ бандад,
На аз ҳароси ман андешад, на аз сиёҳии зиндонам.

Куҷост боди саҳаргоҳон, ки дар сафои пас аз борон
Кунад ба ёди ту, эй Эрон, ба бӯи хоки ту меҳмонам?!

*Баҳманмоҳи 1365*

## ҒАЗАЛИ 3

Маро ишқи ту дар пирӣ ҷавон кард,
Диламро дар ғарибӣ шодмон кард.

Ба офоқи шабам ранги саҳар дод,
Маро оинадори осмон кард.

Хушо меҳре, ки чун дар ман дурахшид,
Ҷаҳонро бо ман аз нав меҳрубон кард.

Хушо нуре, ки чун дар ашки ман тофт,
Нигоҳамро пур аз рангинкамон кард.

Ҳазорон ёди хушро дарҳам омехт,
Маро ганҷинаи ёди ҷаҳон кард.

Ғами талхи маро аз дил бадар бурд,
Таби шавқи туро дар ман равон кард.

В-аз он таб оташе пинҳон барафрӯхт,
Ки шодиро ба ҷонам армуғон кард.

Маро бо чун туе ҳамошён сохт,
Туро бо чун мане ҳамдостон кард.

Гувоҳе беҳтар аз Ҳофиз надорам,
Ки қавлаш ин ғазалро ҷовидон кард:

«Шаби танҳоиям дар қасди ҷон буд,
Хаёлат лаҳзаеро бекарон кард!»

## САДОИ ПО

Дар биёбони фарохе, ки аз он мегузарам,
Пои сангини касе дар дили шаб
Бо ману сояи ман ҳамсафар аст.

Чун ҳаросон ба ақиб менигарам,
Ҳеҷ кас нест ба ҷуз боду дарахт,
Ки яке масту яке бехабар аст.

Хотирошуфта зи худ мепурсам,
Ки агар ҳамраҳи ман шайтон нест,
Кист пас ин, ки ниҳон аз назар аст?

Посухе нест, биёбон холист,
Кӯҳ дар пушти дарахтон танҳост
В-он чи ман мешунавам,
Бонги сангини қадамҳои касест,
Ки ба ман аз ҳама наздиктар аст.

Чашми ман дигар бор
Дар такопӯи шиносоии ӯ
Нигаҳе сӯи қафо мефиканад.
Моҳ дар қаъри уфуқ
Чун ниқобест, ки хуршед ба сурат задааст,
То магар дар дили шаб раҳзанӣ оғоз кунад.
Ман ба худ мегӯям,
Ин ҳамон аст, ки шабҳо бо ман
Сӯи поёни ҷаҳон раҳсипар аст.

Оҳ, эй сояи афтода ба хок,
Гар ба ҳангоми дурахшидани субҳ
Ҳамчунон ҳамқадами ман бошӣ,
Ҷои поҳои ҳазорон шабро
Бо нуқуши қадами садҳо рӯз
Бар замин хоҳӣ дид
В-ин ишорот туро хоҳад гуфт,
К-ин вуҷуде, ки зи бонги қадамаш метарсӣ,
Марг дар қолаби рӯзе дигар аст.

*Обонмоҳи 1370*

## ШАБИ АМРИКОӢ

*Ба Маҷид Аминӣ*

Табъидгоҳи ман
Шаҳрест бар каронаи дарёи Бохтар,
Бо коҷҳои куҳнаву бо коххои нав,
К-аз қомати хаёлии ғӯлон расотаранд.

Ин шаҳр дар нигоҳи ҳариси заминиён
Ҷои фариштаҳост,
Аммо ҷаҳаннамест ба зебоии биҳишт,
К-аз ибтидои хилқати мавҳуми коинот
Иблисро ба хилвати худ роҳ додааст
В-ин одамивашон, ки дар он хона кардаанд,
Ғофил зи сарнавишти ниёгони хештан,
Дар орзӯи меваи мамнӯъи дигаранд.

Имрӯз шомгоҳ
Хуршеди пир дар таби сӯзандаи ҷунун
Аз қуллаи азимтарин осмонхарош
Худро ба рӯи сахраи дарё фиканду кушт,
Аммо ҳанӯз панҷараҳои баланди шаҳр
Марги сиёҳи ӯро бовар намекунанд,
Гӯӣ, ки ҳамчунон
Дар интизори муъҷиза аз сӯи Ховаранд.

Баъд аз ҳалоки ӯ
Дар осмони ин шаби ғурбат ситора нест,
Зеро ситораҳо ҳама дар дуди гарми абр

Гум гаштаанду барқи латифи нигоҳашон
Дар қатраҳои кӯчаки борон нуҳуфтааст
В-ин қатраҳо ба покии чашми кабӯтаранд.

Ман дар шабе бараҳнатар аз мармари сиёҳ
Бар фарши баргҳои хазон роҳ меравам,
Аммо нигоҳи ман ба убури парандаҳост
В-ин ашки бедареғ, ки аз тоқи осмон
Дар дидагони хираи ман чакка мекунад[1],
Монанди шишаест, ки аз моварои он
Сангу гиёҳу ҷонвару одамӣ таранд.

Ман аз насими сарди хазон бӯи хокро
Ҳамчун шароби талх
Ҳар дам ба ёди хонаи вайрони модарӣ
Менӯшаму гиристан оғоз мекунам
В-ин бор чашми ман,
Аз пушти ашки хеш, на аз пушти ашки абр,
Мебинад ошкор, ки дар ҳар ду сӯи роҳ
Тасвирҳои рангии садҳо чароғи шаҳр
Бар обҳои рокиди[2] борон шиноваранд.

Ман дар миёни ҳамҳамаи шохаҳои хис[3],
Аз кӯчаҳои холии ин шаҳри пурдарахт
Роҳе ба сӯи хонаи худ боз мекунам
В-аз бонги пои раҳгузаре ношинохта

---

[1] Мечакад.
[2] Беҳаракат, истода, ноҷорӣ.
[3] Хис – тар, намнок.

Ошуфта мешавам,
Зеро касе, ки дар дили шаб ҳамраҳи ман аст,
Бо ман ягона нест,
Ҳарчанд гомҳои ману ӯ баробаранд.

Ногоҳ бар фарози дарахтони дурдаст
Дуди ғализи абр
Аз ҳамлаҳои бод пароканда мешавад.
Шаб низ ногаҳон
Симои моҳи ишвагари бениқобро
Бо чеҳраи муҳоҷими дузде ниқобдор
Риндона дар муқобили ман ҷой медиҳад.
Ман, хира бар тапончаи[1] ин марди роҳзан,
Пай мебарам, ки дар дили шаҳри фариштагон
Аҳриману Аҳӯро бо ҳам бародаранд.

*Озармоҳи 1373*

[1] Торсакӣ, шаппотӣ.

## АЗ ПАНҶОҲ ТО ҲАФТОД

Рӯзе, ки турктозии андешаи араб
Бори дигар диёри аҳӯроии маро
Пеш аз дароздастии саддомиён гирифт,
Тасвири ман дар оина панҷоҳсола буд
В-аз нешханди оина дарёфтам, ки ман
Ҷуз тифли солхӯрда ба чашмаш набудаам;
Зеро, ки бегумон,
Аз лаҳзаи валодати ман дар шаби сиёҳ
То он пагоҳи сард
Панҷоҳ сол рӯзу шабам дар гумон гузашт
В-он тифли найсавор, ки ҷуз ман касе набуд,
Бар асби болдори худ аз осмон гузашт.

Панҷоҳ сол нимашабон дар ғиёби[1] моҳ,
Вақте, ки аз дарича ба шаб хира мешудам,
Хуш буд хотирам, ки нигорандаи азал
Таърихи марзу буми пуровозаи маро
Бо хомаи сапеду ҳуруфи ситоравор
Бар лавҳи осмони сияҳ нақш кардааст.

В-он гоҳ, чун сапедадам аз роҳ мерасид,
Медидам ошкор, ки дар зери тоқи абр
Борон ҳуруфи мехии азёдрафтаро,
Гӯё ба ёди шавкати Эрони бостон,
Бар сатҳи обҳои фурӯхуфта дар сукун
Ҳамчун катибаҳои куҳансоли вожгун
Бозофаридаасту сипас пахш кардааст.

---

[1] Ғоиб, нопадид шудан.

Ман, сархуш аз хаёл,
Беэътино ба гардиши ҳаррӯзаи замин,
Осуда аз шитоби ҳаросовари замон,
Чун он катиба такя ба таърих доштам
В-аз роҳи дур хира бар осори гунагун,
Бар нақши Бесутуну[1] бар айвони Тайсафун[2],
Масти ғурур будаму мафтуни ифтихор,
Чашм аз замин ба ҷониби Миррих доштам.

Аммо шабе, дар охири панҷоҳумин хазон,
З-он хоби кӯдакона паридам баногаҳон,
Дидам, ки хоки эзадии зодгоҳи ман
Қурбонии таҳоҷуми аъроби хонагист[3],
Аъробе аз сулолаи Ваққосу[4] дигарон.

Дидам, ки дар қаламрави тозитаборҳо
Симои офтобии зан дар ҳиҷоб рафт,
Моҳи дуҳафта оинаи рӯи дев шуд,
Мавлои дарзи муъҷизаҳои китоб рафт
В-он гоҳ бар басити[5] замин хун ба ҷои об
Густурда гашту мавҷзанон то сароб рафт.

---

[1] «Бесутун» – кӯҳест дар устони Кирмон бо катибаҳои хати мехӣ.
[2] «Айвони Тайсафун» – унвони паҳлавии Айвони Мадоин аст, пойгоҳи Сосониён.
[3] «Аъроби хонагӣ» – ишора ба мазҳабиёни маҳаллист, ки ҳанӯз ҳам истилои арабро давом медиҳанд.
[4] Фармондеҳи сипоҳи араб, ки Умар бинни Хаттоб барои ҳамла ба Эрон баргузида буд.
[5] Вусъат.

Дидам, ки кӯрчашмии ботин замонаро
Бемор карду дидаи бедор тира шуд
В-он гаҳ худойномаи мавзуни тозиён[1]
Бо ҷилди зарнигор ба «Шаҳнома» чира шуд.

Дидам, ки бар саросари он сарзамини сабз
Нури сапеду сурх аз он пас фурӯ натофт,
Дидам, ки дар сапедадамаш офтоб мурд
В-он шери пир гум шуду шамшери худ наёфт.

Дидам, ки ҷангиёни ҷавон бо калиди марг
Дур аз дари биҳишт ба дӯзах равон шуданд,
Дидам, ки вожаҳои дурушти ситорагон
Бар лавҳи осмон
Ҳамчун ҳуруфи мехии борон бар обгир,
Бе он ки васфи шавкати пешиниён кунанд,
Аз чашми тезбини хаёлам ниҳон шуданд...

Он гоҳ ман ба шеваи хуршеди шомгоҳ
Аз авҷи кӯҳсори ғурур омадам ба зер,
Дидам, ки хоки минавии ориёниён
Помоли тозиёни замон аст ногузир.

Оре, дар он пагоҳи зимистон, ки ногаҳон
Бо дуввумин ҳуҷуми араб рӯбарӯ шудам,
Тасвири ман дар оина панҷоҳсола буд

[1] «Қуръон».

В-инак бар остонаи ҳафтодсолагист,
Аммо ба чашми дил
Ин рӯзгори дӯзахии бистсоларо
Кай метавон идомаи умри гузашта дид?

Ман пурсишам аз оина ҷуз ин набудааст,
К-он фитнаи шигифт чи номе ба худ гирифт –
Ошӯби тоза буд ва ё назми навзуҳур,
Ё зарбате, ки рафтаву оянда маро
Аз ҳам гусасту хотираҳоро ба хун кашид?!

*Лос-Анҷелес,* баҳманмоҳи *1377*

## БУТТАРОШ

Пайкартароши пираму бо тешаи хаёл
Як шаб туро зи мармари шеър офаридаам.
То дар нигини чашми ту нақши ҳавас ниҳам,
Нози ҳазор чашми сияҳро харидаам.

Бар қоматат, ки васвасаи шустушӯ дар ӯст,
Пошидаам шароби кафолуди моҳро,
То аз газанди чашми бадат эманӣ диҳам,
Дуздидаам зи чашми ҳасудон нигоҳро.

То печутоби қадди туро дилнишин кунам,
Даст аз сари ниёз ба ҳар сӯ кушудаам,
Аз ҳар зане тароши тане вом кардаам,
Аз ҳар қаде карашмаи рақсе рабудаам.

Аммо ту, чун буте, ки ба бутсоз нангарад,
Дар пеши пои хеш ба хокам фикандаӣ,
Маст аз майи ғурури ву дур аз ғами манӣ,
Гӯӣ, дил аз касе, ки туро сохт, кандаӣ.

Ҳуш дор з-он, ки дар паси ин пардаи ниёз
Он буттароши булҳаваси чашмбастаам,
Як шаб, ки чашми ишқи ту девонаам кунад,
Бинанд соя҃о, ки туро ҳам шикастаам!

## МУНДАРИЧА

### Муҳаммад ИҚБОЛ

### ЧАРОҒИ ЛОЛА

*Мирсаид МИРШАКАР.*
Ҳаёт ва эҷодиёти Муҳаммад Иқбол ....................................6

I. Маснавӣ

Асрори зист ......................................................... 27
Ҳикояти алмосу зуғол............................................ 36
Дар маънии рабти фарду миллат............................ 38
Пешкаш ба ҳузури амир Амонуллоҳхон –
фармонравои давлати мустақилаи Афғонистон .......... 42
Дар миёни ранг пок аз ранг… ................................. 50
Пас, чи бояд кард, эй ақвоми Шарқ… ...................... 53
Панди боз ба бачаи хеш......................................... 60
Қатраоб.................................................................. 62
Тайёра.................................................................... 64
Ғании Кашмирӣ ..................................................... 65
Шарқу Ғарб ........................................................... 66
Соқинома............................................................... 66

II. Ғазал

Ҳанӯз ҳамнафасе дар чаман намебинам .................... 69
Милоди Одам ......................................................... 70
Зиндагии сӯзу соз беҳ зи сукуни давом .................... 71
Ҳалқа бастанд сари турбати ман навҳагарон ............ 72

Метарошад фикри мо ҳар дам худованде дигар .........73
Чи кофирона қимори ҳаёт мебозӣ ..............................74
Маро зи дидаи бино шикояти дигар аст .....................75
Ба ин баҳона, дар ин базм маҳраме ҷӯям ....................76
Хезу ниқоб баркушо пардагиёни созро .......................77
Биё, ки соқии гулчеҳра даст бар чанг аст ...................78
Сурат напарастам ман, бутхона шикастам ман ..........79
Ҳавои фарвадин дар гулситон майхона месозад ........80
Аз мо бигӯ саломе он турки тундхӯро .......................81
Биёр бода, ки гардун ба коми мо гардид .....................82
Донаи субҳа ба зуннор кашидан омӯз ........................83
Зи хоки хеш талаб оташе, ки пайдо нест ....................84
Мавҷро аз синаи дарё гусастан метавон .....................85
Сад нолаи шабгире, сад субҳи балохезе .....................86
Фиреби кашмакаши ақл диданӣ дорад .......................87
Бе ту аз хоби адам дида кушудан натавон ..................88
Ин гунбади минойӣ, ин пастиву болойӣ .......................89
Сӯзи сухан зи нолаи мастонаи дил аст .......................90
Сатват аз кӯҳ ситонанду ба коҳе бахшанд .................91
На ту андар ҳарам гунҷӣ, на дар бутхона меойӣ ..........92
Мисли оина машав маҳви ҷамоли дигарон .................93
Далели манзили шавқам, ба доманам овез .................94
Ҷаҳони ишқ на мирӣ, на сарварӣ донад .....................95
Биё, ки булбули шӯрида нағмапардоз аст ...................96
Хокему тундсайр мисоли ситораем ...........................97
Мешавад пардаи чашмам пари коҳе гоҳе ..................98
Назари ту ҳама тақсиру хирад – кӯтоҳӣ ......................99
Даруни синаи мо сӯзи орзу зи куҷост .......................100
Фасли баҳор инчунин, бонги ҳазор инчунин ............101
Назар ба роҳнишинон, савора мегузарад ..................102
Бар ақли фалакпаймо туркона шабохун беҳ .............103
Зи шоир наъраи мастона дар маҳшар чи мехоҳӣ ......104

Мурғи хушлаҳҷаву шоҳини шикорӣ аз туст ............ 105
Зимистонро сар омад рӯзгорон ................................ 106
Аз чашми соқӣ масти шаробам ................................ 107
Ховар, ки осмон ба каманди хаёли ӯст .................... 108
Ҷонам даровехт бо рӯзгорон .................................... 109
Дигар зи содадилиҳои ёр натвон гуфт .................... 110
Лолаи ин чаман олудаи ранг аст ҳанӯз .................... 111
Такя бар ҳуҷҷату эъҷозу баён низ кунанд ............... 112
Хизри вақт аз хилвати дашти Ҳиҷоз ояд бурун ....... 113
Бо нашъаи дарвешӣ дарсозу дамодам зан ............... 114
Рахт ба Кошмар кушо, кӯҳу талу даман нигар ......... 115
Дӯш дар майкада тарсобачаи бодафурӯш ................. 116
Рамзи ишқи ту ба арбоби ҳавас натвон гуфт ............ 117
Хаёли ман ба тамошои осмон будаст ....................... 118
Шароби майкадаи ман на ёдгори Ҷам аст ............... 119
Сухани тоза задам, кас ба сухан вонарасид ............. 120
Дар ин чаман дили мурғон замон-замон дигар аст .. 121
Фурӯғи хокиён аз нуриён афзун шавад рӯзе ........... 122
Мо аз Худой гум шудаем, ӯ ба ҷустуҷӯст ............... 123
Гарчи медонам, ки рӯзе бе ниқоб ояд бурун ............ 124
Зиндагӣ дар садафи хеш гуҳар сохтан аст ............... 125
Бинӣ ҷаҳонро, худро набинӣ .................................... 126
Ту кистӣ, зи куҷоӣ, ки осмони кабуд ....................... 127
Мисли шарар зарраро тан ба тапидан диҳам ........... 128
Чун чароғи лола сӯзам дар хиёбони шумо ............... 129
Туро, нодон, умеди ғамгусориҳо зи Афранг аст ...... 130
Лолаи ин гулситон доғи таманное надошт .............. 131
Тарсам, ки ту меронӣ заврақ ба сароб-андар ............ 132
Нишони ту куҷост?..................................................... 133
Аз ситоишгустарӣ болотарам ................................... 134
Ман поён надорам!..................................................... 135
Суруди раққоса ......................................................... 136

Қосид ....................................................................137
Ин наво зи кучост? ....................................................138
Пас аз ман .............................................................139
Ишқу Одам..............................................................140
Чунон мебоист .........................................................141

III. Дубайтӣ..............................................................142

IV. Қитъа ....................................................................177

Дуо .........................................................................177
Ҳилоли ид ...............................................................177
Ҳаёти ҷовид ............................................................177
Зиндагӣ ...................................................................178
Бӯи гул ....................................................................178
Лола .........................................................................179
Дӯш мегуфтам ба шамъи манзили вайрони хеш........180
Кирмаки шабтоб......................................................180
Ишқ .........................................................................181
Ғуломӣ .....................................................................181
Ҳаёт .........................................................................181
Ишқ (2) ....................................................................182
Майхонаи Фаранг....................................................182
Нашъа аз ҳол гирифтему гузаштем зи қол................183
Агар хоҳӣ ҳаёт, андар хатар зӣ ..................................183
Қисматномаи сармоядор ва муздур............................184
Навои муздур ...........................................................184
Биё, ки тоза наво метаровад аз раги соз .......................185
Тавофи марқади Ҳолӣ сазад арбоби маъниро ...........185
Қавӣ шудем, чи шуд, нотавон шудем, чи шуд ..........185

V. Ашъор

Навои вақт ........................................................................ 186
Фасли баҳор ...................................................................... 187
Муҳовараи Худову Инсон ............................................... 189
Муҳовараи Илму Ишқ ..................................................... 189
Муҳовараи ҳакими фарансавӣ ва марди муздур .......... 190
Суруди анҷум ................................................................... 192
Кирмаки шабтоб .............................................................. 194
Танҳоӣ ............................................................................... 195
Шабнам ............................................................................. 196
Ё чунон кун, ё чунин! ....................................................... 198
Ҷӯи об ............................................................................... 199
Дигар омӯз ....................................................................... 200

VI.Байтҳо

Барои лавҳи мазор ........................................................... 203

**Халилуллоҳ ХАЛИЛӢ**

**ОШЁНИ ХОР**

*Муҳаммадкозими КОЗИМӢ.*
Зиндагӣ ва шахсияти шоир............................................... 205
Каждуми ғурбат ............................................................... 221
Марсия .............................................................................. 224
Шаҳри офтобҳо................................................................. 227
Офтоб ............................................................................... 230
Гули ҷудоӣ ........................................................................ 234
Гармои Бағдод ва ёди Ватан .......................................... 236
Ишқу парокандагӣ .......................................................... 239
Ба ёди оромгоҳи Саъдӣ .................................................. 240

Тобути оташин ........................................................245
Ошёни хор ........................................................249
Зулматсаро ........................................................251
Дар мотами шаҳри Кобул ........................................252
Агарҳову магарҳо ................................................252
Шоҳони беавранг..................................................253
Ба ҳазрати Мавлоно .............................................255
Гӯшаи қафас ........................................................256
Ба пешгоҳи Ватан ................................................257
Сарви равон ........................................................259
Ашки дарвеш ........................................................260
Гуҳарвор ........................................................261
Суруди шаб ........................................................262
Марги орзӯҳо ........................................................264
Идӣ ба ҳамватанон ................................................266
Ҳеч ........................................................*268*
Тоқи шикаста ........................................................271
Мусофири саргардон ................................................272
Рубоиҳо........................................................275
Дил ........................................................275
Дарёб! ........................................................275
Кӯҳи ғаму дарахти зиндагӣ ......................................275
Ёрон ........................................................275
Сӯзи сина ........................................................276
Сафои субҳ ........................................................276
Ҷаҳонгирон ........................................................276
Партави дидор ........................................................276
Шоми умр ........................................................277
Душмани худ........................................................277
Шабоҳанг ........................................................277
Дасти булӯрин ........................................................277
Ватан ........................................................278

Суруди шавқ ........................................................................ 278
Офтоби озодӣ ...................................................................... 278
Вароқу хома ........................................................................ 278
Бехабар ................................................................................ 279
Симоб .................................................................................. 279
Мояи ҷон ............................................................................. 279
Пешаҳои зиндагонӣ ............................................................ 279
Хонаи ишқ ........................................................................... 280
Бе боди баҳор... ................................................................... 280
Куштанд башарро... ............................................................ 280
Лаззати фатҳ ....................................................................... 280
Айб бувад... ......................................................................... 281
Ҷаҳаннам ............................................................................ 281
Ба номи оштӣ ...................................................................... 281
Чун шамъ ............................................................................. 281
Зиндагӣ ................................................................................ 281
Дубайтиҳо ........................................................................... 282
Гузашта ............................................................................... 282
Нишони мардон ................................................................. 282
Дидаи дил ........................................................................... 282
Дур ....................................................................................... 282
Хандаи орзӯ ........................................................................ 283
Мурғи шабгир ..................................................................... 283
Шуълаи хас ......................................................................... 283
Баҳор ................................................................................... 283
Ҷилваи арғувон .................................................................. 284
Шоир ................................................................................... 286
Маҷбурияти шоир ............................................................... 288
Шоир он набвад... ............................................................... 289
Шеъри ман ......................................................................... 290
Бар мазори Фирдавсӣ ........................................................ 291
Ба ришватхорагон ............................................................... 292

Аз Балх то Қуния ..........................................................293
Мир Саййидалии Ҳамадонӣ ва амир Темур ...................296
Марги орзӯ ..................................................................297
Фақру гӯристон...............................................................300
Суруди кӯҳсор ...............................................................301
Шаҳри тӯфонбурда.........................................................302
Роҳи найистон.................................................................303

## Нодири НОДИРПУР

## ШЕЪРИ АНГУР

**Бозор СОБИР.** *Падарсолори шеъри форсӣ* ...................306

Шабе дар киштзорон.......................................................318
Дуруд бар шаб ...............................................................321
Девона.............................................................................323
Маҳбус............................................................................326
Марги паранда ...............................................................329
Ёдбудҳо ..........................................................................335
Пардаи нотамом..............................................................342
Дар чашми дигаре ..........................................................346
Бараҳна ...........................................................................348
Аз даруни шаб ...............................................................350
Нолае дар сукут .............................................................353
Чашмҳову дастҳо............................................................355
Дар ҳарчи ҳасту нест......................................................357
Ҳавасҳо...........................................................................359
Роз ..................................................................................361
Мурдоб ..........................................................................363
Малоли талх ...................................................................365
Туғён...............................................................................367

Суруди хашм ........................................................................ 369
Гумроҳ ............................................................................. 371
Хӯшаҳои талх...................................................................... 373
Барфу хун .......................................................................... 375
Вайронаи қурун .................................................................. 377
Такдарахт........................................................................... 378
Қум .................................................................................... 379
Аз пушти аташ .................................................................. 380
Шаби бемор........................................................................ 381
Ёди дӯст ............................................................................. 384
Ёди Внез ............................................................................ 385
Ношинос ............................................................................ 386
Дигар намонда ҳеч............................................................ 388
Ду дар................................................................................. 389
Ҷоми ҷоннамо .................................................................... 390
Ногуфта ............................................................................. 391
Охирин фиреб .................................................................... 392
Духтари ҷом ...................................................................... 393
Сафаркарда........................................................................ 394
Интизор.............................................................................. 395
Бепаноҳ.............................................................................. 397
Ошно .................................................................................. 398
Ёд....................................................................................... 399
Гурез .................................................................................. 401
Боғ ..................................................................................... 402
Ҳамзод ............................................................................... 403
Тилисм ............................................................................... 404
Дидор ................................................................................. 405
Нигарон.............................................................................. 406
Шеъри ангур ...................................................................... 408
Нешханд ............................................................................ 410
Барф ................................................................................... 412

Теғи дусар ....................................................................414
Гиря.............................................................................415
Дар поён ......................................................................416
Аз Вис ба Ромин ............................................................417
Кобус ...........................................................................419
Абр ..............................................................................421
Ситораи дур .................................................................422
Нигоҳ ..........................................................................423
Ниёиш ..........................................................................423
Шишаву санг................................................................424
Занбақ ..........................................................................426
Фолгир .........................................................................426
Шамъи меҳр .................................................................429
Ниёз..............................................................................430
Руъё..............................................................................431
Марде дар интизори хеш ...............................................432
Тулӯе дар ғуруб .............................................................434
Руъёе дар офтоб ............................................................435
Ду оина ........................................................................437
Аз биҳишт то дӯзах .......................................................438
Гиёҳу санг на, оташ ......................................................440
Кӯдак............................................................................442
Соҳили ёдгор.................................................................442
Меъроҷ..........................................................................443
Дарахт мегӯяд ...............................................................444
Замзамае дар борон .......................................................444
Ғазали 1 .......................................................................447
Хутбаи азимат...............................................................448
Субҳона ........................................................................452
Ба Муҳаммад Иқбол......................................................453
Ғазали 2 .......................................................................455
Бар остони баҳорон .......................................................457

Ғазали 3 .......... 458
Садои по .......... 459
Шаби амрикоӣ .......... 461
Аз панҷоҳ то ҳафтод .......... 464
Буттарош .......... 468

**«АХТАРОНИ АДАБ» (СИЛСИЛА)**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 42**

**Муҳаммад Иқбол – ЧАРОҒИ ЛОЛА**

**Халилуллоҳ Халилӣ – ОШЁНИ ХОР**

**Нодири Нодирпур – ШЕЪРИ АНГУР**

**(Китоб аз ҳисоби нақшаи соли 2019 нашр шудааст)**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ ва мусаҳҳеҳ *Меҳрӣ Саидова*

Ҳуруфчинии *Маҳвора Низомӣ, Нигина Қамариддинова,Сипеҳри Кароматулло*

Ба матбаа 21.08.2020 супурда шуд.
Чопаш 24.08.2020 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30,0. Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
34018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Шоҳин-С» чоп шудааст.